*ГУЛДАСТАИ ДӮСТӢ*

# ГУЛХАНИ ШАБАФРӮЗ

***Баёзи назму насри муосири Белорус***

Дар зери таҳрири

Николай ЧЕРГИНЕТС
Меҳмон БАХТӢ
Георгий МАРЧУК
Ато ҲАМДАМ
Алес КАРЛЮКЕВИЧ
Сайидалӣ МАЪМУР
Алес БАДАК

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 – Белорус 7-5-4
Г-66

Мураттибон:
*Ато Ҳамдам*
*Алес Карлюкевич*

Муҳаррир *М. Хоҷаев*

Масъули чоп *Ф.Каримов*

Г-66 **Гулхани шабафрӯз.** Баёзи назму насри муосири Белорус. – Душанбе, «Адиб», 2009, 288 саҳ.

Намунаи назму насри муосири Белорус дар бист соли охир бори аввал ба забони тоҷикӣ интишор меёбад. Дар китоб эҷоди он адибоне ҷой гирифтаанд, ки имрӯз дар қайди ҳаёт ҳастанд ва таълифоташон пайваста ба табъ мерасад.

Мулоқоти дермондаи хонандагони тоҷикро бо адибони муосири Белорус табрик мегӯему итминон дорем, ки он ба тӯли рӯзгорон хушоянду муассир дар хотирҳо мемонад.

ISBN 978-99947-57-93-0

© В.Мозго, М.Башлаков ва дигарон, 2009.

# АНДАР ИН ЗАМОНАИ ТУНДУ ТЕЗ

Дар адабиёти белорус ва шояд тамоми адабиёти ҳамаи халқҳои собиқ Шӯравӣ охирин ду даҳсола давраи озмоишҳо буд: озмоиши ирода, боварӣ ба хушахлоқӣ, расонда тавонистани зарба ба тундравиҳои кулли фазои тамаддун. Ҳамзамон бо ин дар назди он вазифаи аз чаҳорчӯби (қолабҳои) якранги маъмулу номаълум берун ҷастан, чун зарурати зиндагӣ талабот ба миён меовард. Баробари ин вазифае ҳам истода буд: некбинона ва бо нияти накӯкорӣ ҷомеаро боз сохтан – дигаргун кардан тақозо мегардид. Ҷиҳати тантанаи ҳақиқат ва адолати зиндагӣ ба сарҳади ҷустуҷӯҳои нав ва дастовардҳои тозаи эҷодӣ расидан лозим меомад. Мақсад: дурандешӣ ва баландпарвозӣ буд алорағми бозмондагӣ ва урфу одатҳо.

Пурсиши зиёд пеш меомад: оё насри мо аз ӯҳдаи ин мебарояд? Ва оё назми мо дар ин самт комёб мегардад? Магар осори саҳнавӣ нафаси тоза гирифта, ба умеди беҳбуд тарки ақоиди кӯҳнапарастӣ карда метавонад?..

Ҷавоби якранг додан мумкин нест ва ҳеҷ имкон ҳам надорад. Танҳо як чиз равшан аст: адабиёте, ки ғами замонаю ҳамзамонони худро мехӯрад, ҳаргиз дар ҳолати бӯҳронӣ қарор намегирад. Ин аст, ки маҷаллаҳои адабию бадеӣ ба нашр мерасанд. Ҳатто миқдори онҳо назар ба бист соли пеш афзоиш ёфт. Иттиҳоди нависандагони Белорус муҷиддона кору фаъолият дорад.

Теъдоди афзуни китоб, садҳо асари наву тозаи назму наср ба чоп мерасанд. Осори ноқидони сухан нашр мешаванд. Асарҳои классикони адабиёт аз нав ба нашр омода мегарданд, баёзҳои нави адабию бадеӣ интишор меёбад. Мисли пешина ба хонандаи имрӯз асарҳои наву тозаи худро нависандагони насли кӯҳансол, ки ҳанӯз солҳои шастуму ҳафтодум,

ҳатто онҳое ҳам, ки солҳои чилуму панҷоҳуми асри гузашта бомуваффақият ба кори эҷодӣ даст зада буданд, пешкаш мегарданд.

Ба қарибӣ маҷаллаи «Полимя» («Гулхан») романи нави Алеся Шашков ва Владимир Домашевичро аз чоп баровард. Аввалӣ соли 1923 ва дувумӣ соли 1928 таваллуд шудаанд. Ҳаминаш мароқовар аст, ки асарҳои онон маҳз мавзӯъҳои тезутунди замони ҳозираро дар бар гирифтаанд.

Мавзӯоти имрӯзаро ҷустуҷӯҳои пайваста барои рушди адабиёт-асарҳои насрнависон Николай Чергинетс, Алес Савитский, Янка Сипаков, Алес Жук, Сергей Трахименок, Алес Наварич, Андрей Федаренко, Георгий Марчук, Алес Бадак ( вай шоир ҳам ҳаст, аз ростӣ: чандон сергап ҳам не, ҳаргиз ба шитобкорӣ роҳ намедиҳад, яъне чизи навиштаашро рӯйи миз партофта мемонад. Онро чун «ихтирои нав» зуд ба хонанда пешниҳод намесозад. Дурандешона мехоҳад, ки сухани рӯи сафҳа овардааш дам гирад, софӣ шавад, як давраи озмоишии «рӯйи миз»-ро аз сар гузаронад), Генрих Далидович, Анатолий Козлов, Елена Браво, Юрий Станкевич, Анатолий Крейдич, Владимир Соломаха, Витвовт Чаропака, Виктор Гардей ва дигарон бо мӯҳтавиёти баландашон моломол мегардонанд. Аз рӯи осори онҳо феълан мо баёзи ҳикояҳои ҳозиразамонро мураттаб месозем. Яъне аз ҳолати бӯҳронӣ дур аст адабиёти мо.

Осори манзуми моро номҳои Микола Метлитский, Валентин Лукша, Владимир Марук, Виктор Шнип, Людмила Рублевская, Раиса Боровикова, Владимир Скоринкин, Геннадий Пашков, Микола Чернявский, Валентина Поликанина, Михася Позднякова, Григорий Соколовский, Нина Матяш, Алеся Каско, Микола Прокопович, Ярина Дашина музайян мекунанд, ки ба хонандагон кайҳо боз ошно ҳастанд. Асарҳои онҳо зуд-зуд ба забони русӣ ва

дигар халқҳо тарҷума ва чоп мешаванд. Ва на танҳо дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, инчунин дар Олмон, Лаҳистон, Булғория, Руминия, Маҷористон, Италия, Чехия, Словакия, Испания, Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, мамолики Амрикои Лотин ба табъ мерасанд.

Ҳамчунин офаридани осори драмавӣ дар мо пешрафт дорад. Ба ёд овардани танҳо номҳои Алексей Дударев, Елена Попова, Василий Ткачев, Андрей Курейчик, Диана Балико кофист, ки бо асарҳои саҳнавии худ шӯҳратманданд.

Танҳо як қисми асарҳое, ки барои хонандаи тоҷик пешкаш кардаем, таълифоти солҳои охиранд ва ҳаёти имрӯзаи халқи белорусро дар худ таҷассум намудаанд. Чопи чунин асарҳо, умедворем, ки боз ҳам хубтар ба анъана медароянд. Ҳарчанд масофаи байни кишварҳои Тоҷикистону Белорус дуру дароз аст, вале омилҳои умумӣ, муштарак ва бо ҳам наздиксозанда хеле зиёданд. Ин ҳарду халқи меҳнатдӯсту меҳнатқарин аз бисёр озмоишҳои сахти замон бо сарбаландӣ гузашта, дар ниҳоят озодиву истиқлол ба даст овард. Халқи белорус ҳамон саҳми бузург ва арзандае, ки фарзандони халқи тоҷик дар озод намудани Белорус аз фишори ишғолгарони Олмони фашистӣ гузоштаанд, ҳаргиз аз ёд намебарорад.

Имрӯз наметавон номи онҳоеро ба забон нагирифт, монанди Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳиддин Фарҳат, Аширмат Назар, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, ки бар зидди душман дар хоки муқаддаси Белорус ҷангидаанд. Ба хотир наоварда наметавонем дӯстии устод Абулқосим Лоҳутиро бо классикони адабиёти Белорус, пеш аз ҳама бо Янка Купало.

Нависандаи маъруфи тоҷик, муаллифи романҳои таърихӣ, офарандаи як силсила асарҳои саҳнавӣ Ато Ҳамдам дам ба дам ба кишвари мо ба меҳмонӣ

меояд. Ман метавонам ӯро намояндаи доимию боэътимоди адабиёти Белорусу Тоҷикистон шумо-рам. Самимияти Ато Ҳамдам дар барқарорсозӣ ва устувор сохтани муносибатҳои дӯстонаи адабию фарҳангии Белорусу Тоҷикистон басо арзандаву қобили қадрдонӣ аст.

Дар давоми солҳои зиёд адибони белорус: нависандаи баччаҳо Владимир Липский, шоиру адабиётшиносу тарҷумон Олег Лайко, драмнавис Алексей Дударев меҳмони Тоҷикистон будаанд. Шубҳае нест, ки шиносоии онҳо бо зодгоҳи Рӯдакии бузург ба эҷодиёту дарки замон, ҷустуҷӯҳои адабию бадеӣ, интихоби тафаккури эстетикиашон таассуроти самаровару фаромӯшношудание гузошт.

Барои аксари адибони мо мавқеи баланд – ин садоқат ба санъати воқеист, яъне ҳақиқати зиндагиро ҳаққонӣ ба тасвир гирифтан ҳисоб меёбад. Умедворам, ки хонандаи тоҷик дар мисоли он ҳама асарҳо, ки дар баёзи имрӯзии адабиёти белорус дохил гардидаанд, ин ҳақиқатро бараъло дида метавонад, эътироф ва арзёбӣ мекунад.

*Алес КАРЛЮКЕВИЧ,*
*адабиётшинос,*
*раиси нашриёти*
*«Адабиёт ва санъат»-и*
*Ҷумҳурии Белорус*

# НАЗМ



## Владимир МОЗГО

*Мозго Владимир Минович 15 марти соли 1959 дар шаҳраки Зелваи вилояти Гродний тавал-луд шудааст. Факултаи филоло-гии донишгоҳи давлатии Бело-русро хатм намудааст. Дар сафи Артиши Шӯравӣ хизмат карда-аст. Дар нашриётҳои «Юнацтва», «Мастацкая литература» фаъолият намудааст. Муаллифи 10 китоб барои калонсолон ва бачаҳо. Алъон ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи «Весёлка» мебошад. Ба-рандаи ҷоизаи федератсияи иттифоқҳои касабаи Белорус ва ҷоизаи адабии ба номи В.Витка.*

### ПИТСУНДА

*Ба Владимир Марук*

Дар хаёли ҳазорҳо рӯъё
Сар ба поят фуруд меорем.
Ҳар замон мешавем пазмонат,
Мо туро, баски дӯст медорем.

Дар ҳарими ту обу ҳам барф аст,
Ҳам заминеву марғзору кӯҳ.
В-ин дурахши самои ту хандон,
Аз дили баҳр мебарад андӯҳ.

Лек он дар фурӯғи тамкинаш
Бо дили худ чу роз мегӯяд –
Он чиро к-аз нахуст то ҳоло
Одамӣ аз ҳаёт меҷӯяд!

*Тарҷумаи Сабринисо*

## Виктор ГАРДЕЙ



*Соли 1946 дар деҳаи Малии Круговичи ноҳияи Гантсевич ба дунё омадааст. Донишгоҳи давлатии Белорусро хатм кардааст. Шоир, носир, тарҷумон ва мунаққид мебошад. Узви Иттиҳоди нависандагони Белорус. Муаллифи бисёр китобҳост. Барандаи ҷоизаи адабии ба номи И.Мележ. Дар шаҳри Минск кору зиндагӣ мекунад.*

Зери борону бод дар соҳил
Ҷуфти тӯс ашкбору ларзон аст.
Ашки сӯзон ба рӯи ман ҷорӣ
Бесухан, бесабаб зи чашмон аст.

Дасти ман кӯтаҳ аст бар ёрӣ,
Лек ёдам ҳамеша бар ёрон.
Кӯзапушт аст дашти боронӣ,
Осмон пурсафост аз борон.

Дардноку ғамин чароям ман? –
Бар дилам мушкилест нофаҳмо.
Бигзарад, бешак, ин ҳама охир
Мисли амвоҷи ҷӯйи беначво.

Мефизояд ғамам, чу оғозам
Тори испеди мӯ шумаридан.
Мерасад оқибат шаби тавба
Пеши халқу ватан гузоридан…

Шуд басар шоми сарди боронӣ,
Олам аз файзи субҳ хандон аст.
Ҷуфти гирёни тӯсро аммо
Ашк дар мижжаҳои баргон аст.

*Тарҷумаи Салими Зарафшонфар*



## Михас БАШЛАКОВ

*Башлаков Михаил Захарович соли 1951 дар шаҳраки Теруха (ҳоло деҳаи Баштан), ноҳияи Гомел ба дунё омадааст. Донишгоҳи давлатии Гомелро хатм намудааст. Муаллифи бисёр китобҳои шеър. Узви Иттиҳоди нависандагони Белорус. Ба ҳайси мудири шӯъбаи бахши Минскии Иттиҳоди нависандагони Белорус ифои вазифа менамояд. Маскуни шаҳри Минск мебошад.*

## ДАР МОВАРОИ СОЖ…

### НАВҲАИ ИЁРОМӢ[1]

Дарде аз ин бузургтаре ёфт кай тавон –
Дар зери он шикаст камарҳои бас қавӣ.
Бар ин замини мурда кунам гиряҳои талх,
Ашкам мисоли Маннаву Салвост дар Тувӣ.

Гардад замини пурбаракоти шумо хароб,
Анфоси гарм тарк кунад хонаҳоятон.
Боди самум бикунад хушк равзаҳо,
Овои гиря сӯи биёбон барад вазон.

Пода дигар намечарад дар марғзорҳо,
Рустоқҳост сайргаҳи галлаҳои гург.
Гулҳои талхи дармана[2] хонад ба рӯятон,
Ҳукми Худо ба маргу ба дард аз сари сутург.

Ҳукми азоби дӯзахиён рафта бар шумо –
Бар зодагонатон ҳам нозодагонатон.

---

[1] Иеремия.
[2] Явшон.

Ҳарчанд нест ҷурми шумо, рафта аз қазо,
Бар зодбуми зори шумо лаънати Худо.

Кас нест, оҳ, то ки шуморо диҳад наҷот,
Танҳост ашк мисли шумо гашта баҳрвор…
Рӯи мазори бахти шумо, ормонатон
Афлок омадаст ба зонуву дилфигор.

Дигар намеравед дурудан каҳу алаф,
Саҳро ба бар намояд пас ҷома-гандно.
Омад замони навҳагарӣ баҳри зодбум,
Омад шабони дард кашидан ба хобҷо.

## ТУРНАҲОИ ЧЕРНОБИЛ

Парандагони сапедо,
            парандагони Пулес[1]
Чӣ дар мусибати мардум
            гуноҳ карда шумо?
Фуруд омада мисли накӯй муждарасон,
Задед бонг ба болои бомгӯшаи мо.

Ба рӯи раҳҳову кӯчаҳои чанголуд,
Замони бозрасидан зи марзҳои баъид,
Ба рӯи дафтари испеди болҳои сапед –
Расонидед ба мо номаҳои бахти сапед.

Парандагони сапедо,
            парандагони баҳор,
Ки аз мусибати мардум надоштед хабар.
Фаро расид-замони ғамини кӯчокӯч –
Самоъу чархишатон рӯи бому рӯи дар.

Ба бонги талх намудед ҳамраҳӣ моро,
Дурахши боли шумо ҳам дар осмон нанамуд.
Магар зи бахти сиёҳу зи сӯги Чернобил.
Намудаед ба бар ҷомаи сиёҳу кабуд.

---

[1] Полесие.

## ЭЙ ВАТАНИ МАН, БИЁ

Пайраҳа боқӣ намонд,
Ҳарсӯ – алафҳо дурушт.
Нақш ба зери алаф
Мондааст аз ин мазор.
Нест зиёратгаре
Мадфани модар, падар…
Панҷараҳо рехта,
Кист, бисозад зи сар ?
Хонаи мардум хароб
Холӣ ба фарсангҳо.
Зинда наояд дигар
Сӯи мазори сиёҳ.
Фақр бинолад хамӯш –
Фоли бади рӯзи тор.
Соя ба явшон занад
Хоҷ зи садҳо мазор.
Рӯзи азо мисли шамъ
Тӯс битобад қатор.
Эй Ватани ман, биё,
Баҳри Худо, бар мазор.

## МАРЗИ ГУМШУДА

Роҳ қадре зери чанг –
Дар ғуруби офтоб.
Маҳв гашта ин замин,
Нест роҳи бозтоб.
Боғҳояш гулфишон
Гулфишонӣ баҳри кист?
Нест ҳам ин сон бало,
Ҳам наҷоте нест, нест.
Солҳои марзи дашт
Шуд ниҳон дар симхор.
Ин замин шуд чормех,
Ту дигар ёдаш маёр…

* * *

Дар моварои Сож, дар моварои рӯд,
Поиз мечамад, бо пойҳои луч…
Меғи фазои дашт абрӯ кашидааст,
Ё ки мухайяр аст, ё зулм дидааст?..
Резад ба марғзор борон чу симу зар,
Ин чӣ? Магар салиб, ё ин ки дарди сар?
Ин чист? Тундар аст? Ғурон зи дуриҳо,
Овои пешгӯ-ин зоғи парсиёҳ.
Ин чист дар фазо? Ғозони навҳагар?
Марзи Сапедрус[1] вайроншуда нигар?..
Дар моварои Сож, дар моварои рӯд.

## НАВҲАИ ҒОЗОНИ ХОКӢ

Инак, аз нав поиз омад
Дар канори марзи меҳан.
Мисли дуде суст ёзад
Рӯй-рӯи сард шабнам.
Аз миёни низму[2] борон
Оварад боди хунукхӯр –
Навҳаи ғозони хокӣ,
Навҳаи ғозони хокӣ.
Навҳа гӯӣ баҳри меҳан,
Баҳри нилӯӣ самое,
Ки шуда маҳкум ҷовид
Бар сияҳрӯзе, балое…
Ғозҳо, ғозони хокӣ,
Эй шумо дар ғурбати дур
Талх аз чашмон фишонед
Ашкҳо рӯи алафзор.
Байни нойистони анбӯҳ,

---

[1] Сапедрус – Белорус.
[2] Низм – туман.

Дар лаби Нили пур аз об –
Бор иллоҳ, з-ин сӯгу андӯҳ
Бодро кун бетабу тоб.
Резад аз ҳар пар ба олам
Ашку дарду сӯгу мотам.
Оҳ, чӣ сон дуред аз ман…
Оҳ, чӣ сон дуред аз ман…
Вой, Белоруси хуррам,
Рӯзи поиз монда кам…
Ростӣ – омад қиёмат?
Субҳро дигар напоем?
Лек атроф аст сокит…
Гоҳ ояд суст алъон
Навҳаи ғозони хокӣ –
Аз миёни низму борон…

* * *

Дилро ба дор карданд, мисли тани Масеҳо…
Бо меххои кизбаш карданд мехкӯбӣ.
Оташ, ки шӯъла мезад дар вопасин варақҳо,
Чун шамъи рӯи гӯре ларзад чу морчӯбе.

Хочи сияҳ бичунбад аз ҳар такон, ки бинад,
Атроф пурмунофиқ, акноф пур зи фарёд.
Ту ростӣ бичӯӣ аз гунбади бадафъол?
Ту хостӣ адолат? Ҳайҳот! Оҳ ҳайҳот!

Ҳаргиз набанд уммед …
Зеро Замину афлок аз ҳам чудо бибошанд.
Ҳам ростӣ ба Олам танҳо ба сар барад умр…
Аз хуни гарм рахна бар қалби барф уфтод…
Аз зери барф чашме ҳар сӯ-ст гирдгардон…

## МАЪБАДИ МАРЯМИ МАҶДАЛИЯ

Мисли шамъи обгашта гашта сард
Дар миёни чорсӯрохи муҳиб[1] –
Марями Маҷдолиёро маъбадаш
Шуд зи хотирҳо фаромӯшу ғариб.
Андар ин маъбад дигар файсал шуда
Ғусли таъмиди насор, оши наҳор…
Зери тасвири симои авлиё
Саҷда танҳо мекунад боди баҳор.
Дар дили шаб рӯи роҳи бас қадим
Бесадо ояд ба ин ҷо кавкаба.
Кӯчбаста русторо рӯҳҳо
Аз мазористон – фазои пурсалиб.
Рӯҳи аҷдодони қоматхамзада,
Сафкашида авлиёву осиён –
Ҷамъ ояд бар намози охирин,
Маъбади холӣ шавад пур дар миён.
Баъд бо ҳам гашта махлуту яке
Дарду рахши бешумори ашкҳо,
Марями Маҷдолиёро маъбадаш
Мекунад меъроҷ монанди Исо…

## ДАР МАРЗИ ВОПАСИН

Рӯзгоре тай кунам Пулисиё[2]
Мисли суруд…
Нақш бандад
Дар дилу дар ҷонҳои одамӣ…
Мешавам камтар,
Мешавам комил дар он ҷо,
Мешавам комил ва танҳо,
Дар дурахши

[1] Муҳиб – тарсовар.
[2] Пулисиё – бо ҳам Полесйе.

Симранги рӯдҳо…
Дар бари маъруф
Аз замони тифли пушта –
Бар сукути
Обҳои заҳргашта
Гиря хоҳам кард
Талху бошиддат
Аз барои ту,
Аз барои ту –
Мардуми ман.
Дар миёни ҷангале
Пой зови рӯдбор,
Ки дар он ҷо гум шавад
Гиряҳои турнаҳо.
Мегузорам боқӣ аз худ
Вожаҳои вопасин
Дар замини вопасини иславӣ…
Эй Худои пурзиё,
Оҳ, бас кам гуфтаам.
Лек дар дил, лек дар ҷон
Макси манфурест бас…
Гиряҳо доранд
Бодҳои бас ғамин
Дар ғамони вопасин.
Шеъри Пулису…
Бедилона,
Бе ягона вожае
Вел мегардам.
Дар миёни торикии сард,
Дар фалакҳо
Зери ҳукми бас дурушт
Маҳв мегардад
Роҳи Чернобил…

*Тарҷумаи Ситораи Қурбон*

## Вячеслав ДАШКЕВИЧ



*Дашкевич Вячеслав Иосифович. Соли 1941 дар деҳаи Декшнян, ноҳияи Молодечнени вилояти Минск валодат ёфтааст. Фориғуттаҳсили бахши рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Белорусия. Шоир, мутарҷим, публисист. Муаллифи якчанд китоб. Узви Иттиҳоди нависандагони Белорусия. Дар Минск иқомат дорад.*

### ПАЁМИ РАҲОЙӢ

Ҳамхунӣ
чӣ тановарр дарахтест,
ки аз баландои қоматаш
метавон дид
        ҳама ёронро
        дар фосилаи салом ва бӯса.
Ҳар ҷо равам
        ё равӣ бошам,
нимашаб
        ё нимарӯз,
дӯстонро мебинам
мутабассим,
        шафиқу дилсӯз.
Шом агар фаро расад
        дар адами ёрон
ва аз аъмоқи шаб наояд
садои чархи обкашии чоҳ,
ё натобад
        фурӯғе аз тирезаҳо,
боварам гӯяд:
Худой орамида
дар бистари каҳбедаи шипанге
        аз шохи абру барги ситора.

Ҳамхунӣ
чи тановар дарахтест,
ки аз аз баландои қоматаш
метавон дид
ҳама ёронро
дар фосилаи салом ва бӯса.

* * *

Андӯҳ
вазнинтар аз ҳама бори сангин аст.
Вақт
чизест гумшаванда
бо ин ҳама паҳно.
Пас чӣ чизе побарҷост?
Побарҷо
озарахшест
аз оташзанаи хотир.
Ва ин ҳама дурахш
тозатар аз тоза тавлид мекунад
ягонатарин
ва раҳойибахштарин вожаро,
ки мегӯемаш
– Худо.
Дар ғайри ин вожа
на ман ҳастаму
на шумо.

* * *

Насиму
навозиши шохаҳо,
Боғи пиру
лаззати пинак,
Сояву
наққошӣ дар пайраҳа…
Ман чӣ сон
қадам занам ба ин эъҷоз?

* * *

Ин на хати баҳории парвози турнаҳост,
Ки нопадид мешавад дар пардаи само.
Изест аз набераам дар авҷи паркашӣ
Аз маҳзари канори ман то ҷовидонаҳо.

* * *

Кашмакаш,
бaҳс, таъну дашном:
чунон ки
хурӯши мавҷ аз паси мавҷ
Ва ду ҷонибу
ду сангар.
Лек виҷдон…
Бечора виҷдон –
танҳотар аз танҳо.
Расонаҳо
ва шаборӯзи садову симо
пур аз ҳалҳалаву
ҳамлаҳои тунд
Ва ду ҷонибу
ду сангар.
Аммо ҳақиқат…
Бечора ҳақиқат –
танҳотар аз танҳо.
Ман,
шахсан, ташнаи созиш.
Бад-ин уммед
шояд сари хони оштӣ биншинад
ду ҷонибу
ду сангар.
Зеро Ватан…
Бечора Ватан –
танҳотар аз танҳо.

*Тарҷумаи Доро Наҷот*

## Анатолий ЗЕКОВ



*Зеков Анатолий Николаевич 20 январи соли 1955 дар деҳаи Патаповкаи ноҳияи Каталевскои вилояти Гомел ба дунё омадааст. Соли 1977 факултаи таъриху филологияи донишгоҳи давлатии Гомелро хатм намуда, дар рӯзномаи ҷавонони ҷумҳуриявӣ кор кардааст. Сипас сармуҳаррири рӯзномаи шаҳрии «Добрый вечер», ҳафтаномаи «Столица», рӯзномаи ҷангали Белорус, муовини сармуҳаррири маҷаллаи ҳаҷвии «Ёжик» буд. Алъон муҳаррири шӯъбаи насри маҷаллаи «Поломия». Соҳиби 12 китоби назму наср, ҳаҷву мутоиба барои бачаҳо, аз қабили «Садамаи виҷдон», «Насими Чернобил», «Шарораи нигоҳи ту», «Саёҳати тӯёна ба Истанбул», «Ҷанги тан ба тан» ва ғайра мебошад.*

* * *

Тармеваю хушкмева бар шаҳр зи деҳ
Модар бубарад сабад-сабад баҳри писар…
Фикре ба дилаш ҳамеша сӯзан бизанад:
«Худ омадан ӯ наметавонист магар?

Охир, раҳи шаҳр дур, донад писарам,
Торафт маро мадор аз тан биравад.
Он қадр фишор гаҳ фишорад, ки сияҳ
Пеши назарам ҷаҳони рашан бишавад».

Раъйе бикунад: «Дигар аз ин пас наравам»,
Аз кӯфти раҳ фигору афтода шуда.
Рӯзи дигараш бубинӣ, дар даст сабад
Ӯ баҳри наберабинӣ омода шуда.

Пухтаст, бубин, кунун тилосебу мурӯд,
Модар ба қатора боз роҳии сафар.
Ёди писараш ба дил чу сӯзан бихалад:
«Худ омадан ӯ наметавонист магар?»

* * *

Наарзад ғам ба ёди мурдагон хӯрдан,
Ҳаёт онҳо абас кай бигзаронида.
Баномусона онҳо то салиби гӯр
Салиби сарнавишти худ кашонида.

Бувад беҳтар, ки баҳри зиндагон гиред,
Зи ғамхориятон онҳо тавон ёбанд.
Ба гӯши мурдагон н-ояд фурӯ гиря,
На аз оҳу фиғон онҳо равон ёбанд.

Чӣ суд аз гиря бар онҳо, ки онҳоро
Зи мо албоҳи хорой ниҳонида…
Баномусона онҳо то салиби гӯр
Салиби сарнавишти худ кашонида.

* * *

Аз азал руста буд осуда
Дар бари русто санавбарзор.
Шуд садои табар вале рӯзе
Ғулғуландоз шуму даҳшатбор.

Кори ҳезумбурон чунин бошад,
Нест ин ҷо гуноҳ бар онҳо:
То бисозанд кулбае, баста
Баҳри ҷангалбурӣ камар онҳо.

Мебуриданд аз санавбарҳо
Ҷумла мавзунқад интихобида.
Бо фиғон ҳар дарахт меафтод,
Бистари маргро бихобида.

Бар чапу рост ҷангал афтонда,
Марг ҳамвора роҳ мепаймуд.
Орзу ҳар дарахти мавзунқад
Менамуд, оҳ, кош каҷ мебуд.

* * *

Фасли тобистон ғариқи
Гулшукуфти зирфунҳост.
Ист, оне, хуш нафас гир:
Бод, инак, атрполост.

Бар само чун абри нилӣ
Дуди гулхан мекашад раҳ.
Андаруни кӯли ҳавлӣ
Оббозӣ мекунад маҳ.

Боғча равшан зи шабнам,
З-авҷ саҳро нурборон.
Чун бувад он ҷо деҳи ман,
Чун дарав дар марғзорон?..

*Тарҷумаи Салими Зарафшонфар*

## Наум ГАЛПЕРОВИЧ



*Соли 1948 дар мавзеи Политск ба дунё омадааст. Соли 1979 факултаи филологии донишгоҳи давлатии Белорусро хатм намуда, дар радиои ҷумҳурӣ ва вилояти Витебск кор кардааст. Муаллифи чанд маҷмӯаи ашъор. Шеърҳояш ба забонҳои русӣ, руминӣ, полякӣ, булғорӣ, украинӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Узви садорати бунёди фарҳанги Белорус, узви иттиҳоди рӯзноманигорон аз соли 1975.*

Ҷарёни оромонаи дарёчаҳову
　　оинаҳои обҳои навбаҳорӣ…
Рӯзи навин, чун дар замонҳои гузашта,
　　бар осмону хоки меҳан шӯълагустар.
Бӯи мутаррои замин в-андар фазояш
　　парвози пуровози мурғони гузорӣ,
Анбӯҳи сабзи навгиёҳу навалафҳо,
　　хомӯшии бикри дарахтони санавбар.
Дар ҳар кучое зистан бошад насибам,
　　ман боз бахри саҷда хоҳам омад ин ҷо-
Сӯи хиёбонҳову кӯлу кӯлҳояш,
　　ҳам хиш-хиши найбаргҳояш дар найистон,
Ин ҷо, ки афшонанд дар боғоти пурбар
　　гулҳои рангоранг мисли орзуҳо,
Ин ҷо, ки афзун аст гармии гилу дил,
　　ҳам сардии роҳатфизои чашмасорон.

Меҳан, надонистам, ки рӯзе дар вуҷудам
　　ман дарди ҳар захми танам эҳсос созам,
Ҳам зишт ҳар ҳарфе, ки бар шаънам гаҳу гаҳ
　　бишнидаам аз душманони бадшиорат,
В-андар дилам номат танинандоз гардад,
　　азбаски бо дарки ғаму сурат бинозам

З-андешапарвар ҳар хароботи муқаддас,
аз сарнавишти пурфару пурифтихорат.

Имрӯз ман, инак, амин астам, ки ҳатто
дар лаҳзаи сангинтарини умри ҷорӣ
З-он пештар, к-аз мазраи покат ба гардун
чун пора-пора абрҳое мешавам бар,
Битвонам андар хотири худ ҳифз кардан
оинаҳои абрҳои навбаҳорӣ
Бо акси гулбаргони резучоши анҷум
дар лавҳи бӯстони фалакҳои мунаввар.

* * *

Гиря кун, ғижжак, аз барои ман,
Гиря кун, то ки дил ниҳам шояд –
Боз ман бар диёри худ, к-аз вай
Бӯи найсону бешазор ояд.

Кӯш, то бо камончаат бедор
Хотири хуфтаам ту бинмоӣ.
Зинда кун хонаи падар дар он,
Зинда кун тирамоҳи тиллоӣ.

Соҳибат нағмасанҷи огоҳест,
Хонад ӯ қисмати маро аз сар.
Гиря кун рӯи китфи ӯ, ғижжак,
Ҳамчу ман назди бистари модар.

* * *

Самои нилгун бар равзан аз тарки санавбарзор
Зи кунҷи лаб табассум гӯиё созад ба ман эҳдо.
Танинафкан садои мурғакон беисту беором
Ва ҷангалҳову ҷангалҳову ҷангалҳо.

Бихоҳам ман дар ин ҷо зиндагиву фикр варзидан
Ва сидқу меҳрро кардан нисори мақдами ҷонон.
Бихоҳам ман дар ин ҷо рӯдро наззора бинмоям,
Ки сол аз сол обашро фузунтар мешавад туғён.

Валекин чархҳо андар паси ҷангал танин доранд –
Дар он ҷое, ки маътал монда кору манзилу маъвост.
Дар он ҷое, ки саршор аст з-овози қарибонам,
Дар он ҷое, ки ҳар дам тар фазояш з-ашки боронҳост,
Дар он ҷое, ки ман бахтам паси кӯроб мебинам,
Фақат дар хоб мебинам
Фақат дар хоб мебинам.

* * *

Ман роҳу расми одамиро нагсалам,
К-онро табиат дода худ баҳрам нишон:
Ман бо ҳамоҳангӣ диҳам дилро шифо –
Бо осмон, ҷангал, гиёҳон, мурғакон.

Бо шед к-абронро шикофад анвараш,
Бо субҳ, к-аз тирезаам гӯяд дуруд.
Бо ҳар чӣ буду ҳасту бошад з-ин сипас…
Бар ҳар чӣ қисмат додааст, орам суҷуд…

* * *

То саҳар з-ашки надомат бишавад хушк магар,
Баски ғарқоби сиришкам шуда болин?
Интизорам. Ту парон, нағмагарам, кай бирасӣ?
Шоха алҳол зи сармо бувад эмин.

Баҳри ман хуш бисаро, мурғаки хушзамзамаам,
Ончуноне битавонӣ бисаро боз!
Сафҳаеро зи пайи сафҳа кушоям ҳамагӣ –
Аз ҳузурат манам орому сарфароз.

Фурсат омад. Дамад анвори нахустин сари кӯҳ,
Осмон ҳам бишавад равшану равшан.
Ваҳ, диламро чӣ қадар хоҳишу майлест, ки маҳв
Дар суруди саҳарии ту шавам ман!

* * *

Уфуқ ниливу сарду бекасу танҳоиангез аст,
Барои ман на роҳе ҳаст шояд бар қафо дигар.
Аз он, к-ин боғи поизӣ гузориву ба мулки кас
Шавӣ сарсон, бувад мурдан ба кунҷи хонаат беҳтар.

Агар чанде ки ин ҷо захми дардовар насиби туст,
Наёбӣ ҳеҷ гаҳ дар ҳеҷ ҷое, ғайр аз ин ҷо –
Ту ин сон сайри моҳидорӣ дар дарёву найзорон,
Тамашки пухта байни газнаҳо ин сон ҳавасафзо.

Чунин ҷуфти санавбарҳои саҳни ҳавлиҳои шаҳр,
Чунин ҳам себбунҳои ба кӯрғони падар руста.
Ва ин сон бахти волое, ки бо лабҳои тафсонат
Биёбӣ, ташнагифарсо лабони ёрро ҷуста.

* * *

Тирамоҳ ҳукми хеш меронад,
Кӯчаҳо пур-пури хазонбаргон.
Умри ман ҳам хазон шавад охир
Ҳамчунон кӯҳнабоғи баргафшон.

Ғуссаву изтироб бар дилҳо
Баъди ман ҳарфи «буд» ангезад.
Баҳри худ, ҳар кӣ дӯсташ хондам,
Тарҳи маъбуди тозае резад.

Барги имон ба мӯъҷизотам нест,
Кардаам дар дилам умед эҷод,
К-андар онон, ки дӯст дорамашон,
Зиндагиро давом хоҳам дод.

*Тарҷумаи Салими Зарафшонфар*



## Виктор ШНИП

*Виктор Шнип Анатолевич. Соли 1960 дар деҳаи Пугачии ноҳияи Воложински вилояти Минск зода шуд. Омӯзишгоҳи архитекторӣ-сохтмониро дар Минск ва мактаби олии адабиро дар Маскав хатм кардааст. Муаллифи як силсила маҷмӯаҳои шеърӣ мебошад. Узви Иттифоқи нависандагони Белорусия аст. Дар нашриёти «Мастацкая литература» кор мекунад. Ҷоизаи ба номи Владимир Маяковскийро гирифтааст. Дар Минск зиндагӣ дорад.*

### ТАЪРИХИ ЯК АШК

*Сонетаҳо барои Людмила*

**1**

Дар рӯзгори дуре, дар кӯчаҳои Маскав,
Гӯё ки тоза зоид чашми туам дубора.
Гӯё ки аз таҳи қир ҷӯшид сабзаи нав,
Дунё баҳор пӯшид, афканда далқи пора.

Тавлид шуд дубора гардун ба тораки мо,
Ёд аз гулӯи турна карнай кашида бигзашт.
Он хонаи диёрӣ в-он дашти пушти дарё
Он ҷо, ки тар ғубайро аз ранг мекунад гашт.

Дар кӯча хондиям ту:
– Эй содаҷони зебо,
Танҳо туӣ дигаргун аз одамони дунё,
Дар синаи ғарибӣ туршидаӣ ба танҳо.

Ман чашми ғам кушодам гумкардаҳои худро,
Дар дидаам ту будӣ шамъи дили калисо,
Меҷуст дил зи рӯят рози дили Ватанро.

**2**

Гӯё ба кӯйи танги печидаи Минотавр
Бо ҳам қадам кушодем дар кӯчаҳои Маскав,
Раҳ бурда то калисо, дар сина дин гирифтем,
Шабро ба субҳ бурдем – ояндаро дари нав.

Аз дидаи чароғон мерехт нури шодӣ,
Ояд ба ҳам лаби мо хомӯш дида мебаст …
Чун пораҳои субҳи заррина бар сари мо
Мерехт барги худро мизони боддардаст.

Будам чу гунг хомӯш ҳамроҳи ту ман он гоҳ,
Гӯё дайе, ки буда обастан абри дураш,
Тарсонда будам аз дур чун ваҳмхези ногоҳ.

Дерам нигоҳ кардӣ, бас дер дида бастӣ,
Тирезаро, ту гӯӣ, афтода порае нур,
Дидӣ, нахонда сатре дар ин китоби ҳастӣ.

**3**

… Бо туям, рӯ сӯйи гӯристон равон,
Хуфта он ҷое Есенини ҷавон.
Тоҷи заррин мондааст он ҷо заранг,
Дар ҳаросе аз зимистони таҷанг.

Аз миёни гӯрҳои ношинос
Бигзарему ношиносе нангарем.
Баргҳо беҳол афтон бар алаф
Гӯиё гӯянд:
– Андак дигарем.

Ҳарф гӯем аз мазористони деҳ,
Богданович Максими мо ҳамнафас,
Шеър гӯяд з-он деҳи афсона бас.

Ӯ ҷаҳони оҳарии хеш сохт,
Қасри рӯҳонии навзоӣ фарохт,
Ҳамбаҳои шоир он ҷо зиндагист.

**4**

Аз байни ду рӯзи оҳарипӯш
Девори сиёҳи шаб фуру рехт.
Аз синаи он баҳор зад ҷӯш,
Гӯё ғазалам зи лаб фаро рехт.

Бехуд ҳама рӯз хома рондам,
Гуфтам зи туву зи ту навиштам.
Бинвиштаму зуд пора кардам,
Осема, чу ҷанграв, сириштам.

Будӣ ба дугонаҳо ба кино,
Гуфтам: –
Ба касе ту мезанӣ май,
Дил канда зи ман, ҳамезанӣ пай …

Тиреза сиёҳу чашми ман сабз,
Кайҳо пар аз он кушода будам,
Яздон агарат надода будам.

**5**

Донишкадаи адаб ва як кулбаи нағз,
Он ҷой, ки зулмате ба дӯш – истеъдод.
Андешаи тозаи ҷавон захр зада,
Ашъор «диҳад ақлу хирадро барбод».

Дар ҳавлияке, ки Булгаковаш бисуруд,
В-он пайраҳае, ки Платонов бирӯфт –
Ман гиря сари номаҳакат мекардам,
Посухи чи ошиқона мекардам ҷуфт.

Он ҷой китобҳо, ки хондеш азим,
Шайдош чунон шудӣ, ки рафтӣ то Рим,
То тӯҳфа зи Қайсарат расад он ҷо Рим.

Он кулбаи донишкада хондам лаънат,
Якҷоя ба шеър захр хӯрдам бо ту,
Бо қофияҳои қаҳр хӯрдам бо ту.

**6**

Чун тӯҳфаи зимистон ногоҳ барфи Маскав
Моро даруни нуре ҳузни сафед печид.
Худро паноҳ додем дар синаи калисо,
Он ҷой, ки фаронсӣ дудаш дар осмон чид.

Дидем дар калисо як ҷони зиндае нест,
Гӯё ба киштии Нӯҳ будем мо шиновар –
Аз адли[1] шодию ғам рӯ сӯйи нури Гаргар[2]
Аз мавҷхези дунё то ҷовидоне аз фар.

Аз синаи сапеди Маскав гузора будем,
Гарчи матоъи барфӣ дарзе надошт бо худ,
Киштӣ ба нури сабзе моро фарошт бо худ.

Як нури нарми рӯшан аз моҳ метаровид,
В-ин нури моҳи комил то авҷи соли комил
Рӯшан гирифт роҳи мо то гуноҳи испед.

**7**

Чун тири муғул ману ту аз ҳам
Бинмуда ҷудо равон қатора.
Истода туӣ ба пушти шиша,
Чун ҳайкали фикр дар назора.

Ман монда ба шаҳр зору танҳо
Гӯё на дурӯза, баҳри соле.
Тайёраи тирхӯрда тобам
Афтода ба барфтӯда ҳолӣ.

Аз панҷара бингарам чу бар кӯ,
Девори сиёҳи шаб бубинам,
Тасвири ту чун икона бар ӯ.

Ин шаб, ки дар ӯст тӯли сад сол,
Чашмак зада бо ситораи ашк,
То кишвари рӯз мекашад фол

*Тарҷумаи Зиё Абдулло*

---

[1] Ин ҷо ба маънои «аз дили».
[2] Гаргар – Яздон, созандаи созандагон (авастоӣ).



**Людмила РУБЛЕВСКАЯ**

*5 июни соли 1965 дар Минск, дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Соли 1984 шӯъбаи меъмории техникуми бинокории Минскро хатм намуда, дар бюрои иттиҳодияи истеҳсолии «Горизонт» кор кардааст. Солҳои 1980-1987 донишомӯзи шӯъбаи назми институти адабии Маскав буд, сипас факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Белорусро хатм намудааст. Дар рӯзномаҳои «Наша слова», «Литература и мастацтва» кор карда, алъон шореҳи шӯъбаи фарҳанги рӯзномаи «Советская Белорус» мебошад. Аз соли 1990 узви Иттиҳоди нависандагон аст. Шеъри нахустинашро соли 1983 ба чоп расондааст. Китобҳои назму наср: «Қадамҳо дар зинапояи кӯҳна», «Маълумот», «Дили фариштаи мармарӣ» ва ғайра ба қалами ӯ тааллуқ доранд.*

## БОҒ

### 1

Чун нур ин боғе, ки бар вай омадам ман,
Аз роҳи дарду ҳасраташ бар остонаш.
Ё ҳамчу шоир к-ояд ӯ бар ҷодаи наср,
Ё ҳамчу аҳли фалсафа бар шавкаронаш.

Ман омадам, к-ин ҳалқароҳи сарнавиштам
Пероманам печида аз пешу ҳам аз пас.
Он сахт медорад маро, ҳаргиз наяфтам
Дар пеши ҳимматхори ман, дар пои нокас.

Ман н-омадам аз баҳри хобу хӯр бар ин боғ,
Як бор то бинам, дигар созам фаромӯш.
Ман омадам, то як дили озурдаеро
Аз хоки ғам бардораму гирам дар оғӯш.

Аз ибтидо ин боғи ҳасрат ҳасту савганд,
Аммо на ҳамчун як сароча баҳри ҳезум.
Бар ин сароча омадам, бар хонаи хеш,
Ҳамчун гунаҳкоре, ки аз гирдоби раҳгум.

**2**

Ай боғи танҳоям! Магар боғе чунинӣ?!
Инҷил доғи меваат охир набишта.
Ин ҷо шиҳоби сояҳо хомӯшу зиндаст,
Аз нардбони сабз меояд фаришта.

Киштии Нӯҳ аз пои кӯҳи лолазорон
Беғам миёни растаҳои гул равона.
Гулҳо аҷибу зинда: гӯё нақши Гоя[1]
Дар ҳусни барги гул сафои ҷовидона.

Дар қатраҳои ангубинияш шақоиқ
Бишкуфта, аз маҷмӯаи покӣ дар эҳроз.
Меҳроби гулҳову Фаронсиски зи минбар
Бо хоҳараш сӯи парасту мекунад роз.

Ай тоқабоғам, ин ғамат охир ғаме нест!
Оҳ, ин ғаме, к-оби туро ташнатарастам.
Оҳ, ин ғами боғе, тавон аз мо рабудан,
Оҳ, ин ғами боғе, ки аз бӯяш чу мастам.

---

[1] Франсиско Гоя – наққоши маъруфи Испониё.

## 3

Ин хонаҳо … Бегонаву дар он чӣ сон зист?
Дар бомашон кай офтоби ишқ хандад.
Ин хонаҳо… ҳайфи забон. Ширин, вале ишқ
Монанди хурмои напухта ком бандад.

Дар гӯшаи боми касон осоише нест,
Ин боғ ҳамчун хонаву ман дар паноҳаш.
Чун эман аз ҳангомаву эҳсони дунон,
Дар интизори қисматам: чашмам ба роҳаш.

Ман интизори кистам?! Боғо, нигаҳ дор!
Аз синарешат барканам боди гулонро.
Ту хонаам… Ту нури ман…
Барги хазонат
Дар кӯрароҳи ман гилеми сабзи абр аст…

*Тарҷумаи Юсуфҷон Аҳмадзода*

## Дмитрий МОРОЗОВ



*Дмитрий Морозов соли 1954 дар деҳаи Язбии ноҳияи Крупскии вилояти Минск ба дунё омадааст. Таҳсилаш дар Академияи кишоварзии Белорус – дар Горки мегузарад. Муаллифи бисёр китобҳои назм ва наср мебошад. Дар адабиёти Белорус аввалин шуда, сонетаро ба вуҷуд овард. Барандаи ҷоизаи ҷавонони ҷумҳурӣ ва федератсияи иттифоқҳои касабаи Белорус аст.*

Ман яке бечора маллоҳам. Равон бо печутоб
Заврақам чун чингае дар коми тӯфони замон…
Эй шумо, киштинишинҳо! Вопасин фарёди талх
Мекашам: «Ёрӣ диҳед?» аз бим даступозанон.

Чун шумо ман низ бар амвоҷ додам ихтиёр,
Бодбонамро, вале бирбуд боди саҳмгин.
Монда танҳо, мезанам доду фиғон: «Ёрӣ диҳед!»
Аз худову банда ноуммед, бори охирин.

Пушти аброни сияҳ хуршед пинҳон мешавад,
Гирду пешамро фаро бигрифта амвоҷи дамон.
Ғарқ мегардам, шумо киштиварон, кӯру каред?
Нашнавидедам, надидедам, куҷо рафтед, ҳон?..

* * *

Миёни ҷангали дилҳои инсонӣ
Чу ваҳшимард ман ҳамвора саргардон.
Чиро ҷӯям, яқин, онро нахоҳам ёфт,
Чиро ёбам, кунам гум боз дар як он.

Самимият, матонат, рӯҳи боланда –
Чунинҳоро наёбад кас ба арзонӣ…
Чӣ осон аст роҳи хеш гум кардан
Миёни ҷангали дилҳои инсонӣ.

* * *

Модарон – заҳматкашони содиқи колхозҳо,
Хуфта кам, дар кор афзун ҷони худ афсурдаанд.
Тифлаконро парвариш модаркалонҳо додаву
Дасташон бигрифта, бар синфи якум ҳам бурдаанд.

Баъд тифлонро даруни маъбади хурду хамӯш
Кардаандӣ ғусли таъмид аз падарҳошон ниҳон…
Ҳаст эзид ё на – кашфи ин муаммои муҳол
Монда махфӣ то абад аз чашму ақли зиндагон.

Мо чаро аз баҳри колхозу замин бигзаштаем?
Низ он модаркалонҳо рафта аз дорулфано.
Тӯсҳо андар мазори деҳ таҷассум мекунанд
Нури нарми рӯи онҳоро ҳамоно баҳри мо.

* * *

Моили озодии сунъӣ шудем,
Шӯҳрати ночизу сарват хостем,
То табиатро табаҳ кардем мо,
То саросар ҳусни покаш костем.

Қасд настонад табиат з-одамон,
Лек ӯ аз қарн то қарни навин –
Камтару камтар зи батнаш оварад
Чомагӯёни асил андар замин.

* * *

Аломатҳои пирӣ нохушу нороҳатат созанд
Ва ҳам ожангҳои ҳалқавори гирди чашмонат.
Барои шоирон пирипазиро нест зан, ҷоно,
Ту ҳоло ҳам ҳамониву ҳамон чашмони фаттонат.

Ману ту ним аср андар бари ҳам тай намудастем,
Ба ҳам ҳар субҳро бигрифта истиқбол мо ҳар ду.
Зи юмнат баски ман одам будам в-одам бувам ҳоло,
Аё, эй ишқи ман, орам сипоси беадад бар ту!

* * *

Бигрифт дил аз ёвагӯиҳои мардум,
Фаҳмо бароям нест пургӯии мардон.
Ман бо нигаҳ гӯям сухан баҳрат, азизам,
Моро ҷудо кардан натонад ҳеҷ даврон.

Ҳар ҷо, ки ман будам-набудам, пеши роҳам
Аз ахтари ишқи ту равшан буду рахшон.
Пайванд кардастанд то рӯзи қиёмат
Мову туро як роҳу як тақдир, эй ҷон.

Баҳрам бигӯ, сеҳре чӣ гуна доштӣ ту,
К-андар дилам ҳисси самоӣ коштӣ ту,
Пургармӣ кардӣ олами сарду тиҳиро.

Симои ту дар пеши чашмам ҷовидонӣ
Мондасту дар он акс нури меҳрубонӣ,
Анвори қалби туст коҳишнопазиро.

* * *

Афрӯхтаӣ шамъу
Бардоштаӣ соғар…
Яксон на шабу рӯз аст,
Ту дигару ман дигар.

Эҷоди баҳорӣ ту,
Шӯхиву фараҳафшон.
Рӯи раҳи ман аммо
Баргони хазон резон.

Вохурии ногоҳӣ
Чун шаб бишавад охир.
Ту шамъ кунӣ хамӯш,
Биздоиям аз хотир.

* * *

Маро аз худ мароред, ин замон ман дӯст медорам
Шуморо беш аз он, к-андар баҳори ишқи аввал буд.
Ба дасти хеш дастамро бигиреду ба дил бинҳед,
Ба наздам лаҳзае шинед, манмоед таркам зуд.

Барои алвидоъ ин гуна наштобед, наштобед,
Ҳаметарсам, шавам гум бе Шумо дар тирасардистон.
Маронедам, маронедам, ҳалокат ишқи ман ёбад,
Ки бе гармии дастони Шумо маҳкуми марг аст он.

* * *

Модарам кайҳост н-ояд хобам андар…
Тирамаҳ. Борони беанҷом.
Кӣ тавонад зинда кардан савту созе
З-ин сипас дар ин дили ноком?
Саҷдагаҳҳои накӯӣ қуфл бар дар –
Шар худою хоҷаи айём.
Модарам кайҳост н-ояд хобам андар…
Тирамаҳ. Борони беором.

* * *

Хамӯш аст илҳоми озурдаи ман,
Ҳама ормонҳо фано ёфт чун дуд.
Заминӣ будам ман, заминӣ бимондам,
Наҷустам ман аз баҳри худ ҳеҷ маъбуд.

Дареғо, ки бар дарди дунёи пурзахм
Шифо марҳами шеърҳоям набахшуд…
Хомӯш аст илҳоми озурдаи ман,
Ҳама ормонам фано ёфт чун дуд.

* * *

Зи таҳти дил парастам ман туро, лек
Ба истиқболи ту рафтан наёран.
Гирифтори гуногун фикрҳое,
Зи занҷири асорат тарс дорам.

Бихоҳам дӯст дорам то дами марг,
Нахоҳам чокариву силкҳояш.
– Аҷаб, дар ишқ озодӣ биҷӯӣ?
Кӣ хуштолеъ чунин? Бар ман намояш!

*Тарҷумаи Салими Зарафшонфар*

## Владимир МАРУК



*6 январи соли 1954 дар деҳаи Гути ноҳияи Гансевичи вилояти Минск таваллуд ёфтааст. Омӯзишгоҳи китобдории Могилёвро хатм карда, ба Дорулфунуни давлатии Белорусия дохил мегардад ва таҳсилро соли 1980 ба охир мерасонад. Баъдан дар рӯзномаҳои «Звезда», «Адабиёт ва санъат», нашриёти «Юност», «Белфакс», «Адабиёти Мастаск», «Адабиёти бадеӣ» кор кардааст. Феълан муовини сардабири маҷаллаи «Поломия» («Аланга») аст. Муаллифи як силсила китоб мебошад. Дар Минск умр ба сар мебарад.*

### БА ХОТИРАИ ПАДАРАМ

Дар навдаи коҷ лона дорад булбул,
Як булбулаки базеб монандаи гул.
Аз волидаам кокулаке дар бари ӯ,
Аз волиди ман як кулаҳи ранги булул.

Оям чу ба арчазор, ҳин, метарсам,
Аз қисмати бебарор, бин, метарсам.
Додаст бигӯӣ аз азал ризқ маро,
Аз ризқ кунад фирор ҷин, метарсам.

Пажмурд ниҳоли умри манро айём,
Наздик бишуд шамоли умри ҷовид.
Бин, кунда ба чашму рӯи ман менигарад,
То ҳаст кулоҳи волидам, ҳаст умед.

* * *

Рӯз бегаҳ мешавад, ман хоб хоҳам аз шумо,
Рӯз равшан мешавад, дил тарсад аз хоби шумо.
Ҳамчу баҳре, андар он Ясон шино бинмудааст,
Ман намегардам дигар наздики маҳтоби шумо.

Рӯз бегаҳ мешавад, мисли шабон мирад дигар,
Ҳамчу довудӣ гуле, вақти саҳар дар хокдон.
Тоб орад бар фазои хонаи бе рангу бӯ,
Хонаи дур аз худову дур аз пайғамбарон.

Рӯз бегаҳ мешавад, санги бухории шумо
Менагардад гарм аз ангишти беҷону фасод.
Аз лаби хони шумо товус пинҳон аз ҳама
Мезанад қап неъматашро, мекунад охир касод.

Рӯз бегаҳ мешавад монанди парвози уқоб,
Рӯз равшан мешавад, қу гӯиё дорад шитоб.
Хоби ширини шумо монанди лахти мӯмиё
Ҳастии манро навозад бо муҳаббат, беҷавоб.

Дар назар ояд, ки доди хештанро бишнавам
Бо тамоми вусъати шому саҳарҳои зиёд.
Тор гардад – хоб безинҳор меёбад маро,
Субҳ ояд – лаззат аз хобам равад ҳар дам ба бод.

* * *

Ба чашми ман намоён кӯраи арз,
Занад чашмак ба чашмонам ситора.
Ба каф парвоз мегирад гули барф,
Баҳор оранд чашмонат ҳамора.

Тани сабзи санавбар гармтар шуд,
Зи сармои зимистон гашт берун.
Ба парвози баҳорӣ булбул омад,
Назар бар дилбараш андохт мамнун.

Нигаҳҳо бо дами субҳанд даргир,
Ба зулмат сардӣ охир хатмбахшост…
Фурӯ резам зи ҷонам хастагиро,
Сабукӣ рӯшаноиро пазирост.

Даро, ҷонам, ба маъбадгоҳи ҳастӣ,
Дар он ҷо хоине не бар сари мо.
Дар он ҷо ҷоҳиле не, қотиле не,
Дар он ҷо ҳаст танҳо довари мо.

Биё, ҷонам, ба маъбадгоҳи худ о,
Тани танҳо дар он ҷо ман нишастам.
Агарчи хокиям, зинҳор донам,
Ягона дӯстдори банда ҳастам.

## ШАБИ ВАН ГОГ

Дар хами беша санавбарҳо қатор,
Шоху барги хеш пинҳон мекунад.
Шишаи моҳичаҳоро ранги об
Маҳ бигардонад мусаффо, дилисанд.
Бин, гули вартоҷ рахшад чун чароғ,
Пур зи шабнам лолаҳову ёсуман.
Ончунон хомӯш дунё, гӯиё – –
Аз азал буда чунин дар чашми ман.
Мекунад парвоз аз рӯзи аласт
Аз канори бешаи сарву суман,
Аз ҷару ҷӯи зиёде сӯи ман—
Он кулоҳи дилрабои Гог Ван.

* * *

Хасакгул,
Вале бишукуфт, бӯ ҳам дод
Ба вақти гармии бозор.
Ҳамегӯйӣ, ки пазмон шуд …
Чаҳон монад ба як осор.

Хасакгул.
Вале таскин наёбад кас,
Равам ором чун арвоҳ:
Бувад, худро бубинам пас.

* * *

Пештарҳо,
Хобҳои пурачобат
Бад намекарданд пинҳон.
Ҳам дурӯғе ҳам намегуфтанд пинҳон,
Ин ки манро мебаранд аз байн нолон.
Даҳшате, овози шабгир,
Аз гулӯи субҳи умрам дошта,
Як даме фурсат набидҳам.
Гӯиё дар хобам мирам,
Қасд аз хобам нагирам.
Лек,
Охир,
Эй шаётин,
Чун шумо
Фитнаҳо ангехтеду
чида дом аз баҳри мо.
Рӯ нагардонед аз ҳар носазо ?
Олами чон
Дастнорас нест.
Ҳатто вақти хоб –
Дар равони пок, чонам
Доғҳоро пок бинӣ беҳисоб.

* * *

Бишнавам бӯи хуши наъно ҳаме,
Накҳати пӯдинаву райҳону коч –
Аз чаманзоре, ки эҳё кардааст
Дасти инсони ба эҳё эҳтиёч.

Субҳи барвақт асту сармои шадид,
Тундбоде, қоматат хам мезанад.
Ҳар дарахти човидон, девору дар
Мушкилоти хеш барҳам мезанад.

*Тарчумаи Одина Мирак*



## Валентин ЛУКША

*Таваллуди ӯ соли 1937 аст, зодгоҳаш шаҳри Полотск. Таҳсилкардаи бахши матбуоти мактаби ҳизбии назди КМ КПСС аст. Ихтисосманд аст дар бахшҳои назму драматургия ва публисистикаю тарҷумонӣ. Увзи раёсати Анҷумани нависандаҳои Белорусия мебошад. Барои афроди синну соли гуногун китобҳо интишор додааст, пеэса менависад. Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Белорусия ва мукофоти ба номи П. Бровкаро дар ихтиёр дорад. Дар Минск мезияд.*

## ҶОДАИ ҚИСМАТ

Рагу пай аст ё шараён,
Ки ба сони набз афтода
Қад андар қади водӣ мусаллам ?
Садо мезанад бе арҷ,
Ки ҳамчу ҷода –
Ба номам сабт аст
нахустин рақам!..

Сукунатгоҳи фарсудаи ветнамӣ,
Кишваре, бо бомҳои лоҷвардгуна
Болои гилеми сабзтобу заъфаронирaнг –
Кӣ медонад
Чӣ анвое зи ашё нафас мегирад
Аз ҳади ӯ бо кадом шеваву оҳанг ?

Рагу пай аст ё шараён,
Ки мегузарад аз тиҷоратгоҳи мадинаҳо –
Аз он пойгоҳе,
Ки миёни рустоҳо

Фарёд мекашад.
Аз он ҷойгоҳе,
Ки нолаи бевазанҳо медамад
Басо анбӯҳ ҷониби ақсоҳо ? ..

Сари фурӯши васвасаи хушнамоӣ:
Ҷаҳонгардон чӣ гуфтаниҳоро аз ӯ
Ба саҳифаи андеша менигоранд –
Паи наззораи марзи чаҳорбурҷаи
бахшандаи раҳоӣ,
Паи наззораи қомати дутои мардум
Рӯи палҳои шолизори каҳрабоӣ ?

Манзурии ҳавасафрӯзи бананҳо –
Дар ҷавори ин нишемангоҳ
Рафтаанд говмешони коҳида ба чаро.
Ба тӯли марзҳои рангбурда аз гиёҳ –
Фарқи кулоҳи гунбадсурати кишоварзон
Ба дида мехӯрад.
Албатта, ин ҷо ҳатто
На Сан-Себастян аст,
На Буффало.

Болои ёлаҳои помолгаштаи ҷавзор
Истодааст ҷуфти зиреҳпӯш –
Ҳамчу салиби ёдгор …
Ёди фурсате адӯвон
Ба сони сояи андӯҳ –
Ба пешгоҳ саф меронданд
Ба сурати анбӯҳ.
Ҳама акнофу атрофро зиндаву зор
Ба оташ мекашонданд.

Ғосибон бо суроғаи хандақзорҳо,
Ки рӯидаанд аз инфиҷорҳо –
Аз хеш ба исбот расондаанд
Мӯҳтавои камию кайфиро …

Пешпои̅ мехӯрам, аздусар,
дар ин арасот –
Ба рӯҳонияти асоратнописанд,
Босалобату ғурурманд.
Вале, зинҳор,
На бо афроди чоплусу бесабот.

Иддае ҳастанд бекифоят,
Ки худро ба фурӯш медиҳанд,
Кишвару тақдирро ҳатто …
Вале ин зумра мардум –
Аз модар ҳамчун қаҳрамон
Омадаанд ба дунё.
Ҳамчу девор истоданд бо сари боло
Барои ҳақиқати замон.

Вуҷудашонро зумраи бекифоят
Мекоҳонанд ба хотири сарват.
Эшон манзараи ризвонро
Дар рӯъёҳо мебинанд…
Вале ин тоифаи бошарофат
наҳаросидаанд,
Размидаанд сари имон
бо ҷасорат –
Барояшон марзу буми мероси̅
азиз аст
Бо кафолати ҳукмномаи
садоқат.

Хотима мегузорад мардум
Ба бенавои̅ дар ниҳоят,
Васвасаи зулматро
аз ҳастияш меронад –
Агар чунин ҳаст, дар ҳақиқат,
Ӯ, аздусар, зинда мемонад –
Чун рӯзгори ҳамин ҷодаи Қисмат.

*Тарҷумаи М. Хоҷаев*

## Владимир КАРИЗНА



*Каризна Владимир Иванович соли 1938 дар деҳаи Закружкаи ноҳияи Минск ба дунё омадааст. Донишгоҳи давлатии Белорусро хатм намудааст. Шоир ва тарҷумон. Узви Иттиҳоди нависандагон. Муаллифи чанд китоби шеър ва маҷмӯаи сурудҳо. Барандаи ҷоизаи давлатӣ ва иттифоқи касабаи Белорус. Дар Минск зиндагӣ мекунад.*

### БЕША

Бо ҷавониҳои ман бигзашт ҷанг …
Аз ту, беша, аз ҳаётам бештар
Қарздорам ман ба умри кӯтаҳам.
Баҳри рӯзи дард…
Баҳри он танҳо, ки дар айёми ҷанг,
Рӯзҳои пур зи осеб аз набард:
Чун ҷигарбанди азизат ҷони ман
Меҳрубон сарву санавбарҳои ту –
Ҳифз бинмуданд фарзанди аду,
Зинда мононданд фарзанди ватан.

Нахлҳои навбарат ҳамчун ситора
Дар масири роҳи мо вобаста буданд.
Ҳамчу ман садҳо ҳазорон ҷону танро
Дар паноҳи барги худ вораста буданд.
Гар ҷавониҳои ман бигзашт вақте
Бо дами сард,
Бо хурӯҷи гушнагиҳои пур аз дард.
Лек, оё бешаам, ҷононаи ман,
Ту, гунаҳгорӣ дар ин вайронаҳои хонаи ман!
Дар заминканҳо сабақ омӯхтем аз дӯстӣ,
Дар заминкан иттиҳод оростем аз ростӣ.

Лек, оё бешаи ман, бешаи ҷононаи ман!
Ту гунаҳгорӣ, ки гургон ҷони манро
қасд карданд,
Селаи гурги гурусна, селаи ҳайвони дайду…
Ту гунаҳгорӣ ва ё сарву санавбарҳои ту!

Ёд дорам:
Нам-нами борон ба гӯши мо ҳамегуфт
Қиссаи пурдарду пурғам.
Хотирам банди фазоҳо,
Рӯйи дасти модарам бурдаст хоб …
Чун шудам бедор: дасту рӯй тар,
Аз нами борон саропо мӯй тар …
Модарам бо шӯри даҳшат
Бурд аз хобам бадар:
Гургҳо!
Ин қадар бисёр инҳо аз куҷо …
Гӯш гаштам,
Мӯҳри хомӯшӣ ба лаб.
Ростӣ, уллоси гург,
Ҳамчу оташ дар канори тори шаб.
Лек, моро, бин, заминкан –
Аз хасу хошоки партов.
Ҷой дар он ҷо бубинӣ:
Латтаи шип-шилта дар ов.
– Лаънати дунё
Шуморо! –
Бо ғазаб мегуфт модар, –
Ин фашистони лаин буданд кам,
То шумо дунболашон
Зам намоед аз дигар дунёи ғам.
Эй, шумо чашмони ваҳшӣ,
Эй, шумо дандони ваҳшӣ! –

Модарам гӯгирд меҷуст,
Ҳар куҷо меҷуст, ҳайҳот,
Ку, куҷо ӯро сару гӯш,
Ку, ҳама дар ёд хомӯш.

Гиряву зорӣ чӣ орад,
Дӯғ ҳам суде надорад.

– Эй, Худо, – мегуфт ӯ, – ҳушам бидеҳ,
гӯшам бидеҳ,
Ҷони мо дар чанги ҳайвонҳо манеҳ.
Мехӯранд онҳо якояк бе ибо,
Модари як чору ду даҳсоларо. –
Модарам, оре чунин буд,
Гӯиё, ӯ зиндагӣ нодида буд.
Мӯйи фаттони ҷавонӣ бар сараш,
Кӯдаки беақлу шӯхе дар бараш,
Рӯчароғи орзу дар миҷмараш …
Шуд, ана, оташ шитобон даргирифт,
Ҳамчу умеди раҳоӣ аз хатар,-
– Аз чӣ гургонро на парвое, на бим,
Нест онҳоро на як гарде ҳазар…
Борут андозад ба гулхан модарам,
То қад афрозад, барафрӯзад ваҳим.
Эй, чӣ хуш, акнун бубин –
Села кам-кам пас бирафт.
Гӯшҳо сиху тану ҷон пурхатар,
Калла пур з-андешаи фатҳу зафар,
Рӯ нагардонанд аз чизе дигар.
Мезананд уллосу аррос,
Мезананд андар чапу рост.
Мешавад борут кам,
Селаи девона пурғам …
Ман, вале дар изтиробам,
Дар ҳиҷолат беҳисобам.
Офтоб акнун, ки шояд
Сӯбҳидам бе мо барояд.
Ҳамзамон ман гиря кардам,
Ҳамзамон ман дод гуфтам:
Эй, падар, ту дар кучоӣ ?
Зуд о, ёрӣ расон!
Мераҳон моро, падарҷон!

Шуд садоҳои тӯфанг ин дам баланд,
Бешаро ларзонд гӯйӣ сар ба сар,
Нест аз гургон нишоне ҳам дигар.

Гӯӣ он ҷумла маро дар хоб буд,
Хоби нором, дар рӯи саҳар …
Офтоби сурх ҷое медамид,
Аз миёни абру дуди даргузар…
Бешаро эзорсурхак ҳар куҷо
Аз фишори хоб мебахшад раҳо.
Мезанад ӯ нӯл бар девору дар,
Бар тани захмини сарву
ҳам санавбар.
Гуиё парво надорад,
Кор дар дунё надорад …
Як касе аз ҷош ҷунбид,
– Боз чист оҳанги вақт,
Манзари ӯро кӣ дид?

Хоб аз чашмон парида,
Ҷумлатан хомӯш, беҳуш,
Тарс дар ҷонҳо дамида.
Рафт, инак, лаҳзае чанд,
Дасту по аз тарс ларзон:
Латтакӯҳна мешавад боз
Аз дари беқуфл алъон,
Механонад сар падарҷон!
Хаставу мадҳуш гӯяд:
Ман шудам маҷрӯҳ гарчи,
Душманонро қир кардем,
Қир то охир бикардем …

– Эй, падарҷонам, падарҷон,
Гургҳоро ту бирондӣ,
Душманонро ҳам намондӣ.
Хуб шуд, ки зинда мондӣ,
Назди мой чун кафолат,
Омадӣ соқу саломат …

## ШИШАПОРА

Баъди ҷанги хонумонсӯз,
(Ним аср аз ин муқаддам!)
Ҳамраҳи модар зи беша
Бо ароба мегузаштем …
Ғипс – ғипс аз гашти чархаш
Мужда аз фатҳу зафар буд,
Аз ҳаёти бехатар буд …
Тафси гармо буд сӯзон,
Ҳар нафас буд ашк резон.
Сӯхта гарчанд деҳа,
Деҳаи бар хок яксон –
Мекашид ӯ ҷони моро
Сӯи худ ҳарчи шитобон.

Мо равон будем, ногоҳ
Барқ зад дар рег гӯйӣ.
Шишаи дасти мани зор
Ҳамчу гавҳар, ҳай чӣ бисёр.
Аҳ, ана акнун худо дод,
Зиндагӣ мегардад обод.
Ранги рӯям шуд дигаргун,
Аз чунин ҳоле, ки дидам.
Шуд дигаргун рӯзгорам,
Бӯйи хушбахтӣ шамидам,
Шуд баҳор, олам гулистон.

Дӯстон афзун хабаргир,
Ин ҳадиси кас надида:
Гӯшаи сабзи фалакҳо,
Бар замин гӯё чакида!

Дӯстон диданд афзун,
Ҷуз падар, ки бенасиб буд …
Рӯзи сабзи осмонӣ,
Офтоби халқи хушнуд.

## ФЕДЯ

Бо ҷавониҳои ман бигзашт ҷанг …
Деҳаам табдил шуд бар хоки раҳ.
Нозанинон шавҳаронро интизор,
Рӯзи фатҳи мо биёбад бас фараҳ.
Рафт, инак, хушхабар бо бодҳо:
Федя аз ҷанги ҷаҳон омад, бале,
Лек бе по …

Мо, ҳамоно баччаҳои шӯхи деҳ,
Диданӣ рафтем ӯро бо ҳавас.
Ӯ, вале бар мо нигоҳе ҳам накард –
Бӯсаҳо беист мезад дилбараш
Гушнае, ки рӯ натобад аз ғизо
Буд мушкил аз санам дил канданаш.

Буд яқин моро, ки дорад дӯст ӯ
Дилбарашро бениҳоят, лек, лек
Як даме моро нигаҳ мекард ҳам …
– Эҳ, ҷавонӣ, рӯ диҳад ин ҳол кам,
Шукр, соқ омад сару дастони ман, –
Ин бигуфту сар ба таъзим оварид,
Гиря карду лаҳзае худро надид.
Чун замин дар хеш ларзид,
Ҳар яки моро зи ҷон бӯсид, бӯсид.
Силаҳо бинамуд рӯмон,
Гӯиё мо гурба бошем …

Баъд – ёдам нест, чун шуд,
Гӯиё хобу хаёле буд, рафт.
Ҳаст ёдам, ҳаст:
Базм сурат ёфт бо савту суруд.
То шавад кам ашк,
Ашки беҳудуд.

Пиру барно сахт хушнуд,
Федя омад, Федя маҳмуд.

Ҳай фузун кас пас наоянд,
Кӣ бидонад дар кучҷоянд.
Оҳи вазнин мекашад ӯ,
Бар фазоҳо бингарад ӯ.
Даст бар гармон давонад,
Ашки чашмонро равонад.

Он чунон савте, чунон соз,
Пойҳо худ дар таку тоз…
Маст аз созу наво, бин,
Ғел зад дар хоки симин.
Ҳамчу аз абри баҳорон,
Барқсон рахшид чашмон.
Федя масти савту соз аст,
Федя ғарқи нозу роз аст.

Соз гӯйӣ нур овард,
Гум ғаму андӯҳро кард.
(Ту, ана, хонандаи ҷон,
Дидаӣ оё ҳамин сон ?
Дар тамоми умри бо бахш,
Не агар, узри маро бахш …)

Дар арақ тар, шипа-шилта,
Кӯҳ гӯйӣ чаппа карданд.
Лек савту соз хоҳанд,
Нағма бо овоз хоҳанд.

– Як суруди дигарашро,
– Ҳа, кадомаш ?
– Дар сифоти аскарашро.
Савту сози хуш садо дод,
Ҷон зи банди ғам раҳо дод.
Сеҳру ҷоду гашта, гӯйӣ,
Як замон беҳол будам,
Бас карахту лол будам.

Ин дами андӯҳу шодӣ,
Шавқи афсуни табиат,
Аз ғаму навҳа ба нағма,
Сайри эҳдоҳо нишонҳо,
Базми марги ҷанги дунё,
Гармии меҳру муҳаббат,
Сеҳрӣ дасти мутрибона,
Хандаву гиря, тарона,
Аз даҳои ӯ нишона…
Ҷой шуд дар хилқати ман –
Фитрати тифли замона.
Ҷовидонӣ банда гаштам ман дигар
Савту сози мутриби ҷодуҳунар.

## КИШТИЧАИ САФЕД

Ҳар гаҳ, ки дар дашту даман
Ҷӯ тоз-тозӣ мекунад.
Тифлии ман ояд ба ёд –
Киштича бозӣ мекунад.

Ояд ба ёд арвоҳу хоб …
Бар сар кулаҳҳои сутург,
Мову ҳама он хокбоз
Дар кӯчаи Руси бузург!

Киштичаи уммеди мо
Моро ба фардо мебарад.
Аз кӯҳу аз саҳрову дашт
Бе тарсу хавф ӯ бигзарад.

Ҳар гаҳ, ки ҷӯйи пур зи об
Бинам ба паҳно нағмазан,
Ояд ба ёдам наврасӣ,
Киштичаи испеди ман.

* * *

Дидаам осор чандон дар ҷаҳон,
3-он яке бошад садои бешазор.
Бишнавам гӯйӣ садои пойҳо,
Пойҳои аскарони бешумор.
Дар замини сарду беҷон,
Байни таркиш
          рӯзу бегоҳу шабон…
Бишканад хатти қатора
Бешазори ҷонфишонӣ,
Бешазори қаҳрамонӣ.

Ҳон, садои бешазорон –
Шаб ҳама шаб
Ғувваси афзуни тӯп
Дар фазои сайри лаклакҳои бехоб,
Бе нишони ошён.

Ҳон, садои бешазорон –
Нон ҳамехоҳем мо, нон …
Мемурем аз гушнагӣ, ҳон …
Мезанад бар рӯй борон,
Ҳамчунон хори мағелон …

Ҳон, садои бешазорон,
Гӯиё дидам заминкан …
Волидамро – бори охир.
Мешавад наздик овози аду
                    аз чорсӯ,
Мешавад наздиктар
Амри модар –
Мераҳонад тифлакон.
Дидаам осор чандон дар ҷаҳон,
3-он яке –
Шавшуви рози бешазорон…

## СУРАТИ КӮҲНА

Як ҳафта зи ҷанг рафтаву мо
Хокистари сард хона дорем.
Монанди гули нахусти баҳман …
Аммо зи падар хабар надорем …

Бар сар на кулаҳ, на пойпӯше,
Бар пои ду кас, ки як калӯше.
Хуршед, вале чӣ медурахшад!
Гармиву ҳарорате бубахшад …

## МУСАММАН

Ҳар кучҷое бингарӣ, дар ҳар кучҷо –
Реша бошад, зиндагӣ дорад бақо,
Андар он ҷо ҳам уқобон пар зананд.

Ҳар кучҷое бингарӣ, дар ҳар кучҷо –
Душмани ҳушёр ҳушёрӣ кунад:
Баҳри реша сахт бедорӣ кунад.

Ҳар кучҷое бингарӣ, дар ҳар кучҷо –
Реша бошад, зиндагӣ дорад сафо,
Мекашад он ҷо нафас ҳастии мо!

*Тарҷумаи Одина Мирак*

**Алес ЖИГУНОВ**



*Жигунов Алес (Александр Михайлович) дар деҳаи Троитсаи ноҳияи Шкловскии вилояти Могилёв таваллуд шудааст. Факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Белорусро хатм намудааст. Муаллифи чанд китоби ашъор. Узви Иттиҳоди нависандагони Белорус. Дар рӯзномаи «Навиди Гулбчини» кор мекунад. Барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Владимир Корочкевич. Дар деҳаи Глубокои вилояти Витебск зиндагӣ дорад.*

## КОНСТАНТИНОВО

**1**

Аз ишқи маҷнунона эҳдо ба олам
созанд модарҳои мо шоиронро…
Дар Константиново гулбод сайрад.
Дасти ту аз эҳсосот ин гуна ларзон!
Ту мондаастӣ бе ман дар соҳили чап,
ман мондаастам бе ту дар соҳили рост,
Байниману ту пӯё дарёи Ока
ин гуна ботамкину оромҷараён.

Шояд миёни ҷумла дилдодагонат
ман аввалин не, оре, ман аввалин не,
Бар содагиям бахшо, аммо ба роҳат
кай баҳру барро ҳамчун ҳоил пазирам.
Шеъри ману меҳри ман ошӯбу исён
ҳар дам олайҳи ҳиҷрон барпо намояд,
Ҳатто бишӯрад рӯҳи Есенин, эй ҷон,
к-ин дам ба ҷазби сеҳри ӯ ман асирам.

Қурбони ишқат созам ҷону диламро,
рӯҳу равону дида, ҳар чӣ, ки дорам,
Қурбони умрат созам бе ҳеҷ тардид
ин умри пур аз дарду пур аз хаторо.
Сатле пур аз гелоси ҳамфоми оташ,
бингар, зане бигрифта, сӯест роҳӣ,
Рӯмолак афшонадмон, гӯӣ дуруде
хуш мефиристад аз дур ӯ васли моро.

Дар рӯй-рӯи мавҷи дарёи Ока
моҳихӯрак ҳузногин овоз дардод,
Шуд хаста овози ӯ… оҳиста гардид
андар сиёҳиҳои шаб нопадидор.
Кайҳо шино карду рафт он завраки сабз
аз бандари завракҳо сӯи уфуқҳо,
З-ин рӯ ба огӯшат гар андак батаъхир
оям, маро, ҷонона, манмо гунаҳгор…

**2**

Дорад шино оҳиста сӯи уфуқҳо
дар мавҷи сабзи Ока он завраки сабз…
То субҳи рӯзи дигар, бал то қиёмат
бо бандари завракҳо падруд хонам.
Равшан, гуворо сода ҳиссе диламро
гирад фарову рӯҳам роҳат биёбад,
Он қадр ҳам инсони бад нестам ман-
баҳри тасаллӣ ин сон андеша ронам.

Зан низ, к-озору ҷабр аз бахт бинад,
шабҳои танҳоиро хоҳад сипардан,
Хоҳад зи нав оғозад ӯ зиндагиро
он ҷо, ки ҳезум сӯзад андар бухорӣ,
Он ҷо, ки лабҳо гунгу хомӯш, лекин
дилдодагонро дилҳо гӯёи гӯёст.

Ӯ хоҳаду ман хоҳам баргашта оям
    бар бандари худ, к-он ҷо поизи зард аст,
Он ҷо, ки одам рӯзу рӯзияш алъон
    бо содагию покӣ хуш бигзаронад.
Ҳам ду дили фирӯзу масруру шайдо
    резанд ашки шодӣ, не ашки ҳасрат,
Ҳам Константиново минбаъд моро
    бар ҳеҷ ҷои дигар рафтан намемонад.

Аз ишқи маҷнунона эҳдо ба олам
    созанд модарҳои мо шоиронро…
Дар Константиново гулбод сайрад.
    Дасти ту аз эҳсосот ин гуна ларзон!
Оромбахш ин гуна анвори моҳу
    оромбахш ин гуна оғӯши нармат,
Оромбахш ин гуна дарёи Ока,
    к-ором дорад обаш як умр ҷарён!..

* * *

Сӯзад чароғи сабзу ларзон
Гулҳои довудӣ ба гулдон…
Аз чӣ сухан гӯям, надонам?
Эҳсоси ман мурдаст яксон…

Барвақт дил бигирифт аз май
Хомӯш шуд шамъи фурӯзон.
Пайҳам ба равзан дида дӯзам,
Шояд касе ояд ба айвон?

Мошинаҳоро мебарад раҳ
Сӯе зи марзи тирасомон.
Танҳо дили ман дард дорад,
Онро надонам чист дармон…

* * *

Дар хоби ман дарой, модарҷон,
Бо ту ба гуфтугӯ бипардозам.
Бинмо ишора, бегумон сӯят
Бар нестиҷаҳон бипарвозам.

Рӯи замин барои ман ҷо нест,
Ҳам ҷои рафтане ба бегоҳон.
Борону тира роҳу пайраҳҳо,
Дорад шамол сайр дар долон.

Ман бастаи гузашта мондастам,
Танҳо куҷо равам дар ин дунё.
Бо меҳр сӯи ман «Писарҷон…» гӯй, –
Нашнидаам ман ин сухан кайҳо.

* * *

Худоро бовар овардам, валекин беҳ нашуд ҳолам,
Нишинам дар алафзоре… Биандешам зи омолам.
Ба ҷуз ин бистаре лоиқ насиб аз бахт бар ман нест,
Шаби поиз агарчӣ сарду пайдо субҳи равшан нест.

Бародар баҳри ҳам будан гунаҳ бошад магар имрӯз?
Барои ин касу он кас дили ман ғуссавар имрӯз…
Зи садҳо дӯсти некифаромӯшу бадипарвар
Маро сад бор як нодӯсти дилфаҳм авлотар.

Чӣ меарзад ҳаёт ин гунаву мо худ чӣ меарзем,
Ки натвонем инсонгуна меҳру дӯстӣ варзем?!
Ки натвонем гуфтан: «Партгоҳ ин ҷост…» хуш медор!
Ки битвонем хандидан ба дарди дӯст душманвор…

*Тарҷумаи Салими Зарафшонфар*

## Павел ВОРОБЕВ



*Павел Викторович Воробев соли 1958 дар деҳаи Рабовичи ноҳияи Славогороди вилояти Могилёв таваллуд ёфта, Донишгоҳи давлатии Белорус, мактаби олии ҳизбии Минск ва омӯзишгоҳи кишоварзии Смиловичро хатм кардааст. Ӯ узви Иттиҳоди нависандагони Белорус аст. Китобҳои зиёдеро ба табъ расонда, барандаи Ҷоизаи ба номи М.Багданович мебошад. Алҳол ӯ директори шабакаи родиёии «Столица» буда, дар шаҳри Минск зиндагӣ дорад.*

### ҲАМЕХОҲАМ…

Ману гардун ту гӯӣ ваҳм кардем,
Чу бедон хам шуданд аз бод ҳар дам.
Набудам дар Ватан ман муддате чанд,
Ҳамехоҳам, ки бар худ боз гардам.

Накардам ҷамъ асло молу сарват,
Набишниданд додамро азизон.
Мане, ки муддате гумгашта будам,
Набинмудам Худо аз чашм пинҳон.

Маро шайтон басеҳо гирд гардонд,
Миёни пуртуман, пайроҳаи сард.
Чунинам ҳолбинон фол диданд:
– Ҷавонмардо, надорӣ умри як гард!

Намудам ман ба инсон ғамгусорӣ,
Миёни чорсӯи некию бад.
Миёни гирумони зиндагонӣ
Ҳамеша тобу тоқатро будӣ ҳад.

Аз он ҷое, ки изи кӯҳна гум шуд,
Ҳамехоҳам, ки роҳамро биёбам.
Биёбам аз дигар сарриштаи роҳ,
Ба ин пайроҳа аз нав то шитобам.

Хиёнат буд ё андӯҳи кӯчак,
Насозам ёди он айёми бенур.
Диёри ҷони ман пеши ту оям,
Нахоҳам рафт аз ту як қадам дур.

## БА ХОТИРАИ АЛЕС ПИСМЕНКОВ

Навозишдидае аз лутфи устодон,
Ту гаштӣ бармаҳал дар он фазо ворид.
Шудӣ дар гардани айёму ҳам аъён,
Мисоли шаддаи марҷону марворид.

Ҳама буданд банди подабониҳо,
Калисоро мубаддал карда бар оғил.
Зи ваҳми он ки гум созӣ бузургонро,
Ту худ гумгашта гардидӣ, ду по дар гил.

Чу дар афсонаҳо гардида бас мақбул,
Шудӣ афсус ҳамоғӯш бо ҳасрат.
Ту тарсидӣ, ки худро бишнавӣ боре,
Ки гардидӣ аз ин аъмол дар ҳайрат.

Чу хидматдидаи аъёни дарборӣ
Ба даргоҳи падар з-он пас қадам мондӣ.
Ту дар Меҳан накардӣ зистанро дарк,
Худатро мисли шохи нок афшондӣ.

Ту будӣ чун дарахти решабубрида,
Надонистӣ бигирӣ қувват аз реша.
Гирифтори баҳору боғу рӯдакҳо,
Надонистӣ чи сон созӣ ту андеша.

Ҷудо аз Бесяди бар ҷон азизи худ,
Надонӣ дур будан з-ин раҳу гулзор.
Салиби савтҳои нек дар фарқат,
Ту ҳастӣ бо хамӯшиҳот хушгуфтор.

* * *

Мефитам рӯ ба хоки поки замин,
Бишнавам то ки як нафас нафасаш.
Резаборон садо кунад бо барг,
Тирагиро бадар кунад ҳавасаш.

Парварам хоби субҳгоҳи замин,
То кунам ҳифз роҳати тифлон.
Андар ин лаҳза байни кулбаи танг,
Ҷо намоям тамоми марзи ҷаҳон.

* * *

Нестам дигар зи дунёи Шумо,
Иштибоҳан омадам ҳатто ба маъвои Шумо.
Медавам ҳарчанд мисли сояҳо,
Нест сӯи ман таманнои Шумо.

Дар тамоми реҷа ё худ «режа»-ҳо,
Ман набудам ҳеҷ дар қайди сутӯҳ.
Бастаам гарчанд аспе ноаён,
Бо басеҳо тасмаҳо дар роҳи кӯҳ.

Наъл не, ҷон дар қафас дил мезанад,
Бод гӯё пайкарамро мегазад.
Мо ба парвозем бо маҷрои рост,
Ҳамраҳи ман бод бардам мевазад.

Гардани ман нест дар қайди лагом,
Не барои шавқу тарси хунбаҳо.
Мекашанд аз қаъри ҷону дил нафас,
Аспҳо овехта дар тасмаҳо.

* * *

Надидам ман мадад ҳар гоҳу ногаҳ,
Накардам маслиҳат дар ҳеҷ зина.
Ба ҳар коре, ки ҳамраҳ гашта будам,
Фитодам гӯиё болои мина.

Будам ҳайратзада меҳнатрасида,
Басеҳо фикр кардам ман, бародар.
Мадад кардам ҳамеша, ман чӣ донам,
Набудам з-ин мададҳо ҳеҷ бовар.

Надонистам, ки он буд раҳм ё ҷаҳл,
Будам як одаме, чун шохаи хом.
Ҳар он чӣ дида будам аз бародар,
Ҳамон рӯ бо мададҷӯӣ кашидам.

## БИДУНИ МУҚАДДАСОТ

Сайр дорад дар Ватан сайёди номаълум,
Субҳидам тақдисро дар ҷустуҷӯ кайҳост.
Хонаи оромро натвонад ӯ дарёфт,
Ҳар муқаддасгоҳ маскангоҳи нобиност.

Буд нобино замоне одами бинои раҳпаймо,
Рӯзи равшанро валекин байни мардум ӯ намедид.
Қалби равшанро чу раҳгум ӯ намедид,
Бетафовут буд дар тақдири инсонҳо.

Сӯяшон мехост партояд басе мағзобаҳо,
Мисли партоби сари роҳ аз хурӯҷи бод.
Паҳн ононро ҳамекард ӯ ба рӯи даҳри нообод,
Ӯ чунон реши варам рӯид дар сайёраи ношод.

Бодбоносо зи боди бад мудаввар шуд,
Бодбони эътирозаш пуч раҳбар шуд.

Зиндагӣ мекард ӯ мисли саги занҷирканда,
Бехудо, монанди рӯҳи дев ганда.

Рангҳо беранг, мурғон беш мурда,
Ин биёбон буд бе ҳадду хароб.
Дар алови ин биёбони фаромушгоҳи яздон,
Рӯдҳо хушкидаву ҳам кӯлҳо гардида беоб.

Ҷумла мардум гашт душман дар биёбони хатар,
Теғу ханҷарҳо фаромуш карда буданд
аз ниёми ин асар.
Зиндагиву марг душман гашта буданд,
Решаҳо бе почаву тан гашта буданд.

Шири хунполо вале дар санг ҷорӣ буд,
Ақлро беақлие дар чашм ҷорӣ буд,
Рӯзи бадро интизорӣ буд.
Ҷабри ҳайвонсиратон, ки сайри олам дошт,
Тарсу ваҳм амвоҷи мотам дошт.
Дастрас гардид ишқи пок бар ҳар як касу нокас,
Ҳарчи хидматгор буд гардид ӯ ҳамсанги дунёрас.
Олами мо монд зери тӯрҳои анкабутон,
Бе бузургон нокасон гаштанд шоҳони ҷаҳон,
Ҳарчи дар дунё будӣ рангу намуд,
Гашт пургил дар вуҷуд.
Ногаҳонӣ пешпоӣ хӯрд нобино
ба рӯи санги хилват дар шабон,
Кӯртар гаштанд чашмони сиёҳаш аз сиёҳии замон.
Боз он сайёҳи номаълум
Мекунад ин тӯдаро маҳкум.
Боз ӯ тақдис меҷӯяд – шабеҳи зиндагонӣ,
Мефитад бо ҷону тан гирён
ба рӯи қабрҳои инҷаҳонӣ.
– То куҷо бурдӣ Ватан, тақдисро, баҳри савоб?
Бар суол аз мурдагон ҳаргиз намеёбад ҷавоб.

* * *

Магӯедам сухан асло асалвор,
Ки медонам чӣ қиммат ҳаст дар он.
Ба рағми фитнаву ҳарфи дурӯғо
Набитвонӣ сипар кардан аз онон.

Суханҳои ту холиянд чун бод,
Суханҳо аз дили хушкида гӯӣ.
Чи сон эҳсос созӣ зиндагиро,
Чӣ сон умри абад ҳар рӯз хоҳӣ.

Ҳамехоҳӣ, ки болотар барой,
Ҳамехоҳӣ будан зебо чу пӯпак –
Ватанро бар туе набвад зарурат,
Шабеҳӣ дар Ватан гӯё ба пуфак.

* * *

Гургҳоро аз барои рост дидан дӯст дорам,
Рӯ ба рӯи сайд нотарсида рафтан дӯст дорам.
Рӯҳи онон ҳаст озод,
Месазад бар одамӣ ин рӯҳи обод.

Гургҳоро дӯст дорам,
Аз барои ризқ ҳаргиз рӯ нагардонанд аз гургӣ,
Ин рисолат ҳаст дар онон фаровон,
Гоҳ дар мо нест ин ҳусни сутургӣ.

Гургҳоро дӯст дорам: ҳеҷ гаҳ аз пешвои худ
Мунтазири тиккаи бомазза набванд.
Дасти ҳоким медиҳад бар мо ғизо,
Мекунад моро ба нафсу хислати гирандагӣ побанд.

Дар сари посаш ҳақиқат хуфта, аммо вақт метозад,
Одами бар вартаи ҷар гӯӣ меҷӯяд паноҳ.
Гург агар, ки мекушад, пас мекушад аз шӯру шавқ,
Аз барои гушнапуштӣ ҳеҷ вақту ҳеҷ гоҳ!

* * *

Дар хонаякам захира дорам,
Аз нони сиёҳу оби ҷавдор.
Роҳат бубарам даруни каҳдон,
3-он ҷо, ки шумо намудаед ор.

Ояд зи шумо чу водии сабз
Бӯи Амстердому гулзор.
Ман модари зинда дорам, охир,
Танҳо нагузорамаш дигар бор.

Ӯ арҷгузориҳо намояд,
Ҳар дам ба ҳаёти босаранҷом.
Будаш Ватани азиз ин ҷо,
Бар ӯ ҷӣ зарур Амстердом.

Мутриб ту бизан навои шодӣ,
Эй умр, биҷӯ сафои тақдис.
Манро Ватанам азизтар ҳаст,
Ҳоло ту чубуқ бичок, Порис.

Гар духтари малламӯи Порис
Аз нону кувос мекунад ор.
Ҳам Порису ҳам шумо бароям,
Пеш аз ҳама нестед даркор.

*Тарҷумаи Сафармуҳаммад Айюбӣ*



**Анатолий ШУШКО**

*Шушко Анатолий Иванович. Дар деҳаи Стошании ноҳияи Пинск соли 1954 таваллуд ёфта-аст. Таҳсилкардаи Донишгоҳи давлатии Ҷумҳурии Белорусия. Аъзои Иттифоқи нависандагони Белорусия. Муаллифи чандин маҷмӯъаи шеър, ашъораш мунтазам дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба табъ мерасад. Дар Пинск ба кору эҷод шуғл дорад.*

## МАН ТАШНАИ ҲАРФАШ…

Навҳа бигзору дод зан, ай дил,
Ишқро чунки нолаҳо танг аст.
Он гузашта гузашту афсӯсаш
Чун садоҳои гунг дар санг аст.

Дод зан, дод, ҳарфи додатро
Бонги гармаш ҳанӯз дармон аст.
Ҳарфи дигар ҳама риёву рашк,
Лек дар он ҳаловати ҷон аст.

Ту дигар рӯи худ ба ман бинмой,
То ғуломат туро бубинад боз.
Бешумор аст ҳарфи заҳромез,
Ту ба рағмаш фиғону дод андоз.

Ай дил, охир гуноҳи ту ин аст!
Ту чаро тан ба ғуссаҳо додӣ?!
Боз душман ҳазор тӯҳматро
Бар сари ту бирезад аз шодӣ.

Навҳа бигзор! Агарчи мӯъҷиз аст.
Дод зан, то ки он набифшорад.
Ҳамчу наргис нигаҳ ба олам кун,
Нури ҳусн аз ду чашми ту борад.

* * *

Оҳанги шиноси хонаи ман
Наҷвои зан асту сози занбӯр.
Оҳ, ин чи навои дилнишине
К-он роҳати ҷон, ҳаловату зӯр.

Ман ташнаи ҳарфашу садояш
Маҷнуни шитоби боғи себаш.
Ҳар гаҳ, ки шавам аз он даме дур
Дил об кунам ба доғи себаш.

*Тарҷумаи Юсуфҷон Аҳмадзода*



## Олег САЛТУК

*Салтук Олег Владимирович соли 1946 дар деҳаи Риженкои ноҳияи Шумилини вилояти Витебск таваллуд шудааст. Донишкадаи омӯзгории Могилевскро хатм кардааст. Узви Иттифоқи нависандагон. Муаллифи чанд китоби ашъор мебошад.*

### ГУНБАДҲОИ ПОКРОВКА

Чӣ гунбадҳои заррине,
Аё Покровкаи аҚдас!
Саре то осмон боло
Ба гирдаш роҳу барзанҳо.

Зиёрат меравад гӯё
Ба сӯяш қасру айвонҳо.
Зи ҳар ҷониб шитобонанд
Ҳама: нодору ҳам доро.

Равон бо ихтиёри дил
Гунаҳгорон, худоҷӯён.
Ба сӯи ғайб бикшояд
Ҳиҷоб аз рӯи худ инсон.

Хиҷил истодаву маҳзун
Намоям тавбаю зорӣ.
Ало, эй гунбади аъло,
К-аз он боло назар дорӣ…

## ЗАНИ ТАНҲО

Бигзашт умрам бо азоб,
Бо ранҷҳои беҳисоб.
Варна магар бошад сапед
Мӯи сияҳ вақти шубоб?
Дар ҷанги афғон гар писар
Ҷоми шаҳодат нӯш кард.
Дар Чернобил ҳамсараш –
Ду гӯр монд
З-он ду набард.
Аз интизорӣ хаста шуд
В-аз ваъдаҳои бешумор.
Аз раҳбарон ёрӣ надид,
Чун одати ин рӯзгор.
Бояст тобу тоқате
Берун зи имкон доштан.
То бар ҳама тоб оварад
То дил биҷунбад дар бадан…

## ЗОДРӮЗ

Шабони тирагун то домани фардо,
Миёни ҷангалу саҳро,
Ҳамоно ёди ман ҷорист
Чун нам дар реги соҳилҳо.

Ҷило бахшидаву ногоҳ
Шавад аз дидаам пинҳон…
Фаро чун мерасад пойиз
Нигар бар селаи мурғон.

Худоро, сабр, лаклакҳо,
Маро чун рӯзи мавлуд аст.
Маро бо худ набигзоред,
Ки худро медиҳам аз даст.

Шумо – рӯ бар фазои нав,
Ман – ин ҷо дер хоҳам буд…
Ба ногаҳ кӯдакии ман
Ба саҳни хона пайдо шуд.

## БАРОИ ҲАМСОЯ

Гузаштӣ ноаён айёми тобистон,
Шавад пур хоби ман аз ҳасрати мизон.
Ишорат мекунад бар мӯи испедам
Ба шӯхӣ духтари ҳамсоям хандон.

Чӣ битвон кард, охир, дилбари ҳамдил,
Ҷавонӣ рафту ӯро нест такроре.
Биё, аз орзуҳое ба ёд орем,
Ки дар айёми пешин монда буд боре.

Миёни мову ту сад рози ногуфта-ст,
Туро роҳе, маро роҳе фазо якчанд.
Суханҳое, ки мепиндоштемаш ҳеҷ,
Барои мо кунун зеботарин ҳарфанд.

Биё аз деру дури хеш ёд орем,
Ки бе он ёдҳо ҳеҷем, медонӣ?
Паси тиреза мо истодаем ором,
Дар он сӯ бигзарад умри зимистоне.

## СУОЛ

Зи гунбадҳои зарандудаи Псков,
Ба оҳанги хуши зангулаҳо худро –
Гурезонам зи шаҳри сахт пурғавғо
Ба сӯи он уфуқи дури давронҳо.

Равон сӯе, нигар, дарёчаи Ёменро
Канори дашт тафси шаб шавад боло.
Дилу нарму ҷавонам метапад пуршӯр,
Кунам ҳис рӯҳро, к-аз нав шавад эҳё.

Бубинам: зумрае бо шӯру бо пархош
Ҳама доранд даъвои ҷавонмардӣ.
Бигӯ, эй Рус, чаро пас аз хиёнатҳо
Канорат шуд тиҳӣ, бо гунаи зардӣ?

Бубинам кулбаҳои зору фарсуда,
Чи раҳмовар, чи ноҷӯранд.
Кучо шуд ҳашмати кохи Пачанкино,
Ба пеши қасрҳои чанд.

Чу дар қӯрғони Савкин чуста пайт иблис
Намояд даъвати зангӯларо хомӯш.
Бародарҳои славян, аз чи таслимед,
Чаро бар золимон бикшодаед оғӯш?

Бубинам ин ҳама: ҷонам ба дард ояд,
Ҳамин ҳол аст ҳар ҷое, қадам монӣ.
Фазои даштро пур карда сели зоғ,
Набинӣ осмонҳоро ба осонӣ…

*Тарҷумаи Парда Ҳабиб*



## Михаил ПОЗДНЯКОВ

*Соли таваллудаш 1951 асту зодгоҳаш деҳаи Забродеи ноҳияи Биковскии вилояти Могилёв. Таҳсилкардаи Донишгоҳи давлатии Белорусия мебошад. Ихтисосманди бахши назму наср, соҳоти тарҷумаву забоншиносӣ ва нақди адабӣ аст. Муаллифи як силсила китоб ҳисоб меёбад. Вазифаи котибии Анҷумани нависандагони Белорусияро ба ӯҳда дорад. Масъулияти сарварии бахши Иттиҳоди нависандаҳои Белорусия дар Минск низ ба зиммаи ӯ ҳаст. Дар маҷаллаи «Неман» ба ҳайси муовини сармуҳаррир кор мекунад. Барандаи як силсила ҷоизаҳои адабӣ мебошад. Зиндагиаш дар Минск мегузарад.*

## МОДАРО

### I

Ба шарофати ту ҳаст модаро! –
Пурмеҳртарин басирати фурӯзон,
Пуртобтарин навозиши дастон,
Пурлатофату зарифтарин дили инсон,
Пуртароваттарин таронаи оламиён,
Рӯшантарин хушиҳои замон,
Пурфурӯғтарин дурӯғи виҷдон…

Тӯлонитарин хастагиҳои ҷон,
Дилхароштарин ғуссаи рӯзгорон,
Талхтарин сиришки мижгон …
Сиёҳтарин лаҳазот бе будани туст!

## II

Рӯъёҳои аз ҳар ҷиҳат бофароғат,
Кайфияти аз ҳар ҷиҳат ботароват,
Ғуссамандии аз ҳар ҷиҳат босафоват,
Ёдкардҳои аз ҳар ҷиҳат бофасоҳат …
Дар канори ту ҳастанд, модаро!

Рӯъёҳои аз ҳар ҷиҳат пуркароҳат,
Димоғи аз ҳар ҷиҳат берафоҳат,
Ғуссаҳои аз ҳар ҷиҳат бесароҳат,
Ёдкардҳои аз ҳар ҷиҳат бесалосат …
Бо набудани ту ҳастанд, модаро!

## III

Бибӯсед дастони модарони дилсӯзро,
Ки аз онҳо шамими меҳнатҳо меояд,
Ба машом –
Кайфияти сарвақти хуршед мерезад,
Аз ҷон бо меҳрубонӣ ҳароратбахшанд
То буни панҷаҳо.

Бӯса бигиред
Аз дастони модарони дилбанд.
Акси нидоҳо мехезад
Нисбат ба шафқати зодагон
Аз фазои дили эшон.
Марҳами давоӣ ҳаст ӯ
Барои кулли ғуссаҳои сӯзон.
Бибӯсед
Дастони модарони мушфиқро,
Ки аз онҳо шамими меҳнатҳо меояд,
Нашъаи дидори хуршед мерезад.

*Тарҷумаи М. Хоҷаев*



## Микола МЕТЛИТСКИЙ

*(Николай Михайлович) 20 марти соли 1954 дар деҳаи Бабичи ноҳияи Хойничи вилояти Гомел таваллуд шудааст. Баъд аз хатми Дорулфунуни давлатии Белорусия (1974) хабарнигори ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» буд. Аз соли 1983 вазифаи муҳаррири нашриёти «Адабиёти бадеӣ»-ро ба ӯҳда дошт. Соли 2002 сардабири маҷаллаи «Аланга» таъин гардид. Муаллифи як силсила китоб мебошад. Барандаи ҷоизаи ҷавонони Белорусия ва мукофоти ҷумҳуриявии ба номи Янка Купала (1998) аст. Дар Минск иқомат дорад.*

### ҒАЛАБА

Ҳарбу зарби ҷабҳа вусъатбор буд,
Тиру тӯпу тӯпу тираш беҳисоб.
Волга, аз ту, Потсдам,
То ту чи афзун қалъа шуд,
Аз қафо мерафт ҷанги беҷавоб.

Ҳасту буди ту ба олам равшан аст:
Миллионҳо набзи гарми аскарон.
Тӯдаи ҷанговарони ҳамқадаҳ,
Хоб дар манзилгаҳи номоварон.

Аз асорат то раҳо ёбад башар,
То ӯрупо аз фашистон вораҳад.
Ҳай, чи хандақ кофтему кофтем,
То ки хоро ҳам паноҳи мо шавад!

Марг моро бас гиребонгир шуд,
Мову ӯ дасту гиребон омадем.
Байни оташ, байни обу дуду гард
Мунтаҳо чун марди майдон омадем.

Мо силоҳи зеби мардон доштем,
Мо силоҳи зоди армон доштем.
Мо равону рӯҳи чун пӯлод сахт,
Мақсаду ройи далерон доштем.

Бо ҳуҷуми танку тӯпи хасмкуш,
Бо тавони ҷуръа-ҷуръа гаҳ шароб –
Рехт аз ҳам душмани ҷони башар,
Бенасиб аз бахт бе ҳадду ҳисоб.

Душманатро буд хасми беадад:
Тӯпу танку бомб афзун дошт ӯ…
Ту басе андӯҳ кардӣ пушти сар,
Интиҳоро то биёӣ рӯ ба рӯ!

То бишӯӣ дасту рӯ бо оби зар,
То зи хуршед оварӣ бӯи баҳор.
То Зафар гардад ҳамеша Рӯзи нек,
То бигардандаш ҳамеша интизор.

## ВАТАН

Ватан, эй бо ҳама дашту даманҳот,
Ту дар пиндори ман оинасонӣ.
Ҳамеша дар ниҳоди хушгили ман
Ту бо пасту баландат ҳамчу ҷонӣ.

Чаманзору лаби обу лаби кишт,
Насими навбаҳору рӯзи Наврӯз!
Сано гӯям худованди ҷаҳонро
Ба ин ҳусни расову гоҳи фирӯз.

Худовандо, бубахшо зарра-зарра
Аз ин ҳусну тароват ҷони моро.
Аз ин гавҳарнишон симои Меҳан,
Аз ин покии модар, ҳусни якто!

Бубинам бо ду чашми нимроғам
Ҳама сарву санавбазори заррин.
Шиновар баҳри тилло-регзорон,
Шиновар ҳамчу қолинзори нақшин.

Бигирад лашкари ӯ пеши роҳам,
Намояд гӯш гӯйӣ оҳу воҳам.
Бимирам гар ба бедорӣ ва ё хоб,
Шавад шавшуви онҳо сарпаноҳам.

Агарчи боду бӯрони зимистон,
Агарчи барфу борони ҳамора…
Санавбарҳо, садотон дӯст дорам,
Самои ин Ватанро чун ситора.

* * *

Пушти деҳа, сарҳаду хоки ватан,
Субҳдам, он ҷо, ки шабнам ҳасту ман –
Ман даравгар, ман алаф дорам дарав,
Бо чи шӯру шавқ меҷунбад чаман.

Бӯйи райҳон, бӯи пӯдина чи хуш,
Қатраҳои субҳ чашмат мебарад.
Ман даравгар, фикр дорам ТДМ
То ба хоки кишвари ман мепарад.

Литва … Литва … сӯҳбати ширину гарм …
Ҳамдаму ҳамроз ҳамчун додарон.
Рақсу шодӣ, лаҳзаҳои беғамӣ…
Ин замон ҳастем гӯйӣ бадгумон.

Сад дареғ, имрӯз Литва дур шуд,
Мо ҷудо гаштем чун киштӣ дар об.
Ман даравгар, фикр дорам ТДМ,
Дар худи хоки диёри мо маоб.

## БА ХОТИРАИ АЛЕС ПИСМЕНКОВ

Имрӯз шуд як сол пур
Алес, наӣ ту байни мо.
Ман лаблаби дарё чу кӯр
Маҳзун бигардам, ошно.

Ҳамроҳи ёронат будӣ
Бо Виля ҳам ин ҷо ҳамеш.
Бо ӯ бубинам бахти ту,
Бо ӯ бубинам синареш.

Омад баҳорон бе тамуз,
Бе ту табиат дар сутӯҳ.
Оинаи Виля нишон
Медод андӯҳи шукӯҳ.

Моҳиқапиҳо ваъда буд
Бо нағмаи булбул ҳаме.
Омад, дареғо вақти шум,
Вақту замони мотамӣ.

Ҳай зуд, Саша, рафтайӣ –
Се даҳ ва ҳабдаҳ кам, ки кам.
Буд гарчи дастону суруд,
Ҷонат пур аз андӯҳу ғам.

Бо Рубину Стрижак
Шуд бармаҳал бар ту насиб.
Бар ман насиб омад, ҳамеш
Бинам туро ранги ғариб.

* * *

Болу пар аз худ бигустурд
Субҳдам бар дашту паҳно –
Ҳамчу гулхан – нимаафрӯз,
Ҳамчу рӯҳи кунҷи уқбо.

Ҳар куҷо сарву санавбар –
Рӯҳи ҷадди худ бубинам:
Қудрату бахтанду нерӯ
Баҳри оин, баҳри динам.

Аз замони бостонам
То замони ростонам –
Зоди ман оташ баромад,
Зодагони меҳрубонам!

Байни ҷумла насли одам
Вопасинаш ман набошам.
Ҷадду арвоҳам ҳамеша,
Хайр беандоза пошам.

Ман бимирам ҳам замоне,
Раҳ бигирам назди онҳо.
Кош набвам ман пушаймон,
Аз ҳама рафтори беҷо …

Аз хасу хори диёрам
Оташе созам фурӯзон.
Рӯҳи аҷдодам намоям
Аз баҳори гул гулафшон.

* * *

Диёри ҳуснро ман мекунам сайр,
Зимистон рафту боқӣ шир – шири барг.
Ва шоху барги мавзун буттаҳоро
Биҷунбонад сабо, бирҳонад аз марг.

Қавӣ ҷунбад, шавад бедор беша
Зи набзи қуллаву атрофу акноф.
Равад бар фаҳми вакт, охир, чиҳо дод,
Зарур ояд, худаш ҳам мезанад лоф…

Чи сарҷину чи саргине фаровон
Бубинӣ, оядат бисёр нафрат.
Касе, ки дар ҳашар дирӯз буда,
Кунун хоб аст бо фах – фах ба роҳат.

Ба ин ғорат нигаҳ дӯзам баҳасрат,
Биошомам шароби талхи арзон …
Агарчанде санавбар, сарву шамшод
Шавад аз чашми мардум нонамоён.

## БЕШАЗОРКӮЛ

Зиннати фасли баҳорон сар ба сар,
Лоҷварду лаълу марҷон сар ба сар,
Ман чу дар гаҳвора ҷунбон сар ба сар,
Пур зи фитрат, пур зи ҳикмат гул ба сар,
Гӯйӣ мепӯшам саропо баҳру бар.
Хушкгардида қамиши фасли дай
Ҳолиқи ҳавзобро бандидааст.
Бенаво савти ҳазини хайрбод –
Қатраи охир зи май гӯё ба даст.
Бетараҳҳум маст боди бериё,
Мебарад бар умқ ин мағлубҳо.
Ғолибон болои об оянд боз,
Зиндагӣ аз бар бигиранду фароз.
Субҳи рӯзи навбаҳорон бигзарад,
Аз гузашта ёд ояд бо гудоз.
Муғчаҳо ин дам шукуфон мешаванд,
Булбулон форам ғазалхон мешаванд,
Бар раҳу рӯ ҷумла рақсон мешаванд.
Гӯиё дар базми шодиву тараб
Навбаҳоронро тану ҷон мешаванд.
Бегаҳ инак. Мемурад чашми булӯр
Андар он оилаи ҳалқи пуроб,
Мезанад набзи кабуде бошитоб.
Бегаҳӣ чун шоми тор ояд бадар,
Ахтарон аз қаър чашмак мезананд.

Ҳамчу шохи тез маҳтоби ҳилол
Шӯртанро шӯр бидҳад зери об.
Ӯ ба як дам хешро дур афганад,
– Ёрӣ, – ово дода, худ ҳар сӯ занад...
Ҳар замоне субҳи содиқ медамад,
Хира гардад аз туман болои об.
Рафта-рафта ӯ шавад пинҳон зи чашм,
Чун барояд нурборон офтоб,
Мешавад аз чашм пинҳон тирагӣ,
Меравад аз об поён хирагӣ.
Тӯри моҳигир аз нури сафед
Мешавад пинҳон ба соя бо умед.
Соя ҷуста з-офтоби босахо,
Худ бигирад кӯл дар зери само.
Ҳамчу аз бӯса биояд рӯзи нав,
Мешавад заррин ҳама ашёи даҳр.
Медамад гармӣ ба ҷони боғу роғ …
Боз гардад чархи гардун хушдимоғ.

* * *

Бо шаҳомат сар кашад
сарву шамшод,
Зери онҳо рег лағжида фаровон,
Решаҳо ҷо-ҷо намоён,
обканд аз барфу борон.
Қуллаву шебу фароз овораҷон
Бингаранд, ояд ба охир рӯзашон,
Бодсон хоҳанд фарёду фиғон!
Мерасад вақташ, ки аз боди шадид
Неъмати ҳақ чаппагардон мешавад.
Бингарам: ин сарвату зеби диёр
Чун гадое хонавайрон мешавад.
Бо ғаму андӯҳ бинмоям назар –
Соати онҳо расид, охир, магар?
Рафт, гӯйӣ ин ҳама сӯи само,
Дар замин ман мондаму ёди худо.

* * *

Мезанад борони найсон бар сарам,
Ман, ки рӯи теппае истодаам.
Моҳиёнро хуш тамошо мекунам,
Моҳиёни Вилаи дилдодаам.
Инак, инак симмоҳӣ, гирдакак
Меравад бар об ҳай зебо, ҷасур.
Дилбараш, ҳай, шӯхчашме, нозанин
Менагардад аз бараш як лаҳза дур.
Бар ба бар бо ҳам хиромон меравандб,
Беҳарос аз душмани ҷон меравандб.
Кори худ медонад ин моҳӣ, нигар –
Чун рафида дорад ӯ шакли ба тоб.
Меравад осудаҳолу безарар,
Мехӯрад бо гов аз як чой об.
Як заҒора чун шалаппосе шунид,
Аз миёни об бар суям давид.
Ростӣ, дар хоби роҳат буд ӯ,
Бар қамише пешпо зад рӯ ба рӯ.
Лек бар тақдири шум ӯ тан надод:
Чунки пуршӯр аст дарё ҳамчу бод…
Чумлаанд аз алламоҳӣ дар ҳарос,
Ӯ ба ёли мавҷ худро мезанад.
Гар бувад ҳушёртар аз ӯ ҳариф,
Хештанро дуртар меафканад.
Зери заврақ мешавад пинҳон, хамӯш
Зикр дорад:
Мон, зи баҳси дигарон хезад хурӯш …
Моҳиён, эй ҷонварони безабон,
Зери қаъри об будан бас хуш аст.
Дар хамӯшӣ мерасад хавфу хатар,
Мерасад шаб боз ташвиши дигар,
Зиндагиро нобасомон мекунад.
Кабкабуд андоми Вили нозанин,
Сураташ монад ба шӯхи оташин.
Шаб ҳама шаб дар ҳаросу изтироб,
Кай равад дарёи бечора ба хоб ?

Ҳоли моҳӣ ҷони ӯ хун мекунад,
Роҳати ӯро дигаргун мекунад.

* * *

Бикардӣ ту раҳо барқасд дастат,
Гулафшон ҷоми бахтатро шикаста,
Ки дар он нақши лабҳо буд равшан
Ва ҳам гулчанбари ғамҳо нишаста.

* * *

Чуноне бигзарад сардӣ зи беша,
Зимистон чун хиёнатгар гурезад.
Баҳорон мешавад эҳё ҳамеша,
Чу саври мурғакон бар даҳр резад.

* * *

Намояд ҷони кас роҳат, фароғат
Зи набзи беғами ҷонон – табиат:
Ҳамон соат, ҳамон лаҳза, ҳамон дам,
Ки бахтатро набошад ҳеҷ офат.

* * *

Ду наргисат чу оташ медурахшад,
Маро сарчашма з-он гирад саодат.
Маро мафтун ба онҳо карду дилбанд,
Расондам бар баҳорони бароҳат!

* * *

Ҳар он кишвар, ки бо ман дӯст гардид,
Биёяд пеши чашмонам шабона.
Гузашта аз тамоми банду садҳо,
Занад меҳраш зи ҷону дил забона.

* * *

Ба Доғистон нигаҳ дорам зи дурӣ,
Ҳамебинам Расул андар миёнаш.
Бихонад шеър бо як шавқу шӯре,
Ба васфи родмардони замонаш.

* * *

Ба ёли қуллаи кӯҳи Қаробоғ
Ба пушт афтода, роҳат мекунам ман.
Чу он шерони дерини замона
Ба ҳарбу зарб тоқат мекунам ман.

* * *

Бувад дар домани Молдова ҷоям,
Ки меҳраш рашанӣ бахшад ҳамеша.
Зи таҳхона шароби ноб хӯрда,
Бихонам шеър бар мардони беша.

* * *

Ана, Тува … Бану оли Одиссей,
Фитодам боз бар мулки фасона.
Бубинам боз амвоҷи Енисcей,
Замонро баркборон ҷовидона.

* * *

Агарчанде ки Бабчин дур хеле,
Варо оғӯш агарчи кам касон дид.
Фазои Шарқи Дури пурфасона
Маро дар Баҳри Оромаш бифаҳмид.

Бувам дар Вилин, атрофи Гедиман,
Нафас гирам зи сармои саҳаргоҳ …
Гусаст он риштаи якҷону яктан …
Бишуд рӯзи накӯи халқ бегоҳ.

* * *

Кучоӣ хотироти бе сару нӯг,
Кучоӣ нуру гармои ҷаҳонам!
Аҷаб не, сард гашта дӯстиҳо,
Вале ишқ аст анбози замонам!

*Тарҷумаи Одина Мирак*



## Иван КАРЕНДА

*Шоир, насрнавис, сиёсатмадор. Соли 1950 дар ноҳияи Кривитскии вилояти Гродно таваллуд шудааст. Маълумоти миёнаро ҳамон ҷо гирифта, соли 1972 факултаи филологии Донишкадаи омӯзгории Гродно ба номи Янка Купаларо хатм кардааст. Сипас, дар мактаби олии ҳизбии ҷавонони Москва хонда, то соли 1991 дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ, ҳамчун нозир ва муовини шӯъбаи таблиғи Кумитаи шаҳрии Минск, ёвари муншии Ҳизби Коммунисти Белорусия адои вазифа кардааст. Вай дар давраи нав ҷонишини Вазири ахбороти Белорусия буд. Аз соли 1994 то 2001 дар Масква вазифаи масъулиятнокро бар ӯҳда дошт, ёвари Президенти Ҷумҳурии Белорусия буд. Баъд аз он ба корҳои дипломатӣ гузашт, вазифаи мушовири Сафоратхонаи Ҷумҳурии Белорусияро дар Федератсияи Россия адо мекунад. Иван Каренда аз ҷавонӣ шеър менавишт. Чанд маҷмӯаи ӯ ба забони модарияш чоп шудааст. Оҳангсозон ба ашъораш оҳангҳо бастаанд.*

### ЗИНДАГӢ

Шабеҳи лаҳзаҳост зиндагӣ,
Чу барқ рӯҳро пур аз садо кунад.
Басе бигӯ, магӯй ҳадя оварад,
Ҳазор шакку ҳам ғаме аз ӯ
Ба сина панҷа мехалад.

Дили гирифта ногаҳон
Ба изтироб мезанад.
Ба он маром,

Ба он талош,
Ки рӯҳро барад зи ёд
Ва худ сабук мекунад сафар,
Ба мулки ҷовидони хобҳо.

## СОЛҲОИ УМР

Ба зери осмон – ин гунбади кабуд,
Солҳои ман,
Чӣ зуд медаванду медаванд…
Аз умқи ҷангали
Пӯшида дар ҳаланҷазор.
Аз хатти мазраваҳо,
Аз хатти боғҳо…
Бас пойизу зимистон,
Бас баҳору тобистон дар ӯст…
Солҳо, дӯстони ҳамҷавори ман,
Дӯстони ранг-ранг,
Дӯстони машҳур, корманд,
Шод, меҳрубон…
Гоҳе пуранд аз сару садо,
Гоҳ маҳзунанду хомӯш…
Солҳои ман
Медаванду медаванд,
Ба самти Каҳкашонҳо
Гӯиё даъват шудаанд,
Ба кишвари подшоҳии ҷовидон…

## ҲУЗНИ ТОБИСТОН

Синаамро
Ҳузни тобистон
Ончунон дар панҷаҳои худ
Танг мефишорад…
Ва дар бандҳои маҳками худ
Солҳои умри маро
Мебандад…

Вале дар он сӯи фаросӯҳо…
Ҷорӯби дарози зимистон
Ин дарзаҳои бастаро
Ба ҳам мекӯбад…
Ҳатто як нишоне
Аз он ҳама намемонад…
Ҷуз як мушт орзу
На бештар аз он.
Мехоҳам,
Он ҳама солҳои ман
Дар фасли сабзи баҳор
Дубора боз бирӯянд.
Ва нерӯи тоза биёваранд
Ба сарзамини Белорус…

## ЕЛАБУЧА

*Барои Марина Цветаева*

Аз кучо метавон нерӯ гирифт,
Дил табдил ба санг мешавад.
Хун дар рагҳо ях мебандад.
Ва аз дард наметавон фирор кард…
Чӣ қадар ҷонкоҳ аст
Нишастан рӯ дар рӯи марг…
Интихоб ҳаққи шоъир аст
Миёни мондан ва рафтан…
Елабуча, инзиво, танҳойӣ,
Бодҳои ғамолуд дар зеҳн мепечанд,
Ва ин беҳтарин баҳонааст
Барои худро бурдан
Бар таҳи дор…
Ҳеҷ дасте ҳам
Барои наҷот намерасад…
Дигар ҳарчи ҳаст,
Пажмурда мешавад,
Сукут мебораду меборад…

Зиндагии кӯтоҳи шоъир
Ба ҷовидон пайванд мехӯрад…
Танҳо Худост, ки мемонад ва шеър
Ва фарзанд – яъне идомаи умри шоир.

## ПАРАНДАИ ДИЛ

Сабук ва озод
Паранда бол мекушояд
Ба сӯи осмони беканор.
Ва устувор
Аз умқи мавҷҳои бод мегузорад,
Саршор аз паҳнои беохир.
Паранда
Баланд аз кӯҳҳо парвоз мекунад
Ба истиқболи хушбахтӣ,
Ба истиқболи рӯзҳои сабз.
Паранда
Аз madди парвози хеш меболад.
Бихон, эй парандаи дил, бихон
Дар он баландои кабуд…
Дар зери осмони сокиту ором.
Суруди муқаддаси ишқро…
Бихон, эй парандаи дил,
Бихон,
То рӯзу рӯзгорон аст…

## РӮҲИ ОЗОД

Занҷири бардагии хешро
Пора мекунад ғулом.
Асп занҷири ҷодаҳоро…
Дар паҳнои дашт
Чун паранда мепарад…
Оташ медамад,

Аз ҳарчӣ зинда аст…
Эй рӯҳи озод,
Эй рӯҳи саркаш,
Дар ту,
Муаммои ҷовидонӣ нуҳуфтааст.
Дар туст
Уруҷу бемаргии лаҳзаҳо.
Бигзор,
Ҳамеша чунин бошад,
Ҳатто, барои як нафас
Боз маист!

## ТАМАННО

Чӣ қадар
Осмони тобистон
Офтобӣ аст.
Чӣ қадар нишот
Дар рӯҳ мебарад…
Дигар,
Аз эъҷози хандаҳои ту…
Наметавонам
Фосила бигирам…
Таманнои дил
Танҳо як хоҳиш аст,
Эй тобистон!
Хушбахтиро ту барои ман
Ба армуғон овардӣ.
Боз ҳам дар ҳифзи он
Маро ту мададгор бош!

# ЧАШМҲОИ МАҲБУБ

Маро дар ҳар кучо, дар чор фасли сол,
Ҳамеша чашмҳоят мекунад дунбол.

Чӣ мекардам бидуни чашмҳои ту,
Бидуни чашмҳои бовафои ту.

Ба ҳар чое сафар дорам, ту хоҳӣ дид,
Зи ҳар кӯе гузар дорам, ту хоҳӣ дид.

Ду чашми меҳрубонат интизори ман,
Набудӣ, тира буд ин рӯзгори ман.

Ду чашмат, ду ситора дар дили шабҳо,
Дили ман пора-пора дар дили шабҳо.

Нигоҳатро ҳамеша мекунам эҳсос,
Маро танҳост, бар чашмони ту ихлос.

*Тарҷумаи Муҳаммадалии Аҷамӣ*

# HACP



## Андрей ФЕДАРЕНКО

*Федаренко Андрей Михайлович 17 январи соли 1964 дар деҳаи Березовкаи ноҳияи Мозирскии вилояти Гомел ба дунё омадааст. Донишкадаи маданияти Минскро хатм намудааст. Дар маҷаллаи «Млодост» ба ҳайси муҳаррири шӯъба кор мекунад. Аз соли 1986 инҷониб ба кори эҷодӣ машғул аст. Муаллифи китобҳои насрии «Таърихи беморӣ», «Се талер», «Смута», «Қуттичаи афғонӣ». Барандаи ҷоизаи адабии ба номи Иван Мележ (соли 1995). Дар шаҳри Минск зиндагӣ мекунад.*

## СОБУН

*(Ҳикоя)*

Он сентябр фавқулъода сарду боронӣ ва… хостам илова бикунам, ки «мағмун» буд, вале дастам ба дуруғ бархӯрд.

Чи тавр метавонад мағмун бошад, вақте ту ҳамагӣ бисту як сол доштӣ ва ба мактаби олии шаҳри азизат, шаҳри қаҳрамонат Минск дохил шудӣ ва инак туро ҳамроҳи писарону духтарони ҳафдаҳсолаи ҳанӯз бароят ноошно ба «картошка» фиристонданд…

Чаро мағмун бошад, вақте дар атроф чунин зебоӣ ҳоким аст, яъне Витебшинаи пуркӯл ба рустоҳое, ки дар онҳо кулбаҳо аз кӯчаҳо бо деворҳо ҷудо карда намешавад, бо гӯйиши махсуси худ ин бачамардҳо ҳамроҳи «холопҳо» ва «селовардаҳо», ки якҷоя омадаанд, бо ҷазирачаҳои хаданг, ки дар байни картошказорҳо ҷо гирифтаанд ва ҳам зери сояи панҷаи коҷҳо сабзидаанд ва ҳам боз бӯи форами дуди гулхан, ки дар лахчааш шаҳҷути олам –

картошка ҳамроҳи дӯсти трактористам Фредка – хирадманди маҳалла, ки нишонаҳои боду ҳаворо ба осмон нигариста, бехато мегуфт ва ҳоло ҳам ӯ ба осмон нигариста, мегӯяд:

– Не, имрӯз борон меборад! – ва ҳамеша, қариб ҳамзамон бо гуфтани ин суханҳо борон ба рехтан шурӯъ менамуду баъдан тадриҷан ба борони дуру дароз табдил меёфт, як-ду шабонарӯз давом мекард.

Не, он сентябрро ба ҳеҷ ваҷҳ мағмун гуфтан нашояд. Аммо, дар мавриди он ки боронию сард буд, воқеият аст.

Моро хӯроки шому субҳамон аз ҳисоби «ҳарчи ба даст меовардем» – ҳар чи Худо ва ё соҳибхонаҳое, ки дар манзилҳояшон сукунат доштем, бароямон арзонӣ медоштанд ва аз рӯи тараҳҳум медоданд, буд. Хӯроки нисфирӯзиро дар муҳавватаи колхоз, дар зери соябон, дар паси мизи тӯлоние, ки махсус барои мо аз тахтаҳои нав сохта буданд, мехӯрдем.

Дар бинои устохонаҳо ё чунонки механизаторҳо онро «ангар» мегуфтанд, яъне дар он ҷое ки дар фарши бетонӣ чуқурии махсусе барои таъмири техника мавҷуд буд, дар имтидоди девор ҳашт дона дастшӯ, бо оби хунук қарор дошт. Метавон тасаввур кард, ки дар чи ваъзе мо аз саҳро бармегаштем: шахшӯлшуда, хашмгин, саропо тар, бадтар аз ҳама бо сару тани гилолуд. Дастони аз гилу лойи часпак шахшӯлшуда ва нохунҳои бо ранги сиёҳ «ороста» – ро кӯшиш бикуну шустушӯяшон бинамо, то ки имкони ба даст гирифтани қошуқу нон фароҳам ояд. Ва дар ин ҷо барои ҳама, барои сӣ нафар, будани механизаторҳо, танҳо як пора собунаке (алкундие) буд, ки агар онро иттизор бишавӣ ҳам на танҳо чиркро аз байн мебарад, балки онро бештар дар пустат ҷо мекунад. Нафратовар! Ман андешидам, ки инак бароям шанси хубе фароҳам омад, то аз байни худиҳо намудор шавам (ҳатман фардо яке

хоҳад пурсид: ин кори дасти кист? – ва дигаре ҳатман посух хоҳад дод, ки чи касе ин корро карда-аст) ва ҳамзамон мардуми маҳаллиро низ дар хиҷолат гузорам, ба онон нишон диҳам, ки барои мо, меҳмонон метавонистанд бо дарёфти чунин чизе зарурӣ, ки усули беҳдошт инро тақозо мекунад, ғамхорие зоҳир кунанд.

Ман бегоҳӣ дар дукони маҳалла ҳашт пора собуни арзонтарини «Туалетное»-ро қимати донае чаҳордаҳ тин харидам ва ҳар якеро коғазпечаш овардаму дар назди ҳар дастшӯ як дона гузоштам ва ба назарам омад, ки «ангар»-и тира каме равшан шуд ва намуди боҳаловату гуворо пайдо кард.

Мавқеъи наҳори рӯзи баъд аз собунҳо порае дар ҷой набуд. Ҳум… Ё хуб аст ва ё бад, банда як хислате дорам, яъне қайсарам. Бегоҳӣ, бо дар ҳайрат гузоштани фурӯшандазан, ҳашт дона собуни навбатиро харидам. Ва субҳи рӯзи дигар, пеш аз он ки ба саҳро биравам, давон-давон ба устохона сар задаму муҷаддадан собунҳоро бодиққат ҷо ба ҷо гузоштам…

Ва боз ҳангоми наҳор донае аз онҳо набуд.

Ин вазъ манро ҳушёр кард. Кадоме аз механизаторҳо ба ин андоза фақир аст? Ва ё қасдан ба ин амал даст мезананд? Вале аз барои чӣ ин корро мекунанд? Аз барои он ки бо қоидаи худ, бо низомномаи худ ба «ангар» – и бегона сар назанем? Бугузор барои ҳама як порчаи ночизи собун бимонад? Мо шустушӯ намекунем, мо туро мешуем магар?..

Имкон надорад! Дар мардум, дар ҳар фард шарму ҳаёи одитарин вуҷуд дорад, аз ин рӯ он шарму ҳаё дер ё зуд бояд бедор шавад.

Ман мунтазам ба харидани собун пардохтам ва бо ҳамон рашку ҳасади доимӣ гум мешуд он. Лаҳзае буд, ки ин фикри аблаҳона ба сарам зад, яъне собунро фақат вақти наҳор биёраму шабона

бибарам. Ва ҳамин тавр барои онҳо (аз чи буд, тасаввур мекардам, ки «онҳо» зиёданд) хушҳолӣ фароҳам меовардам!

Тақрибан пас аз як ҳафта доройиамро ҳисоб кардаму ба фикр афтодам. Бо чунин суръат то охири «картошка» пулам танҳо барои хариди собун кифоя мекунад? Сигор чӣ? Ба бачаҳое, ки ҳамроҳашон ҳарифона мехӯрдам, ба ҷои пул чӣ диҳам? Агар ба модарам нома нависаму тақазо бикунам, ки бароям пул фиристад ва шарҳаш диҳам, ки ҳар рӯз ҳашт дона собун лозим дорам, чӣ хоҳад гуфт? Чи амали аблаҳонае …Вале таслим ҳам набояд шуд, набояд даст болои даст гузошт. Фикр бикун калла, кулоҳат мехарам!

Ва калла фикр карду тасмим гирифт: чаҳор собунро метавон ҳашт пора кард. Бо теғи доси куҳна ба буридани «Туалетное»-и худ пардохтам ва ин пораҳоро дами дастшӯҳо гузоштам.

Боз ҳамон натиҷа. Собун ғайб зад, мисли ин ки гови бадкирдоре онро бо забони гандаи худ лесидаву фурӯ бурда буд. Ва боз ҳамон суол: чаро? Охир чӣ касе мехоҳад, ки ин вазъи бад ҳукмрон бошад? Охир, ман заҳр нагузоштам, ки дар натиҷа дастҳо пина банданд, баръакс… Ин чист? Ваҳшигарии маъмулии рустойист? Чун он ҳодиса бо харчангҳо? Вақте як корхонаи хурди шимиёйии маҳаллӣ пасмондаҳои заҳрогини худро дар наздиктарин толоб рехт, дар натиҷа дар он ба ҷуз харчангҳо, ҳамаи ҷондорони дигар мурданд; харчангҳо хазида, соҳил баромаданду ба ҷониби кӯли софу зулоли муҷовир равона шуданд… Дар гармо бо чанголҳояшон ба алафи хушк часпида, паҳлӯ ба паҳлӯи ҳам зада, беташосубона, нафасзанону афтону хезон… ба пеш хазиданд. Бадбахтона, масирашон аз кӯчаи русто мегузашт. Пирону ҷавонон, нерӯмандону заъифон ин маросимро дида, ба сӯи кӯча давиданду бо асову пову тозиёна онҳоро заданду кӯфтанд, маҷақ кар-

данд ва то замоне ки ҳамаи «душманон»-ро нобуд накарданд, ором нагирифтанд.

Мепурсед, ки чӣ лозим куштани онҳо?

Ҳамчунин чӣ лозим буд аз байн бурдани собун?

Ҳафтаи севум шурӯъ шуд. Ман акнун як дона собунро чаҳор қисмат мекардам, илоҷи охирин ҳамин буд, чораи дигаре надоштам. Фурӯшандазан акнун ба ман унс гирифта буд, ба маҳзи дидан суоле накарда, чун одати ҳамешаги даст ба бастаи собун меандохт. Дар бораи ман чи фикр мекард, намедонам.

Ин дигар тақрибан ба шӯхӣ, ба мусобиқаи беозоре шабоҳат дошт: кӣ киро? Қазияи собун тадриҷан бароям идеяи фикр шуда буд, ба набарди тӯлонии тан ба тан табдил ёфта буд. Зимнан ҳар чи бештар мепиндоштам, ки дар ин набард аз тарафи муқобил на одамони зинда, одамони дорои дасту пову калла, балки кадом як нерӯи шариру ноаён амал мекунад, ки шикастнопазириаш аз он сабаб аст, ки пай бурдани нияташ имконе надошт.

Дар рӯзи бисту панҷум ман таслим шудам. Дуруст, ки ба фикри ба ҳашт пора тақсим кардани як донаи собун ҳам афтодам, аммо ин амал дар нисбати таслим шудану хаёлан фишурдани дасти ношустаи душман вазъиятро боз ҳам бадтар мекард.

Ин фарҷоми қазия набуд. Он ҳодиса танҳо пешдаромади «операи собун»-и минъбадаи ман буд.

Боре тобистон дар вақти таътил, дар рустоямон, тасмим гирифтам: пули борики рӯи рӯдхонаро, ки иборат аз як ғӯлачӯби мудаввару ҳамеша лагжонаку хатарнок буд, каме васеъ кунам. Дар ҷангал сето чӯб буридаму онҳоро аз шохаҳо пок кардам ва дар паҳлӯи ғӯлачӯб гузоштаму бо маҳҷар ба ҳам пайвастам ва аз кори худ лаззат бурдам. Ва сигор кашидаму сипас шинокунон аз рӯд убур кардам ва розӣ аз худ ба хона рафтам. Рӯзи дигар ҳамаро хароб карда буданд, маҳҷарҳои шикаста дар сатҳи об ши-

новар буданд, аз чӯбҳо асаре ба ҷой намонда буд. Дар рӯи рӯдхона танҳо ҳамон ғӯлачӯби лагжонак боқӣ монда буду бас. Чаҳор рӯз ман қайсарона пули худро «сохтам» (миёни тамаддуну ваҳшигарӣ) ва ҳар кӯшишу талошам ба нокомӣ мунҷар шуд.

Дар Могилёв, боз ҳам дар солҳои донишҷӯйӣ, дар вақти таҷрӯбаомӯзӣ дар хобгоҳамон посбоне буд, мисли ҳамаи шумо марди маъмулӣ, зоҳиран зиёйӣ, хушлибос, айнакӣ ва дар даст рӯзномаи тозанашр, ана ҳамин мард ҳаргиз саломалейк намекард. Дар зарфи як моҳ дар ҳар навбати посбониаш бо садои баланд ба ӯ «субҳ ба хайр» ва дар нисфи рӯз «рӯзи хуш» орзу мекардам. Ҳеҷ гуна таваҷҷуҳе зоҳир наменамуд. Ягон калимае дар ҷавоб намегуфт.

Худои ман! — фақат ҳоло ба сарам зад: магар кори нависандагии мо ҳам ҳамон «собун нест?!» Бад-ин ҷиҳат «операҳои ҳубобӣ», филмҳои дунболадор, «достонҳои бузурги ҳубобӣ» ва... ба вуҷуд меоянд. «Собун»-аш меноманд доғ – доғаҳои адибиро. Ва чи тавр наметавон ба ёд овард Лёвини ҷовидонро аз «Анна Каренина», ки тиккаи собуни хушбӯйро нигариставу зеру рӯ карда, гуфт: «Охир ин асари санъат аст!»

Магар мо, нависандагон, тамоми умр машғули навиштани роману намойишнома, қиссаву ҳикоя намешавем ва бидуни фаҳмидани он ки чи касе онҳоро мегирад, чи касе аз онҳо фоида мебарад, дар кадом партгоҳ онҳо ғайб мезананд, онҳоро ҷиҳати истифодаи умум во намегузорем?..

Сизиф сангро аз кӯҳ мeғелонад, санг лаҳзае меистад, сипас ба пойин ғел мехӯрад. Сизиф арақ аз ҷабин пок мекунад, оҳиста ба пойин ба «нуқтаи панҷум» мехазад – ва ҳама чиз ба тарзи нав...

## ПИНСЕТ

Ҳамин лақабро дода буданд ба ӯ тақрибан даҳ сол пеш. Доктори илмҳо, мудири яке аз калонтарин дармонгоҳи ҷумҳурӣ вақте бори аввал инро шунид, ранҷид. Вале чун лоғару болобаланд буд, воқеан ҳам ба пинсет шабоҳат дошт. Ба зудӣ вай натанҳо ба лақабаш унс гирифт, балки ба он ҳам одат кард, ки маъмурият дӯсташ намедорад, – вай низ хомӯш намемонад, зеро медонист, ки ҷуръати бо ӯ рӯ ба рӯ шуданро надоранд; зердастонаш аз ӯ метарсиданд – беҳуда сухан гуфтанро дӯст намедошт, масъалаҳоро зуд ҳал мекард. Чунонки мегӯянд: ситораи дурахшони тиб буд, бигузор на беҳтарини беҳтаринҳо, аммо ситораи дурахшон. Ҳасад мебурданд аз ӯ – вай инро медонист, медонист ки на фақат ҳамсолонаш, балки ҷавонон низ ҳасад мебаранд ва агар иддае аз феълу хӯи тундаш шикоят кунанд, гурӯҳи дигар, ки маккортар буданд, роҳҳои бо чи далеле неш заданро меҷустанд… Инҳо, охиринҳо, мусалламан аз он ба хашм меомаданд, ки вай метавонист ба бӯстонсарояш ҳамшираи тиббии ҷавону соҳибихтиёр ва ё докторзанеро даъват кунад. Вай аз ин амали худ гуноҳи бузургеро намедид, мегуфт ки ин кор ихтиёрист. Ташкили ойилаи шахсиро зарур намедонист.

Баъд аз кор ба хона фақат ба хотири шабро гузаронидану дар ҳуҷраи кораш саргарми кор шудан меомад.

Имрӯз Пинсет сари кайф набуд. Ронандаро, мисли ҳамеша, вақте барои ба ҷануб рафтан омодагӣ мегирифт, иҷозаи истироҳат дод, вале то ҳол варақаи эъзоми (путёвка) осойишгоҳро надода буданд. Ин кор бо сабабе ба таъхир афтода буд. Бидуни мошин, аз сабаби одат надоштан, субҳ ба кор дер кард, ки дар натиҷа дар даромадгоҳ ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Вай ба ғазаб омад — низоми зинда-

гии солҳо пойдораш халалдор шуда буд. Акнун ба хона пиёда мерафт.

Офтоби моҳи август гарму дурахшон буд, аз ин рӯ баъди аз берун омадан— аз бинои дарҳову тирезаҳояш баста ва рӯ ба рӯ шудан бо чунин равшаноии беандоза чашмонаш нимабаста шуданд. Ба дарахтони санавбари пири нӯкҳояшон хушкидаи боғи истироҳат, ба баргҳои зарди хушк, ки ба рӯи алафи лагадмолшуда рехта буданд, ҳайратзада нигарист.

Дар рӯи нимкати дами пайроҳа дӯшизае дар тан пироҳани сафеди охирин мӯд, болида, рӯи зонувони ҷавонписари болобаланде, ки дар тан ҷинс дошт, нишаста буд. Духтар ӯро чунон дар оғӯш кашидаву навозиш мекард, ки гӯё онон на дар боғи истироҳат, балки дар хона ва ё ҷои хилвате буданд.

Вай чи тавр таввақуф кардану бодиққат ба ин ҷуфт нигаристанашро эҳсос накард.

Духтар бо чашмони тирашуда ба ӯ нигоҳи бемаънӣ дӯхт, ҷавонписар мисли ин ки дар ҳалқаи дуди сигор бошад, чашмонашро нимабаста кард. Гиребони пироҳани духтар аз боло то пойин боз буд.

– Хуб, чӣ? – бо тамасхур пурсид ҷавонписар.

Фақат ҳамин лаҳза доктори илмҳо фаҳмид, ки маълум нест ба чи сабабе истодааст ва гулӯ афшонд: ё аз дастпочагӣ ва ё аз танаффур.

Дар роҳ вай аз дарахти ғубайро мева канду ба даҳон андохт, онро беихтиёр хойиду лаззаташро эҳсос накард. Ҳанӯз ҳам он ҷуфт дар пеши чашмонаш намоён буд ва ҳеҷ наметавонист ба ёд оварад, ки чанде пеш бӯсаҳое гирифта буд, ки чашмҳо аз лаззаташ медурахшиданд. Фақат ҳангоме ки аз фарти кудурат ҷоғҳояш ба ҳам фишор хӯрданд, бо қаҳру ғазаб ба замин туф андохт. Аммо кудурат рафъ нашуд, аз ин рӯ ба тарафи хона шитофт, то бо об гулӯ тар кунад.

Солҳои тӯлонӣ дар ошхона барои худ хӯрок омода мекард, гӯё дар ин вақт истироҳат менамуд ва бо фикри равшан, баъд аз тамошои барномаи «Вақт» ба ҳуҷраи кораш паноҳ мебурд.

Сипас, баъд аз он ки се сол пеш духтараш шавҳар карду ба хонаи шаҳвараш рафт, занаш пеш аз омаданаш хӯроке омода мекард. Ибтидо ҳама чиз табъи дилаш набуд, бино бар ин ғур-ғур мекард. Он гоҳ худ ба пухтупаз мепардохт ва баъдан, агар хӯрок омода намешуд, ба хашм меомад. Вақте ҳам ба ғазаб меомад, ки агар хушҳол намебуд. Занаш ба ин вазъ одат карда буд… Ва имрӯз вай мехост об нӯшаду худаш хӯроки шом пазад.

Аммо дар хона хушҳолаш карданд.

– Ваня, Анжела ташриф овардааст, – дами остона эълон дошт ҳамсараш.

Вай ба «Пинсет» одат карда буд, вале ба ин «Ваня» ҳеҷ унс гирифта наметавонист. Дар ҳолати асабоният ба назар мерасид, ки зани ба рухсораш сурхию сафедӣ молида ва хилофи синну сол мӯяшро ба мисли ҷавондухтарон оройиш дода, ба олуфтазани мӯдпарасти пажмурдаву борҳо талоқгирифта шабоҳат дошт.

– Дадаҷон, шаб бахайр!

Духтараш давон-давон ба даҳлез баромад. Вай ҳам мисли дӯшизаи дар боғи истироҳат дидааш, дар тан пироҳани аз боло то пойин тукмадор дошт ва гиребонаш ба андозае боз буд, ки синааш каме ба чашм мехӯрд.

Духтар дар зери нигоҳи ӯ хиҷолат кашид. Ғайри чашмдошти худаш ҳум-ҳум кард, ҳамон тавре ки бо ҷуфти ҷавонон карда буд.

Ҳамсараш ҳолати ӯро пай бурда, зуд ба меҳмонхона рафт.

Иван Алексеевич дар ҳуҷраи кораш либос иваз кард ва дар бораи духтараш, ки замоне ба таври одию дилнавоз Ана меномидаш, ба андеша афтод.

Бо кӯмаки модараш номаш ба номи сунъии Анжела табдил ёфта буд. Пас аз шаҳвар кардан духтар камтар ба хона меомад – вай дар ҳузури падаршаҳвару модаршаҳвар аз модараш шарм медошт. Иван Алексеевич инро мефаҳмид, аммо ҳамсараш намефаҳмид. Вай кайҳо боз дар фикри ба чи кор саргарм будани занаш набуд. Эҳтимол аз ҳамон вақте ки вай зани шаҳрӣ шуда буд. Зан донишгоҳро дар курси севум тарк гуфта буд, сипас вақте ки духтараш ба дунё омад, дар хона монд,то ки тифлро парасториву тарбият бикунад. Дар ибтидо ин рафтори ӯ хатто ба Иван Алексеевич маъқул шуд. Вай дуруст дар ҳамон вақт аз рисолаи докториаш дифоъ кард. Мисли гови нари ахта, ки соатҳо замин шудгор мекунад, ба таври хастагипазир шабу рӯз заҳмат мекашид. Вақте ба атрофаш нигарист, дигар дер шуда буд. Аз пушти ӯ аз ҳисоби маоши ӯ занаш тарзи дигари зиндагиро интихоб карда буд ва майлу ҳавасҳои худро баровarда мехост: рафтан ба хайётиҳо, айшу ишратҳо бо занҳои мисли худаш, занҳои шикамсеру нозпарварда. Он вақт Аня ҳам, ки модараш ӯро ба омӯзишгоҳи мусиқӣ, сипас ба рақси рӯи ях ва баъд ба дарси гимнастика бурда буд, номаш Анжела шуд. Вусъати бузургӣ ба он мунҷар шуд, ки духтарак мактабро ба дараҷаи миёна хатм кард, вале дар шабнишинии фориғуттаҳсилин дар шинохтани мӯд дар нисбати модараш хеле пешрафта буд ва бо либоси танаш ба шахсе шабоҳат дошт, ки аз зиндагӣ ақиб афтодааст. Ва ба зудӣ инро собит кард — ба лейтенанти комиссариати ҳарби ба шавҳар баромад, ки шаҳбоз ба мисли занҳо дунбаи азим дошт. Падари лейтенант генерали муставфӣ буд. Ба шарофати ӯ писараш соҳиби хонаи хубу мошин шуда буд, дар беруни шаҳр бӯстонсаро низ дошт. Генерал ва ҳамсараш Иван Алексеевичро ҳамсатҳи худ медонистанд: дар ҳар ҳол доктори илмҳо … Онҳо, чун одамони тар-

биятгирифта, ки метавонанд худро идора кунанд ба рафторҳои Надя таҳаммул мекарданд…

Духтар бар хилофи интизор меъёрҳои зиндагии генералро фаро гирифта буд, аз ин рӯ ба хонаи волидайнаш хеле кам, дар сурати зарурат меомад. Маълум шуд, ки ҳамсари генерал хасис будааст, музди лейтенант ҳам зиёд набуд, то ки ниёзмандиҳои ин модиёни худсари мӯдпарастро қонеъ гардонад.

Надя дар меҳмонхона дастархон ороста буд. Анжела бо мӯҳои ба таври муназзам дар паси сар ҷамъкарда, бо чеҳраи гандумгуну ороста бо сурхию сафедӣ, бо ангуштони пур аз ангуштар дар рӯи курсии мулойим нишаста буд ва шампон менӯшиду дар барои худ ҳикоят мекард. Вай дар хусуси зиндагии роҳату хубаш ҳарф заданро дӯст медошт.

– Ману Саша ҳам ба зудӣ, дар моҳи сентябр меравем…Себу ангур фаровон. Фақат намедонам, ки Игорҷонро ҳамроҳи худ бибарем ё на? Мусалламан, хуб мешуд агар каме офтоб мехӯрд, шиноварӣ мекард. Лекин ӯ дар ин ҷо ҳам хаста нашудааст. Вале дар он ҷо музоҳим мешавад. Барои ин ки истироҳат бикунӣ, бояд тамоми ташвишҳоро ин ҷо гузошт, чизе бо худ набарӣ. Ту, дадаҷон, дуруст мекунӣ, ки худат танҳо меравӣ… Духтар ба модараш лоф зад, ки чи тавр истироҳат кардан мехоҳад, қаҳва нӯшид, гоҳ-гоҳ оромона ба падару модараш назар андохт.

Падар дар оҳанги сухану рафторҳои духтар эътимоди генералонаи ба ҳама маълумро дарёфт – ҳамаи онҳоеро, ки то ба сатҳи мавқеъияти эшон нарасидаанд, ҷасурона маломот бояд кард.

– Аҷабо, мадад чунин меҳисобад? – тоқат карда натавонист падар.

– Чаро мадад? Агар ҳақиқатро бигӯем, онҳо беҳтар аз шумо зиндагӣ кардаанд. Ҳама чиз доштанд ва ҳамеша ҳароҳ буданд. Аммо шумо чӣ лаззате аз зиндагӣ бардоштед? Ту ҳам шабу ҳам рӯз, ҳам

дар рӯзҳои таътилу ҳам дар гармиву сармо кор мекунӣ.

Ҳеҷ гоҳ на дӯст доштиву на ойила… ҳеҷ чиз надоштӣ. Ҳатто вақт намеёфтӣ, ки ба ман, ба шахси ягонаат таваҷҷуҳ зоҳир кунӣ.

Анжела бо ду ангушташ печениро, ки дар пешаш дар рӯи дастмоли қоғазӣ мехобид, шикаст.

Иван Алексеевич ибтидо ҳарфе наёфт, ки дар ҷавоби ин суханҳо бигӯяд. Сипас хашмгинона гуфт:

– Мавқеъияти ман, ҷонам, имкон медод, ки туро тарбият бикунам…

Анжела самимона қаҳқаҳа зад.

– Ту хандаоварӣ! Худат медонӣ, ки модарат чи тавр метавонад ҳам парасторӣ бикунаду ҳам тарбият. Ту, ҳамсари азиз, албатта бубахш манро…

Иван Алексеевич пай бурд, ки завҷааш андешаашро дар ҳам фишурда, гӯё мехост чизеро аз фосила дур бубинад ва ё ба духтараш нигариста чизеро ба хотир оварад, ки онро замоне хуб медонист.

– Ман ба шумо ҳикояте надорам ва пушаймон нестам, ки ба донишгоҳе дохил нашудам. Он ҳамсинфонам, ки донишгоҳҳоро хатм намудаанд, аз ман камтар музд мегиранд ва ба мағозаам омада, дар пешам сари таъзим фурӯд меоранд.

Духтар пурҳарфӣ мекарду қавҳа менӯшид.

Барои лаҳзае чанд Иван Алексеевич аз шунидани ҳарфҳои ӯ сарфи назар кард, фақат медид, ки чи тавр лабҳояш бо итминон ва ба таври зебо ҳаракат мекунанд, дандонҳояш ҷило медиҳанд.

Вай вориди ҳуҷраи кораш шуд. Ба пушти миз нишаст, лекин сараш гӯё холӣ аз мағз буд. Вақте ба меҳмонхона баргашт, духтараш, мисли ин ки аслан чизе рӯй надода бошад, аз модараш пурсид, ки оё ӯ метавонад матоъе аз ҷинси асил барояш пайдо бикунад.

– Анжела, ману модарат нияти ба гардиш рафтан доштем…

Иван Алексеевич дид, ки чи тавр абрувони духтараш ба боло кашида шуданд.

– Чӣ? Шумо гардиш мекунад?..

– Ҳар бегоҳ, дуруст дар ҳамин вақт гардиш мекунем. Одат кардаем.

– Баҳ-баҳ! — Агарчи духтар ранҷида буд, дар ҳар ҳол шампонашро то охирин қатра нӯшид. Ва танҳо он вақт каме ба худ омад. – Шумо, эҳтимол мехоҳед, ки ҷашни биступанҷсолагии заношуйиатонро барпо бикунед?..

– Мебинем, ҳанӯз ду соли дигар аст. Ту, эҳтимол, чизе мехостӣ?

– Чизи муҳимме не. Худат коре карда наметавонӣ. Агар дар он ҷо занҳои шинос бошанд, аз онҳо хоҳиш бикун, ки бароям кофтаи андозаи чиҳилу ҳаштум ва ё пироҳани қашанге пайдо бикунанд, дар он ҷо маллоҳон ин чизҳоро аз хориҷа меоранд, дар мо чунинаш нест. Андозаи ман чиҳилу ҳаштум аст, фаромӯш накун.

Сафарат ба хайр. Аз вараќи эъзомиат хуб истифода бикун!

Духтар тасмаи китфашро, ки дар китфаш овезон буд, мураттаб сохт.

– Анжела, ту аз Игорҷон ёдовар шуда будӣ. Агар лозим бошад, биёраш, бигузор дар назди ман бошад, – гуфт модар.

Иван Алексеевич аз садои занаш тамаллуқро эҳсос кард.

– Модар, чиҳо мегӯйӣ! Ангелина Викторовна аз ӯ парасторӣ мекунад. Аз ту мураббӣ… Бароятон истироҳати хуш таманно мекунам!

Надя хомӯшона чизҳои рӯи мизро бардошт

– Ба назарам, зани генерал сабақи зиёде ба ӯ додааст нисбат ба мо дар тамоми зиндагониамон.

– Охир, ту чӣ сабақе метавонистӣ ба ӯ бидиҳӣ? Сабақеро, ки ба беморонат медодӣ? Бисёр мешунавию тамоми умр ба тарафи дигар бармегардӣ!

– Ҳо, вай нисбат ба ман аз ту бештар рӯ бармегардонад!

Иван Алексеевич вориди ҳуҷраи кораш шуду дарро баст, аммо саргарми кор шуда натавонист. Дар бораи занаш фикр кард.

Ҳамсараш вақтҳои охир тағйир ёфтаву ҳатто таваҷҷуҳаш ба маҷаллаҳои мӯд кам шуда буд, шумораи дугонаҳояш низ коста буданд, дар меҳмонию шабнишиниҳо ҳам кам ширкат меварзид, ба ӯ камтар телефон мекарданд, ба кошонаҳои ҳусн низ гоҳе мерафт. Вақте ки ӯ аз кор бармегашт, Надя дар хона буд. Агар ӯ ба бӯстонсарояш мерафт, вай ба он ҷо занг мезад. Ин зангзаданҳо Иван Алексеевичро ба ғазаб меоварданд, чунки ӯ солҳои зиёд аз шунидани занги телефони ӯ халос шуда буд. Вай одат карда буд, ки танҳо бошад, ин одат ба хулқи ӯ созгор шуда буд. Махсусан, ки баъзан ба бӯстонсаро танҳо намерафт. Ин кор ҳам муқаррарӣ шуда буд — садоқат ба зан муддатҳо ба мафҳуми шартӣ табдил ёфта буд, оре ва аз ҳамсараш шикоят ҳам намекард. Кор натоҷаш медод. Барои равшан намудани муносибаташон вақт ҳам набуд, зоҳиран зан ҳам барои ин кор баҳонае намедод. Ишқ аз даст рафта буд, барои ҷустани ишқи нав на вақт буду на майлу хоҳиш ва воқеан ҳам чунин тарзи зиндагӣ ба Иван Алексеевич имкон дод, ки комилан саргарми кори асосиаш шавад.

Иван Алексеевич садои боз шудани дари ҳуҷраи корашро шунида, сар баргардонд.

Занаш дар тан боронӣ истода буд ва ба ӯ менигарист.

– Чӣ мехоҳӣ? – пурсид ӯ.

– Мехоҳам, ки ба гардиш биравам. Ту ҳам рафтан мехоҳӣ?

– Ман? Ба ман чӣ рабте дорад?

Иван Алексеевич суханҳои ба рағми ёвагӯйиҳои духтараш иброз доштаро фаромӯш карда буд.

– Хуб, агар аз қавли додаат сарфи назар карда бошӣ, пас дар ин ҳол барои худ хотирае ба ёд мемонӣ-– саъй намуд, ки шӯхӣ кунад занаш, вале шӯхиаш асроре дар ӯ нагузошт.

Зан дер ба хона баргашт. Иван Алексеевич ба хоб рафта буд. Мисли ин ки аз бону бӯи шароб меомад…

Иван Алексеевич шаб аз садои гиряи касе бедор шуд. Талху шикваомез, мисли кӯдакони ранҷидае, ки аз одамон пинҳон шуда, зор-зор мегирянд, гиря мекард.

Аз кӯча нури ғализи нуқрафоми фонусҳо ба ҳуҷра нуфуз мекард ва чунин ба назар меомад, ки ҳавои паси тиреза ҳам ғализу кабуд ва чун ях мунҷамид аст. Нур берӯҳ ва мисли нури моҳ буд, онро Иван Алексеевич, эҳтимол, бино бар эътиқоди модараш, ки мегуфт: набояд моҳ ба шахси хобида нигоҳ бикунад, аз солҳои пеш дӯст намедошт. Аз овони бачагӣ ба ин ҷониб вай мепиндошт, ки вақте ба ту, ба рӯи ту моҳ шабона менигарад, ваҳшатовар аст. Аз ин рӯ дар бузургсолӣ ҳам, агар тирезаҳо бо парда пӯшида намебуданд, нороҳат мехобид.

Иван Алексеевич оҳиста аз бистари хоб бархост, ба меҳмонхона нигарист. Надя дар тан пироҳани хоб дар лаби курсии нарм печутоб хӯрда, менишаст ва ашкашро насутурда гиря мекард. Ва дар партави равшании аз тиреза нуфуз карда сураташ сарду мартуб менамуд, нигоҳаш ба як нуқта, ба тиреза дӯхта шуда буд…

– Ба ту чӣ шуд? – даст ба китфи ҳамсараш гузошта, ҳайратзада гуфт ӯ ва эҳсос намуд, ки чи тавр вай аз бархурди дасташ такон хӯрд, ҳатто нафасаш танг шуд. – Ба ту чӣ шуд?

Зан зуд мӯҳояшро мураттаб сохт, чашмонашро молиду ашкҳояшро сутурд, сипас дубора ҳиқ-ҳиқ кард ва якбора ваҳшиёна сураташро ба дастонаш

пӯшида, сар ба миёни зонувонаш фуру бурду нола сар дод.

Иван Алексеевич дар торикӣ саросема вориди ошхона шуду як истакон оби сард овард, тақрибан ба зӯрӣ занашро маҷбур кард, ки обро нӯшад. Садо аз гулӯяш бо ҷорӣ шудани об ба гӯш мерасид.

Иван Алексеевич бо бедаступойӣ аз китфи занаш оғӯш кард, то ӯро ба бистари хоб бибарад ва ҳамзамон барои сабаби чунин рафтор кардани ӯро фаҳмидан ин дафъа дағалона аз ӯ пурсид:

– Ин чӣ фикре буд, ки ба сарат зад? Чӣ чиз туро аз хоб бархезонд?–– Надя гӯё лаҳзае дар фикр фурӯ рафту нигоҳашро аз тиреза, аз нури сафед, аз партави берӯҳ наканда, заифонаву кӯдакона, бо ғаму андӯҳ марговар шикоят кард:

– Умр ба поён расид!..

Сипас, мисли ин ки ба худ омад ӯ ба шавҳараш нигоҳи мухтасаре андохт ва ба назари Иван Алексеевич омад, ки замоне қиёфаи ӯро чунин дида буд: ҳанӯз тамоман ҷавон буданду аз миёни марғзор қадам мезаданд ва он вақт ӯро бусида буду Надя интизории бӯсаҳои ӯро мекашид… Иван Алексеевич тамоми ваҳшати гуфтаҳои занашро фаҳмид: умр ба поён расид. Ва инро вай нафақат дар бораи худ, балки дар мавриди ӯ ҳам гуфта буд. Ва ӯ гӯё дар сафҳаи телевизор ногаҳон ду нафар одами миёнасолро дид, ки зиндагии худро натавонистанд идора кунанд. Ҳам кудурат, ҳам дарду алам, ҳам таънаву маломати инсонӣ чанг ба дил заданд. Ва вақте бояд, ки лоақал дар ҳаққи ҳамдигар ғамхорию дилсӯзӣ бикунанд, хушбахтию саодат ба назараш хандаовар омад.

Боз андешид, ки чи қадар нерӯи зиёди ӯро танҳойӣ салб кард, нерӯе ҳам барои худу ҳам барои зиндагӣ лозим буд.

Рӯзи дигар боз ба кор дер кард. Ва, Иван Алексеевич боиси тааҷҷуби ҳама шуда, шитоб накард, аз

даҳлези бемористон оҳиста-оҳиста қадам зад ва дар ҳуҷраи кораш ҳамон лаҳза ба яке телефон карду бо садои баланду лаҳни омирона ба сӯҳбат пардохт, аз ин рӯ касе ҷуръати ба ҳузураш даромадан намекард. Танҳо ҳамшираи тиббӣ Семёнова: бонуи ҷавони соҳибҷамол наметарсид, ки дар пеши дидагони ӯ зоҳир шавад.

Иван Алексеевич ҳунӯз ҳам телефонӣ сӯҳбат дошт. Вай ҳатто ба Семёнова таваҷҷуҳе зоҳир на-кард.

– Не, Виктор Андреевич, ман баъд аз дидорбинӣ бо беморон ба ту телефон мекунам. Ту кормандо-натро такон бидеҳ, такон! Не, фақат барои ману за-нам варакаи эъзомӣ ба осойишгоҳ мегирӣ! Медо-нам, медонам, ки чи мегӯяд… Занги телефони туро интизор мешавам.

Пинсет гӯширо сари ҷояш гузошту сар такон дод: ҳамсабақаш дар курсии мудири шӯъбаи осойишгоҳҳо, дар ишратхона расмиятпараст шуда-аст.

– Иван Алексеевич… Герасимович хоҳиш кард… — аз ҳузури худ хабар дод Семёнова ва бо ҳусни назар табассум намуд.

– Чӣ? – Пинсет ҳанӯз ҳам гирифтори ташвишҳои худ буд, аз ин рӯ мутаваҷҷеҳ нашуда буд, ки дар ҳуҷраи кораш ин ҳамшираи тиббии зебо ҳузур до-рад. – Шумо чӣ мехостед?

– Герасимович хоҳиш кард ба шумо арз кунам, ки дардаш таҳаммулнопазир шудааст, – далели омаданашро, ки пешакӣ омода карда буд, арз намуд ҳамшираи тиббӣ.

Вай намедонист, ки Герасимович ба маҳзи ин ки ӯро дар дармонгоҳ бистарӣ карданд, ба Пинсет ки-ноя зада буд, ки бояд дар ҳисоби махсус бошад. Он вақт профессор сукут ихтиёр карда, танҳо заҳрханда зада буд. Герасимович, маъмури савдо мубтало ба бемории маъмули захми меъда буд,

ҳарчанд худ гумон мебурд, ки ин хатарноктарин мараз аст. Беморон гуногун мешаванд, аз ин хотир Пинсет зуд савдогарро фаромӯш кард. Аммо пас аз чанд рӯз ба Герасимович соҳибмансабе аз вазорати тандурустӣ «ғамхори зоҳир намуд». Пинсет чунин телефонкуниҳои пурмаънии роҳбаронро дӯст намедошт, бино бар ин адаби соҳибмансабро дод. Лекин исми Герасимовичро ба хотир супурд.

– Шумо барои ман кӣ ҳастед, ҳамшираи тиббӣ ва ё вакили мудофеъи Герасимович? — ба хашм омада, пурсид Пинсет. – Ҳангоми ба беморон дидор карданам худаш дардашро мегӯяд. Шумо саргарми кори худ шавед!

Пинсет заҳрханд зад, ҷаъбаи мизашро боз кард, андешид, ки ин савдогар ҳамшираҳои тиббиро, ҳамшираҳое мисли Семёноваи зеборо ҳам бо додани ривша мехарад. Пинсет дар бораи ҳамшираи тиббӣ, ҳамшираи воқеан ҳам зебову дилрабо фикр карда, тадриҷан ором шуд ва нафаси роҳат кашида, бо садои баланд гуфт:

– Обдуздак!

Вай надида буд, ки Семёноваи дастпоча ҳанӯз ҳам дар ҳуҷраи кори ӯст. Ҳамчунин, чун лақабаш, дашноми сахттаринаш: «Обдуздак» дар саросари дармонгоҳ сари забонҳо буд.

Ҳамшираи тиббӣ аз ҳуҷраи кори ӯ берун ҷаҳид. Пинсет танҳо ҳайратзада нигоҳ кард – чаро дарро бо садо бастанд? ӯ ба вазъи ғайри одие гирифтор шуда буд: субҳ бархостан барояш душвор буд, дароз кашидаву ба соаташ нигариста, дида буд, ки ба кор дер мемонад. Шаби гузашта чизе вуҷудашро ба дарде мубтало карда буд, мепиндошт, ки ҳаёти басарбурдааш чун ғалтаке сангин ӯро ба зер мегирад, фишораш медиҳад…

Ва гуноҳи мубҳаме, гуноҳ дар назди худу зиндагии Надя, дар дилу ҷонаш забона зад. Вай дарк кард, ки ин гуноҳ осоишро аз ӯ рабуд – гиряҳои

сӯзноку ваҳшати бениҳояти занаш чун гулӯлаи сарде ба рӯи дилаш хобиду дигар аз байн нарафт.

Тақрибан даҳ дақиқа пеш аз боздид аз беморон Виктор Анреевич телефон карду изҳор дошт, ки ду варақаи эъзомӣ (путёвка) ба осоишгоҳи Ялта мавҷуд аст. Ва вақте профессор баъд аз сипосгузорӣ кардан барои рафтори дурушти субҳаш аз ӯ маъзарат хост, вай дастпоча шуд, зеро ҳамкурси ӯ чунинашро аз Пинсет интизор набуд.

Иван Алексеевич гӯширо бардошт.

– Надя… – Вай ҳайрон шуд, ки номи муҳаббатомезу тақрибан барояш фаромӯшшудаи занашро ба забон овард. Солҳои охир вай ба сардӣ ва чун бегонаҳо ба ҳамсараш муроҷиат менамуд, яъне:Надежда мегуфт ӯро. – Надя, ман барои ту ва худам варақаи эъзомӣ ба осойишгоҳи Ялта гирифтам. Ҳафтум бояд озими Ялта бишавем. Надя, ту ҳарфҳои манро мешунавӣ?

– Мешунавам.

Оре, Надя гиря мекард. Иван Алексеевич эҳсос намуд, ки гулӯяш ба хориш афтод.

– Ту аз пайи чиптаҳо рав… Манро вақти аз беморон дидан кардан фаро расид.

Вай гӯширо сари ҷояш гузошту муддати тӯлонӣ ба телефон чашм дӯхта, дар курсии нарм нишаст. Ба назараш омад: гӯё пеш рафту пеш рафт ва дар канори кӯҳи ях пайдо шуд, Надя аз канори дигари он дунболааш ба боло баромад, аз ин хотир барои ба ақиб фирор кардан дигар фурсат надошт.

*Тарҷумаи Азимқул Насимов*

## Янка СИПАКОВ



*Соли 1936 дар деҳкадаи Зудревичи ноҳияи Оршани вилояти Витебск ба дунё омадааст. Фориғуттаҳсили Донишгоҳи давлатии Белорус. Узви Иттиҳоди нависандаҳои Белорус. Шоир, насрнавис, публисист, тарҷумон. Муаллифи бисёре аз асарҳои манзуму мансур. Барандаи Ҷоизаи давлатии Белорус, арбоби шойистаи фарҳанги Белорус.*

### М А Р Д Ҳ О
*(Эссе)*

Ҳамаи мо чи тавр ногаҳон аз ҷо паридани хурӯси қашангу мисли оташ саропо сурхро, чи тавр фах шудану афтодани парҳо, чи тавр чун бодбезак чирик-чирик кардану болҳои то ба рӯи замин фуруд омадаашро ва чи тавр аз паси маҳбубааш давиданашро дидаем…

Мард!

Ва сипас чи тавр ба рӯи девор паридану хушҳолона гулӯ даронданашро ҳам дидаем.

Ку-ку-ку-ку!

Ҷавонмард!

Чи тавр аз қадру манзилаи мардонааш низ дифоъ мекунад ӯ! Баъзан иттифоқ меафтад, ки тамоми тоҷи муҷаллояш, ки гӯё танҳо барои таҳти зарбаҳои минқор қарор гирифтан вуҷуд дорад, дар натиҷаи хӯрдани зарбаҳо аз ҳарифонаш ба ном тамоман хунолуд табдил мешавад ва ӯ мағруру хушбахт қадам мезанад:пирӯз шуд!

Фидокор!

Ва медонем: чи тавр ҳангоми дунболагирию таъқиб шохҳои гавазн ё шоҳгавазн ҳам-– гӯиё онҳо

фақат барои ин дода шудаанд, ки ба модагавазн ё шоҳмодагавазн писанд ояд, мекафад… барои маҳбубааш дар муҳориба зафар меёбад.

Ва боз медонем, ки чи тавр кабӯтар ғамхорона парҳои гарданашро сих карда, дар назди маҳбубааш по мезанаду беқарорӣ мекунад ва омодааст ҳамон дам ба ҳар рақибе, ки танҳо кӯшиши ба маъшуқааш бо мақсадҳои номаҳҷубе наздик шудан бикунад, ҳамла оварад.

Парвонаҳо ҳам ба ҳамсарони хеш ғамхорӣ менамоянд – вақте ишқ ононро ҳангоми парвоз ғофилгир мекунад, мисли ин ки онҳо фақат бо болҳояшон ҳам худу ҳам маҳбубаашонро нигоҳ медоранд.

Ва чи тӯҳфаҳое барои маъшуқаҳояшон меоранд. Мардон аз табиати зиндаяке алафаке, дигар кирме, севумӣ тӯдае аз хасу хошокро меоранду худситоӣ мекунанд: яъне, ана, бубин, ки бароят чи амале анҷом додам – магар дигаре ба ин кор қодир аст?

Дурроҷҳо замзама мекунанд. Андалебон чаҳ-чаҳ мезананд. Қурбоққаҳо вақ-вақ мекунанд. Ва ин ҳама Мардон ҳастанд охир. Ва ин ҳама ба хотири Занҳост.

Ба хотири модаашон задухӯрд мекунанд гургҳову морон, тимсоҳону баҳмутҳо. Аспҳо задухурд намекунанд. Вале онон занҳои худро самимонаву чунунвор, тақрибан инсонвор дӯст медоранд!

Аз ишқи аспе ба ман қисса карданд. Ба маҳзи ин ки аспҳоро аз тавила раҳо карданд, онҳо бо тамоми нерӯ ба истиқболи ҳам давиданд. Ва сарҳоро рӯи гарданҳо гузошта, метавонистанд дар чунин ҳолат тамоми рӯз биистанд. Бозӣ карданду ҳаловат бурданд, ба чашмони ҳам нигаристанду маҷзуби якдигар шуданд. Ва, аҷаб!, Пас чун мард модинаи худро хушбахт намуд яке, ҳарчанд ки маъюб буд: ахтааш карда буданд… Вале ишқ, ишқи нерӯманд вайро дубора Мард карда буд!

Одам низ дар табиати зинда истисно нест. Ӯ ҳам барои маҳбубаи худ задухурд мекунад, мехоҳад таввачуҳи ӯро ҷалб намояд, мавриди писанди ӯ қарор бигирад. «Гурги танҳо ёри худро меҷӯяд», – баъзан дарандавор менолад гурги нар.

Мард дӯсту ҳомии зан аст.

Онҳо аз ибтидо, аз Одаму Ҳавво ҷуфтанд.

Мегӯянд, ки зан барои хушҳол кардани мард халқ шудаасту мард барои ҳимояти ӯ.

Вале зиёд иттифоқ меафтад, ки зан мардро хушҳол намекунаду мард низ дар сатҳи лозими қарор надорад.

Дар ёд доред гуноҳи аввалини ҷадди чаҳорумамонро? Дар ёд доред, ки чӣ тавр Одам он вакт қабеҳонаю ноҷавонмардона рафтор карда буд?

Бале, Ҳавво ба ту он себро овард. Пас бигиру бихӯр ва хушҳолӣ бикун. Вай ибтидо чунин ҳам кард: гирифт, хӯрд ва хушҳол гашт. Аммо баъдан, вақте Худо гуноҳашонро дид, ба хашм омад, ҳомӣ кӯшиши раҳойӣ ёфтан, худро сафед намудан кард: яъне, ман гуноҳе надорам, вай–Ҳавво он себе наҳсро ба ман дод, манро ба васваса андохт…

Аз ҳамон рӯз ба баъд зан барои мо таҷассуми гуноҳ аст. Ва мо поку беолойишем. Гуноҳи худро мо баъзан диловарӣ меномем. Ҳеракл ва дувоздаҳ қаҳрамонашро дар ёд доред? Писари Зевс Прометейи дар сахра мехкӯбкардаро озод намуд, мори чандсари айнакиро ба ҳалокат расонд, аз кантарусҳо ғолиб омад, ду сахраро дар ду тарафи тангнои Гибралтар гузошт. Лекин сенздаҳумӣ қаҳрамониаш ҳам буд! Дар барои он мо ба содагӣ чизе намегӯем, на ҳамеша дар дойиратулмаорифҳои худ ёдовар мешавем, ки Ҳеракл чиҳил тан аз духтарони бокираро қаноатманд гардонид ва хушбахт кард.

Мо, ворисони Ҳеракл, ҳамеша бо ифтихор дар муаррифиномаҳои худ дар ҷавоби суоли «Ҷинс?»

менависем: «Мард». Ва вақте маъмури шӯъбаи сабти асноди аҳволи шаҳрвандӣ ба мо хотирнишон мекунад, ки бояд зани худро дӯст дорем, ҳифзу ҳимоят намоем, андаке меҳаросем, эҳсоси нороҳатӣ мекунем.

«Муҳимтарин мо ҳастем, – чунин мешуморанд мардҳо. Зан барои он халқ шуда аст, ки моро зинат бахшад, ниёзмандии мардонаамонро бароварда созад». Ҳатто асоси ҷиддии онро ҳам фикр карда ёфтанд: яъне, мегӯянд, ки зан аз қабурғаи мо сохта шудааст. Худо қабурғаи моро берун кашиду онро дар сурати зан ба мо баргардонд.

Вале дар асл ҳамааш баръакс аст: Ҳавво аз мо не, балки мо аз Ҳавво, аз зан ба дунё омадем. Маълум шудааст, ки нутфаҳо дар ибтидо ҷинси занона буданд ва танҳо баъд аз чанд ҳафта аз онҳо нишонаҳои мардона пайдо мешуданд…

Дар мардҳо хосиятҳои занона низ падид меомадааст. Аз осори табиатшиносу (натуралисту) сайёҳи шинохтаи олмонӣ Александр Гумболдт хондам, ки дар як ҷои Африқо ӯ ба қабилае дучор омадааст, ки синаи мардон шабеҳи синаи занон аст – дар он ҷо занҳо танҳо кӯдакро ба дунё меовардаанду сипас зуд онҳоро ба мардҳо месупоридаанд ва эшон аз синаҳои пурширашон атфолро ғизо медодаанд.

Ва акнун имрӯз кӯшишҳо ба амал бароварда мешаванд, ки падарро ба модар табдил диҳанд ва генаро истифода бурда, маҷбураш созанд, ки кӯдак ба дунё орад.

Инчунин фарз мекунад: бояд ҳомилаи хориҷ аз раҳим (зеҳдон) бошад: тухмҳуҷайраро дар организми мард ҷо мекунанд ва мард танҳо дар натиҷаи амали ҷарроҳӣ «мезояд». Хулоса, чоки қайсар…

Аммо ба чи хотир? Охир, ин ҳамоқат аст.

Кӯдакро танҳо бояд зан ба дунё орад!

Ин вазифаи асосӣ, ҳатто вазифаи фавқулъодаи зан аст, ки табиати зинда ба зиммааш гузоштааст, –

ӯ бояд кӯдак таваллуд кунад, давомдиҳандаи насли инсон бошад.

Вай, зан намегузорад, ки зиндагӣ мутаваққиф шавад. Аммо Мард ҳам ҳамеша давомдиҳандаи насли одам аст. Бе вуҷуди вай наслро наметавонем давом дод!

Аз найча мегӯед? Аммо дар найча бояд чизе бошад…

Фақат онҳо: Зану Мард, дукаса метавонанд Кӯдак ба дунё оваранд ва насли одамиро идома бахшанд!

Мард ва Зан ба ҳам наздиканд, ба ҳам шабоҳат доранд. Вале дар байнашон фосила ва партгоҳ низ ҳаст. Ва дар ҳар ҳол, сарфи назар аз ин фосила, онон ба ҳам надиканд.

Муаммои аҷибу ғариби табиат: тафовут дар эҳсоси рӯҳ ва дарки олами ҳастии Марду Зан аст. Ҳисси ботинӣ, қувваи мудраки хориҷ аз эҳсос, набзҳои биологӣ… Он чизе ки фазои атрофи мо аз он мамлуст. Ва чи тавр ин ҳама аз ҷониби ҳар ду бо майли худ, ба тарзи гуногун дарк карда мешаванд.

Зан – не.

Мард дар бораи оянда меандешад.

Зан дар бораи он орзу мекунад.

Агар баръакс шавад, дар он сурат лозим аст: суолҳои хешро ба худи табиат ирсол доред.

Марду зан зидди якдигаранд. Ва муборизаи тазодҳо масаррату маънии зиндагӣ аст. Аз ҷумла дар ҳаёти ойилавӣ ҳам.

Зан – суолҳост, мард – посух ба онҳост.

Мард–нерӯ асту зан – нотавонӣ.

Зани бемард – зани комил нест, марди бе зан умуман ҳаёташ бемаънист.

Асолати ту? Аҷаб гуфтӣ. Агар зан набошад, ки ба онҳо таваҷҷуҳ мекунад, ки мафтуни онҳо мешавад?

Пул? Бе вуҷуди Зан ба дарди ки мехӯранд пулҳои ту? Масалан, барои худ кӯшк месозӣ, мо-

шин, самолёт… мехарӣ. Баъд чӣ? Ҳатман зан лозим аст, ки дар кӯшкат ба сар барад, бо ту савори мошин шавад, ҳамроҳат ба самолёт нишаста, ба баландии осмонҳо парвоз бикунад.

Хуб, масалан, ба ҷазираҳои Канар сафар мекунӣ. Танҳо? Охир, бе вуҷуди Зан офтоб ҳам он қадар дилнавоз нест, реги соҳил ҳам сахту об низ ногувор аст. Зан офтобро ҳам навозишгар месозаду ба соҳил ҳама гуна обро низ таровату ҳаловат мебахшад. Ҳатто вақте ки вай чун ҳоло ҳамроҳи ту шиноварӣ намекунад. Ту ӯро дар соҳил мебинӣ ва – о, Худоё! Ғайри интизор об фавқулъода шигифтангез мешавад! Ҳамин тавр, бидуни зан ҳар он чизро, ки мард ба даст меорад – пул, мансаб, шуҳрат – аҳамият касб намекунад. Ин ҳама: худ ба худ маълум аст, ки арзише нахоҳад дошт, агар дар паҳлӯят зан набошад ва зарурате ба ҳамаи чизҳои дигаре низ нест.

Мансаб? Барои чӣ?

Шуҳрат? Ҳамоқат аст!

Пул? Хокрӯба аст!

Қимате надорад, агар пулро ба касе надиҳӣ. Мард вақте хушбахт аст, ки ба яке ғамхорӣ кунад.

Ҷек Лондон навишта буд: «Саргузашти мардон ҳамеша саргузашти ишқу муҳаббат дар нисбати зан аст».

Танҳо дар ишқу муҳаббат рози марду зан ошкор мегардад.

Мард бе вуҷуди Зан комилан дигар аст, дар нисбате ки бо ӯ бошад.

Мард бе вучуди Зан ғаму андӯҳест фавқулъода.

Ишқ чист? Ишқ, дуруст, рафъи ҳамон ғаму андӯҳ аст.

Бо ҳам. Дунафарӣ.

Зани оқил басе бе мард мемонад. «Зани оқил? – меандешад Мард. – Ба дардам намехӯрад вай: охир, худам оқилам». Чунин фикр мекунад ва мепиндорад гоҳе мард. Ва ӯ то андозае ҳақбаҷониб аст: чу-

нин ҳам иттифоқ меафтад, ки ду нимаи оқил бо ҳам, дар ойила, якдигарро намефаҳманд.

Мард аст, ки дар вуҷуди Зан алоқа ба зиндагиро бедор мекунад ва зан низ бештар аз ҳама Мардашро меофарад, месозад, мебурад, метарошад, мерезад. Баъзан аз як тикаи бешакли табиат.

Аз ин рӯ зане, ки дар пеши поҳои мард меафтад, манзараест таҳқиромез… Вале дидани марде, ки дар зери кафшҳои зан паҳн шудааст, боз ҳам таҳқиромезтар аст.

Фақат шойистагию эҳтиром ба худ ҳардуи онҳоро одам мекунад.

Зан дар бораи ӯ андешида, роҷеъ ба зиндагӣ фикр мекунад. Мард дар бораи зан фикр карда, дар хусуси зиндагӣ ҳам меандешад.

Бе вуҷуди зан мард гӯё дар инзиво ба сар мебарад: вай ҳама чиз дорад, вале он ҳама бе зан ҳеҷ аст. Мошинҳо шитобон меоянду мераванд, гулҳо мешукуфанд, дарахтҳо наҷво мекунанд, мусиқӣ танин меандозад, мардум рафтуо менамоянд, вале мисли ин ки ҳама аслан вуҷуд надоранд. Дар миёни издиҳом вай танҳост. Чун фазои беҳавост.

Ва фақат он гоҳ муҳити ӯ пур аз ҳаракат, маълум аз зиндагӣ мегардаду маънӣ пайдо мекунад, ки агар зан пайдо бишавад: ба шарофати зан тасвири сатҳӣ ба тасвири пурҳаҷм табдил меёбад. Ҳама чиз ба зиндагӣ шурӯъ мекунад!

Чӣ махлуқест зан, зани идеалӣ? Онест: вақте андозаи чашмонаш 0,3 дар сад паҳнои рӯяшро ташкил диҳад, вақте биниаш бештар аз 5 дар сади масоҳати умумии рӯяшро фаро нагирад ва занахдонаш аз панҷ яки баландии рӯяшро ташкил кунад.

Чунин мебинад нозанинро компютере (роина), ки дорои меъёрҳои зебойии худ аст.

Ва мо мардҳо намедонем, ки оё зан бо мошин мувофиқат мекунад ва ё дар ҳар ҳол идеали хешро хоҳад ҷуст.

Занҳо мегӯянд: фақат барои худ либоси зебо ба тан мекунанд, вале мардҳо ҳаргиз ин тавр намегӯянд, зеро медонанд, ки бештар аз ҳама ба хотири занҳо либоси муҷаллалу аҷибу ғариб мепӯшанд.

Занҳо мехоҳанд, ки гулҳои зеботарини дунёро ба сар дошта бошанд ва тамоми мардҳо дар ҳамаи қорраҳои замин онро бубинанду ситойиш бикунанд.

Ва ҳатто аз мардҳо меранҷанд онҳо, гӯё маълум нест: чаро фикр мекунанд, ки кулоҳи занонаро метавон чун кулоҳи мардона ба зудию осонӣ ба сар гузошт.

Зан ҳатто дар синни пирӣ ҳам ба ёд оварда метавонад, ки вақте бори аввал шуморо дида буд, чи пироҳане ба тан дошт, вале мард баъд аз гузашти сол фаромӯш мекунад, ки ҳангоми зангириаш чи сарутане пӯшида буд. Зан фавқулъода метарсад, ки аз ҷиҳати либос ба занҳои дигар шабоҳат дошта бошад: Худо накунад, ки яке аз занҳо гарданпечи шабеҳи гарданпечи ӯ ба гардан бибандад.

Маненка, пешвои қабилаи балонда аз Африқо комилан бараҳна буд, ҳатто дар ҳавои бад ҳам либос намепӯшид – вай пешво наметавонист ба зердастонаш мушобеҳ бошад ва мисли онҳо либос ба тан кунад! Дар чунин «либос»-и муҷаллал – лухту урён – меҳмонро истиқбол мекард ва маҷлисҳои пазироӣ ташкил медод.

Агар иттифоқ меафтоду парвонае ба бадани урёни зани пешво менишаст, он мисли гули сина ба назар менамуд.

Либоси ҳар зан бояд такрорнашуданӣ бошад. Аммо аз они мардҳо тақрибан ҳамеша яксону якшакл аст: шиму пиҷаку пироҳан…Баъзан гарданбанд.

Зан қадру манзилати мардонаи моро бедор мекунад, ба он дурахшонагӣ мебахшад, моро ором месозад. Ба маҳзи афкандаи нигоҳе авбоштарини

авбошҳо, мисли ин ки бо ресмон баста бошандаш, аз дунболи ӯ меравад.

Бо зани маҳбуб марди кӯтоҳқад қад меафрозад, камҳарф пургӯй, бедаступо хушандом, зишт зебо ва ҳатто андаке беақл комилан оқил ва ҳамчунин сухандону суханвар мешавад!

Мо худбоварона мепиндорем, ки мо мардҳо барои худ маҳбубаамонро интихоб мекунем! Ҳаргиз! Мо фақат таслими иродаи вай мешавем. Вай, оне ки муддати пеш моро баргузидааст ва чун урдакмоҳии сайдшудаю башастафтода-– муддати мадиде, то вақте ки саранҷом мағрурона иҷозатамон надиҳад, ки худ берун оем, дар зеру сатҳи об бо чангак дар гулӯ ин тарафу он тараф хоҳад бурд.

«Ман ҳамон: он чизе ҳастам, ки вуҷуд дорад, вуҷуд дошт ва вуҷуд хоҳад дошт, аз ин рӯ яке ҳам аз инсонҳои фонӣ тавонойии каме боз кардани ҳиҷобамро надорад», – чунин навиштаанд дар яке аз маъбадҳои Юнони қадим дар бораи зан.

Ва мард чӣ махлуқест?

«Мард фармонравои зан, ғуломи ишқи вай аст».

Ин навишта дар деворҳои маъбади дигар, маъбади Офтоб, ки дар Ҳинд дар миёнаи садаи XIII сохтаанду маълум нест, ки Ҳавои Сиёҳ номидаанд, ҳаккокӣ шудааст.

Маҳз ҳамин тавр аст – фармонраво ва ғуломи ишқи вай аст. Дар як вақт ҳам фармонравою ҳам ғулом аст.

Мард чун фармонраво ӯро ба масхара мегирад! Ҳақираш мешумораду таҳқираш мекунад!

Масалан, барои занҳояш, барои маҳбубаҳояш ҳарамҳо ба теъдоди чаҳорсад ҳуҷра бино мекунад! Шоҳзода Владимир Офтобаки Аҳмар ҳашсад каниз дошт. Тасаввур мекунед, ки чи ранҷу азоби сахт аст барои зан! Ҳар яке аз онҳо метавонист барои мулоқот бо фармонравои худ, марди худ, фақат як бор дар зарфи ду-се сол умедвор шавад! Рост аст,

ки зан мардҳоро ҳамарӯза медид, аммо онҳо хоҷасаройҳо буданд…

Ва чи қадар ришханд мезад ба занҳои мутааддиди худ шоҳи Москва Иван Грозний! Дар савмаъа аз ӯ фирор мекарданд ҳама чун як тан.

Занҳои худро шаллоқ мезад ҳамеша мард, ғулом ва фармонраво. Ва ҳоло ҳам мезанад. Ва занҳо ҳам ба ин одат кардаанд, таҳаммул мекунад инро. Баъзеҳо, чунонки худашон шӯхӣ мекунанд, мепиндоранд, ки шаллоқзании онҳо эътироф ба ишқу муҳаббат аст. Ҳар чи бештар шаллоқ мезанад шавҳар, ба ҳамон андоза бештар дӯсташ медорад. Ва вақте қабурға ва ё дастро дар ҳоли мастӣ мешиканад, умуман ин муъҷиза аст, қуллаи хушбахтиву саъодат аст. Ва ҳатто баъзе аз мардҳо лоф мезананд: «Бароям дар ҳузури зан дашноми қабеҳе додан мисли «салом» гуфтан аст».

Шӯхӣ шӯхӣ аст, вале дар ин гуфтаҳо ҳиссае аз ҳақиқат ҳам ҳаст.

Бинобар ин духтарҳо ҳам дар варақаҳои гуногун менависанд, ки эшон мехоҳанд зани ҷавонписаре шаванд, ки «бо эътидол машруб мехӯрад ва занашро шаллоқ мезанад».

Ва агар машруб нахӯрад, хушҳолӣ сарҳад надорад:

«Чунонки дар китобҳо менависанду дар филмҳо нишон медиҳанд, ба сар мебарем».

Аммо худи зан ҳам имрӯз иттифоқ меафтад, ки морпеч роҳ меравад. Ба оне ки ғулом аст, бояд мутеъ бошад, хидмат кунад.

Беадабист агар мард дар кӯча маст ба чашм хӯрад ва боз ҳам бештар беадабист агар зан дар кӯча маст бошад.

Лекин иттифоқ меафтад, ки фармонравои ҳушёри зан ҳам ба баҳонаи моҷароҷӯйӣ ӯро таҳқир мекунад. Инак, намунае аз эълонҳо ва пешниҳодоти эшон дар рӯзномаҳо:

«Марди ҷаззобу орӣ аз одатҳои зиёнбахш ба зани танҳое, ки синнаш аз чиҳил сол бештар нест ва дар ҳолати обистании ибтидоӣ бо генофони солим аст, илтифот мекунад».

«Ман Марди мӯям қаҳвайиранг бо бонуи пурҷозибаи шаҳвонии дар ҳар синну сол, ки майли фарбеҳ шудан надорад ва соҳиби пистонҳои зебову бузург аст, шинос шудан мехоҳам. Муҷаррадам, сарпаноҳе надорам».

«Марди обичашм, ҷаззоб, равшанфикр, таҳсилоташ олӣ, ки метавонад ва мехоҳад занро дар хонааш қонеъ гардонад–ҳарифони самимӣ, меҳрубон ва «лазиз»-ро, ки майли таслим шудан ба саргармиҳои пуршӯри ошиқона доранд, меҷӯянд!»

Мебинед, зан акнун Зан нест, балки фақат ҳариф аст. Чи вожаи сардест!

Аммо оне ҳам, ки «яке ҳам аз инсонҳои фониро иҷозат намедиҳад ҳиҷобашро каме боз кунад», мисли мард эълони мушобеҳ медиҳад:

«Ман, бонуи ҷавон (40 – сола), хушандом, болобаланд (175), дорои таҷрубаи бузурги муъошақат ниёзманди ҳарифи шаҳвоние ҳастам, ки аз мактаби ишқварзии шарқӣ сабақ гирифта ва дар соли Шер таваллуд шуда бошад. Ҳарифе ки на машрубот мехӯраду на сигор мекашад, тақозои ақди никоҳ намекунад ва синнаш аз 33 зиёд набошад. Пардохти музду дигар тофовутҳои ҷузъӣ тибқи мувофиқати тарафайн ҳангоми мулоқот ҳаллу фасл хоҳанд шуд».

Ва воқеан ҳам, на мо мардон онҳоро интихоб мекунем, балки онон, занҳо, моро интихоб мекунанд.

Чи гуна моро, мардҳоро дидан мехоҳанд занҳоямон:

«Вай барои ман ҳама чиз: офтоб, баҳр, озодӣ ва хӯшбахтию саъодатам аст».

«Ҳамаи мардҳо яксонанд. Вале аз они ман беназир, беҳтарини беҳтаринҳост».

«Маҳбубам шоҳзодаи афсонавӣ, самимӣ, меҳрубон, оқил, нерӯманд, идеалӣ не, аммо заминист. Вай заҳматқарин, нисбат ба худу ишқи худ имон дорад, дорои иззати нафс аст, худхоҳ нест, равшанфикр аст, вай метавонад эҳсоси воқеъии туро пай бибарад: аз чашмонат, на аз рафторат, хоҳиши дилатро бихонад».

«Хушандом, болобалаанд, озодаву хушлибос, боназокат, хушмашраб аст. Дастҳояш зебову меҳрубонанд. Дастҳои қавию варзидаи марди маҳбуб аст. Бо ин дастҳо ӯ метавонад то заъфи ақл навозиш кунад. Лабҳояш чашмаест барои ташнагон. Дар чашмҳояш меҳрубонӣ, самимият, хашму ғазаб, ваҷду шаъаф, раҳму шафқат падидор аст. Асари захмҳои сураташ зебу зинати ҳар ҷавонмард аст».

Мубтало ба ҳаяҷони шадиди рӯҳӣ будани занро сарфи назар карда, дар ҳар сурат пурсидан мехоҳам: пас чаро занҳо Дон Жуанро— марди зишту қадкӯтоҳу баднаморо, ки тамоман шабоҳате надошт ба оне, ки онон орзуяшро доштанд ва бениҳоят ошиқ шуданду таслими худ карданд?!

Оре, маъмулан орзу мекунанд чунин бубинанд баргузидаҳои хешро бонувон. Аммо эшон онҳоро чӣ гуна мебинанд?

Мардҳо, пеш аз ҳама мухлиси футбол, хоккей, қарта, домино, пива, мошин, бар, моҳигирӣ, рӯзнома, диван, телевизор ва шишаанд. Воқеан мардҳое низ ҳастанд, ки дар ошхона давутоз карданро дӯст медоранд, вале занҳо дар бораи онҳо бо кораҳат мегӯянд: «Аз онҳо бӯи карамшӯрбо меояд».

Чӣ мехоҳад мард? Чиптаи футбол!

Ба хотири мард зан метавонад тамоми корашро сарфи назар кунад. Вале мард чӣ? «Рисолаи илмиам чӣ мешавад?» – дар собиқ баҳона метарошид ӯ. «Тиҷоратам чӣ мешавад?» – баҳона пеш меорад акнун.

Боз мардҳое низ ҳастанд камҳарф. Лаҳзаҳое пеш

меояд, ки рӯ ба девор мегардонаду сукут мекунад. Як рӯз сукут мекунад, ду рӯз сукут мекунад, се рӯз сукут мекунад… Аммо зан интизор мешавад, ки лаб ба сухан гушояд, таърифу ситойиш бикунад ягон чизашро, ягон амалашро. Охир, зан шунидани суханҳои ситойишомезро дӯст медорад. Фаронсавиҳо дар як шаб миллион дафъа пироҳани маҳбубаашонро ситоиш мекунанду ҳам кулоҳу ҳам хӯроки барои шом омода кардаашонро… Мард шудааст, ки зан дунболагирӣ намекунад, фақат хомӯш менишинад: мисли ин ки дар ин рафтор бадбахтие нест… Бигузор хомӯш бошад. Бигузор фақат дашноми қабеҳ надиҳад ва задухӯрд накунад. Аммо…

Ба ёд меояд ин масал ё латифаи дар ҷое хондаам:

Дар поёни рӯзи кори сангин, вақте ки мардҳо аз саҳро баргаштанд, деҳқонзане ба рӯи мизе, ки дар атрофи он эшон хомӯшона нишаста буданд, як бағал пур алаф гузошт. Ва ҳангоме ки онҳо ҳайратзада аз ӯ пурсиданд, магар ӯ аз ақл бегона шудааст, зан оромона посух дод: «Аз куҷо метавонистам бидонам, ки шумо инро намехӯред. Инак, акнун бист сол мешавад ки бароятон хӯрок омода мекунам, вале боре ҳам сухане аз ҷониби шумо дар бораи хӯрокҳои пухтаам нашунидаам. Охир аз куҷо метавонистам бидонам, ки шумо алаф намехӯред?»

Ростӣ, дар ҳар ҳол чи гунаем охир мо, мардҳо – чунонем, ки мехоҳанд ҳамон тавр моро бубинанд ва ё чунонем, ки занҳо моро ҳамон тавр мебинанд? Ва мо ҳам чунину ҳам ҳамин таврем. Аммо чунон ки мегӯянд, ҳақиқат дурӯст дар миён аст: мо гуногунем.

Мо баъзан метавонем аз зани маҳбубамон бо дилбазанӣ бипурсем, ки имрӯз бурдани охол навбати кист, метавонем дар троллейбус, вақте зане дар паҳлӯи мо, дар назди мо рост истодааст, бинишинему ғарқ дар афкори худ ба тиреза назар дӯзем, вақте вай бори сангинро ҳамл мекунад,метавонем

ҳарду дасти озодамонро пасу пеш ҳаракат дода, биравем.

Мисли ин латифа. Мард дар заврақ нишастаасту зан дар соҳил ва монанди киштикаш ин заврақро мекашидааст. Дар рӯ ба рӯ шиносе пайдо мешавад.

– Ба куҷо шино мекунӣ? – мепурсад марди шинос.

– Магар намебинӣ? Занамро ба таваллудхона мебарам.

Вале дар ҳар ҳол мо бештар аз ҳама мардҳои боилтифоту боадаб, меҳрубону пуршавқу завқ мебошем. Бисёр вақтҳо мо самимона ба зан мегӯем: «Ту зеботарину ҷаззобтарин, некнафастарину меҳрубонтарин, латифтарину наҷибтарин, дилработарину фиреботарин, самимитарину азизтарин, малеҳтарину шойистатарин, покдомантарин… касӣ».

Ва кӯшишу талош ба харҷ медиҳем, ки зан ҳамеша ин тавр бошад.

Барои мард ногувор аст: вақте дарро ба рӯи зан боз мекунеду вай ба шумо «ташаккур» мегӯяд. Барои мард ногувор аст: вақте ҷоятонро ба зан медиҳеду вай ҳайратзада ба шумо менигарад.

Мегӯянд, ки духтар дар як шаб зан мешавад, вале борои он ки аз писарбачае марди ҳақиқӣ ба камол расад, солҳо лозим аст.

Манзараи фаромӯшнашуданӣ: аз троллейбус писараки ҳафтсолае пиёда шуд. Чи қадар зебову боназокат буд: вақте ӯ бо чк дунё виқор дасти модарашро, ки аз дунболаш берун меомад, ба даст гирифт.

Мард! Тамоми троллейбус мунаввар шуд ва самимона табассум кард – фақат бо чашмону лабҳо: ин писарак акнун медонад, ки чизи асосӣ барои мард ҳамеша гиромӣ доштани зан аст.

Марди ҳақиқӣ дар ҳафтсолагӣ ҳам мард аст.

Бовар дорам, ки ӯ ба маҳбубааш гул ҳадя медиҳад. Ҳамеша!

Ҳам вақте ки фақир мешаваду ҳам замоне сарватманд.

Вақте фақир аст, бо назокат ба вай як дона гули садбарг ва замоне, ки сарватманд аст, ҳамчунин як дона аз он гул тақдим мекунад, зеро аз синни кудакӣ мефаҳмад: агар гулҳо зиёд бошанд, ба қимати алаф баробар мешаванд…

Хушбахтии зан дар хушбахтии ҳақиқии мард аст.

Мард вақте хушбахт аст, ки занаш хушбахт бошад.

Мо, Марду Зан дар як замин ба сар мебарем. Ва замин мудаввар аст. Аз ин рӯ мо барои ҳамдигар ҳамеша дар паҳлӯи якдигарем. Кофиот ба ёд овардани дастҳову чашмҳо ва лабҳо…

Сарнавишт моро шабеҳи ҳам насохтааст, аммо барои якдигар ба вуҷуд овардааст. Ва бароямон танҳо ба ҳам монанд набуданро дарёфтан лозим аст, то ки баъдан дар як воҳиди ҷудойинопазир муттаҳид шавем.

Вақте Мард ва Зан бо ҳаманду барояшон хуб аст, ин ҷашн аст, ин суруд аст.

Мард хушбахт аст, агар онҳо се нафар бошанд: Мард, Зан ва Ишқ. Оре, мард хушбахт аст: агар чаҳор нафар, панҷ нафар ва ҳафт нафар ҳам бошанд, вақте фарзандон ба дунё меоянд. Вале ин акнун хушбахтии нав аст. Ин хушбахтӣ метавонад ҷолибтар, ғанитар, саъодатмандтар бошад, ин хушбахтии нав аст, вале хушбахтии се нафар – Мард, Зан ва Ишқ беназир аст.

Ва бино бар ин ҳар мард бояд ҳамеша ин амри муҳаббатомез ва ё ин маслиҳатро аз китоби машҳури «Ҳамосаи Гиггамеш» дар хотир бигирад: «Бигузор рӯи синаи ту барои ҳар зан хубу ҳаловатбахш бошад…»

*Тарҷумаи Азимқул Насимов*

## Раиса БОРОВИКОВА



*Раиса Андреевна Боровикова дар вилояти Бресті Ҷумҳурии Белорус таваллуд ёфтааст. Донишгоҳи адабии Москваро хатм кардааст. Дар Минск будбош дорад. Дар идораи рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳурӣ фаъолият дошт муддати афзуне. Ҳоло сардабири маҷаллаи адабии «Чавонон»-и Белорусия мебошад. Раиса осори зиёде ба табъ расондааст, бештар барои бачаҳо менависад. Вай барандаи ҷоизаи Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Белорусия ба номи А.Кулешов аст. Инчунин барои комёбиҳояш дар соҳаи адабиёт бо мукофоти хосаи раиси Ҷумҳури Белорусия сарфароз гардидааст.*

## НИЛУФАРИ СОҲИЛИ БЕҶОН

*...Воқеан ҳам, дар шароити муҳити атроф чунон қабатҳое метавонанд пайдо шаванд ва маводе ҷиҳати шаклгирии холигоҳ ва пурназокат рӯйи онҳо ба вуҷуд оянд, ки чунин раванд дер гоҳ вазъ ва ҳаракати ҷисмҳои сахтро бидуни тағйироте маҳфуз дорад.*

*... Чунин мурур вазъ ва тартиботи зарраҳои ҷисмҳои сахтро дуру дароз нигаҳ медорад.*

*Диоҳен Лаэртский. Китоби даҳум. Эпикур.*

**1**

Ҷониби муқобили соҳили Яселд пастие буд, ки дарахтони бед дошт ва оби он соҳил хираю вазнин буд, ҳатто мавҷе ҳосил намекард. Вале нилуфарҳояш ба ҷунбиш меомаданд, ҷавлон меза-

данд. Нилуфарҳо танҳо он ҷо, дар ҳамон соҳил меруиданд.

– Ту бош!.. Рӯзи таваллудат кай?

Гнатко баргашта нигоҳ кард. Мехост ким-чӣ бигӯяд. Вале ба ҷои он химчаеро ба даст гирифт, ки зери пой мехобид ва худ шитобон тарафи рӯд бирафт. «Ба он соҳил шино мекунад то нилуфар чида ояд» – аз дил гузаронд духтарак. Гнатко воқеан ҳам шино кард, вале пеш аз шино дар лаби об, рӯи реги пурнам бо он химчаи дасташ тез-тез ким-чӣ навишт…

– Володя, – гуфта, оҳиста садо кард ва ба як зудӣ шарфаи пойи бародарашро шунавид. Вай ба даруни ҳуҷра назар андохт:

– Ман ҳоло боз мехостам туро бедор созам. Медонӣ, соат чанд?

– Ана барои ҳамин моҳи ноябрро дӯст намедорам. Охир, шабҳояш бисёр дарозанд.

– Чӣ хел шаб! Соат кайҳо ҳашт шуд, қатораи ман соати даҳ меравад.

… Сипас, онҳо дар ошхона нишастанд. Наҳорӣ хӯрданд. Рӯз шанбе буд, ғуборолуд, пуршамол.

– Хуб, ту ба модарам сим зан, бигӯ ки ман кайҳо ба роҳ баромадаам.

– Ӯ-ҳӯ-ӯ-ӯ, – сар ҷунбонд вай. – Ту пулҳоро хушрӯ ҷо ба ҷо кардӣ?

– Ҳо-о, албатта. Ба ҳамаи кисаҳоям тақсим карда гузоштам. Панҷсад доллар дар яктояш, панҷсад доллар дар дигараш. Азони ту – даруни телевизор…

Духтар базӯр як бурда сирро фурӯ бурд, оби дидагонашро базӯр дошт. Ва бародараш инро бидид. Тақсимчаи пешаш бударо дуртар тела дод, даст ба китфи хоҳараш гузошт:

– Галяҷон!.. Ту ором бош! Хуб, пул кам аст, одамон кам доданд… Он пулҳо аз куҷо! Барои хонаи холаам се ҳазор метавонистам бигирам. Хуб, ҳамин қадар додандам. Зимистон ҳамааш мепӯсид!

– Не, намепӯсид!

Бародараш аз сари миз бархостт:

– Пас, медонӣ чӣ?.. Лозим буд ба ту, ки худат биравӣ, бифурӯшӣ! Ана, ин Лагутскийи ту мисли ман фикр мекунад. Хубаш, ба якуним ҳазор фурӯхтан аст, назар ба он ки …

– Ту ҳоло вақт ёфта, ба Лагутский ҳам сим задӣ? – сухани ӯро бурид духтар.

– Телефон кардам … Дар ҳар ҳол, ӯ хеши мост, – саросема шуд бародараш ва бирафт, то ки тайёрии роҳро бинад, ба маркази ноҳияи на чандон калони шарқии Белорусия, ки он ҷо бо оилааш зиндагӣ дошт. Дар ҳамон маркази ноҳия модараш ҳам якҷоя зиндагӣ мекард. Вале вай, Галяҷон, майли он ҷо рафтан надошт. Ба хонаи холааш – гапи дигар, ба ҷону дил мерафт… Аммо холаи Маня дигар нест, хонааш ҳам арзон ба фурӯш расид. Боз чӣ хел хона буд! Аз чӣ буд ӯ ба ёд овард, рафтори Лагутский – собиқ шавҳарашро, ки тахмин шаш сол пеш якҷоя хонаи холааш рафта буданд ва ҳатто ӯ хост бо хишт ҳуҷраи иловагие бисозад. Чӣ лозим буд ҳуҷраи иловагӣ, модоме ки бино панҷ ҳуҷра дошт? Бино дар ду тарафи ҳавлӣ сохта шуда буд, ки ду даҳлез ҳам дошт! Бародараш, гӯё фикри ӯро дарк кард, ки ҳоло гарданбандашро накашида, ба ошхона назар кард.

– Ман қариб омода шудам. Ту мешунавӣ, рафтаву Лагутский сим занад, бо ӯ муомилаи хуб карданат лозим. Хонуми вай мариз аст. Диқи нафас! Кору борашон касалхонаравӣ…

Ва ин барояш хандаовар вонамуд гардид.

– Хуб, ту чӣ гуфтанӣ ҳастӣ ва шояд аз вай хоҳиш намоям, ки ба хонааш даромада бишинам?

Вале дар овозаш, ғайр аз бепарвоӣ чизи дигаре вуҷуд надошт. Охир, ба Лагутский вай чӣ коре дорад. Ва боз ба хонуми ӯ! Танҳо баъдтар, бародарашро гусел карду, фикран нисбат ба Лагутский дилаш сӯхт. Вақте ки онҳо хонадор шуда буданд,

вай дар донишгоҳ дарс медод, ният дошт, ки рисолаи номзадӣ ҳимоя намояд. Вале баъд аз баҳри ҳамааш гузашт, ба кадом як кори тиҷоратӣ машғул шуд, ҳатто хонуми дуюмашро низ ба он ҷо бурд. Ва инак ба ту – диқи нафас! Онҳо гоҳ-гоҳе, тасодуфан бо ҳам рӯ ба рӯ меоянд. Ва Галяро он чиз дар ҳайрат мегузорад, ки баъд аз он ҳама дилбастагӣ, чӣ тавр ба ҳам бегона гардиданд. Аз ростӣ, ин ҳолат барои ҳар кас ҳар хел вонамуд мегардад. Ин ҳам ба шароит вобаста аст, албатта. Он чӣ, ки боиси ҷудоияшон гардид, вай аввал холаи Маняро гунаҳкор медонист.

Ин соли чаҳоруми ба як болин сар ниҳодани вай бо Лагутский рӯй дода буд. Ӯ аз холааш барқия гирифт: то тавонӣ, биё. Дар коштани картошка ёрӣ деҳ. Ва ӯ рад карда натавонист. Ба хола, ғайр аз ӯ, дигар каси ёридиҳанда набуд. Хуб, ҳаёт ҳамин тавр ба вай муяссар шуд, Маня хола умре ба танҳоӣ зист, бешавҳар, бефарзанд. Ва ӯ, Галина, аз хурдӣ барои холааш на хеш, балки зиёда аз он фарзанд барин маҳсуб мешуд. Барои ҳамин ҳам дер накарда, пас аз як рӯзи расидани барқия, аз ҷойи кораш рухсат гирифт чанд рӯз аз ҳисоби худу бирафт…

Ҳамон сол баҳор барвақт фаро расид. Галя ғам мехӯрд, ки картошкаи холааш сари вақт кошта нашуд. Холааш гӯё акнун ба ёд меоварад: э мон, мебинӣ, чӣ хел баҳор ҳукм меронад, аммо картошкаи ман ҳанӯз нокорида!.. Инак, ӯро даъват намуд. Ва ҳамин ки Галяҷон холаашро бидид, фаҳмид, ки гап сари коштани картошка нест. Худи холааш ҳам инро иқрор кард.

– Ҳамин тавр ҳам фикр карда будам, ки ба зудӣ меойӣ, – гуфт ӯ ба хоҳарзодааш.

– Охир, ба шумо ёрӣ додан лозим – ку!

– Кайҳо ҳамаашро кошта будам, Галя. Бисёр мехостам, фақат туро бубинам. Пагоҳ ё фардо ёси мо гул мекунад…

– Ва барои ҳамин маро даъват кардӣ? – Галя бо тамасхур ва тааҷҷуб ба холааш чашм дӯхт. Вай ҳамаашро танҳо ҳамон вақт фаҳмид, ки ба ҷогаҳи хоб даромад.

– Га-ля, – садо кард хола, – хобат набурдааст?

– Не-е, ба болиштҳои ту одат карданӣ ҳастам.

– Ҳа – а, одат бикун… – Ва худи ҳамон лаҳза, баъд аз як нафас гуфт. – Маро мешунавӣ, Галя… Аз чӣ тую Витка ҳоло ҳам фарзанд надоред? Кайҳо бояд ягонтаашро мезоидӣ!

– Биё мон, холаҷон. Беҳтараш хоб рав! – ҷавоб дод Галина.

– Не-не, ҳоло бисёр хоб мекунӣ. Вақте ки фарзанд ҳаст, ин оила гуфтанӣ гап аст. Вале бе фарзанд… Ту мефаҳмӣ, ман хобҳои аҷоиб мебинам. Ту он дам дар утоқи худ, дар Минск, кадом болиштро оғӯш гирифта мегаштӣ… Ва ман дар паҳлӯят. Лаҳзае пас медидам, ки болиштат нест.

– Болиштаки дасти ту ҳамон буд, ки … Эҳ Галя, мегуфтам – ку болиштаки ту? Посух медодӣ, ки гӯё кадоме онро дуздид, худи ҳамон лаҳза… дар пеши чашми ҳама. Галя оҳиста нафас дарун мекашид, гӯш медод, вале холааш Маня давом медод.

– Хуб, аз чӣ хомӯшӣ? Ва ҳам намепурсӣ, ки ин рӯъё чӣ тадбире дорад?

Ҳо-о, мебинам, ки мароқ зоҳир кардаӣ… Ҳоло ба ту мефаҳмонам…

Он болиштак – Витяи туст. Бо вай зиндагии хуш доштӣ, осуда будӣ, вале…

Галя дар ҷавоб хандид:

– Ту бояд файласуф мешудӣ, Маня холаҷон. Аммо ту бо фалосифаат ману Витяро ба ҳам баста наметавонӣ. Ман барои ӯ ягона ҳастам, ягона! Биё, беҳтараш хоб равем.

Вай, Галя, он вақт ҳатто фикр ҳам карда наметавонист, ки он гапаш то чӣ андоза ғалат аст. Дар ҳар ҳол, ӯ зимнан ба ҳаяҷон омада буд. Вале рӯзи дуюм

ӯ тайёрӣ бидид, то ба Минск баргардад. Вай, мисли он, ки ҳамеша ин тавр мекард, бо қатораи барқосо (электричка) нарафт, балки ба автобус нишаст. Фикр мекард: қарибиҳои ними шаб ба Минск мерасам, вале дар ҳар ҳол тезтар мерасам! Хаёлаш, ки касе ӯро таъқиб мекунад, зудтар бирав мегӯяд. Ба хонааш – ба Виктор сим ҳам назад. Ҳамин ки ба Минск расид, зуд ба таксӣ нишаст. Вай медонист, ки нақлиёти ҷамъиятӣ бегоҳиҳо хеле кам ба роҳ мебарояд. Мисли гули махлаб[1] шукуфта, аз дари хонааш даромад. Виктор ба истиқболи вай набаромад. « Дар ҳаммом аст шояд», –-аз дил гузаронд. Он ҷо об шаррос мефуромад.

Ба ошхона назар карду таги дари он гӯё ях баст, шах шуд. Паҳлӯи шиша фariштаи ношиносе рост меистод, духтараки хеле ҷавон, ҳатто худро гум ҳам накард. Тобаи филизиро аз рӯи оташи сӯзони газ бардошта, як сӯ гузошт ва ҳайрон-ҳайрон ба Галя чашм дӯхт, ки аз дасти ӯ гули махлаб ба замин мерехт, дона-дона ба замин мерехт. Дертар, вақте ки Галя ин лаҳзаро ба ёд меовард, худ аз худ ҳайрон мемонд. Зеро на танҳо ҳузур доштани он зандухтарча дар хонааш ӯро асабонӣ менамуд, балки хилъати Галяро пӯшида, аз болои шими ҷинсаш партофта буд. Виктор аз ҳаммом берун омаду бо табассуми сохтае, ки гӯё дар рӯяш сиреш карда буд, гуфт:

– Галяҷон, мебинӣ, дар хонаи мо меҳмон. Ҳоло бо ҳам ошно нашудаед?

Занак сӯи духтарча рӯ тофту ҳумҳумкунон гуфт:

– Ту худро беҳуда аҳмақ макун. Худро ба девонагӣ назан! «Оҳо, суст не-ку?» – хулоса кард Галя. Вай ҳатто ҳис ҳам накард, ки гулҳои шохчаи махлаб мерезанду мерезанд… Виктор онҳоро ҷамъ

---

[1] Махлаб – дарахтест, ки гули сафеди хушбӯй ва меваи сиёҳ дорад.

карда, якбора бардошту даруни қуттии охол партофт.

– Биё, ба утоқи хоб, – гуфт ӯ ба Галя.-Гап ҳаст.

Вай итоаткорона аз қафояш қадам зад. Ба чашми худ бидид, ки рӯҷоҳои як ҳафта пеш шустаю дарзмол кардааш рӯйи кат миҷиқ хобидаанд. Вале ин Викторро ба ваҷоҳат намеовард.

– Галяҷон, ту ҳатман, ҳамаашро худ мефаҳмӣ… Бисёр боақл ҳастӣ! Биё бишинем. – Вай рӯи кат нишаст. – Ту худ инро хуб медонӣ… Байни мову ту, байни ману ту ягонагии табиӣ (биологӣ) вуҷуд надорад.

Галя ба шӯр омад, вай сар бардошт.

– Оё, – пурсид бо киноя, – чаҳор рӯз пештар мову ту нағзакак хуфтухез надоштем?

– Ту ҳамин тавр гумон кардаӣ. Доим гумон мекардӣ! Ту кайҳо мариз шудаӣ. Худи табиат муқобили мост…

– Дафъи хок шав ту, бо ин табиатат, Лагутский! – Барои он ки ногоҳ гиряро сар надиҳад, як табақи дарро тараққос бизад, баъд дигарашро, ба даҳлез баромад, раҳорах дасткавлашро гирифт.

Ҳамон шабро вай дар хонаи дугонааш гузаронд, баҳона кард, ки Лагутский гӯё ба сафари расмӣ рафта асту танҳо худаш дар хона истодан нахост. Вай ҳоло боз як рӯзи истифода накардаи рухсатӣ дорад, ки аз ҳисоби худ гирифта буд. Аз ин рӯ субҳ назди як ҳуқуқшиноси ошнояш даромад, то маслиҳат бипурсад, ки чи гуна осонтар ақди никоҳро бекор карда метавонад. Вале дар хона ӯро руқъае интизор буд: «Галяҷон, ман тамоман рафтам. Ҳама чизро барои ту гузоштам. Аз пайи бекор кардани ақди никоҳ шав! Лагутскийи ту».

Пас аз як моҳ онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Лагутский дере нагузашта, боз зан гирифт, аммо вай… Бале, обу адо мешуд! Худро охирин таҳқиршуда ва бешармона партофташуда мепиндошт. Тамоми

вақташро ба кор бахшид, вай дар осорхонаи таърихӣ адои вазифа мекард. Баъд аз як-ду моҳ ҳамаи пардаи дару тирезаҳояшро дигар кард, даҳҳо сару либоси нав ба даст овард ва рухсатии навбатии худро гирифта, ба истироҳат рафт… ба хонаи холаҷонаш Маня рафт, мехост он ҷо як моҳ бимонад. Вай дар ҷомадон, якҷоя бо сару либосҳояш се шиша шампон низ гирифта буд. Сиюми август – рӯзи таваллуд дошт ва онро бояд қайд кард, – мегуфт ӯ ба худ, – ин якумин рӯзи таваллуд буд, ки бе Лагутский мегузашт.

## 2

Август – моҳи гулҳои қашқарӣ, гладиолусҳои ҳарранг дар боғи холааш, катҳо, себҳои антоновӣ зард шуда, як паҳлӯяшон ранг меовард. Ҳаво сахт гарм буд, чашми касро мерабуд. Муддати як ҳафта ӯ бо холаҷонаш дар бораи ҳама чиз гуфтугӯ кард, ана баъд … барои худ аз соҳили оббозхо ҷойе интихоб намуд. Аз субҳ қариб, ки то фурӯ рафтани офтобу дамидани шафақи лолагун он ҷо нишаста, дафтари хотираҳояшро гӯё варақ мезад, ба илҳом меомад, аз нури офтоб баҳра мебардошт.

Соҳили оббозон пур-пури кулоҳпӯш, бо бейсбол, бо либосҳои оббозӣ, вале ягон каси барояш шинос набуд. Ва ҳол он ки тамоми даврони бачагии ӯ дар он шаҳр гузашта аст. Он ҷо ӯ дугонае ҳам дошт, лек вай ба соҳили оббозӣ ҳеҷ гоҳ по намегузошт. Чунон ки ӯ дарёфт, одамони маҳаллӣ он ҷо намеомаданд. Вақти бекориашон онҳо бо парвариши боғчаи худ машғул мешуданд. Рӯйи регҳои тафсон танҳо мусофирон, мисли ӯ рухсатӣ гирифтагон ва боз ҷавонон, бештар наврасон истироҳат мекарданд. Бо вуҷуди ин чашмони ӯ боз ким-киҳоро, албатта, меҷустанд. « Ҳӯ-ӯ он сафедпӯсти нозанин, ки айнаки мӯди охирин дар чашм дорад. Ва дирӯз гирду пеши ӯ кадом ҷавонмарди аҷоибе чун парвона мегашт, – зери на-

зорат гирифт. – Аммо, аз чист, ки вай имрӯз нест. Ва ӯ воқеан ҳам ҷавонмарди ҷолиби диққат!.. Намуди зоҳирияш ба вижа зебо!» Ҳамин гуна мард ба вай маъқул, мӯйи сип-сиёҳ, бо чашмони каб-кабуди фаттон, ки асрори онро ба осонӣ сарфаҳм рафтан амри муҳол аст. Лагутский аз ин мустасно! Ва ӯ пас аз ҷудо шуданаш ҳаргиз намехост, ки ӯро ба ёдаш оварад. Зебосанами сафедпӯст ба соаташ нигарист. Галя низ даст ба дасткавлаш бурду назар карда ва ҳине, ки чашм бардошт, эҳсос намуд, ки қалбаш ба тапидан даромад. Ҳамон дирӯза ҷавонмарди хушандом ӯро сар то по аз назар мегузаронд. Яқин буд, ки беҳуда чашм намедӯзад ва мехост ба суоле, ки ӯро безобита гардонида аст, ҷавоб гирад:

– Шумо ҳамеша ба соҳил бо шадда дар гардан меоед?

– Ин шадда не, ин нигаҳбон!

– Чӣ гуна санг аст?

– Намедонам ва ҳеҷ аҳамият надодаам. Ба ман ин сангро бо ресмонаш пиразане даруни қатора тӯҳфа дода буд. Вай ҳамту ба ман наздик шуда: «Шумо боварии маро сазовор шудед ва ман мехоҳам ҳамин чизро ба шумо тӯҳфа диҳам. Ба гардан овезед, чун муҳофиз».

– Шумо боварии маро низ ҳосил кардед, – табассум намуд ӯ. – Ман биншинам. – Ва нишасту пурсид.-– Хуб, вай аз чӣ нигаҳ медорад?

Вай китф дарҳам кашид.

– То ҳол аз ҳеҷ чиз. Хуб, боз кӣ медонад…

Дар ким – куҷои фикраш гӯё сурати Лагутский падид омаду лек ӯ имкон надод намудор гардад. Галя бодиққат ба симои шахси ношинос наззора карду дида тавонист, ки ӯ хеле хуб офтоб хӯрдааст ва осори он ҳатто дасту панҷаҳояшро низ фаро гирифтааст.

Ӯ хомӯширо халалдор кард:

– Гнатко.

Галя фаҳм накард. Ӯ инро эҳсос карду:

– Гнатко аст номи ман, – шарҳ дод вай.

– Яъне, Игнат.

– Намедонам. Волидонам Гнатко мегӯянд, – гуфт ӯ.

– Номи ман Галина.

– Ҳо-о, ана он малламӯй ҳам, Галина ном дорад, – гуфт ҷавонмард. – Вай ҳам мисли шумо мусофир аст.

– Шумо чӣ тавр ёфтед, ки ман инҷойӣ нестам?

Санами малламӯй кайҳо ҷавонмардро эҳсос карда буд ва хеле асабӣ ҳам шуд. Инро танҳо занҳо эҳсос мекунанд, ки ба яке маъқул шудан мехоҳанд ва бо эҳсоси ноаёне ин даст медиҳад ба онҳо. Галя ва Гнатко дер гоҳ бо ҳам гуфтугӯ карданд. Ва он сӯҳбати тамом одӣ, ба ӯҳдаи касе чизе во намегузошт ва ниҳоят ӯ нигоҳҳои санами малламӯйро дида гуфт:

– Ба ман лозим, ки назди ун Галина равам, то хайру маъзур намоям. Вай имрӯз меравад, ба ин ҷо бо масъалаҳои барқарорсозӣ омада буд. Ва ман боз меоям…

Ва ҷавонмард омад, хеле зуд ҳам омад. Боз дар паҳлӯяш нишаст. Ба сангҳои шаддаи гардани ӯ нигарист ва эҳсос кардан имкон дошт, ки ба онҳо даст расонда дидан мехоҳад.

– Яъне нигаҳ дошт?

– Маъқулатон шуд? – ва зуд мавзӯи гуфтугӯро дигар кард, – ин ҷо чи гуна кори барқарорсозӣ мавҷуд аст?

– Ҳеҷ гуна! Ҳоло танҳо лоиҳаи барқарорсозии калисои картезианҳо[1] дар назар аст. Ин ҷо давродавр боқимондаҳои биноҳои кляшторӣ мавҷуданд. Ягон вақт инро шунидаӣ?

---

[1] Картезианҳо – узви ордени католикӣ (манахӣ), ки аз рӯи аввалин калисояшон (соли 1084), дар наздикии Гренобл, маҳаллаи Шартрёз номгузорӣ шудаанд. Камшуморанд, дар Итолиё, Испаниё, Фаронса ҳастанд (Тарҷумон).

Онҳо ноаён «ту» гуфта, сар карданд. Ва ӯ ба ҷавонмард дар бораи он кляштор бисёр метавонист гап бизанад, ки аз ҷониби итолиёвӣ Ҷислени таҳти сарпарастии канслери Литвонӣ ба ном Сапеги, ки аз Фаронса ба ин ҷо бештар аз сесад сол пеш манаххо – картезианҳоро дода буд. Охир, ихтисоси вай таърихшинос,-вале дар дигар хусус гап мезад:

– Дар ҷавониям, вақте ки хонаи холаҷон меомадам, ба ман лозим мешуд ҳамроҳи наврасони маҳаллӣ сӯи деворҳои он калисо бидавам.

Онҳо бо арвоҳҳо метарсониданд маро. Баъд тамоми шаб онҳоро хоб медидам.

– Рӯъёҳоро? А-а? Онҳо одаманд? Одамони бадбахт…

– Одамон?

Офтоб гармии худро кам кард, аз Яселд боди сард вазид.

Гурӯҳи сермағали наздики онҳо чизу чораҳояшонро бардошта, ҳаракат мекарданд, ки соҳили оббозиро тарк намоянд.

– Ту аз мардуми таҳҷойӣ? – пурсид Галя. – Валя Карпинчикро мешиносӣ? Дар почтахонаи ин ҷо мудир аст. – Ва боз мехост ӯ бигӯяд, ки Валя дугонаи ӯст, аз давраи наврасӣ. Ва фардо – сиюми август, Галина, рӯзи таваллудат аст. Ва ӯ бо Валя ваъда кард, ки фардо бегоҳӣ нишаст доранд, шампон менӯшанд. Ва агар вай зид нест, вайро ҳам ба хонаи Валя даъват мекунад, ба зодрӯзи худ. Танҳо эҳтиёт шавад, ки гӯё номи Валя Карпинчикро нашунидааст ва ба кадом сабаб дар бораи вай шунидан ҳам намехост. Гнатко пурсид:

– Ту бо навиштаҷоти Эпикур ошноӣ?

Галина мутаҳайир ба ӯ назар кард.

– Ба кадом маънӣ? – зиқ шуд. – Як замон дар донишгоҳ рулфунун, вақте ки аз адабиёти қадим дарс мегуфтанд, дарси фалсафаро низ доим бо шавқ гӯш ме-

кардам. – ӯ шарм медошт, ки худро нохонда вонамуд созад.

– Ман тамом дар дигар хусус. Дар бораи ҳастӣ ва назокат…

– Бале-бале, мароқовар аст.

– Ҳам ину ҳам он иборатанд аз зарраҳо, ҷон ва тан… охираш пир мегардад, пирӣ ба рӯҳ ҳам таъсир мерасонад. Воқеан, аз рӯи гапи Эпикур, вай дар ҷисму ҷон ҷойгир аст. Вале ту, ба худ марги зӯроваронаро тасаввур намо. Ҷасад, ки ҳастӣ аст, мемирад. Нозук аст, а? Зарраҳои ҷон, ки гӯё хеле сабуксайранд, онро тарк месозанд… Эпикур, ана, ҳаминро «гузашт» меномад, ки гӯё « дидашаванда» мебошад. Агар хоҳӣ, метавонам онро беғалат иқтибос орам: « … ва шакл он шаклест-– ба мисли шакли маводи сахт».

– Ту фалосифаи қадимро меомӯзӣ?

Вай хандид, вале дар чашмонаш кадом ҳузне чуқур фурӯ рафта буд. Баъди каме таҳаммул ҷавоб дод:

– Мехоҳам ба ту зудтар табиати ҳамон рӯъёҳоро бифаҳмонам, то ки ту аз онҳо натарсӣ, балки ба онҳо раҳмат ояд. Рӯъёҳо – қурбониёни марги тундравона ҳастанд. Вале ҳанӯз нопухта… Тарафи офтоб назаре карду давом дод. – Сӯи об меравам, ба об медароям…

Галина бидид, ки чӣ тавр ӯ даруни рӯд даромад ва худ чунин тасаввур мекард, ки дар ҳаёти ӯ як навъ исти рӯшан ҳосил шудааст. Ин гуна ист, одатан дар ҳаёти ҳамаи одамон рух медиҳад. Ва дар шароитҳои гуногун тӯлонӣ мешавад, дер давом мекунад ва ниҳоят ба ҳадди эътидол меояд, баробар мешавад ва дар як қатор саф мерояд, ки он сарҳади тақдир аст… Галина, аз афташ, сар дар офтоб тафсондааст, – чӣ гуна ист, чӣ хел хатти тақдир?! Лагутский ӯро тарк карда рафт, дар ҳоли зору яккаю танҳо гузошт, ки аз вартаи он ҳеҷ роҳи гурез пайдо

намекунад. Аз ҷониби дигар, хуб, чӣ боке? Осмон омада ба замин начаспид! Ҳамааш мегузарад, дигаргун мешавад. Вай ҳоло истироҳат дорад. Мардаке барояш маъқул. Вай метавонад пагоҳ бо ӯ ба сайр барояд, ба сайри шаҳре, ки аз гармии ҳаво сӯзон аст ва шояд ҳам бо ӯ дар яке аз утоқҳои ҳавлии холаҷон паноҳ мебаранду ҷогаҳеро гарм месозанд?..

Лек ана ҳамин охиринашро мехоҳад, ки ба як матои зебо гиреҳ бандад. То тавонад онро дар қаъри нопайдои асрор нигаҳ дорад, ҳамаи фикру эҳсосоташро раҳгум занонад, аз онҳо барҳазар бошад, бигурезад, аз дигарон рӯ тофта, худро ба девонагӣ бизанад, аз сеюмӣ – шубҳа намояд, худашро худаш обу адо созад…

Мардҳо бештар фидокоранд ва ҳам ягонтои онҳо ба ҷое худро бизанад, вай буқаи зотиро мемонад. Занҳо таҷзиягарӣ мекунанд, зеро маҳз онҳо таҷовузкор, ҳарчанд, ба мардҳо имкон медиҳанд, ки ӯ занро соҳиб мешавад, шаҳвати худ нигаҳ медорад, вале дар асл, ҳамааш чаппа аст. Интихоб карда мегирад зан. Қадам ба қадам. Дар аввал ба таннозӣ, пас аз он бо назокат такя месозад. Ту мехоҳӣ, ки даст сари зонуяш гузорӣ, хуб, чӣ боке, бигузор… Вале пас аз лаҳзае ман вайро дур меандозам, бо ғазаб дастон дар камар гирифта, нақши « бибӣ ҳаросон – даст нарасон»-ро мебозам, бо худи ҳамин туро водор месозам, ки аз рафтори хеш даст накашӣ ва он даст, ба ҳар ҳол, дар ҷои аввал – сари зону қарор дошта бошад… Вале, куҷост Гнатко? Дар соҳили рӯд дуто духтарча бо якдигар обпошакбозӣ доранд. Ва дар тамоми Яселди соҳили бепоён касеро дида наметавонӣ. Вай куҷо пинҳон гардид? Ва сару либоси ӯ куҷост? Шояд, вай бо дӯстонаш ба соҳил омада буд? Аммо истироҳаткунандаҳо то рафт кам шуда-кам шуда рафтанд – ку?

Вай боз як нафас сабр кард ва худаш ҳам тарад-

дуди рафтан дид. Вай худро чун духтарчае эҳсос кард, ки бозичаи зебоеро барояш нишон доданд, вале ба дасташ надоданд… «Дар ин шаҳрак гум шудан душвор, – худро тасалло медод вай, – ва худ фардо боз ба ин соҳил меоям». Вай бисёр мехост, ки ин ҳолат давом дошта бошад. Ва ким-чӣ ба ӯ итминон мебахшид, ки ҳамон тавр ҳам хоҳад шуд.

Вай дар ин пешгӯияш ғалат накарда буд. Пагоҳӣ аз ҳарвақта ҳам пештар ба роҳ баромад. Ва ҳамин ки қадаме ба пайраҳа гузашта, аз байни буттазорон ба соҳили регистони Яселдо даромад, чашмаш ба Гнатко афтод. Вай дар ҳамон ҷое менишаст, ки дирӯз кампалаш рӯи рег мехобид. Вай ҳам диду аз ҷо хеста, даст афшонд.

Галяро ҳаяҷоне пахш кард: ким-чӣ, дар ин ҷо, дар ҳамин соҳили оббозҳо дигар хелтар аст, мисли дирӯза не, ким-чӣ тағйироте ба амал омадааст, пеши назараш гӯё соҳили регзори мурда мехобид. О не-е, ҳӯ онсӯтар хонуми тулум бо се фарзандаш истода. Ғайр аз чори онҳову Гнатко дигар касе нест.

Вақте ки назди Гнатко расид, дар ҳамин хусус суол кард.

– Ба хаёлам ин миност ба дигаргунии харобиоваре! – гуфт таври ҳазл. – Дирӯз ин ҷо пур-пури одам буд, имрӯз хаёлам ҳамагӣ ба фано рафта. Соҳил тамом мурда аст. Чӣ ҳодисае рух дод?

– Тобистон охир шуд! Донишҷӯён ҳама ба дарсҳошон рафтанд. Мактабиён ҳам ба наздикӣ дохили синфхонаҳояшон хоҳанд шуд ва ҳам табиат… Пас аз зӯҳр ваъдаи борон доданд, фикр мекунам, ки меборад.

Галина кампалашро рӯи рег густурд, аз сумкааш чанд дона себ ғелид. – Мехоҳӣ? – нигоҳашро ба онҳо дӯхт. – Инҳо себи маҳтобӣ.

– Мебинам, – посух дод ӯ вале себ нагирифт.

– Рӯятро гардон, – хоҳиш кард аз ӯ Галина, мехоҳам либос кашам.

– Имрӯз чандон сард не, бо эзорча метавон нишаст.

Аммо вай ҳамаашро кашид. Ҳатто тагпӯшакашро ҳам бароварда рӯи либосҳояш партофт.

– Гӯш кун, либосҳои ту ку? Оё ҷои дигар либос кашидӣ?

– Не-е, ҳамаи либосҳои ман аз соли гузашта ин ҷониб дар ҳамин ҷойҳо.

– Гуфтанӣ ҳастӣ, ки ҳамаи кору борат ҳамин, дар ин соҳил бекорхӯҷагӣ мекунӣ? Зимистону тобистон? – мазоҳомез хандид.

– Ҳм-м, – бо табъи хира ним табассуме зоҳир карду дар паҳлӯяш нишаст.

Галина мехост бипурсад, ки ӯ дар куҷо кор мекунад, бо кӣ ва дар кадом кӯчаи ин шаҳр зист дорад. Аммо ба ҷои ин ҳама рӯи кампал дароз кашиду пурсон кард:

– Ва ҳоло ту мегӯӣ, ки имрӯз борон бояд биборад? Ҳайратовар не! Имрӯз ҳаво мисли фардо, метавон гуфт, ки ҳамон тафовут мисли тобистону тирамоҳ. Ва ман дар ҳамин ҳудуд таваллуд шудаам. Имрӯз – рӯзи мавлуди ман! Метавонӣ, аз ҳозир табрик намоӣ… Орзумандиятро қабул дорам, ҳатто гулдастаро… Ман духтар. Духтарон гулро дӯст доранд.

Вай бидид, ки ранги рӯи ӯ канд ва дар андомаш нороҳатӣ падид омад, таъна зад:

– Охир, ҳеҷ илоҷаш набошад, гӯшҳои маро қапу бикаш, чунон ки дар бачагӣ… Гнатко дудила шуд, сипас сар ҷунбонд:

– Беҳтараш – гул! Дар он соҳил марғзори пури гули зарду нилуфари сафед ҳам. Ин гулҳо танҳо дар мо мерӯянд. Ва ҳатто савсани зарди обӣ ҳаст. Ман ҳамин лаҳза бармегардам!

Вай аз ҷояш бошаст хест, тез-тез ҷониби рӯд рафт.

– Сабр бинмо, Гнатко-о!

Вай таваққуф намуд ва нигарист.

– Рӯзи таваллуди ту кай? Аз рӯи фолнома ту кадоминӣ?

Вай посух надод. Як лаҳза сӯяш нигаристу сипас ба замин хам шуд, химчаи хурдеро бардошт ва ба соҳил наздик шуда, рӯйи реги тар тез-тез ким-чӣ навишт бо нӯги химча. Баъд химчаро дур андохт, ба рӯд ғӯта хӯрд ва сӯи соҳили муқобил об кашида, бирафт.

Галина чашм пӯшонда, аз офтоб паноҳ бурд, кулоҳи хасинашро ба сар кашид... « Ва шояд, ин бегоҳӣ хонаи Валя Карпинчик наравам? Ҳоло ҳам, ки дер нашудааст, ҳамаашро бекор бояд кард. Рӯзи таваллуди худро метавонам дар хонаи холаҷон қайд намоям. Вай фақат хушнуд мешавад. Ҳоло Гнатко, ки омад, ӯро даъват мекунам ва мо зуд меравем аз ин соҳили мурда. Бозор медароем, ҳар чӣ – ҳар чӣ мегирем, баъд ҳар ду якҷоя пухтупаз мекунем...» Вай баногаҳ як қад парид. Як чизи вазнину сард ва тар рӯи дасташ омад, чакраҳо китфҳояшро, шикамашро сӯзонданд. Аз ногаҳонии ҳодиса бо даст шаддаи гарданашро кашид, ки он ҳам шартас канда шуд... Рӯйи кампал чанд дона савсани обӣ фуромад. Калон-калон бо рагу появу барг, гулҳояш зарди баланд.

– Гнатко! – гуфта, ӯ ба атроф чашми андохт. Аммо вай он ҷо набуд. Танҳо он зани тулум фарзандони худро садо мекард, ки оббозӣ доштанд ва акнун оббозиро бас кунанд!.. Мушташро воз карда, шаддаҳояшро дошта тавонист, аммо мӯҳраҳо кам шудаанд, шояд рӯи кампал рехтаанд ва аҷаб не рӯи рег пош хӯрдаанд? – Гнат-ко-о! – Вай акнун аз ҳаяҷон ба фарёд омада буд, аҷаб не ӯ боз он сӯйи соҳил шино карда рафт. Вай посух надод ва ӯ ба рӯд наздиктар бирафт. Дар ҳамон ҷойе қарор кард, ки Гнатко рӯи реги пурнам навиштае бо нӯги химча боқӣ гузошта буд. Он ҷо таври намоён рақамҳои

26.07.1999 ба чашм мерасиданд. « Вай ин ҷо чиҳо навиштааст? Ман аз ӯ рӯзи таваллудашро пурсида будам ва агар ба мантиқ риоя шавад, ин бояд ҷавоби ӯ бошад. Вале ӯ тахмин бисту ҳафт сол дорад. Пас, чаро соли 1999? Муаммо!»

Вай боз садо кард: – Гнат-ко-о-о!

– Аз Яселд боди сард мевазид ва хеле пуртаъсир. Дар он сӯи соҳил дарахтони бед гӯё фиғон доштанд, зери шамоли сахт хаму рост мешуданд. Зани тулум баччаҳояшро қариб, ки аз даруни об ба зӯрӣ баровард. Фарёд мезад, ки зуд-зуд либос пӯшанд. Маълум, ки вайрон шудани обу ҳаворо ҳис кардааст. « Ман ҳам бояд аз соҳили оббозӣ бояд биравам,-фикр мекард Галина, – Гнатко бубинад, ки ман меравам, агар хоҳад, аз ақибам меояд».

Бори дигар ба соҳили муқобил назар афканд, баъд хам шуда химчаеро, ки Гнатко бо он рақамҳои худро навишта буд, аз замин бардошт. Зери онҳо ҳарф ба ҳарф, рӯи реги пурнам навишт: « Бегоҳӣ ман дар хонаи Валя Карпинчик хоҳам буд. Агар хоҳӣ, биё!» Химчаро партофту бирафт… Зуд-зуд либос дар бар кард. Кампалро якҷоя бо савсангулҳо печонда, ба сумка андохт. Боқимондаи шаддаи шабаҳояшро низ он ҷо партофт. Кулоҳи хасинашро то тавонист сахттар ба сар кашид, сумкаро бардошта, аз соҳил то метавонист зудтар хориҷ шудан мехост ва гоҳ-гоҳе ба ақиб ҳам назар меафканд…

## 3

Маня хола ӯро то даричаи боғ гусел кард. Албатта ба дил гирифт, ки вай, Галина рӯзи таваллуди худро дар хонаи каси бегона, бигузор дугонаш ҳам бошад, мегузаронад. Аммо ранҷиши худро ошкор накарду ҳамин қадар гуфт:

– Вақти бозгашт, бигӯй, ки Карпинчикҳо туро гусел намоянд, одамон шаб, пеш аз хоб, сагҳояшонро сар медиҳанд.

– Гусел мекунад, бепарво бош ва ман он ҷо дер намешинам, – гуфт дар ҷавоб Галина ба холааш ва худ аз дил мегузаронд, ки рафту Гнатко ба хонаи Карпинчикҳо биёяд, онҳо зуд пас мегарданд, аз ин хотир як шишаи шампонро барои эҳтиёт он ҷо мондааст.

Ба хонаи Карпинчикҳо пои пиёда бирафт, роҳ он қадар ҳам дур набуд. « Аммо одамон акнун одамвор зиндагӣ карданро ёд гирифтаанд, – қаноатмандона мегуфт ӯ ба худ. – Хонаҳо паси ҳам бо сафолак бомпӯшӣ шудаанд, ҳама хиштин». Дар ҳар ҷо, рӯи девори айвонҳо бастаҳои пиёзи тилогуни хушкондашударо овезон мондаанд, тӯдаҳои лӯбиёро бо палакашон кандаву овехтаанд.

Хонаи Валя ҳам бо боми назаррабо пӯшидашудааш фарқ мекард. Саге фиғон бардошта, давид. Худи ҳамон лаҳза Валя тохта, аз хона ба пешвоз баромад.

– Биё, наистода биё, вақти бо ман буданаш вай намегазад!

Саги калони гурггир Галинаро то айвон гусел дошт. Валя сумкаи овардаи ӯро аз дасташ гирифт, дугонаҳо ба меҳмонхона гузаштанд. Вай мизи кайҳо таҳия кардаи он хонадонро дида, донист, ки онҳо аз мӯҳтоҷон наянд, то омаданаш нағзакак омодагӣ гирифтаанд.

– Ҳайрон нашав, маҳз ҳамин гуна миз бояд омода мекардем, – гуфт Валя. – Рӯзи таваллуди туст, ки баҳона шуд, сад сол аст, ки якдигарро надидаем ва барои ҳамаи он солҳо сари миз баҳузур мешинем!

– Дигарон канӣ?

– Ҳамин ҳоло сарҷамъ шуда меоянд… Бачаҳо хонаи дӯстони худ рафтаанд, Вася – дар боғ… Мебинӣ, осмон чӣ тавр ба борон омодагӣ мегирад? Дар боғ юнучқаи даравидаи мо хоб аст. Бадав рафт, ки ғундорад, вагарна ҳамааш мепӯсад таги борон. Ту ҳоло ин ҷо ба рӯйи диван бишин…

– Ту чӣ?

– Ман ҳоло на ҳамаи корҳои хонаро анҷом додаам, – посух дод Валя ва аз даруни ҷевон ким-чиро берун овард.

– Биё, ман ҳамроҳи ту меравам, ягон хел кӯмак мерасонам, – пешниҳод кард Галина.

– Ту ҳамин ҷо бош, ту меҳмон ҳастӣ! Ана, ин албоми оилавии мо, беҳтараш тамошо кун, ин ҳам машғул медорадат.

Галя албоми пури суратро гирифт, вақте ки дугонааш бирафт, онро варақ гардонд. Саҳифаи дуюмашро дида, хост ки дар ҷояш гузорад, ҳама одамони ношинос, чӣ ҳоҷати тамошо? Вале баногоҳ чашмаш ба чеҳраи шиносе афтод. Дар яке аз суратҳои гурӯҳӣ вай Гнаткоро дида шинохт. «Он ҷо Валя ҳам дар паҳлӯяш қарор дорад. Ҳозир хезаду аз Валя дар бораи ӯ пурсад». Вай бе ихтиёр ба ҳаяҷон омад ва бо албоми варақҳояш боз ба ошхона даромад.

– Валя, ин сӯ нигар, кист ин одам?

– Кадомаш? – ба рӯи сурат хам шуд Валя.

– Ана ин ҷавон.

– Гнатко! Дар почтахонаи мо ба сифати муҳандиси барқ кор мекард. Дар Яселд соли гузашта дар об ғарқ шуд.

– Галинаро ваҳҷа гирифт.

– Чӣ хел… ғарқ шуд?

– Чӣ тавре ки одамон ғарқ мешаванд. Аҷаб не рагҳои дастуپояш кашида бошанд ва ё ягон сабаби дигар. Дар гирдоб рафтааст.

– Аниқтар гап зан, аниқаш кай ин воқеа рух додааст?

– Барои ту чӣ фарқ дорад, охир Галя! Чӣ, оё ту ӯро мешинохтӣ? Қарибиҳои охири июл буд. Рӯзи бистуҳаштум ба хок супурданд. Инашро ман хуб дар ёд дорам. Аммо ғарқ шуданаш бистушашум… Ана, ҳамин тавр. Хуб, бирав ба меҳмонхона, маро аз кор бероҳа насоз, «котлет»-ро бояд чаппа гардонам.

Ва Галина бирафт, ҳис мекард, ки пойҳояш пахта барин бечонанд. Вай ҳоло ким-чиҳоро дар сар мепазонид, кадом муамморо ҳал менамуд. Ҳамон рақамҳои рӯи рег навиштаи Гнатко муаммое набудаанд. Гнатко ғарқ шудааст-26.07.1999. Аммо он чо, дар соҳили оббозҳо, чун чавоби суолаш навиштааст? «Рӯзи таваллуди ту кай?» гуфта будам. Яъне Гнатко ғарқ шудааст ва рӯҳи ӯ он чо ҳозир? Оё ин тавр ҳам шуданаш мумкин аст? Вай дар бораи рӯҳ ким-чиҳо ҳам гуфта буд. Вай мехост ба ёд оварад, суханони ӯро дар бораи Эпикур мехост барқарор созад, дар бораи «гузашт»-и зарраҳо ва «дидашавандагӣ», аммо онҳоро ба хотир овардан муяссараш нашуд. Афкораш парешон, ба мантиқ мувофиқ не, пайдарҳамие дар як ришта надоштанд.

Валя наздаш омад бо лаълии пури тақсимчаҳои газакдор, ба Галина чашм дӯхт ва тарсид:

– Галя, ба ту чӣ шуд? Худро бад ҳис мекунӣ?

Рангат пахтаи кӯҳна барин кандааст! Ҳолат парешон, меларзӣ.

Ва Галина ба вай посух дода тавонист:

– Дилам рехт, – ва баъд ором нагирифта, нақл кард. – Ту медонӣ, ман азоби чудоӣ кашидам... Охир, бо Лагутский ман ақди никоҳро бекор кардам. Вай зани дигар дорад, маро тарк намуд. Ман он қадар азият кашидам, ки... Охир, бадбахт шудам ман... Ҳамааш диламро обу адо кард!— Вай як чизро ба забон меоварду лек дар тафаккураш чизи дигаре туғён дошт. «Гнатко омада, дар паҳлӯяш нишаст. Вай бо ӯ гап зад, ӯ табассум намуд... Ва маълум мешавад, ки ҳамааш шабаҳ аст, шабаҳ, рӯъё! Ҳатто маро бо гулҳои савсан таъмин кард... Охир, чӣ тавр овард ӯ онҳоро, агар шабаҳ дар тасаввури одамон-холигоҳест, кадом як чизи ғайри мавчудотӣ?!. Зудтар аз ин чо гум шудан лозим, бояд бирафт! Ва ҳарчӣ зудтар! Дар ин шаҳрак дигар аз як рӯз бештар истода наметавонам!»

Ҳамин тавр, вай нишаст. Аз ростӣ, пас аз як рӯз бирафт, ба холааш Маня фаҳмонд, ки баногоҳ нотоб шудааст.

Ва тахмин пас аз панҷ соли ин воқеа Галина Ивановна Лагутская дар назди тирезаи хонаи дар Минск будааш рост истода, пардаҳои нилуфариро як сӯ кашид. Вай медид, ки чӣ гуна Виктор Семенович Лагутский бо мошини «Опел-кадет»-и як ҳафта пештар аз Белгия овардааш нишаст. Ӯро хонум вафот ёфтааст. Маълум, ки вай ҳеҷ гуна диқи нафас не, балки ба бемории саратон гирифтор шудааст. Вай омада гунаҳкор будани худро гуфт, узр хост, баргашта омаданӣ шуд ва Галина ӯро қабул дошт.

Ва инак, менигаристу фикр мекард:

« Ин зиндагӣ худ чӣ гуна аст?! Зиндагии аҳмақона! Лагутский пир мешавад, пулҳо чӣ тавре меоянд, ҳамон тавр ҳам мераванд! Бародарам сим мезанад, ки модарам тамом камқувват шудааст. Ва худаш ҳам фарсуда шудаст, асабҳояш суст… Маня хола кайҳо нест, хонааш арзон ба фурӯш рафт ва тамоми шаб савсангулҳои сафед ба хобаш медароянд…»

*Тарҷумаи Истад Қосимзода*

## Владимир ФЕДОСЕЕНКО



*Федосеенко Владимир Константинович соли 1926 дар деҳаи Мормоли ноҳияи Жлобински вилояти Гомел таваллуд ёфтааст. Иштирокдори ҳаракати партизанӣ дар сарзамини Гомел (солҳои 1942-1943). Хатмкардаи техникуми дарёнавардии Гомел ва мактаби ҳизбии назди КМ ПКБ. Узви Иттифоқи нависандагони Белорус. Муаллифи чандин роман. Сокини шаҳри Минск.*

## ЛАКЛАКҲОИ САРИ МАНОР
*(Ҳикоя)*

Слезянка гирдогирди пуштакӯҳҳоро печонда, равон мешавад ва бо обаки тезҷараёнаш печутоб мехураду аз миёни бешазори воқеъ дар баландиҳои болотар аз абрҳо кафккунон бо ҷӯшу хурӯш гузашта ва домани пуштакӯҳи дигареро бурида, роҳи водии васеъро пеш мегирад. Вай решаҳои бедҳо ва финдиқҳои пирро қариб ҳар баҳор шуста мегузарад ва баъзеи онҳо ба фишори ҷараёни об ва шиддати шамолҳои сахти баҳорӣ тоб наоварда, оҳи сард аз дили пурдард мекашанду аз по меафтанд. Замоне дар ковокиҳои паси решаҳо навъҳои гуногуни моҳиён аз ҷумла зағорамоҳӣ ва ҳатто харчангҳо паноҳ мебурданд. Кӯлҳои тиранги ду соҳили Слезянка аз ҳар гуна моҳӣ пур буданд, гулмоҳиҳо бештар дар чашмаҳои сардоби зери харсангҳои соҳилҳои камоб пинҳон мешуданд.

Одамон аз қадимулайём дар нишебиҳои талу теппаҳо зиндагӣ мекарданд. Ва то ҳол маълум нашудааст, ки дар ин мавзеъҳои кӯҳӣ аввалин бор

одамон пайдо шудаанд ва ё ин рӯдаки шӯхоби тезҷараён. Аммо ривояте ҳаст, ки гӯё ин рӯдак аз оби дидаи одамон пайдо шудааст ва аз ин рӯ, онро Слезянка (Ашкак) номидаанд. Ин гап рост аст ё дурӯғ – инро ҳеҷ кас намедонад, аммо мегӯянд, ки пештар ин рӯд васеъ ва пуроб будааст, вале акнун вай дар баъзе ҷойҳо қариб хушкидааст, монанди ҷӯйчае шилдиросзанон базӯр ҷорӣ мешавад, аммо бо вуҷуди ин аз давидан намондааст, ҷорист, ки ҷорист…

Сабаб чист, ки имрӯз дар Слезянка на ягон моҳӣ мондаасту на ягон харчанг, ягон гамбусаки обӣ ҳам вуҷуд надорад. Ҳатто дар ягон ҷойи соҳили рӯд овози қурбоққа ҳам шунида намешавад. Як вақтҳо, ҳангоми баҳорон онҳо гурӯҳ-гурӯҳ ғун мешуданду лунҷҳояшонро дам карда, вақар-вуқуркунон якҷоя суруд мехонданд ва садои онҳо ба оҳанги эҳёи табиат ҳамроҳ шуда, навое ба вуҷуд меомад, ки аз он рӯҳи одамон болида мегардид.

Ин ҳолатро Нупрейи пир ба таври худаш ба хотир меоварад… Дар солҳои ҷавониаш вай хост, ки пеши рӯдро бандаду осиёби обӣ созад ва ба ин мақсад санги бисёре ҷамъ карду ба рӯд партофт. Он сангҳо ҳоло ҳам дар назди пулу зери об хобидаанд ва дар рӯйи онҳо обсабзҳо дамида, он орзуи амалӣ нагардидаро ба хотир меоваранд.

Боре Нупрей бо муаллимаи биологияи мактаби маҳаллӣ Вера Павловна вомехӯраду мегӯяд:

– Дар лаби рӯд меистаму ба об ва сангҳои зери он назар меандозам, ба хотирам меояд, ки ин рӯд чӣ қадар сермоҳӣ буд. Акнун чӣ? Акнун як моҳича ҳам ба назар наменамояд, ё ман кӯр шудааму намебинам ё дар ҳақиқат ҳамин тавр аст. Ту ба ман намефаҳмонӣ, ки чӣ воқеа рӯй додааст?!

Вера Павловна ба рӯдак бо диққат назар мекард, аммо на ба умеде, ки дар он аз ҷинси моҳӣ ягон ҷонвареро медида бошад, балки барои он, ки пира-

мардро бо бетаваҷҷӯҳии худ наранҷонад. Сонӣ вай оҳе кашиду ба гап даромад:

– Бобоҷон, медонед, моҳиро чӣ хел нобуд кардаанд, охир, боронҳо ҳар гуна маводҳои кимиёвиро аз заминҳо шуста, ба рӯдак меоваранд, бинобар ин, дар он ҳамаи ҷонварон мемиранд.

– Духтарам, ту ба пурсиши ман осонакаку оддиякак ҷавоб гардондӣ, аммо чандон боварибахш не.

– Чаро?

Пирамард табассум кард ва Вера Павловна ба чашмони нилгуни ӯ, ки дар зери пилкҳои хамзадааш медурахшиданд, назар андохт. Муаллима Нупрейро ҳамчун паҳлавони асилу оқил, шикорчии моҳир, ҳунарманди ҳамакора кайҳо боз мешинохт ва медонист, ки замоне одамон ӯро раиси колхоз ҳам интихоб карда буданд. Вай мехост, ки суханҳои ӯро гӯш бикунад.

– Медонӣ, – андешамандона суханашро давом дод Нупрей, – ман андаке дигар хел мефаҳмам.

– Бобоҷон, пас шумо чӣ фикр мекунед?

– Ман дар ин ҷо аз ҷабинам арақи бисёре резонидаам, банди об бунёд кардам, осиёб сохтам. Сатҳи обро баланд бардоштем, аммо об ба хонаҳо, оғилу каҳдонҳо даромад. Оҳ, чӣ хел ғавғое сар шуд… Одамон зор-зор мегиристанд. Ба онҳо лозим омад, ки манзилгоҳҳояшонро партофта, ба баландиҳо бикӯчанду хона созанд. Ривоят мекунанд, ки ин рӯд аз ашк ва арақи ҷабини мардум пайдо шуда, бисёр сероб ҳам будааст. Акнун то рафт хушк мешавад, обаш бухор шуда, ба ҳаво мебарояду намакаш мемонад. Оби рӯдак торафт шӯр мешавад. Аммо барои моҳиён оби ширин лозим аст, сабаб ин аст, ки онҳо мемиранд, нобуд мешаванд. Пештар худи мо ҳам аз оби ҳамин рӯд менӯшидем, акнун ин обро ҳеҷ кас ба даҳон намегирад. Вай дар ҳақиқат ҳам шӯр аст, – боз табассум мекунад Нупрей.

– Ануфрий Андреевич? Ман номи шуморо дуруст гирифтам?

– Нупрей гуфтан гир, духтарам, пештар ҳамин тавр ном мегирифтанд.

– Ануфрий Андреевич, шумо дар бораи моҳӣ нақли аҷибе кардед. Пас чаро қурбоққаҳо ҳам кам шудаанд? Онҳо-ку дар рӯдак зиндагӣ намекунанд, макони онҳо марғзорону толобҳои шириноб аст.

– Як вақтҳо ба ман набераам аз маҷаллае хонда буд, ки дар болои корхонаҳо қубурҳои баланде мегузоранд, ки онҳо қариб ба осмон мерасанд, аз ин қубурҳо миллионҳо тонна окисҳо – маводҳои зарарноки кимиёвӣ берун ва дар ҳаво паҳн мешаванд. Ва аз ин дар масофаи садҳо, шояд ҳазорҳо километр дар кӯлҳо, толобҳо ҳатто қурбоққаҳо ҳам нобуд мешудаанд ва дар болои ин кӯлҳо ва толобҳо, ки обҳояшон соф ҳам бошанд, монанди мурдаанд, дар абрҳо боронҳои туршоб пайдо мешудаанд ва аз ин абрҳои даргузар қатра-қатра боронҳои туршу шӯр меборидаанд. Навиштаанд, ки ин гуна кӯлҳои мурда дар Швейсария, Норвегия бисёр будаанд. Ин гуна борон аз абрҳое, ки шамол онҳоро аз мамлакатҳои Ғарб ронда, аз сарҳад мегузаронад, ба болои сари мо ҳам бориданаш мумкин.

Аммо инро олимҳо навиштаанд, вале ман чизи дигаре мегӯям: вақте ки ман хурдтар аз наберачаи худам будам, ин ким-кайҳо буд, одамони куҳансол ҳикоят мекарданд, ки қурбоққаву кукуҳо аз куҷо пайдо шудаанд…

Замоне як одами донои ба худ мағруре будаасту одамонро бисёр азоб медодааст. Раваду ягон касро бад дида монад, ӯро то мурданаш азоб дода, метавонистааст, ки одами сиҳату саломатро ба бемории гирифтор бикунад, кӯзапӯшт, каҷукилеб бигардонад, ба мурдан ҳам расонад. Вай зан ва як духтар доштааст, онҳо меҳрубон ва гапдаро будаанд, нағз суруд мехондаанд. Ва боре занаш бо духтараш

маслиҳат карда, мехоҳад, ки шавҳари золимашро азоб бидиҳад. Дар яке аз рӯзҳои гарми тобистон шавҳари ҷафокораш, ки аз кори бисёр хаста шуда буд, ба анборхона даромада, дароз мекашаду хобаш мебарад. Зану духтараш дарро аз берун маҳкам мекунанду анборро оташ мезананд. Марди золим мефаҳмад, ки ин корро кӣ кардааст ва дар ҳоле, ки оташ гирифта буд, фарёд зада, мегӯяд: «Ҳой, зани ман, илоҳо куку шавӣ ва то охири умрат «ку-ку» гуфта, гардию ҷуфти худатро наёбӣ, аммо ту, духтари ман, то охири умрат дар болои замин ҷасту хез бикунӣ, худатро ба замин занӣ». Ва инак, мебинем, ки чӣ шудааст: ку-ку ҳамеша танҳо зиндагӣ мекунад, аммо қурбоққа, ҳама вақт меҷаҳаду меафтад, ба замин мезанад. Аммо ту ғами онҳоро нахӯр, мо онҳоро аз сари нав ба одам табдил медиҳем. Инсон тавоност ва ҳама корро карда метавонад.

– Ана барои чӣ онҳо торафт кам мешудаанд, пас, дере нагузашта, мо ҳамаи онҳоро ба одамӣ бармегардонем? – бо лабханд гуфт Вера Павловна.

– Набошад-чӣ, дар оянда фақат одамон мемонанд. Аммо ин аломати хушбахтӣ нест. Имрӯз дар байни мардум одамони ба куку монанд хеле зиёд шудаанд, онҳо ҷуфт надоранд, танҳо зиндагӣ мекунанд, ё худ бачаҳояшонро бо дигарон мегузоранду мераванд, гӯё бо ин амалашон одамони асил мешудаанд. Ҷавононро намегӯед, онҳо чӣ корҳое мекунанд, чӣ гуна сурудҳо месароянд, чӣ рафторҳоро раво мебинанд, гоҳо ба саҳна мебароянду чӣ кор карданашонро надониста, баҳудаю беҳуда ҷасту хез мекунанд. Дар ёд дорам, нафаре чанд дар болои суфачае менишастанду суруд мехонданд, чунон месароиданд, ки аз гӯш кардан сер намешудӣ. Аммо ҳама танҳо зиндагӣ мекунанд, бо касе ҷуфт намешаванд, ин хелашро дар гузашта аз аҳли деҳа ҳеҷ кас намедонист… Акнун одамӣ тавоност ва ҳама корро карда метавонад.

Инак, лаклакҳо ҳам кам мондаанд, аз нав ба одам табдил меёбанд. Мегӯянд, ки Худованд замоне ба марди аблаҳе як халтаи пури даҳанбастаеро дода, хоҳиш карда будааст, ки онро то ба толобе бирасонад ва дар он толоб чуқурие канда, гӯронад… «Аммо даҳани халтаро накушо», – гуфта будааст Худованд. Марди аблаҳ даҳони халтаро накушода, кашолакунон хеле мебарад, аммо тоқаташ тоқ мешаваду мегӯяд: «Канӣ, кушода бинам, чӣ дошта бошад». Ва даҳани бастаи халтаро мекушояд ва ҳамон лаҳза аз халта ҳар гуна калпеса, гамбуску шапалаку қунғузакҳои гуногун бaромадан мегиранд. Марди аблаҳ метарсаду мегурезад. Вале Худованд аз паси вай фарёд мекунад: «Исто, нагурез, акнун ман туро ба мурғ – лаклак табдил медиҳам, то ки ҳамаи ин ифлосиҳоеро, ки аз халта берун кардӣ, чинда-чинда заминро тоза бикунӣ, то даме ки ин корро анҷом надиҳӣ, ман туро одам намекунам, ҳама ҷоро, ки покиза кардӣ, он гоҳ туро боз ба одам табдил дода, ба назди ҳамҷинсонат бармегардонам. Одам акнун тавоност ва ҳама корро карда метавонад.

Вай барои несту нобуд кардани ҳар гуна морҳо, калпесаҳо, гамбусакҳои гуногун ёрӣ мерасонад. Ва барои Худованд ба одам табдил додани лаклак ягон душворие надорад. Дуруст аст, ки он лаклакҳое, ки ба одам табдил меёбанд, монанди одамон оқил намешаванд, аблаҳ мешаванд…

Нупрей ба муаллима боз ким-чиҳо гуфтанӣ буд, аммо ногоҳ мошини сабукраве ба болои пул расид ва дуди талхеро ба ҳаво сар доду дар назди Нупрей ва муаллима қарор гирифт.

– Вера Павловна, – дари мошинро кушода, садо баровард ронанда, – ба хаёлам ба шаҳр равонаед. Шинед, мебарам!

Муаллима даст пеши бар гузошта, ба Ануфрий Андреевич изҳори миннатдорӣ кард ва гуфт, ки

сӯҳбати ӯ барояш бисёр шавқовар буд, аз шаҳр, ки баргашт, албатта, ба дидорбинияш меояд.

Мошин аз ҷояш ҷунбиду ба роҳ даромад. Нупрей дар болои пул боз муддате қадам зад, сонӣ бо қомати хамзада ба сӯйи теппае, ки хонааш дар болои он буд, равон гардид. Сӯҳбат бо муаллима дили пирамардро ба ҳаяҷон оварда буд, вай нафаҳмид, ки ба болои ғӯлачӯби бо гузашти рӯзҳо сиёҳшудаи дар назди гулзораш гузошташуда чӣ тавр нишастааст…

Дар он тарафи рӯд ҳавлие бо устохонаҳои колхозӣ, ки бомҳои шиферпӯши онҳо аз тобиши нури офтоб сафедӣ мекарданд, воқеъ гардида буд, бедҳое, ки шохҳояшон ба болои рӯд ҳам зада буданд, сабзранг менамуданд, дарахти финдиқ ҳам баргҳои нозуки худро партофта, сабуктар шуда буд. Дар майдони назди полизи ӯ як қатори пурра гелосҳои хушкида ҳам мавҷуд буданд. Баҳори гузашта онҳоро решакан карданӣ шуд, аммо боз фикр кард, ки шояд ҷон мегиранд, — пай бурд, ки баъзе шохҳои онҳо хушк нашудаанд, сабз шуданашон мумкин ва аз буридани онҳо худдорӣ кард, ба онҳо раҳмаш омад. Ҳеҷ кас гуфта наметавонист, ки бо гелосҳо чӣ шудааст. Агар гӯем, ки хунук задааст, дурӯғ мешавад, зеро се зимистони охир хунукӣ ҳам нашудааст. Агар гелосҳоро хунук мезад, хунукӣ ба себу ноку олу ҳам бетаъсир намемонд. Ба гумонам, ин аз асари боронҳои турушоб аст…

Нупрей ба манораи об, ки дар мобайни ҳавлӣ, назди устохонаҳо қомат афрохта буд, назар андохт. Дар болои он лаклак ошён гузошта буд. Лаклак парида меояду дар он мешинад. Вай сарашро бардошта, ба бонг задан даромад, бо нӯлаш чақ-чаққунон садо мебаровард, гӯё ки нӯли вай қайчӣ бошад. Аммо садои бонгу чақ-чақи лаклак шунида намешуд, онро садои мошинҳову дастгоҳҳо, ки аз устохона берун меомад, пахш мекард. Лаклак бо бонг задан мехост ба ҷуфти худ расонад, ки вай аллакай

дар хона аст. Аммо бонги ӯро ҷуфташ ҳам намешунид. Одатан дар ин гуна ҳолатҳо яке аз лаклакҳо дар болои тухмҳо мешинад, онҳоро гарм мекунад. Соли панҷум аст, ки Нупрей ошёни болои манорро ба мушоҳида гирифтааст – сабаб чист, ки лаклакҳо чӯҷа намебароранд…

Замоне онҳо ошён мегузаштанд, ошёни худашонро посбонӣ мекарданд, чӯҷа мебароварданду бо чӯҷаҳояшон дар болои бомҳо ва навдаҳои дарахти булут гардиш мекарданд, ба чӯҷаҳояшон парвоз ёд медоданд… Ва Нупрей ҳар сол мушоҳида мекард, ки лаклакҳо чӣ тавр дар болои тухмҳояшон мешинанд ва чӣ тавр чӯҷа мебароранду ба чӯҷаҳои худ парвоз карданро ёд медиҳанд.

Акнун ин ҳама ба мушоҳида намерасад. Шикорчии куҳансол сабаби инро аз касони дигар, сокинони деҳаҳои ҳамсоя ҳам пурсон мекунад, онҳо низ мегӯянд, ки хеле сол аст, ки чӯҷа баровардани лаклакҳоро надидаанд. «Эҳтимол, худи ман ҳам аз ҷумлаи он лаклакҳое бошам, ки мисли ҳо дар ҳамон ривоят, ба зоти одамӣ баргардонида шудаанд», фикр мекунад Нупрей, зеро хислату сирати онҳоро хеле хуб медонад. Тақрибан даҳ сол қабл Нупрей аз зери булуте, ки дар он лаклакҳо ошён доштанд, мурдаи ду чӯҷаи онҳоро меёбад, яке аз онҳоро ба хонааш мебараду чок мекунад. Дар рӯдаи вай рӯймолчаи пора-порашудае будааст. Он гоҳ Нупрей фикр мекунад, ки чӯҷаи лаклакро масмум кардаанд, боиси марги вай ҳамин аст. Волидайнаш ӯро аз ошёнашон ба зер партофтаанду муддате ғамгин ҳам шудаанд. Сонӣ худи онҳо ошёнашонро партофта, парида ба ким-куҷое рафтаанд. Соли оянда лаклакҳо дар болои манор ошён гузоштаанд. Вале Нупрей нафаҳмид, ки лаклакҳо дар он ҷо чӯҷа парвариш мекунанд ё не. Вай мебинад, ки лаклакҳо дар болои тухмҳояшон мешинанд, аммо чӯҷа парвариш кардани онҳоро намебинад. Вақтҳои охир ҷамъ шу-

дану гурӯҳ-гурӯҳ парвоз кардани лаклакҳоро ҳам надидааст, як вақтҳо дар моҳи август ҷамъ меомаданд ва барои парвоз кардан ба кишварҳои гарм села-села омода мешуданд. Онҳо дар осмони соф баланд парвоз мекарданд, давр мезаданд. Гоҳо аз баландиҳои осмон ба марғзорон мефуромаданду муддате дам мегирифтанд ва боз парвоз мекарданду зуд боло мебаромаданд. Лаклакҳо пеш аз парвоз бисёр эҳтиёткор мешаванд, ба деҳа ва одамон наздик намеоянд. Марғзоре, ки ба он ҷо лаклакҳо барои дастгирӣ мефуроянд, муддате гулзори бузургеро мемонад, ки дар он гулҳои довудӣ сабук-сабук алвонҷ мезананд.

Боре, дар охири моҳи август, ба Нупрей муяссар гардид, ки селаи лаклакҳоро аз наздик мушоҳида бикунад. Он рӯз ҳаво тира буд. Нупрей ба шикори титавҳо баромада буд. Аз миёни тӯсзоре гузашта, ба марғзоре назар меафканад ва як села лаклакро мебинад. Баъзе аз онҳо шикорчиро мебинанду нороҳат мешаванд, гарданҳояшонро ёзонида, шах шуда мемонанд. Нупрей чанд қадам ба ақиб рафта, дар паси дарахти тӯсе, дар болои кундае менишинад. Лаклакҳо ором мегиранд ва ба зери пойҳояшон нигоҳ карда, ҳар як пастию баландиро аз назар мегузаронанд. Нупрей аз борхалтааш хӯрданиеро баroварда, ба хӯрдан шурӯъ менамояд ва парандаҳоро оромона мушоҳида мекунад. Боз ин чӣ бошад? Лаклакҳои тарафи рости ӯ музтариб мешаванд. Вай аз ҷояш мехезад ва аз миёни шохчаҳои тӯс ба он тараф назар меафканад. Шояд ягон шикорчии дигар ҳам бошад? Аммо ҳеҷ кас наменамояд. Ногоҳ ба назараш намуд, ки дар паси теппачаи наздикии лаклакҳо чизе ҷунбид. Рӯбоҳ! – фикр кард ӯ. Дар рӯзҳои тира вай намехобад, аксар вақт ба шикор мебарояд. Барои вай пойида-пойида ду-се қадам пеш рафтану ба лаклак расидан ягон душворие надорад. Лаклак титав нест, ки якбора парида, ба ҳаво

барояд. Лаклак то канда шуданаш аз замин болҳояшро рост мекунад, луказанон чанд қадам мемонаду баъд мепарад. Дар ин лаҳзаҳо рӯбоҳ метавонад, ки ӯро ба чанг оварад. Инак, ин лаҳза вай ба мурғ хеле наздик мешавад. Аз афташ, лаклакҳо бештар ба шикорчӣ, ки ӯро дида буданд мутаваҷҷеҳ шудаанду аз рӯбоҳ бехабар мондаанд. Рӯбоҳ ҳам хомӯшона оҳиста-оҳиста ба онҳо торафт наздик меомад. Тоқати Нупрей тоқ гардиду ҳавоӣ тир паронд. Рӯбоҳ дар байни буттаҳо саросемавор худро ба ҳар тараф меандохт, вале лаклакҳо, аз ин ҳолат истифода бурда, парвоз карда, ба ҳаво баромаданд.

Замонҳои пешин ба лаклакҳо танҳо як хатар таҳдид мекард – дандонҳои рӯбоҳ ва ё гург. Аммо акнун онҳоро дар ватани худашон писарбачаҳо бо санг мезананд. Дар бораи хавфу хатари Африқо, ки лаклакҳо ба он ҷо ҳар сол барои гузаронидани зимистон мераванд, ҳоҷати гап ҳам нест. Мегӯянд, ки имрӯзҳо дар он ҷо дар зери ҳар як дарахти хурмо одамони туфангдор ё худ автоматдор истодаанд ва онҳо ба ин парранда ҳамчун ба мурғи бегона назар меандозанд ва ҳар кадоме аз ин одамон метавонад, ки ба сӯйи селаи лаклакҳо бепарвоёна оташ кушояд. Ин мурғ хеле оқил аст ва аз ин ҷост, ки чӯҷа парвариш намекунад. Барои вай бача чӣ лозим: дар ин ҷо бачаҳоро хӯрондан мушкил, аммо дар он ҷо – дар Африқо онҳоро мепаронанд. Пештар онҳо насли худро оқилона давом медоданд: се ва ё панҷ тухм мегузоштанд, тухми зиёдатиро нигоҳ намедоштанд, зуд аз ошён берун мепартофтанд. Агар аз чаҳор тухм се чӯҷа мебаромад, яке аз онҳоро ҳам мепартоянд. Акнун онҳоро одамон аз ҳамдигар ҷудо кардаанд ва инак, онҳо танҳо парвоз мекунанд…

Шикорчии пир дар рӯзи гарми моҳи май дар назди чоҳе менишасту музтариб буд ва аз маноре, ки дар болои он, дар ошёни худ ду лаклак менишаст, чашм намеканд, аз афташ, лаклакҳо ҳам монанди

худи ӯ пир ва нотавон буданду рӯзҳои охирини худро интизорӣ мекашиданд.

Магар дар маҷаллаҳо нанавиштаанд, ки дар Италия кӯрпатакҳои[1] моро ҳангоми парвозашон чӣ тавр бо тӯр шикор мекунанд, ё худ дар Олмон ҳазорҳо кабӯтарҳои ёбоии моро, ки дар роҳи сафарашон ба кишварҳои гарм дар назди кӯлҳои калон дам мегиранд, бераҳмона мепаронанд? Ду-се сол пештар ин кабӯтарони сафедбол дар болои ботлоқзор ва марғзорони Белорус ҳам села-села гардиш мекарданд. Акнун ҳеҷ кас намедонад, ки онҳо куҷо шудаанд.

Вера Павловна ваъда карда буд, ки имрӯз ба наздаш меояду онҳо сӯҳбаташонро давом медиҳанд. Аммо ӯ ҳоло хоҳиши дар ин мавзӯи нокироӣ давом додани сӯҳбатро надорад, табъаш хира аст. Вай намехоҳад, ки боз як умри дигар зиндагӣ бикунаду бубинад, ки минбаъд чӣ мешавад. Акнун ҳама чиз фаровон аст, монанди пештар ҳеҷ кас аз гуруснагӣ азоб намекашад. Аммо як чиз намерасад, ки он дар маҷмӯъ дараҷаи олии кайфият аз зиндагӣ – дар оғӯши табиати зинда будан, ба шикор рафтан, аз тамошои селаи лаклакҳо ҳаловат бардоштан ё худ бо нигоҳ гусел кардани қатори турнаҳо ба кишварҳои дуродур ва донистани бозгашти онҳо ба диёри азиз бо ҳамон роҳҳои рафтаашон мебошад.

Нупрей туфанг дар китф дар паҳноҳои диёри азизаш гардиш мекунаду шоири дӯстдоштааш Некрасовро ба хотир меоварад. Ёд аз он мекунад, ки бо ин пайраҳаҳои миёни ҷангалу ботлоқзор замоне ин шоири бузург ҳам гузар кардааст.

Вай хастаю беҳол ба хона меояд, гармонро ба даст мегирад ва оҳанги «Коробушка» танинандоз мегардад. Агар касе дар он лаҳза ба чашмони Нупрей назар мекард, онҳоро ҳавзи об медид, вай ашк

[1] Як хел парандаи бешагии параш ҷигарирангу холдор.

мерехт. Ва шоридани қатраҳои ашки ӯ аз ягон хел ғаму ғусса набуда, балки аз он буд, ки дили бузурги шикорчии куҳансол аз ҳаёти хушбахтонаи пурҳаловате, ки дошт, ёд мекард. Охир, ҳаёт беохир ва абадист. Онро Некрасов ҳамин тавр эҳсос менамуд, Нупрей низ онро ҳамин тавр ҳис мекунад, онро ворисони ӯ низ ҳамин тавр эҳсос хоҳанд кард. Ҳарчанд ки дидани он чи, ки ӯ дидааст, ба ворисонаш муяссар намегардад ва инро эҳсос кардани онҳо низ дар гумон аст. Инро Нупрей ба муаллима ҳам хоҳад гуфт. Магар аз шогирдони ӯ касе моҳихӯрак – ин мурғаки сабзтобу осмониранги аҷоибро дидааст? Вай як вақтҳо дар лонае, ки дар соҳили рӯд месохт, зиндагӣ мекарду ғизояш аз моҳичаҳо буд. Ё худ кӣ дидааст, ки титавҳои мода чӣ гуна тухм мемонанду дар болои он мешинанд? Эҳтимол, инро муаллима ҳам надида бошад? Акнун на титавро мебинанду на тухмгузории онро. Насли ӯ ҳам дигар идома намеёбад. Ботлоқу марғзор ҳам торафт кам мешаванд, ана ҳамин тавр, дурроҷ, титав ва навъҳои дигари парандаҳои ҷангалӣ низ афзоиш намеёбанд.

Аммо одамӣ тавоност. Вай метавонад, ки худаш бо худаш танҳо бимонад.

«Не, не, Вера Павловнаи мӯҳтарам, ман боз як умри дигарро намехоҳам. Вай барои одаме ҳамчун ман шавқангез нахоҳад шуд. Дар аҷоибхонаи одамӣ зистан намехоҳам. Ман ба ӯ ана ҳамин тавр мегӯям» – аз фикр гузаронд Нупрей ва аз болои кунда бархоста чунон ки такрор кардани инро дӯст медорад, ба сӯйи «чаҳор девори худ» равон шуд.

*Тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат*



## Алес КОЖЕДУБ

*Алес Константинович Кожедуб 27-уми сентябри соли 1952 дар шаҳри Гансевичи вилояти Брест ба дунё омадааст. Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Белорус (1974) ва курсҳои олии адабии Москва (1985) мебошад. Муаллим, корманди илмӣ, муҳаррири телевизион будааст. Дар айни замон сармуҳаррири нашриёти «Советский писатель» ва муассис-муҳаррири замимаи «Литературная газета» – «Лада» ва «Подмосковье» мебошад. Муаллифи бештар аз даҳ китоби мансур аст, ки ба забонҳои белорусӣ ва русӣ чоп шудаанд.*

## ПАРВОЗ БА ГУЗАШТА

*(Ҳикоя)*

Ин воқеа дар ҳамон давраи тилоӣ, ки ҳамаи духтарҳо аз они мо буданд ва барои як рӯз парвоз кардан аз Минск ба Минвод монанди лесидани ду ангушт осон буд, ба вуқӯъ пайвастааст. Вале дар бораи сафар ба Вилнюс ҳоҷати гап ҳам нест. Се соате, ки ту дар қатораи Минск – Таллин мегузаронӣ, кирои ягон пораи ҷиддии вақт гуфтан намекунад. Агар ту дар соати шашу сии пагоҳӣ ба қатора савор шавӣ ва дар соати нӯҳ аллакай дар майдони назди вокзали Вилнюс қадам бизанӣ, дигар чӣ ҷойи гап?..

Ман аз Минвод тасодуфан ёд накардаам. Боре дар моҳи феврал дар хонаи барои қартабозӣ таъиншуда – хонаи рақами сесаду бисту панҷуми хобгоҳи донишгоҳ қартаҳоро тақсим кардем. Агар ҳамаи сокинони ин ҳуҷраро аз донишгоҳ якбора зада ҳай накарда бошанд, ин як рӯйдоди аз ақли солим берун

мебошад. Бояд моро зада ҳай мекарданд. Мо шабҳои дарозу рӯзҳои дароз қартабозӣ мекардем ва аксарияти ҳамхонаҳои мо ба ягон машғулият намерафт. Аниқтараш, аз шаш нафар фақат ду нафар мерафтем – ман ва Марек, донишҷӯе аз Лаҳистон. Аммо ман ҳам қартабозӣ мекардам, танҳо Марек бозӣ намекард. Сабаби ба қарта нафрат доштани худашро Марек ба дардманд будани гурдаҳояш алоқаманд медонист ва аз ин рӯ, мо ҳам ба вай кордор намешудем – «нахоҳад, не-дия» мегуфтем. Гумон мекунам, ки барои ин аз мо Худованд розист. Вақте ки раиси донишгоҳ дар долони дарози хобгоҳ намоишкорона гардиш мекарду муовинҳои ӯ, раисҳои факултетҳо, мутасаддиёни хобгоҳҳо ва навбатдорони оддӣ ҳам аз қафои вай ҳамчун посбонҳои урдуи муғулҳо қадам мезаданд, Худованд пайрави содиқи мазҳаби католикӣ Марекро аз ҳоҷатхона кашида, ба берун мебарораду ба вай навозишкорона мегӯяд: «Вақташ расид, писарам». Марек хост, ки аз дардмандии гурдаҳояш нолишкунон шикояте пеш оварад, аммо истиҳола карду дар долон ба истиқболи урду равон гардид. «Qno vadis?» – пурсид аз худ, вале наистода, пеш рафтан гирифт.

Аммо дастаи дари мо аллакай дар дасти раиси донишгоҳ буд… Лекин Марек дар паҳлӯи ӯ меистод ва андоми вай каси воқеан ҳам азияткашидаеро мемонд: қоматаш хам задагӣ, лабҳояш хушк, нигоҳаш парешон – Замкненто естем – ғурӯнгос зад Марек, – тутай полятск живеми, хлоптсы не бардзо розумны, ам ж старамыс сон…

Раиси донишгоҳ ба андоми ҳақиронаи дар тан шалвори варзишгаронаи ҳубобвор дамшуда доштаи ӯ назаре афканда, лабханде карду сар ҷунбонда, роҳи худро давом дод.

– Моҳонаи онҳо чӣ тавр аст? – пурсид ӯ аз муовинҳои худ якеро.

– Моҳонаи киҳо?

– Моҳонаи онҳое, ки… аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ омадаанд.

– Аз моҳонаи муҳассилини худамон андаке зиёдтар.

– Бисёр бадбахт менамояд.

Онҳо долонро бо суръати тез гузаштанд ва чунонки ба ҳар як урда хос мебошад, ғайб заданд. Аммо Марек ба назди мо омад:

– Шумо дар ин ҷо қартабозӣ мекунеду, – бо овози баланду забони тозаи русӣ гуфт ӯ, – аммо раиси донишгоҳ ҷойҳои дигарро тафтиш карда гаштааст. Шарму ҳаёро тамоман гум кардаед, нобакорҳо. Худи раиси донишгоҳ мехост, ки ба ин ҳуҷра дарояд, аммо ман намондамаш, пся крев!

– Раиси донишгоҳ будани ӯро ту аз куҷо донистӣ? – коҳилона пурсид Володя, ки навакак ду қартаи задашудаи «камарзиш»-ро бардошта буд.

– Не таки чувяны донишҷӯ, ки жебос раиси донишгоҳро надонем, – ифтихормандона гуфт Марек.

– Ба наздикӣ ҳамаи шуморо ҳай мекунанд, як бога кохам!

Ва гуфтаи Мареки бечораи мо ҳақ набаромад, ҳеҷ касро ҳай накарданд.

Ба ҳамин тариқ як бор дар моҳи феврал мо як шаби дароз қартабозӣ кардем, чун ҳамеша бозиро Володя, дӯстамон аз Сухуми бой дод.

– Ин ҷо хунук будааст, – гуфт ӯ ба ойинаи тираи тиреза нигоҳ карда. – Аммо дар Минвод аллакай баҳор даромадааст.

Номзади Володя Анаида дар Минвод таҳсил мекард. Вай ба ӯ қариб ҳар рӯз мактуб менавишт, аммо ҷавобе намегирифт, ки сабабаш маълум – падари Анаида директори гастрономи марказии Сухуми буд, вале Вова кист? Як авбоши гузаро. Мо ба вай борҳо ришханд зада, гуфтем, ки дигар нанависад,

аммо Володя ба гуфтаҳои мо эътиборе надода, менависаду менависад.

– Тӯй кай? – пурсид Саня, ки дар гурӯҳи мо мақоми ӯ севум аст.

– Тобистон, – ҷавоб дод Володя, – Гӯш кун, биё, ба Минвод меравем.

– Ба куҷо? – боҳайронӣ шуда, пурсидам ман.

– Ба назди Анаида. Рейси аввал дар соати нӯҳу чил, мерасонем.

– Пули чиптаро медиҳӣ? – хушҳолона пурсид Саня, – Ман дар Минвод ягон бор набудам.

– Бозиро ту буридӣ-ку, – асабӣ шуда, гуфт Володя.

– Аммо кӣ даъват мекунад?! – бо чашмони сиёҳи худ кунҷковона нигоҳ карда, пурсид Саня. Воқеан, худи ӯ аз Сочи аст.

– Медиҳам! – Вова қартаҳоро бо шаст ба болои миз партофт.

Ва мо ба Минвод паридем. Дар фароғатгоҳи беодам як рӯзи дароз оворагардӣ кардем, шароби турш нӯшидем. Шабро дар хобгоҳи Анаида, ки гаранг шуда буд, гузаронидем. Духтари пурғурури директори гастроном аз ташрифи ғайричашмдошти домодшаванда ва ду нафар ҷӯраҳояш дар ҳақиқат ҳам гаранг шуда буд. «Агастронома» – чунин садо медиҳанд овезаҳо дар Сухуми. Тобистон вай дар ҳақиқат ҳам ба Володя ба шавҳар баромад, ки аз ин ману Саня ба ҳайрат афтодем.

– Куҷои вай ба ӯ маъқул шуда бошад? – китфҳояшро дарҳам кашида, пурсид Саня.

– Бинии дарозаш, – ҷавоб додам ман. – Ва умуман гурҷӣ буданаш.

– Вай гурҷӣ нест, мингел[1] аст, – монанди пештар бо ҳайронӣ гуфт Саня. – Вале модаркалонаш яҳудизан. Сухумичии муқаррарӣ.

---

[1] Сокинони таҳҷоии Гурҷистони Ғарбиро «мингел» ва ё «мегрел» гӯянд.

Кор бо он анҷом ёфт, ки баъди як сол Саня ҳам духтари директори гастрономро ба занӣ гирифт, дуруст аст, ки гастрономи Сухумиро нею гастрономи Минскро.

Акнун ман дар ҳайрат мондам:

– Чаро ҳамаатон ба гастроном рӯ овардед?

– Ту худат зан гир, баъд мефаҳмӣ, – ба тарафи Володя чашмакӣ зад Саня. – Ширинанд! Вовик, ман рост мегӯям?

Володя киноямез табассум кард.

– Аммо ман ӯро барои духтари директори гастроном буданаш ба занӣ нагирифтаам. Аввалан, дар курси мо дигар духтар набуд, сониян, вай, Люда, ба ман маъқул шуд.

Ана, ҳамин тавр, ман ба Сухуми бори аввал ҳамроҳи ӯ паридам.

Истироҳатамон бисёр хуб гузашт. – Мо дар як хонаи духуҷрагӣ, начандон дур аз оббозиҷои табобатии Синоп зиндагӣ мекардем, худамонро дар офтоб месӯзондем, дар пайраҳаҳои дарози соҳил сайру гашт менамудем, қаҳва менӯшидем, сихкабоб мехӯрдем, ба тамошои синамо мерафтем…

Аммо пештарак аз рафтани мо соҳиби хона Чабуки аз Тифлис омад якбора. Вай набояд дар ин вақт меомад, аммо омад ва ҳамон лаҳза маро ба ошхона бурд.

– Менӯшем? – гуфт ӯ ба шишаи панҷлитраи пур аз моеъи мусаффое ишора карда.

– Чача? – чӣ будани онро пай бурда, пурсидам ман.

– Ҳафтод дараҷа, – хӯҷаин сари шишаро меҳрубонона сила кард.

– Ҳавопаймои мо дар соати шаши субҳ мепарад, – оҳ кашида, гуфтам ман, – аз хоб дар соати ними панҷ хестан лозим.

– Мехезӣ, – бо камоли эътимод гуфт хӯҷаин. – Худам бедор мекунам.

Дигар баҳоначӯйӣ ба кор намеомад. Илова бар ин, Чабуки аз Тифлис газаки махсус – ҳасиби аз рӯдаю меъда ва дилу ҷигару гурдаи хук тайёр кардашуда оварда буд. Агар ба ин ҳама қимаи як ғилофак қаланфури тунд ҳамроҳ карда шавад, ба салтисон ном хӯриши мо монанд хоҳад шуд. Аз тундии қаланфур нафасгир мешавӣ ва барои ба эътидол овардани он фақат чачаро истифода бояд кард.

Людмила чанд дафъа ба ошхона рафтуомад кард ва дар ин маврид нисбат ба мо ва ғизои мо ҳисси нафрат доштани худро пинҳон ҳам накард. Ба вай хусусан шишаи чачадор маъқул набуд. Аммо шиша чунон бузург буд, ки камшавии чачаи он чандон эҳсос карда намешуд.

– Афсӯс, ки нӯшидани чача ба занҳо мумкин нест, – гуфт Чабуки, вақте ки Людмила барои хабар гирифтан аз ҳоли ошхона берун баромад.

– Мумкин нест, – ба фикри ӯ розӣ буданамро изҳор кардам ман, ҳарчанд ки модари соҳибхона, ки дар наздикӣ зиндагӣ мекардаасту ба аёдати мо омада буд, аз ин нӯшокӣ як сотгинашро бо камоли майл нӯшида буд. Илова бар ин, вай ҳайрон шуда буд, ки ман бо нӯшидани танҳо як сотгинча қаноъат кардаму дигар нанӯшидам – вай сотгинҳои дувум ва севумро худаш танҳо нӯшид. Бовар кунед, вай фикр ҳам накард, ки ин амалаш барои бонуи гурҷӣ чандон хуб нест.

– Ман хоб мекунам! – таҳдидомез гуфт Людмила бо хилъати кӯтоҳе ҳозир шуда. – Инро ба ту ҳам маслиҳат медиҳам. Соат аллакай ду шуд.

– Ҳозир мехобам, – гуфтам ман.

– Вай ҳозир мехобад, – гуфтаи маро тасдиқ кард Чабуки ва ба Людмила чунон нигоҳ кард, ки ман аз он қариб ҳушёр шудам.

«Метавонист, ки ягон чизи хоксоронае бипӯшад, – аз дил гузаронидам ман, – ина бин, луч шуда омадааст». Людмила пойҳои зебо дорад, аммо ҳоло

онҳо ба ман нафориданд. Ман ба саломатии Чабуки нӯшидам. Ӯ ҳам дар ҷавоби ин барои ман қадаҳ бардошт. Ман чизе нагуфтам.

– Барои Гурҷистон менӯшем? – пурсид Чабуки.

– Албатта. Барои Белорус ҳам.

– Аммо барои Абхазия наменӯшем, – гуфт Чабуки, вақте ки мо нафас рост кардем.

– Барои чӣ? – дар қаҳр шудам ман. – Барои Абхазия ҳатман менӯшем.

Чабуки каме саркашӣ кард, аммо баъд нимаи

сотгинро нӯшид. Ман боисрор талаб кардам, ин сотгинро то охир бинӯшад.

– Пас барои духтари ту, маҳбубаи ту менӯшем, – бо дили нохоҳам гуфт Чабуки.

– Нағз, – маккорона розӣ шудам ман. – Аммо барои зани ту ҳам.

– Барои зани ман лозим нест, – аз паси миз бархоста, рост шуд Чабукии кӯҳпайкар. – Ин кори ӯ нест.

– Кори ӯ набошад ҳам, мо менӯшем! – Ман низ аз ҷоям бархостам.

– Ту нӯшидан гир, аммо ман наменӯшам, – Чабуки рӯ ба тарафи тирезаи тира гардонд.

Албатта, танҳо худам нӯшида наметавонистам.

– Майлаш, биё, барои шаби Сухуми менӯшем, – гузашт кардам ман. – Вай монанди зани бегона меҳрубону бонафосат аст.

– Инаш дигар гап!

Мо бо тантана нӯшидем ва ҳамдигарро бӯсидем. Ман бо гӯшаи чашм ба соат нигоҳ кардам ва вуҷудамро сардӣ фаро гирифт. Ақрабаки хурдаш қариб ба рақами панҷ расида буд.

– Чабуки, мо ба ҳавопаймо дер мондем? – гуфтам ман.

– Ту ҳоло дер намондаӣ! – гуфт Чабуки ҳам ба соат нигоҳ карда. – Ҳозир ба мошин савор мешавему меравем.

Бояд гуфт, ки мо, ҳамроҳи Людмила нақша кашида будем, ки дар соати чаҳору ним ба автобуси равандаи фурудгоҳ мешинем. Аммо ин автобус кайҳо гузашта рафта буд.

– Кадом мошин? – садои мастонае баровадам ман. – Бадмастҳо.

– Кӣ бадмаст, ман бадмаст?! – бо овози баланд гуфт Чабуки ва ба шиша нописандона назар кард. – Ақаллан нисфашро ҳам нанӯшидаем.

Ман ба шиша бодиққат нигоҳ кардам. Не, ба ҳар ҳол, нисфи он холӣ буд.

– Ба милитсия чӣ мегӯем? – далели охирини худро овардам ман.

– Милитсияи мо бегона нест! – гуфт Чабуки ва даст афшонд, гӯё ин далели ночизи маро аз дари кушодаи айвон ба берун партофт.

– Ин тавр ки бошад, рафтем.

Мо тарақ-туруққунон зинаро фуромадем, ба мошин сувор шудему ба роҳи калон баромадем. Борон меборид, бошиддат меборид, вале вай ба мо халал намерасонд. Чабуки ба хондани суруди гурҷӣ шурӯъ кард. Чашмони ман аз шунидани суруди гурҷӣ дар ҳушёриам ҳам ҳавзи об мешаванд. Ман ба қафо назар кардам, то ки таассуроти аз суруд бардоштаамро ба Людмила бигӯям ва баданамро аз сари нав сардӣ фаро гирифт. Дар нишастгоҳи қафо ҳеҷ кас набуд.

– Чабуки! – фарёд задам ман. – Ман духтарам – маҳбубаамро дар хона фаромӯш кардаам!

– Духтаратро фаромӯш кардаӣ? – аз сурудхонӣ бозмонд Чабуки. – Магар ту духтар ҳам доштӣ?

– Бале, доштам. Вай дар хонаи ту хобидааст!

– Дар хонаи ман хобидааст? – ҳайрати Чабуки афзунтар гардид. – Пас бармегардем ба қафо!

Вай суръати мошинро суст накарда, ҷилави онро дар роҳи мумфарши тар ба қафо гардонд, вале хайрият, ки мошин чаппа нашуд ва мо аз нав ба қафо

равон шудем. Ман аз тарс ба соат нигоҳ намекардам…

Людмила бо ду ҷомадони калон дар назди даромадгоҳ меистод. Рухсораҳои ӯ тар буданд ва фаҳмидан душвор буд, ки онҳо аз чӣ тар шудаанд – аз оби дида ва ё аз оби борон. Ман ягон калима гап назада, ҷомадонҳоро гирифта, ба бордони мошин партофтам. Чабуки ба Людмила нигарист, гӯё ки вай ӯро бори аввал медида бошад, ва боилтифотона дари пешро калон кушод. Людмила аз он гузашта, дар қафо нишаст.

– Аҳсант! – гуфт Чабуки. – Айнан одати зани маро доштаӣ.

Мо боз ба роҳи калон баромадем ва сели оби аз осмон меомадагиро пош дода, роҳ мепаймудем. Чабуки ба Людмила зуд-зуд назар меандохт ва мошин дар роҳи мумфарш монанди харгӯши маст каҷу килеб пеш мерафт… Хайрият, ки дар ин лаҳзаҳо дар роҳ мошинҳои дигар набуданд.

– Занат? – чашмакӣ зад Чабуки ба ман, баъд боз як бори дигар ба Людмила нигоҳ кард.

– Занам гӯям ҳам, мешавад, – зиракона ҷавоб додам ман.

– Офарин! – гуфт Чабуки ва боз як бори дигар ба қафо назар андохт. – Гӯш кун, соли оянда ҳам биё. Ман пул мегирам, аммо ту духтар биёр – дам мегирем!

– Занатро дар Тифлис мемонӣ? – аниқ карданӣ шудам ман.

– Занро бо худ гирифтан чӣ лозим? – дилтангона гуфт Чабуки. – Вай хона дорад, кӯдаку чӯдак дорад, ба бозор рафту омад карданаш даркор. Дар Маскав ҳамаи духтарҳо монанди духтари ту зебоянд?

– Дар Маскав не, дар Минск, – ислоҳ кардам ман гуфтаи ӯро.

Ба Чабуки барои печу тоб хӯрдан ишкамаш, ки ба чанбари ҷилав мерасид, бисёр халал мерасонд,

аммо ҳис карда мешуд, ки вай ба ин гуна майда-чӯйдаҳо одат кардааст ва эътиборе ҳам намедиҳад.

Албатта, духтари маро таъриф кардани Чабуки ба ман маъқул буд, аммо хомӯшии ваҳшатзое, ки дар қафо ҳукмрон буду гоҳ-гоҳ бо садои биниболокашиҳои кароҳатангез халалдор карда мешуд, ин ҳиссиёти дилписандро аз байн мебурд. Илова бар ин ман ҳамнишинӣ бо Чабуки ва миқдори шароби ҳамроҳи ӯ нӯшидаамро фаромӯш накарда будам.

Ба фикри ман, вақти парвози ҳавопаймои мо тасодуфан интихоб нашудааст. Вай дар косаи лабрезшудаи оби тақтири истироҳаткунандагони оддӣ қатраи охирин мебошад.

– Дигар вақт ёфт нашуд, ки вақти парвози ҳавопайморо соати шаш таъин кардаанд! – рӯйи худро ба Людмила гардондам.

– Даматро гир, бадмасти бадбахт! – ҷавоб гардонид ӯ ба ман.

«Бале, ҳамаи мардҳо нобакоранд, – бо таассуф гуфтам ман худ ба хуб, – аммо ҳамаи занҳо аблаҳанд».

Мо ба фурудгоҳ расидем. Ман вақтро барои хайрухуш бо Чабуки зоеъ накарда, ҷомадонҳоро бардоштаму ба тарафи ҷойи қайди чиптаҳо давидам. Дар он ҷо ғайр аз як нафар духтаре, ки либоси расмӣ дар бар доштү ким-чизе менавишт, дигар ҳеҷ кас набуд.

– Саворшавӣ ба ҳавопаймои Минск тамом шуд? – пурсидам ман, вазнин-вазнин нафас кашида.

– Тамом шуд, – гуфт духтар сарашро аз болои коғаз набардошта.

– Ҳавопаймо-чӣ?

– Ҳавопаймо парида рафт, – китфонашро дарҳам кашида, ҷавоб дод ӯ.

– Дар хатти парвоз истодааст, – гуфт боркаше, ки бо аробаи вазнине аз назди мо мегузашт ва дар ҷойи худ истод.

– Духтарҷон, монед, гузарем, – бо илтиҷо хоҳиш кардам ман ва ба Людмила ишора кардам, – ҳамааш айби ин, хобаш бурда мондааст, бовар кунед, ман рост мегӯям!

– Сергей! – оқибат сарашро бардошт духтар. – Ба ин ҷо ду нафар ақибмондагон омадаанд, иҷозат медиҳӣ, ки гузаранд?

Милитсионери нозири рафту омади одамон сар то пойи Людмиларо коҳилона аз назар гузаронда, гуфт:

– Аллакай нардбонро бурданд.

– Ҳоло набурдаанд, – ғурунгос зад боркаш, – ҳо, ана, истодааст.

– Лозим меояд, ки мурданивор давед, – бо тамасхур гуфт милитсионер, – аммо шумо хобиданро дӯст медоред.

– Кафшҳоятро бикаш, – амр кардам ман ба Людмила. – Аз қафои ман бидав, марш!

Мо давидем. Ман, ду ҷомадон дар ду даст, гӯё ки қанотҳоям бошанд, қариб, ки парвоз мекардам, аммо Людмила аз қафо оби кӯлмакҳоро шалапосзанон меомад. Нардбон аз ҳавопаймо қариб сӣ метр дур буд. Ронанда баробари дидани мо онро нигоҳ дошт.

– Ба қафо гард! – фарёд задам ман. – Амри сарваратон аст!..

Стюардесса ғур-ғуркунон дари ҳавопайморо кушода, ба мо иҷозати даромадан дод. Мо ба Минск паридем.

Аммо мо бо Людмила дигар натанҳо ба Сухуми напаридем, балки ба Вилнюс ҳам нарафтем.

– Агар ман бо Людмила пештар аз Ирка вомехӯрдам, – гуфта буд боре Саня, – ба номи Худо, ки ӯро ба занӣ мегирифтам. Вай бисёр зебост.

– Магар ту ӯро дидаӣ? – бо ҳайронӣ пурсид Володя.

– Аз дур.

– Аммо ман аз наздик, – лоф зада, гуфт Вова. – Аз Анаида камӣ надорад.

– Хуб кардааст, ки ӯро партофтааст, – мавзӯъро идома дод Саня, – магар ин гуна ҳатулҳо духтари зебоеро хушбахт карда метавонанд?

– Агар худи туро бо ду ҷомадони калон дар таги борон монда, фаромӯш бикунанд, – ӯро ҷонибдорӣ кард Володя, – ту ҳам натанҳо мепартофтӣ, балки мекуштӣ.

Онҳо дар бораи бадбахтии ман тавре гап мезаданд, ки гӯё ман вуҷуд надошта бошам.

Аммо он маззахӯракҳои гастрономҳо чӣ будани занро аз куҷо медонанд?

– Ҳама гап дар сари он аст, ки ҷӯраҳо бояд дар вақташ парвоз карда, дар вақту соаташ ба манзил расанд, – гуфтам ман. – Ба Минвод мо дар моҳи феврал расидему Анаида ба Вовик ба шавҳар баромад. Аммо ману Людмила ба ҳавопаймо дер мондем.

*Тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат*

## Анатолий КОЗЛОВ



*Анатолий Козлов 28 июли соли 1962 дар деҳаи Осиновкаи ноҳияи Краснополи вилояти Могилёв таваллуд шудааст. Мактабро дар Новоелнинск хатм карда, ба Дорулфунуни шаҳри Гомел дохил мешавад ва таҳсилро дар он ҷо бомуваффақият анҷом медиҳад: Ҳамчунин таҳсилкардаи Донишгоҳи адабии ба номи Янка Купала ва аспирантураи академияи илмҳои Белорусия ҳисоб меёбад. Дар идораи рӯзномаи ноҳиявии Могилёв ва Гомел, баъдан дар идораи маҷаллаҳои «Поломия», «Маладосц» кор кардааст. Ҳоло вазифаи сардабирии рӯзномаи зиёиёни эҷодкори Белорусияро ба ӯҳда дорад. Ӯ муаллифи як силсила осори бадеӣ мебошад.*

## БИСТАР

*Ҳар он кас, ки интизорӣ бикашад,*
*бо тасодуф рӯ ба рӯ бизанад*

Тирамоҳ. Октябр. Пойтахт нимғунуда. Пули букрӣ, ҷодаҳои фарох ҷароғҳои хирасӯзи сард. Сояҳои зич аз дарахтони баргҳояшон пажмурда рӯйи пайроҳаҳои мумфарш афтодаанд. Гузаргоҳҳои оҳану бетонии зеризаминӣ. Соати яки шаб. Истгоҳи роҳи оҳан. Қаторахо.

* * *

Борхалтаи вазнин. Дасте, ки бе дастҷулоб карахт шудааст.Мӯйи парешон, қомати хамида. Бари рухсораҳо борик, чашмон ҳазин. Аз озурдахотирӣ лаб каҷ кардааст. Қадаммониҳо саросемавор. Кисаҳои чуқур дорад шалвор. Китфакон меларзанд.

Янус ва ё чунон ки дар шиносномааш навиштаанд, Янка.Ба қатора чипта дорад.

* * *

Инак, зинаҳо. Нахуст ҳуҷра, даҳлез Рафтуо. Мағал, суханҳои зишт. Ҳиқ-ҳик гиристани кӯдак. Роҳбалад бо қавоқҳои гирифта,қабати дуюм,ҷойи панҷоҳу чаҳоруми қатора.

* * *

Бистари кампахта. Сабук. Лагандааш кандагӣ, мағзиаш даридааст кайҳо.

* * *

Чароғро хомӯш карданд. Китфҳояш ҳис доранд тахтаи сахти лағҷонакро. Такон,боз такон. Пичирос, овозе мешунавӣ. Оромӣ. Пинак меравӣ. Қатора дили шабро бурида мегузарад. Янус, чи тавре ки навиштаанд, Янкаро хоб паридааст кайҳо.

Аз чӣ намехобад, аз чӣ бо ҳар гуна фикр ин қадар чурт мезанад? Кудаки қобил. Ҳоло зиндагӣ ӯро ба чанголи худ нагирифта, пӯстинашро чаппа напӯшонда. Атроф ҳама пури ҳарҷу марҷ, бетартибӣ, ифлосӣ фач – мағзоба ворӣ. Ҳаёти дилгиркунанда, мисли тӯдаи хокрӯба. Вале ӯ аз ҷовидонагӣ чурт мезанад, орзу мебарад. Бихоб, эй кӯдак, чӣ зӯр мезанӣ: маиб мешавӣ, зиёда аз ин бор вазнин бардошта наметавонӣ. Хуб,чӣ? Агар ту бо ҳунарпеша ҳамхоба шудӣ ва он шоираи ту агар масти гузароро навозиш бикунад, аз ин чӣ ҳосил? Оби даҳони худ фурӯ бурдан натавонӣ. Ва боз ту ҷовид монданӣ ҳастӣ!..

Субҳ ӯ шеъре мебахшад ба Ватан ва таърихи кишвараш. То вақте ки майзада бедор мешавад, «асари ҷовидонияш «-ро ба ту мефиристад. Хоб рав,

бачем, хоб рав, азоб накаш ва бо пойҳои худ паҳлӯҳои захмини маро нахарош! Ҳамин ҳоло ту ҳам меравӣ,маро танҳо мегузорӣ, мисли он,ки ҳазорон бор маро тарк карда мераванд.

Одами дигаре меояд,хуб аст,ки рӯйҷоро иваз мекунанд,аммо ман иваз нашавандаам.

Чархҳои қатора бо роҳи оҳан ба ҳам мехӯранд, вагонҳо ба ларза меоянд. Симчӯби барқӣ дили торикиро мешикофад, шабаҳи дарахтонро намудор мегардонад. Саворон аз тундбод нафасгардон шуда, асп метозанд. Дар шохҳои сияҳбеди шикаста аккаҳои сиёҳ ҳамел бастаанд, гӯё ки барои ҷанозае омода бошанд. Ту ҳеҷ гоҳ надидай, чӣ навъ онҳо дуоюю фотиҳа мехонанд? Агар фаҳмидан мехоҳӣ, аз Савич ва Калиновск бипурс.

Ту мехоҳи ҷаҳонро чаппаю роста созӣ. Аммо дар асл орзуе дорӣ,ки хонаи васеъе дошта бошиву аспи бодпо ва саги почадароз. Лек дар паси пардаи ғояҳову суханони зебо пинҳонӣ.

Бо ту ман гуфтугӯ дорам, маро мешунавӣ? Ман: бистараки одиям, рӯи тахтаи қатора,дар ҷойи панҷоҳу чаҳорум, ки ҳоло ту хуфтаӣ. Мижгонҳои худро номафҳум дарҳам макаш, хоби худ аз чашмонат бадар масоз! Ман бар сари ту ва бар дили ту бо садои худ, таъсире расондам. Ин чандон ба ҳақикат наздик нест, ба назари ту шояд чунин намудор гардад. Ёдат ҳаст Янус? Ва номи ту чандон хуб не, дилгиркунанда аст. Ҳо, ба ёд меорӣ, хондаӣ, ки дар Немиг, пас аз ҷанг ҷони як тани кушташуда ба шамшер гузаштааст? Дӯзах барои вай нест. Замин-модар хун мегирист ва овони хурдсолии ту бо гиряву нола охир шуд. Ту дандон ба дандон монда, гӯё сиру намакро омехта фурӯ мебурдӣ.Мехостӣ, ки мисли ӯ сарбоз бошӣ… Ба рӯҳ бовар надоштӣ. Рӯҳ нест, ту онро фақат омӯхтаӣ.

Янус ту ғалат мекунӣ. Саргузаштҳои ту, албатта,зиёданд. Вале ту сарбоз шуда натвонистӣ!

Намешавӣ ҳам. Шитоб накун ба баҳсу мунозира. Ана, мебинӣ, паҳлӯят хобидааст соҳилибалтика. Вай сипоҳист,сипоҳии ҳақиқӣ. Вай аз кӯдакӣ медонист: чӣ тавр, барои чӣ, дар куҷо,бо кӣ ва бе кӣ? Не,вай сипорро ҳеҷ гоҳ ба даст нагирифта буд. Ва оё гап ба ин вобаста аст? Чуқуртар фикр бикун, Янус. Сабр бикун… Ту ин номро аз куҷо гирифтаӣ? Оё аз … Ва мегӯӣ,ки ҳамин тавр Янка навиштаанд номатро. Эҳ, ана акнун, бачем, посух ба ҳамааш.

Туро ҳанӯз ҳам виҷдон барои шоираат азоб медиҳад-а? Ту ба истеъдоди ӯ ҳасад мебарӣ ва ба сабукпоияш? Ҳо-о, маълум, ту дӯсташ медорӣ? Пас, чаро ту ӯро дар толори майхона тарафи рассоми шиносат тела додӣ? Мегуӣ, ки рӯҳияи онҳо якаст, пайи як ғоя меравнд… Ту, бачем чашмони шоирaро дар ёд дорӣ? Чи тавр зорӣ мекарданд, гӯё,ки «Равем аз ин ҷо, маро бо худ бубар» мегуфтанд? Ва шарора мепошиданд он чашмон ва аз ҳарорати он пиряххҳои Терскӯл чун мум об мешуданд. Ту «Магистрат»-ро назарногирона мешунавидӣ ва таххонаҳои ашроф Прокопотскийро ба худ тасаввур мекардӣ. Он ҷо, воқеан ҳам салиб ҳаст.

Ман оё туро фаҳмида наметавонам? Мегӯйи,китуро, дар ҳақиқатҳам, салиби усто Богши ба ҳаяҷон овардааст? Дар ин бора ҳар як писари Ефросини Полотский майна об мекунад? Аз чӣ ин қадар баландпарвозӣ,бачем? Ва ин ҷо Эл Греко чӣ дахле дорад? Вай оё рассоми дӯстдоштаи шоираи туст? Оё Пол Элюар низ…? Вале Воюшаро ман намедонам. Мебинӣ, ман чи гуна нобакорам? Дар солҳои оворагардии худ чи қадар гулҳоро иваз намудаам. Вале,азизам, хаёл мекунам,ки мо нақшаи якдигарро дигар месозем?

Таҳқир масоз! Хуб, гуфтем, ки баъзеҳо ба ман лагандбардорӣ карданд ва дӯстони ту низ бо ин корҳо машъуланд. Шитоб макун.Вақти фуруд омаданат ҳанӯз нарасидааст. Ман, бачем як чизро

фаҳмидам: дар айни як вақт баробар гӯш додан ба фармони ҳам дилу ҳам ақл басе мушкил аст. Вале ин тавр ҳам шуданаш мумкин: як чиз байни ҳардуи инҳо пайдо хоҳад шуд.

Боре рӯйи ман падаре хобид. Рӯҳонӣ не, одӣ – падарҷон. Ман таври ҷиддӣ гуфтам: вай бисёр ҳам намехост,агар ӯро рӯҳонӣ бигӯйӣ.Падар бо худ шаш адад қадимтарин икона (сурати фариштаю авлиёҳо)-ро мебурд. Он суратҳо албата, аз лиҳози қимат қариб ки ба салиби – Багши баробар. Вай ҳам, мисли ту,шаби дароз хоб нарафт.

Ҳисоб мекард,ки ба чанд пул мефурӯшад. Ту фақат ба худ тасаввур бинмо: муаллими дин динро ба фурӯш мерасонад. Ин, албатта, тарғиби Инҷилу Таврот нест, балки зиндагист. Расомони онҳоро номбар мекард: кадоме аз онҳо гаронқимат, барои сохтакорӣ туро ҳам баробари иконаҳо меовезанд? Пиразанҳо,ки ҳоло меоянд, боз тавсиф хам мекунанд, – фикр мекард падар. – Иконачаҳои нав мехарад,бисёр назаррабояшро, аммо симои онҳоро касе дар ёд хам надорад. Ва падар он иконаҳоро аз зодгоҳи худ ба ҷануб мебурд. Маро афшонд, рӯйҷойро миҷиқ мекард,аз сахт шамол кашидан оби биниаш мерафт,бо дастпок тоза мекард, ба касею ба чизе кораш набуд.Фақат фикр мекард,ки чандто бигирад. Хуб,маълум ки гирифтааст… Ҳоло рӯи деворҳои калисо суратҳои яктоаш часпонда шудаанд. Ҳар кас,ки меояд, ба он саҷда мерад.падарро тасанно мехонад: «баҳавсала аст, одами табаррук! Баҳри одамон, барои дин зиндагонӣ ва ғамхорӣ менамояд».

Баҳри одамон, барои дин… Не,он қадар ҳам не,бачем:барои худаш,ҳо,ин одами «табаррук» барои худ зиндагӣ мекунад. Ва ӯ ҷароҳати худро табобат намекунад,мисли он,ки пештар ояндагон ин ҷо табобат мекарданд: бо оби ҷӯшондаи алафу бухори саргини ҳайвонот… Вай дар ҷануб аст. Он ҷо, ки икона мефурӯшад. На дар ягон ҷойи харобу вай-

рона, балки дар меҳмонхонаи беҳамто. Ана,чӣ гуна ва бо чӣ ҳаёт ба сар мебарад ин падарҷон?

Ман аз пеши худ набофтаам, гапи будагиро мегӯям. Себаки обдор барин, ҷавони аз синну соли худ калон барин.Шояд сарфаҳм меравӣ, мақсаду мароми худро дарк месозӣ. Ва шояд Калиновский фаҳмида нашаванда вонамуд намегардад, балки ҳаётӣ ва зинда аст. Ту сурати ӯро дидаӣ. Вай ба умқи чашмони ту назар афканд, аммо лойқаи бенури дер боз хобидаро аз ҷояш беҷо карда натавонист. Ту Янка, иҷозат бидеҳ, номи туро тавре ба забон орам,ки навишта шуда аст. Ба ин тариқ, ту аз сояи худ ҳатто метарсӣ, фоидае ба даст овардании ҳастӣ. Тарсу бимро бо шамшер бизан, бо шамшере,ки рӯҳи сарбозе аз Немигӣ дар он ҷойгир аст. Не, ман туро ақл омӯхтанӣ нестам. Ту олим ҳастӣ. Аммо олими амалнокардаӣ. Афсӯс.

Хомӣ бачем, ҳа себаки хом ҳастӣ, ҳоло.

Ба қарибӣ дар ин ҷо фоҳишае пайдо шуд, рӯи ман чойи мулоимашро монда, биншаста буд. Ту чӣ, Янка. Ин муқоисаи одӣ не: ва ман ба ту намехандам. Чаро ба ту бихандам? Ман хамаи гапро ба он сӯ – ба ҳастӣ, зиндагӣ, маънои он ва ғоя мебарам. Дар бораи он шоираи ту ҳам гуфтаниҳо дорам. Ба ҳунарпеша коре надорам: вай инсони тасодуфист, мисли ҷорӯб. Ту охир, аз худ одами бузург сохтанӣ ҳастӣ. Оё ҳамин тавр не?! Вай дунбакалон, мисли падар тарафи ҷануб мерафт. Вай худро бо ҳар гуна фикру хаёл ғам намедод. Ба чаҳор тараф ҳарисона менигарист, ба писаракон чашм медӯхт.

Чанде кӯшиш кард то номи писараки дирӯзаро ба ёдаш оварад. Аммо ба хотираш нарасид,ба худ печид, оҳу во кард. Метавонӣ бовар накунӣ, вале вай ба назари ман, одами қавитар аз падар вонамуд гардид ва ҳатто аз шоираат ва худи ту ҳам.

Оҳ, ман сари туро гаранг кардам! Хуб-хуб, чӣ саратро медорӣ? Фикр бикун. Он хонум на бо дину

адёнфурӯшӣ, на бо савдои ғоя машғул аст. Тани худро мефурӯшад. Ҳамин тавр, одӣ.. Ту зери лаб мегӯйӣ, ки ин пастист, ифлосист! Аммо дар бораи як пайса фурӯхтани динат? Ту дар бораи ғоя ва виҷдон, дар бораи таърифу тавсифҳо чӣ хоҳӣ гуфт? А? Аҳмақист? Бигузор, аҳмақӣ бошад. Аммо аз ман чӣ мегирӣ? Аз як бистарчаи кӯҳнаи чиркину дарзҳояш рафта. Маро ҳазорон бор ба як сӯм фурӯхтанд. Ва ту хам, Янка, маро барои чанд соат ба як сӯм харидӣ. Ҳоло боз ягон каси дигар мехарадам. Охир, ту меравӣ-ку. Танҳо ман ҳеҷ чизро фурӯхта наметавонам. Ман аз он шодам,ки таги чандин ҳазор одам хобидаам. Маро чаппа кардан намехоҳӣ? Хуб, ҳеҷ гап не. Дар охир,вақти хайру хуш гуфтанӣ ҳастам: бубин Янка, дар ягон ҷо тасодуфан ба раҳи каҷ пой намон! Ҳоло субҳ надамидааст. Ҳарчанд, ки уфуқ сафедӣ мекунад, ба ҳар ҳол торик аст.

Шабҳо ором бихоб, бистарчаро эҳтиёт бинмо, аз ман дуруд бирасон ба шоираат.

*Соли 1988*

## ВАҚТИ ГУЛИ РОСАН[1]

Корди дамаш гаштаи дандонадор дар дасти арақ кардаи Сергей сояи даҳшат ва навмедӣ меафканд. Тахтафарши хона то рафт ғамангезтар ғижас мезад. Бӯйи ғализи мағори анбор димоғро месӯзонд. Пеши чашмашро тамғаҳои сабзу гулобӣ фаро мегирифт. Дар ақиби девор, рӯи баргу пояҳои картошка шохи себ хишир-хишир садо медод. Шаб буд. Дар кӯчаи тарафи Бешазори торик якканавохт аккоси саге баланд садо медод. Сергей аз паҳлӯи каҳдон гузашт: «Худо мегуфт, ки ба по истода тавонад, фақат наафтад рӯ ба замин. Агар чаппа гашта афтад,

---

[1] Росан (девясил) – гиёҳи бехмева, ки тунд буда, хосияти доруӣ дорад.

зонуҳояш харош мехӯранд… Набояд ин тавр шавад… Ана, дастаи дараш». Дар воз аст. Ними шаб.

Сергей барои як лаҳза ба паҳлӯдарӣ такя овард. «Марина, дӯстдоштаи ман!. Ҳаргиз намехостам ин тавр шавад, тӯро ранҷ додам. Охир, худ медонӣ. Ҳамаи ин барои чист? Эй Маринаи меҳрубон, модари поктарини покизагон, маро маъзур дор, нерӯ бахшой! Ту маро бо меҳри муқаддаси худ аз замин то ба само ва ё аз само то ба замин фаро бигир…» Аз ларзиданҳои дастони Сергей мурғе пар-пар зад, қуд-қуд кард, лонаро бо пойҳояш харошид.

Рафтан лозим, истодан лозим не. Бояд рафт. Вақт тез мегузарад. Ҳамаи дарҳоро агар бошанд, воз кардан даркор. Дари ҳоҷатхонаро ҳам. Дарвозаи кӯчаро калон кушодан лозим. Акнун аз гирди анборҳо ва давро-даври хона се дафъа гузаштан лозим. Ба мурғ имкон додан лозим, то ки аз чоҳ об хӯрад.Танҳо ба по истода тавонистан лозим. Аз се девори бинои навсохт бояд убур кард. Сутунро ба ҳисоб намегирем. Теғааш кунд… Акнун ҳоҷатхонаро бояд гузашт. Газна (сӯзгиёҳ)-и сабил халал мерасонад, онро субҳ решакан бояд кард.

«Эҳей навҷавон, ҳушёр бош! — гуфт Миходка бо ангушт ба бадани шишаи нимаарақ нохун зад, — ана чӣ чиз туро азоб медиҳад! Мебинӣ, шабаҳи таптайёр! Вай барои ту бароварда шудагӣ. Худи ҳамин бо дасти ту занҷонатро гулӯгир карда мекушад. Ту, аммо ба худ ҳисобот намедиҳӣ. Барои чӣ Каска Петраковаро шармсор гардондӣ? Фикр накардӣ бародар, чаро даст расондӣ? Вай дараки туро дод ба ҷодугар. Ман мебинам ва медонам, ба кӣ? Ҳо, Серёгаҷон, рӯи хунро сабза пӯшондааст. Вай хун не, дар ҷони ту, балки заҳр аст. Рафтем. Ба мову ту бешаи муқаддас хоҳад гуфт, ки чӣ коре бикунем. Иншооллоҳ дарахти булут маслиҳат хоҳад дод».

Ва онҳо аз пайраҳа, аз рӯи ботлоқзор ба роҳи калон гузаштанд. Зери дарахти чормағз шабро саҳар

карданд. Михотка аз ҳар як дарахти азим яктогӣ шохча бурида гирифт. Як рӯз, ду рӯз гузашт. Сергей ҳамоно шохчаҳоро бардошта мерафт. «Беша ва танҳо беша раҳоибахш аст! Дарахти булути бузургвор роҳи халосиро нишон хоҳад дод. Сабр бикун, бубин!..»

Миходка бо тамоми нерӯ Сергейро аз китф дошта, тела дод. Навҷавон ба дарозо афтод, шохчаҳои дасташ пош хӯрд, бари рӯяшро буттаи фарнии шикастае харошид. Хун шаррас фуромада, лабонашро сӯзонд. Вай мехост аз ҷой хезад, вале Миходка ӯро бо ҷуссаи худ ба замин пахш кард. Лабонашро ба гӯши ӯ наздик бурда, пичиррос зад: «Хоб куну ба замин гӯш андоз. Решаҳакҳоро бо хуни худ об бидеҳ, он гоҳ беша бо ту бародар хоҳад шуд. Хунатро дареғ мадор, заминро хуншор соз. Овозеро мешунавӣ?»

«Рӯйи ту сияҳ, маро ҳам рӯсияҳ гардондӣ! Маро барбод додӣ, рӯямро доғдор кардӣ. Ва акнун ман ба кӣ лозим? Э вой, падарҷон, вой очаҷон! Доғи рӯи маро кӣ равонда метавонад? На бародарам ва на хоҳарам оби дидагони маро мебинанду пок месозанд, кӣ маро хушнуд мегардонад? Дурӯғ аст ҳамааш. Бовар макун ба дӯстат, коҳ ҷой созад ба пӯстат! – гуфтаанд. Маро рӯи реги зард гӯронданӣ ҳастӣ? Ман чӣ тавр дастамро раҳо намоям? Чӣ тавр қасос наситонда, ман зери хок шавам? Ба ҷойҳои чароғон меравам, то ки барои гирифтани ҷони ту чора созам, барои ҷони гармат. Ва шумо рӯзи некӯю босаодатро нахоҳед дид, мисли кабӯтар парвоз нахоҳед кард. Ман рӯзи рӯшанатро сияҳ мегардонам. Илоҳо ҷое равию дар наёбӣ, ҷое ки по ниҳию об наёбӣ, илоҳо овораи ҳар ду олам бигардӣ! Эй Худо, ақаллан ту кӯмакам бинмо!»

– Мешунавӣ Сергейҷон, – пичиррос зад Миходка, – мефаҳмӣ Каска рӯзи тӯйи арӯсии ту суруд хоҳад хонд. Беша барояш асрори худ мекушояд.

– Нафасам гашт, ман чуқур нафас кашам? Ман менигарам. Миходка, амакҷон, маро аз марг наҷот деҳ! –бо тахтапушт хобида, Сергей бо даст хокро аз зераш мекашид, баргҳои пӯсидаи сӯзанбаргҳои халандаро дур меандохт. Соҳирона Сергейро дошт, бо тамоми қувва ӯро аз ҷойи хобидааш як сӯ кашид, аз ҷайбаш шишаи нимхолиро баровард, кафи дасташро об пур карда, ба рӯйи навҷавон пошид.

– Сергейҷон, аҳмақӣ накун. Боз каме тоқат бикун ва мо васвасаро аз худ дур месозем. Ҳо, вай туро пахш кардааст, вале наҷот дар паҳлӯи мост.

– Бешаи азизу беҳамто, пуштупаноҳи мо шав! Ба вай неру ато бикун! – Миходка обро ба шакли нимдоира ба гирди Сергей пошид.

– Худро ҳоло сабук ҳис мекунӣ, навҷавон? — пурсид соҳирона аз Сергей. – Бихез, медавем.

Сергей хест ва саллона – мастона қадам бизад. Миходка бастаи шохчаҳоро бардошта, мебурд. Онҳо аз ҷӯйборҳо ҷаҳида гузаштанд, қатораи сафедорҳоро паси сар гузошта, ба майдончаи назди арчазор баромаданд. Дарахти бузурги булут оромором ғанаб мерафт. Ягон шохаки онро ҳам бод ба ҷунбиш намеовард.

– Омадем, Сергейҷон, – бастаи шохчаҳоро Михотка таги дарахти булут партофт ва аз кифт борхалтаашро ҳам гирифт.

Пардаи торикӣ фаро мерасид. Осмон аввалин ситораҳои худро намудор гардонид. Оромии дилгиркунанда ҷисму ҷонро тазйиқ медод.

Бӯйи буттаҳои халанҷ ва дарахтони сӯзанбарг атрофро фаро гирифта буд.

Миходка мисли лаклак сар ҷунбонда, ба дарахти булут наздик шуд, онро бо кафи дастонаш навозиш намуд ва бари рӯяшро ба танаи он молиш дод. Буруташ сиххҳои танаи он дарахтро мемонд.

– Ту шинохтӣ маро, эй дарахти бузург, бародару падари ман? Омадам ман. Назди ту ба нокомӣ ва бо хоҳиш омадам.

Оё маро мешунавӣ?

Дарахти булут баргҳояшро ба ҷунбиш даровард ва чанд барги норасида бо қатраҳои шабнам – поййин ба замин фуромад.

– Либосатро бикаш, – ба китфи Сергей даст ниҳод Миходка. – Каме ба худ омадӣ? Хуб, бисёр хуб. Гуфтам, ки либосатро бикаш. Сергей кирмчаи шаб— чароғро аз байни панҷаҳои дасташ раҳо карда, либос кашид.

– Ина, бипӯш, – Миходка аз борхалта пероҳани карбосиеро бароварда, ба ӯ дароз кард. – Ана, аз бурҷи дигар ба танаи дарахти булут наздик шав.

Сергей байни буттаҳои чойкаҳак ва гули «бӯйи модарон» гузашта, аз таъсири шабнам тар шуд. Нам бадани ӯро ях барин сард сохт.

Миходка бо баргҳои хазоншудаи дарахти булут ва шохчаҳои бардошта овардааш гулхан афрӯхт. Даруни оташ торҳои мӯйи шонахӯрдаи Сергейро андохт, ки даруни мағзи нон нигоҳ медошт.

– Дарахти булути бузург, рӯзидиҳанда ва қазоватгар! Аз овардаи мо рӯй матоб, – соҳирона таги дарахт се кумочи (нони) хурди гирдаро гузошт. – Хуни писарро пок соз, васвасаро аз ӯ дур биандоз! Хушбахт бигардон, то ки ӯ бино гардад: дида битавонад, зиндагӣ бикунад ва хуш бошад. Осмону замин, тани ӯро бо шабнам бишуед! Ва ту падари мойӣ, доғи сияҳро аз баданаш дур соз! Ҳамчун фарзанди замин ва даравгар аз ту илтиҷо дорам, барои ҷисму ҷони ҷавонаш раҳм бикун, то авлоду аҷдоди туро минбаъд давом дода битавонад.

Дарахти булут гӯё ором-ором гӯш мекард. Михотка ба буттаҳои дарахте наздик омад, ки Сергейро тар карда буд. Чашми наврас месӯхт, дар рухсорааш донаҳои арақ пайдо шуданд, тасмаи сиёҳе дар шақиқааш падид омад.

Сергей рӯ ҷониби дарахти булут истода буд. Аз ақибаш пӯстлохи дарахт аланга гирифт. Оташ

шохчаҳоро часар-часар ба сӯзондан сар кард, баргу хазонро низ фаро гирифт. Дуди сафед ҷавонро гӯё навозиш мекард, сар то пояш даруни дуд қарор дошт. Ӯро дил сустӣ кард, бадани шахшудааш метапид, хала мезад. Ва Сергей овози пиронасареро мешунавид, ки мад кашида мегуфт:

– Ин ҳафта мегузарад ва боз як рӯз. Шабе ки росан (девясил) гул мекунад, ту бо корд ва мурғи сиёҳ бо вай вомехӯр. Ҳамаи дарҳоро боз намо, қулфҳоро бишкан. Ҳамаи хонаҳоро гирдогирд се бор давр бизан. Баъд аз се бор давр задан бо дами корд салиб бикаш дар назди даромадгоҳ. Ҷину аҷина аз куҷое аз зери поят меҷаҳад. Эҳтиёт шав, наафт, ба поят мустаҳкам қарор бигир. Агар баногоҳ дастат ба замин бирасад ва ё сари зону қарор бигирӣ, яъне маълум, ки ту дар ин олам хеле суст ҳастӣ. Ва умри ту аз думи мурғ ҳам кӯтоҳтар аст. Дуд саропойи Сергейро фаро гирифт. Овози ношиносе ӯро дар ҳайрат овард:

– Дили ман ба фарзандони ҳанӯз тавлиднашудаи Марина месӯзад. То рӯзи муайяншуда бо ӯ ҳамхоба машав! Агар ақлу тамизи худ ба кор мебарӣ, пас он шаб барои Марина шаби охирин на хоҳад шуд. Зиёнҳо ҳанӯз дар калби ту ҷойгиранд. Ва завҷаат бо ту нахоҳад буд. Ангуштони ту гулӯи ӯро мегиранд. Ту инро дар хотир бидор. Як ҳафта ва боз як рӯзи дигар. Ва он гоҳ росан гул хоҳад кард, мурғи сиёҳ, корд… Дарҳои воз ва дарвоза. Ҷин ва ту, халос бирав.

Миходка пероҳани карбосро аз тани ӯ кишид ва даруни оташ андохт. Оташ дуд кард, хомӯш гардид.

Соҳир Сергейро бо роҳи дигар хона овард: ба равиши оби рӯд, аз паҳлӯи рӯд ва чашмасорон гузаронда овард, ки тамом ҷарӣ, буттазор, малинаю марминҷон фаро гирифта буд ҷонибиҳоро.

Ва он рӯз фаро расид. Он шаб низ.

Ё ман, ё вай! Ҳар қадар, ки Сергей ин гапро беш-

тар такрор мекард, нерӯи мағлубнопазир дар ҷисму ҷони ӯ рӯ ба фузунӣ мениҳод. Озодона зиндагӣ бояд кард ва бояд дӯст дошт! То ки Марина дигар аз дасти ман ҳазар накунад, натарсад! Таъми нон ва шарбати нонро эҳсос намояд!.. Сергей анборҳоро сайр карда гузашт. Дар зинае тавассути корд тамғае гузошт. Мурғи сияҳ пар афшонд. Ҷавон барои гаштугузори сеюми атрофи биноҳо қадам зад. Пойҳояш чӯб барин шах мешуданд. Аммо ӯ пеш мерафту мерафт.

Ҳама дар хоб. Тақводорон ҳам дар хоб буданд. Аммо вай тани танҳо гардиш мекард, мехост пок шавад. Ва танҳо истодагарӣ бояд кард.

Атрофи хонаҳоро давр зад. Ҳоло андар вурудгоҳ нишонае бояд бигузорад. Дами кордро сахттар бояд зер кард. Дасташ ларзид. Эҳ, ношуд! Оё ҳамин тавр ҳам меларзад кас?..

Сергей ҳанӯз нишонаро нагузошта, ҳамаи тахтаҳои фарши каҳдон ғижас заданд. Хаёлаш, ки будбоши азимеро чаппа карданд. Дар ҳамин лаҳза як чизи яклухти сермӯй пеши пояш гурсас афтод. Ҳамчунон бошиддат ва нерӯи қавӣ афтод, ки хаёл кард пойҳояш аз шишаасту чинга-чинга, шуда пош хӯрданд. Аз таги каши Сергей мурғи сиёҳ фаррас парид ва бо тамоми овоз қивучув карда, тарафи девор давид. Ҷавон паҳлӯдариро маҳкам қапид. Дар кӯча сагҳо яке паси дигар ба ҷакидан шурӯъ карданд. Сергей дар ҷойи худ: паҳлӯи дар гӯё карахт монда буд.

– Истодагарӣ кардам! Ман қатъият нишон додам.

Миходка, воқеан ҳам дарахти булут бузург будааст! Марина, одамон! Ман истодагарӣ кардам!

Сергей девонавор дод мезад. Овозаш гӯё банди дилашро кафонда, берун мешуд. Чуқур нафас кашид. Ҷавонмард ба остонаи дари хона расид. Дар торикшаб кордашро як сӯ ғурронд. Нӯги корд ба чизе бархӯрд. Дигар на фикр кард, на як сухан ба забон овард.

Дари хона ғижжас зад. Сергей гӯш андохт. Наход, ки ҳанӯз ҳам кор охир нашудааст?

– Сергей, – садо кард завҷааш.

– Ин сӯ биё, – даъват намуд ӯ. – Бо ҳам зиндагӣ мекунем, мешунавӣ, Марина? Аз ҳеч чиз натарс. Ҳамин замон росан гул мекунад Меравам. Нерӯйи бузург. Оё ту чунин гулҳоро ҳеч дидаӣ? Ду бех дар паси хонаи Петракова ҳаст...

Аз дастони ман матарс. Ҳамааш гузашт!..

– Хаёлам, ҳис мекунам, ки дастони ту ҳанӯз ҳам дар гулӯям!..

– Вай ман набудаам, бовар намо. Ягон вақт инро ба ту Миходка хоҳад гуфт.

– Барои чӣ? Ман худ онро медонам.

– Ва шояд ту дар бораи Каска чизе медонӣ?

– Гуфта буданд.

Сергей даст пойин кард, таъзим ба ҷо овард.

– Биё Марина. Ман ин ҷо мемонам,дам мегирам. Ҳамин тавр кардан хубтар аст.

– Ҳамин тавр, бо ҳам?

– Не, ман танҳо. Ту маранҷ. Ҳанӯз ҳамаи корҳо хотима наёфтаанд. Ту инро эҳсос мекунӣ? То охир расондан лозим. Биё, хоб рав! Ин шаб шаби ман аст. Шабҳои дигар азони мо хоҳад шуд.

Шаби ялдо ва аз нисф гузаштааст.

Ва инак, ҳавлии Каска Петраковаро шамъ равшан кард. Бо алангаи рӯшанияш қалби торикиро бидарид. Ҳама чиз гӯё зинда шуд, садо баровард, фарёд зад. Шаб ғайб мезанад, шаб рафт. Дар равшании нури шамъ дар паси ҳавилии Каска баргҳои росан печутоб мехӯрд. Ба худ ранги сияҳ мегирифт аз ин ки нури офтобро дидан мехоҳад, он гулаки пажмурда.

*Тарҷумаи Зулайхо Неъматова*

## Георгий МАРЧУК



*Асарҳои нависандаи барҷастаи Белорус Георгий Марчук воқеан ҳам дар байни хонандагон маъруфу машҳуранд. Давоми чиҳил соли эҷоди осори бадеӣ вай ҳашт роман, панҷоҳ драма, китоби ҳикоёт (достонҳои кӯтоҳ) бо номи «Бесарусомонӣ» («Хаос»)-ро ба вуҷуд оварда аст, ки соли 1997 беҳтарин китоби мамлакат ба шумор рафта буд. Бо китобҳои афсона барои кӯдакон ва панду андарзҳояш ӯро асосгузори ин жанрҳо дар адабиёти Белорус медонанд. Георгий Марчук 1 январи соли 1947 дар мавзеи Давиди вилояти Брест ба дунё омадааст. Вай Институти театрию бадеии Минскро ( соли 1973) хатм намудааст, ки тахассусаш театршиносист. Сипас, дар мактаби олии режиссёрию сенариянависии Москва (с.1975) таҳсилашро давом дод, ки он ҷо тахассуси кинорежиссёриро додаанд. Аввалин асари бадеияш песаи якпардагӣ буда, ки соли 1971 таълиф намудааст. Баъд аз он даҳ дафъа ғолиби озмунҳои драманависон гардидааст. Нависанда чун публисист, чун файласуф дар эссеҳояш роҷеъ ба рӯҳи инсон, дин, Худо ва ҷон ибрози ақида менамояд. Армуғони ӯ дар шакли 10 ҷилд асари олиҷаноб ( чунон ки гуфтем: ҳашт роман, панҷоҳ песа, сад новелла, сӣ афсона, панҷ киносенария, чорсад панду андарз) пешкаш гардидааст. Вай барандаи Ҷоизаи давлатии Белорус (соли 1996 барои филм аз рӯи асараш «Гулҳои воҳа») буда, инчунин бо нишони Академияи забонҳои Россия – «Ревнителю просвещения» (соли 2000) сарфароз гардонда шудааст. Соли 2005-ум ӯ котиби Иттиҳодияи ҷамъиятии «Иттифоқи нависандагони Белорус» интихоб гардида, имрӯз дар ин вазифа пурсамар кор карда истодааст.*

# РАШК
*(Новелла)*

Оҳ, Урсулаи сахтгир ва ботамкини ман! Фақат ба назар чунин менамояд, ки аз ишқ дида дар бораи рашк асар навиштан гӯё осонтар бошад. Ва ин ҳам дар ҳоле ки рашк – духтари ишқ аст, вале духтари саркаш, серноз, тундгап, кушодадил, мунфаҷир-феъл, густох ва бо хислати номуайяну пурмуаммо-яш хатарнок ҳам мебошад. Аммо инҳо нишонаҳои зоҳирӣ ҳастанду моҳияти онро дар қаъри дили ҳамеша гумонбар ҷустан лозим аст. Шахси рашкдор беш аз ҳама озурдадил, зудранҷ ва албатта туршрӯй мешавад. Фикру хаёлҳои вазнин дар бораи «бохти қарибулвуқӯи» дӯсти азизи гаронқадр варо як дақиқа ҳам ором намегузорад. Онҳо дилу ҷони озурдаю бадгумонро ба зери санги зайр мекашанд.Бадгумонӣ фавқулода аз эҳсоси номумкини муоина кардан ё шояд назорат намудани тамоми вақти озоди шахси дӯстдошта пайдо мегардад. Оҳ, Урсулаи озодихоҳ ва шавқпарасти ман! Фалсафаи рашк аз ақидаи умумии дар ҷаҳони аз боби ахлоқ нопойдори умуман бевафоии зан паҳнгашта мунтазам ғизо мегирад. Ёрӣ деҳ, Урсула, дилу ҷонро таскин бахшам, ёрӣ деҳ. Ту мефаҳмӣ, ки озодии на танҳо шахси маҳбуб, балки умуман одамро назорат кардан ва ё ҷилавбанд намудан ҳеҷ маъние надорад. Ҳатто қонунҳои дунявӣ ва динӣ ҳам инро идора карда наметавонанд. Ҳавасбозӣ, фақат ҳавасбозӣ сиришти заифи одамиро фаро мегирад. Мегӯянд, ки пас аз висоли ишқ, бӯсаборонҳои гарм, комситониҳои пурҳарорат зан вақт ёфта, худро бафурҷа ба тартиб меорад, хусусан бо ҳавсалаи том ба лаб ранг мемолад, ба чашмаш сурма мекашад, ки албатта, ин ҳама акнун барои ту набуда, балки аз баҳри комгории дигарон аст. Ишқ парастори фидокорист, вале рашк ҳаргиз ба ин роҳ намедиҳад. Ва маҳз ҳамин

дили ошиқи пурэҳтиросро сахт мушавваш месозад.Фаразан, агар ишқ бузург бошаду ҳамаро фаро гирад, пас саропои зан низ дар ҳама ҷо ва доиман бояд дар ихтиёри ӯ тааллуқ дошта бошад. Оҳ, чӣ қадар дардовар аст, ки ин ҳеҷ имкон надорад. Нигоҳи шавқангези худро, ки дар троллейбус, метро, театр ва ё дар байни издиҳоми одамони роҳгузар ба ҷавонмарди хушқадду қомати бегона тақдим менамоӣ ва ҳамин хатари имтиҳонеро пеш меоварад. Одами рашкдор ягон касро аз худаш беҳтар намеҳисобад. Гумонҳо ва уқдакушоии калобаи нақшаҳои махфии маҳбуба ишқро фаро мегираду онро заҳролуд месозад ва акнун ишқ не, балки рашк ҳар як рафтору кирдорро идора менамояд. Ва ҳангоме ки телефони ҷонона даҳ ё понздаҳ дақиқа банд бошад, мехоҳӣ, ки гӯшакро як сӯ гузорию ба назди вай тозон биёӣ ва бо ҷиддияти том бипурсӣ: «Кӣ занг зада буд?» Ва агар ӯ ба ин саволат ҳатто бо табассуми нарм: «Бо дугонаам каме лаққидам» гӯён посух диҳад ҳам, дилат ҳаргиз ором намешавад. Хусусан ҳаёти гузаштаи ҷононаро варақгардон кардан ниҳоят душвор аст. «Он рӯзҳо кайҳо сипарӣ шудаанд. Охир он вақт ту, дар он шаҳр, ҳамон вақт дар паҳлӯям набудӣ» барин суханони наҷотбахши вай ҳеҷ таъсире намерасонанд. Оҳ, Урсулаи зудранҷ ва меҳрубони ман! Оё ошиқон медонанд, ки маҳбуби худро бо чӣ назокат, фаросат ва шарофатмандӣ бо саҳифаҳои гузаштаи рӯзгори хеш ошно кардан лозим аст. Зеро ки рашк дилро фақат сӯҳон намезанад, не, балки аз он пай дар ҳам ва бо зарбазаданҳо пора-пора мекунад. Рашк дар замони тиҷоратию сармоягузории мо байни ишқу бадбинӣ ҳамчун миёнарав хизмат мекунад. Бинобар ин одамон ақида доранд, ки рашк чашми ошиқро кӯр ва мағзашро аз ақл дур месозад. Не, рашк ишқро мустаҳкам намекунад, балки он ҳарорати муҳаббатро баланд мебардорад ва ин ҳарорат чун дар

ҳолати бемориҳои вазнин зуд-зуд тағйир меёбад. Оҳ, Урсулаи мушфиқу пурилтифоти ман! Мабдаи рашк аз ақл аст, на аз дил. Қиёси доимӣ бо дигарон эҳсоси муҳаббатро кунд месозад. Ошиқ бо сӯзи ҷонгудоз андеша меронад, ки наход кадом шахси дигаре аз ман дида беҳтар бошад? Рашк шӯру шавқро сардӣ бахшида, эҳсосоти мулоҳизакорӣ ва таҳлили амалро ба таҳрик меорад. Сипас бар асари таҳлилҳо, андешарониҳо, хаёлбофиҳо ҳиссиёти дӯстдорӣ дар ҳолати гувороии худ карахт гардида, парвози масарратбахши фазои озод ё ба ибораи кайҳоннавардон, парвози бевазнӣ гусаста мешавад. Оҳ, Урсулаи ботамкини ман! Рашк ҳамеша саъй меварзад, ки эҳсосотро аз парвози озод ба сӯи воқеияти дағали муносибатҳои ҳаётӣ, ба ҳалқаи оила, кор, дӯстон фуруд оварад, ки инҳо беихтиёр ба рақибон табдил меёбанд.Ман медонам, ки ту калимаи рашкро дӯст надорӣ. Вале, ҳайҳот, ки аз ин дӯст надоштани ту ҳаргиз он гум нагардад. Ин оташест, ки аз он ҳиссиёти ишқ баъзан гарм мешавад, вале ин оташ ишқро сӯхта нобуд ҳам месозад. Рашк қоидаи одоб ва қонуни шарафро намедонад. Он мардро маҷбур месозад, ки ҳар як номаи ба номи маҳбубааш омадаро махфиёна кушода, аз мазмунаш воқиф шавад ва ҳарчанд, ки ин рафтори зишту разилона бошад ҳам, аз пайи он поида гардад. Вале ҳайҳоту надомато… Ба иддае ҳатто маъқул аст, ки худро бо рашкдорӣ азияту озоре бидиҳанд. Онҳо чунин мепиндоранд, ки ба ҳамин роҳ гӯё аз кулли нохушиҳо раҳоӣ меёбанд. Иллати рашкро бо меҳрубонӣ, ғамхорӣ, суханони пурилтифот, ҳақиқат шифо мебахшанд. Ҳарчанд ки рашк бар қудрати ирода чирадаст мегардаду онро ба зери итоати худ мегирад ва аслан дар ҳақиқату боварӣ ва самимияти эҳсосот он мисли намак дар об маҳлул мешавад ва зиллати таҷовузгарии худро гум мекунад. Табиати ишқ сабукрӯҳӣ, ҳазлу шӯхӣ, табассум, сабқат,

шӯрапуштӣ, чолокиро тақозо дошта, вале рашк доиман бодиққату мулоҳизакор, боэҳтиёт, ҷиддӣ ва пойдору пухтакор аст. Ба ҷисму ҷони ошиқ аз рашк дида бори гаронтаре нест. Аммо бидуни он низ набзи ишқ нопадид мегардад ва аз ин нопадидӣ ҳам аксаран ҳиссиёт ба якрангӣ ва кундӣ бадал меёбад. Оҳ, Урсулаи ҷон, ба одаме, ки хаёлоти пуршӯру шаре дорад ва дорои хислати васвосии худталқинкунӣ аст, рашкпарварӣ аз ҳад гарону дардовар мебошад. Рашк одамро ба кирдорҳои ҳалокатовар водор намесозад, танҳо хиёнат ба ин амал қодир аст. Рашкро ҳамчун шарики ин кирдори зишт айбдор кардан мумкин аст. Рашк ишқу муҳаббатро тавлид наменамояд ва онро мустаҳкаму пойдор ҳам накарда, балки, эй Урсулаи пурнозу карашмаи ман, рашк ҳамеша посдору посбони ишқ аст. Он ба мисли зангӯлачаи дари дорухонаҳои куҳансохт доимо ҳушдор медиҳад: «Эҳтиёт кунед. Дар паҳлӯи шумо шахси ношиноси сеюм пайдо шудааст. Диққат!» Аз ин бемории рашк ғам махӯр ва онро маҳкум манамо. Урсулаи ҷон, дар бораи айёми гузашта ба ман сухан магӯ. Охир, онро на тағйир додан метавонӣ, на баргардондан. Чизи ҳозира ҳақиқӣ ва пурқимат буда, гузашта танҳо моро аз сар задани хатоиҳо ҳушдор медиҳад. Ва ҳолати турфатарин ин аст: рашки беасосу бебунёд вуҷуд надорад ва он дар майдони тиҳӣ намерӯяд. Ба пайдоиши рашк ҳамеша ваҷҳу сабабе ба миён меояд ва бо инояти Яздони пок ҳам рашки марди ошиқ ва ҳам рашки зани маъшуқа бигзор, ки мудомуламр барғалат бошад. Ин ҳарф саҳеҳ нест, ки рашкро фақат ба худпарастон нисбат медиҳанд. Одамони некӯкор ҳам рашкдор мешаванд. Ту чунин саволе ба миён мегузорӣ: «Шахси рашкдорро чӣ тавр маҳкум сохтан мумкин аст, магар ӯро ҳамчун худпараст айбдор менамоӣ ё ба ҳолаш раҳму шафқат мехӯрӣ, хашму ғазаб иброз медорӣ ва ё таънаю маломаташ мекунӣ?» На ину на

он. Ҳар як фарди одамӣ ба эҳтиром, дилсӯзӣ, таваҷҷӯҳ ниёзманд аст. Шахси рашкдор ба ин чизҳо хосатан эҳтиёҷ дорад. Беҳуда нест, ки хирадмандон фармудаанд: «Зиндаам ман, то даме дорам нафас». О, кавкабгули поэзии ман, Урсула, ошиқем мо, то даме ки рашк дорем.

## СУРУРИ РӮҲ

*(Новелла)*

О, Урсулаи боилтифот ва дилсӯзи ман, ту дар ёд дорӣ чандин бор пурсон шудӣ, то он эҳсосотеро, ки ишқу муҳаббат дар дил бедор мекунад, бо сухан тасвир намоям? Инак, ман борҳо саъй меварзам, ки ба саволи оддӣ ва ин қадар мураккаби ту ҷавоб бигӯям ва аз номумкинии гуфтани ҳадиси нав ва хосаи худ саргум мешавам, чунки ин ҳиссиёт ба ҳамагон хеле нағз шиносанд ва дар айни замон ҳамеша асрорангез мебошанд, зеро барои ҳар як кас чашмаи рӯшноӣ ва тағйири рӯҳ буда, маънии махсуси худро дорад. Дар ин ҳолат камҷуръат ва саргаранг мешавӣ, гӯё дар пеши дарки ҳодисаҳои табиат – об, оташи осмон бошӣ. Тамоми моҳияти ин ҳиссиётро тасвир намудан имконнопазир аст. Ишқ на танҳо ба корнамоиҳо, балки ба суханофарӣ ҳам таҳрик медорад. Ҳатто пас аз истифодаи ҳама гуна хитобаҳо ва суханони пурэҳтироси олӣ боз ҳам аз номукаммалии тасвир кас хотирҷамъ намегардад.О, азизи дилу дидаи ман, гули савсан, гули ёсуман, садбарги рӯи барфам, Урсула. Бо ҳикояти як рӯзи гузаштаи ишқ ҳам ҷисму ҷонро ҳаяҷону изтироби нозук ва ҳузнангез фаро мегирад, чунки онро вақти пуриқтидор – ягона душмани ҷиддии ишқ фурӯ бурд. Зеро дигар кулли назокати ишқ ё дуруст фаҳмида мешавад, ё мавриди бахшиш қарор мегирад ва ё шоистаи истеҳзои нозук мегардад.

Шодмонӣ, рӯшандилӣ, нафосат, оромӣ, эътимод, илҳом, навозиши ширин, ҳарорат, мӯъҷизаи ҳаёт… Ҳар чиз як тавсифу ташбеҳи хосе дорад, вале – ишқ, тамоми тавсифҳо ва ташбеҳҳои ҷаҳон ва кайҳонро ба худ сабуку озод қабул менамояд. Рисолати нахустини инсон–дӯст доштан ва маҳбуб будан аст. Баъзан аз талаффузи як ташбеҳи оличаноб ба чӣ ваҷҳе бошад, ки эътимоде пайдо мегардад, ки ҳанӯз ин ҳам кофӣ несту кам аст ва ин низ эҳсосотро комилан ифода карда наметавонад. Бе муҳаббат хушбахтӣ вуҷуд надорад.

Мавзӯи таҳрири нома илқо менамояд, ки ҳамчун румиён услуби мутантанро пеша созам, барои ин ба ман нуктагирӣ макун. Ҳайҳот, ки асри пурташаннуҷи мо ба зан бо оҳанги мутантан муроҷиат намуданро аз хотирамон зудудааст.

О, Урсулаи ман, ки мисли Волга ба маликаи оромтабиат мемонӣ, ҳамчун дарёи Припят бекарруфару ором ва хоксор ҳастӣ ва ба сони рӯди Горин саркашию қайсариҳо дорӣ. Дар рӯи коғаз тасвир намудани суруди рӯҳ вазифаест берун аз қудрати инсонӣ! Эҳсоси муҳаббат чашми касро ба ҷаҳони рангҳо ва оҳангҳо мекушояд. Қадамҳои ту ба резиши борон мемонанд, аз нурҳои ҳаловатбахши офтоб гармию ҳарорати дастони ту эҳсос мешаванд, аз барфҳои нахустини ба чеҳра расида покию таровати лабонат таҷассум мегарданд, дар баргрезӣ хишхиши пероҳанатро мешунавам ва дар бӯи гулҳо шамими атрогини гесӯвони туро эҳсос мекунам. Урсулаи дилпазиру беназир, бароям ёрие ато бикун, то дар ин асри бераҳми ҳукмфармоию муштзӯрӣ, тирфишонию пулситонӣ бо ишқномаҳои худ рӯҳро аз сардистони худпарастӣ ва ҳасудӣ пок созам. Бо ту дар бораи ҳама чиз сӯҳбат кардан мехоҳам. Зеро ягон чизи тиҳӣ ва ҷузъӣ вуҷуд надорад. Барои ошиқон ашъёи атрофу акноф комилан пураҳамият ва шавқангез аст. Ту бо овози нарм мепурсӣ: «Ка-

дом сухан нисбат ба ишқ вазндортару пуртаъсиртар будан метавонад?» Оё одамон чунин сухан доранд? Чӣ пуртаъсиртар бошад? Эҳтимол, калимаи марг ҳамин тавр таъсире дошта бошад. Бале, он пурнаҳс аст. Аслан, агар андеша ронем, он низ оҷиз аст. Аз ғами ёри фавтида мемиранд, ба зиёрати оромгоҳаш мераванд, ғам мехӯранд ва хоҳиш менамоянд, ки ҷасадашонро дар паҳлуи ёр ба хок супоранд. Ҳеҷ чизеро намеёбам, ки бо ин сухан қиёсу ҳамсанг мешуда бошад. Нафас кашидан? Худи ҳаёт? Вале ҳаёт охир дар фарҷом ва бар асари ишқ меояд. Дар айёми фироқ мо намемирем, бо умеди мулоқот зиндагӣ мекунем ва ин мулоқот мисли навигариҳои ҳар як рӯзи нав бо хосиятҳои ошнояш: офтоб, моҳтоб, осмон, дарахтон, мошинҳо, хонаҳо, одамон як идда турфаҳо дошта, ҳамеша навгониҳои дилпазир ато менамояд. Саргуми фаразияҳо ҳастаму андеша меронам, ки ҳақиқатан ҳам чӣ ба мисли ишқ ин қадар қудрат ва нерӯи ҳаётбахшандае дорад? Дар чорсӯи зиндагӣ ҳолатҳои изтироб, ғам, маъюсӣ, ҳасрат, ҳузн, ноумедӣ, рашк, бепарвоӣ, узлатнишинӣ, камгапӣ, ваҷд, зиндадилӣ, шодмонӣ, ташнаи офаридгорӣ, мағфират, дилсӯзӣ ба кулли ҷонварон, ба накӯкорӣ ҳозир будан, меҳрубонӣ, порсоиро ишқу муҳаббати ду нафар тавлид месозад. Ҳаққо, ки модари барқ ва рангинкамон ҳам раъди ягона аст. Ишқ ба муғҷаи аввалини навбаҳорон шабоҳат дошта, бо вуҷуди монеаҳои мухталифи сари роҳаш дар мӯҳлати муайяншуда кушода мешавад. Ва дар бораи нобориҳо ва ғаму ҳасратҳо фикр кардан ҳам намехоҳад. Ҷӯшу хурӯши қудрат рӯҳро болида медорад. Баъзан ба соиди симини ҷонона даст расондан ҳам аз бисёр суханрониҳо рангинтару пурмаънотар аст.

О, Урсулаи софдили ман, барои тасвир кардани чизи тасвирнашаванда коғаз аз шарм сурх мешавад, сиёҳӣ хира мегардад, даст меларзад, ақл тамасхур

мекунад. Не, ин саҳеҳ нест, ман дар як қатраи об баҳрро намебинам. Барои дидану эҳсос кардани баҳр дар он ғӯтавар мебоист шуд. Эҳсоси ноаёну хоксорона вуҷуд надорад. Ишқ ин ҷунуни эҳтиросот, вулқони шубҳаҳо, ин шукуфтанҳои якҷояи тамоми боғҳои сайёра аст. Ин ҳамон ҳолати рӯҳ ва бадан аст, ки дар он миллион маротиба бӯсидан ҳам кофӣ нест, то шиддати ташнагии бо эҳсос тавлидгаштаро бишиканӣ. О, Урсулаи пурасрори ман, фақат сухани ягонае аз сухани ишқ нерӯмандтар аст ва ин сухан – Худо, ки мо, гунаҳгорони осӣ аз офаридаҳои фанопазири замин будани хеш дар паноҳи ӯ умеди офият мекунем. Хеле дардноку риққатовар аст, ки муҳаббати мо бояд бимирад ва яқинан ҳамроҳамон мемирад. Худо сароғоз аст, ки аз ин мабдаъ каломи аз ҳама пурқудрат, аз ҳама ҳайратангез, аз ҳама боназокат, аз ҳама модарона ва аз ҳама ҷовидонаи ишқ ибтидо мегирад. Ба дарахте, ки баргҳояшро қабл аз ҳама барандозад, чӣ тавр муносибат бояд кард, магар андӯҳгин бояд шуд, ки он ин қадар зуд пажмурда гардид ва ё шодмон бояд буд, ки ба айёми сардиҳо саривақт омода гашт. Рӯҳе, ки аз муҳаббат лабрез аст, чунин посух мегӯяд: ба ҳангоми хушкӣ дарахтро об бидеҳ, вале дар сардиҳои зимистон болои онро гармтар бипӯш. Ба ҳама чиз ва ба ҳамагон ғамхорӣ намо. Ҳар кӣ аз эҳсоси муҳаббат бенасиб бошад, пас ӯ «бо чизҳои беҳуда кӯр аст». Оҳ, таҷассуми хаёлҳои асроромези ман, мизони ҳамнавоии рӯҳу бадан! Дониста бош, ки одамон аз такрори навозишҳо ва суханони ба дил форами изҳори муҳаббат пир намешаванд. Оҳ, Урсулаи ман, эҳсоси муҳаббатро эҳтиёт бояд кард, зеро он ба ҳадде нозук аст, ки гӯё шапалаки нимҷон бошад пеши нерӯмандии шери жаён! Ишқ чашмонамро пеши ягонагӣ, бузургӣ ва ҳикмати табиат кушода, моро накӯкортар ва хирадмандтар месозад, зеро ба қадр кардани ҳар рӯзи сипарӣ гардида оғоз менамоем.

Оҳ, чашмаи ҷӯшони ман, Урсула. Ман ба ту вақти зиёд аст, ки нома менависам, дуру дароз, тамоми умр… биноан беҳолу бемадор шудаам, вале ман ҳанӯз ҳам ҳар рӯз асрори нав ба нави манзараи доимии пеши тирезаи худро кашф менамоям… Синну солам хеле зиёд аст, шояд ман садсолаам, вале ин аҳамият надорад… Ягон кас ҳатман ба наздам меояд, охир рӯҳи муқаддас дар вуҷуди одамон зинда хоҳад буд, он ба мисли ишқе, ки тавлидаш намудааст, ҷовидонӣ зинда хоҳад буд. Ягон кас меояд ва ман барои ту лифофаи саркушодаеро медиҳам, бо мақсаде руқъаро ширеш намекунам, ки номабар низ онро бихонаду аз ишқи ман огоҳ шавад. Албатта, муҳаббат пардаи ҳарири шармгинӣ дорад, вале на ба он ҳадде, ки онро ниҳон дорӣ. Ошиқон ҳатто ғами ситораҳоро мехӯранд, зеро онон аз ҳамдигар ин қадар дуранд. Чӣ тавр шодмон намешавию шукронаи сарнавишт намекунӣ, ки ба мо гаронбаҳотарин сиришти дӯст доштан ато фармудааст, ки ин фитрат ва танҳо он аз беҳудагӣ ва фанопазирии зиндагии рӯи замин наҷот медиҳад. Оҳ, муҳаббати ман, Урсула!

## ДАР ҶУСТУҶӮИ МАЗМУН
*(Новелла)*

Оҳ, Урсулаи беқарори ман, бигзор, ки иртифоъи осмонии сарлавҳаи номаам туро натарсонад: охир ҳама чизи мураккаб бо калиди оддӣ кушода мешавад ва ҳикмат низ маънои духӯра надошта, пурмуаммо намешавад, балки он барои ҳамагон возеҳ, фаҳмо ва бо содагию зебоии худ ҳамчун абри осмон равшан аст. Мо фаъолияти рӯзгори худро бо зарурияти ҷустуҷӯи мазмун вусъат медиҳему баъзан дар бораи оғозу сарчашмаи он андеша намеронем. Охир, дар хусуси он ҳама, ки асрор аст ва он

чизе ки берун аз ихтиёри эҳсососту хиради туст, хеле зиёд андеша ронӣ, пас дар ҳаёт низ ангор, ки мазмуну маъное намемонад. Ва агар дар баробари ин пойбанди арзишҳои бардурӯғ бошӣ, ки туро бо сарпанҷаи васвасаю фисқу фуҷур ҳилагарона печонида бошад, пас ба дарки мазмун ҳоҷат ҳам намемонад. Ҳамчунин барои дарки мазмуни ҳаёт баъзан кофист, ки онро ба ёд оварӣ. Оҳ, Урсулаи ғамгини ман, ба роҳи накӯкорӣ ва ташнадилии ҳаёт баргардонидани шахсони шикастарӯҳ, ки ҳамеша маргро пушти сар мебинанд, ин низ маънии зиндагист. Тирезаи худро бикушо, тирамоҳ фаро расидааст. Барои такмили мазмун илова намудани сифат кофист. Тирамоҳи… Агар ба ин калима «заррин»-ро пайваст бикунем, ба лаҳзае дорои мазмун мегардад. Ба мазмун як нафар одам намерасад. Боз ба он Худои мутаол, модар, падар, зан, тифл заруранд. Ҳар ки сарнавишти худро дар назди Худо саҳеҳан андеша намояд, пас зиндагии ӯ мазмун дорад.Ин сарнавишти одамӣ гуногунпаҳлӯст. Мо аз биншондани дарахт, тарбияти тифлон хушҳол мешавем, назди одамон соҳиби ифтихору шараф гардида, аз заҳмати худ лаззат мебарем. Бале, бале ва боз як бор бале. Мазмуни ҳаёт – кулли хушиҳоро ба мизони одамӣ ба сар бурда, аз васвосиҳои осиёна ва мудҳиши харобии рӯҳ хушбахтона наҷот ёфтан аст, зеро дар маҳбас, анбон ва тир маъние вуҷуд надорад. О, Урсулаи заҳматкаши ман, ҳар як рӯз ҳамчун маҳзари шодмонӣ ато мегардад ва барои дарки он баъзан рӯзҳои ғаму ташвиш ҳам нузул мешаванд. Маънии ҳаёт худро озод ҳис кардан аст ва аз озодии ту ба дигарон на зиён, балки мафодею нишон бирасад. Одамизод ба ҳар дараҷае, ки пурқудрат бошад, ба ҳамон ҳад заифӣ ҳам дорад. Баъзан як сухан низ одамиро мекушад. Баъзан соиши бадани шахси бегона ба дасти ту мазмуни суханони «хоҳиши расидани фақат соиди симини ҷонона»-ро зери шубҳа

вомегузорад. Охир, ҳам назокат, ҳам навозиш, ҳам соиши ҷонона ошно, сеҳргарона ва ба таври хоса аст. Ошиқ маънои ҳамаи инро бояд дарк намояд. Чашми ошиқ кӯр гуфтан ғалат аст. Фақат ба тифл маънои ҳаёт мавҷуд нест, зеро вай онро ҳанӯз дарк намекунаду анҷоми роҳро намедонад ва дар хусуси он фикр ҳам надорад ва танҳо аз худи ҳаёт самимонаю муассир шодмон аст.Оҳ, Урсула, чӣ қадар хушбахтем, ки ин шодмонии тифлона, содадилона ва олимақомонаи ҳастӣ дилҳои моро тарк намекунад ва андарз, маҳзунӣ, виқори пуртакаббур, ҳавобаландӣ, ғазаб, интиқом дар ниҳодамон танҳо оҳанги тиҳӣ ва ҳатто бимноке надорад. Тирезаатро бикшою фасли зимистонро бубин ва аз васфу ситоиши ҳаёт хаста машав… охир танҳо пайкар андаке сардӣ ҳис мекунад, вале дил гармию ҳароратро пайваста эҳсос дорад… Ин гармию ҳарорат аз он медамад, ки ту ҳастӣ ва ман дар паҳлӯи туям ва бар сарамон нури илоҳӣ нисор мешавад… Аз сабки якнавохт, ҳамранг ва мукаррари ман дилбазан мабош. Ҳар як рӯзи ба сар бурда, хазинаи мазмуни зиндагиро ғанӣ мегардонад. Офтоб ҳам як роҳи ҳаракат дорад ва он дар роҳи худ мустақим аст, вале мо дар бораи ин андеша намекунем. Ба оне, ки аз шубҳаҳои ҳалшаванда ва тарси ноилоҷӣ рӯ ба маъюсӣ ниҳодааст, андарз медиҳанд: «Ҳаёти худро бо мазмуну ранг мамлӯъ намо». Аз бандаи Худо ба марзи марди Худо убур бикун. Аз офати табиат бим мадору маларз, балки аз шарри одамӣ битарс. Маънии зиндагиро мамлӯъ кардан чист? Зебоии ҷаҳонро дида тавонистан ва онро қадр намудан аст. Донистани он ки ту ҳам барои дигарон сарчашмаи шодмонӣ ва ғаму ҳасратҳо ҳастӣ. О, Урсулаи ман, бигзор, бигзор, ки аз мо ба дигарон фақат шодмонӣ эҳдо бигардад! Маънии зиндагиро мамлӯъ кардан чист? Яъне эҳсос кардани саодати ҳар рӯзи сипарӣ гардида мебошад. Урсула, айёми баҳорон тирезаат-

ро бикушо! Ва ту итминон меёбӣ, ки ҳамагон туро ҳамчун инсони доною бовафо ва накӯкору зебо муборакбод менамоянд. Ҳар яке аз ин калимаҳоро бигиру ба номи худ васл намо ва ҳама дорои маонӣ мегардад, ту сазовори ин суханон ҳастӣ. Ба ваҷҳи ҳосили гумшудаи санҷишҳо ғам махӯр. Ба некӣ некӣ намеҷӯянд. О, саодати ҳаёти ман, Урсула! Ва ман ҳамчун марди Худо мехоҳам, ки бо калиди худ ин асрорро фатҳ намуда, ба даричаи кушодаи ҷавҳари ҳастӣ бинигарам. Ман дӯст доштаам, ман дӯст медорам, яъне ман мазмуни ҳаётро дарёфтаам. Аммо азизам, ба одамӣ вақти каме насиб гардидааст, ки фалсафаи ҷавҳари ҳастиро андӯзаду омӯзад. Оянда хеле хирадмандона маҳфуз аст ва барои ин ба офаридагор ҳамду сано гӯем. Бинобар ин аз чор тараф шунида мешавад (ҳамчун андарз ва қарз): «мазмуни ҳаётро ҷустуҷӯ намоед», «мазмуни ҳаётро меҷӯем», «мазмуни ҳаётро меҷӯям». Вале бигӯ, ки чӣ тавр ва барои чӣ дар ин мазмуни ҳаёт бе ту бошам, о, тобистони фараҳфизои ман, меҳру муҳаббатам, Урсула! Барои чӣ?

## ТАНҲОӢ

*(Новелла)*

О, Урсулаи ман, ту боре ба қисмати мурӯди ёбоӣ ҳамдардӣ иброз кардаӣ. Ман ҳам ба фикр фурӯ рафтаам. Ба одамизод барои ҳис кардани танҳоӣ шарт нест, ки ӯ ҳатман якка дар кӯҳ ё дар хоначаи ҷангалбон бошад. Ҳатто роҳиби бо ихтиёри худ дар хонақоҳ ё ҳуҷра нишаста ҳам танҳо нест, зеро ӯ тавассути тоату ибодаташ доимо бо Худованд иртибот дорад. Танҳоӣ ин ҳолати рӯҳ аст. Одами танҳо бештар бодиққату андешаманд асту баъзан таассуроте пайдо мешавад, ки ӯ туршрӯст, аммо ин фикри ғалат мебошад. Туршрӯӣ ин як навъи хислати ода-

мист. Вале ба танҳоӣ қасдан майл манамо, дар айёми пирӣ он туро худаш пайдо мекунад. Одамизод ҳеҷ вақт яккаю танҳо намемонад. Ӯ фақат муваққатан танҳоӣ меҷӯяд ва аз олами атроф ҷудо мешавад. Табиати офаридгор одамизодро доимо ба оғӯш гирифта, бо гуногуншаклиҳои худ, ҷилои рангҳои баҳору тирамоҳ, мусиқии насим, таронаи форами борону барф ба танҳоии ту ҷӯр мегардад ва хосияти онро таъкид менамояду ба мақоми мувофиқ, албатта, бештар ба оҳанги риққатовар ҳидоят менамояд. О, Урсулаи рӯшандили ман, дар ин вақт дар фазо шеър танинандоз мешавад. Дар танҳоӣ ҳам як ҳиссаи фароғатмандӣ вуҷуд дорад. Оташ дар манқалдон забона мезанад, ангишт лахча шуда, рӯшноии он мисли ғуруби офтоб равшан ва асрорангез метобад. Ва андешаҳои ором дар бораи маънии ҳаёт, Худо, номукаммалии тартиботи ҷаҳон, асрори маргу тавлид, айёми бачагӣ ҷоми рӯҳро лабрез месозад. Дар назди манқалдон нишастан созгор ва гармбор аст. Ҳузни нуронии танҳоиро эҳсос менамоӣ. Дар оғози навбаҳорон аз болои бом қатраи яхи обшуда ба рӯи каф мечакад.Урсулаи азиз, оҳ, чӣ ҳаловате дорад, эҳсоси ҳастӣ! Танҳоии ман рӯҳи мушавваши исёнгарро бо андешаҳо оромӣ мебахшад. Орзуҳо дар куҷое нопадид мешаванд. Трамвай орому муназзам ҳаракат дорад ва охири роҳ ба назар наменамояду кас намеҳоҳад, ки аз он берун шавад. Дилро ҳеҷ чиз ташвиш намедиҳад, на фикру хаёли кор, на ёфтани пул, на орзуҳо ва на умедҳо. Бигзор трамвай ба давродавр бубарад ва бигзор ёддоштҳо таҳти садои чарххо давр бизананд. Чунин сафар доштан роҳатбахш аст. Сонӣ… пораи нони ҷавдорро ба як истакон шир нӯши ҷон мекунию дар паси тиреза нигоҳҳои эҳтиёткоронаю бодиққати гунҷишкон ва фотимачумчуқҳоро мебинӣ. Чӣ хуш аст осуда зистан. Дуди сигорам ба боло мепечад, ҷуръае аз қаҳва

менӯшам, зонуямро ба кампал печидаам, дастгоҳи телефон садо намедиҳад, охир онро махсус хомӯш кардаам. Худро нағз ҳис менамоям. Ҳузне дорам, ки истиқболаш нуронӣ аст. Ҷӯйбор, кӯл ҳамсафарони доимии танҳоӣ ҳастанд.Об ором аст ва ба ҳамон оромӣ ҷорӣ мешаваду рӯҳи бо шубҳаю ноумедиҳо, озору маломатҳо хасташударо табобат менамояд. Ҳоло то нуқтае, ки ба ваҷҳи умеду орзуҳои амалӣ нашуда ҳузн афзун гардаду бори гарони солҳои паймуда бо яъси мудҳиш тарс диҳад, албатта, фурсат зиёд аст. Охир роҳи начандон тӯлоние паймуда шудааст: қофилаи умр аз чиҳил сол андаке гузаштааст. Аммо хатари аввал нидо медиҳад: танҳоӣ метавонад ба домони маъюсӣ бирасад. Баргҳои поиз, ки шоҳиди ягонаи танҳоии туст, ҳанӯз зери по пажмурдаю хиратоб нашудаанд.Оҳ, чӣ лаззате дорад, дар гӯшае яккаю ором будан! Гӯё нафаси дарахтон ва гулҳои вопасини поизро мешунавӣ. Аз ин лаззату зебоӣ дил даруни сина гум мезанад. Аз эҳсоси қаробати ҷовидони он чизҳое, ки чашм мебинад, тамоми ҷисму ҷон фараҳманд мешавад. Пас чаро, чаро хирадмандони куҳансол таъкид менамоянд, ки танҳоиро аз сар гузаронидан гарон аст? Мегӯянд, ки ҳатто он вақт фохтаи чолоки соати деворӣ ҳам хурсандӣ набахшида, балки ранҷур месозад. Вале он фохта ба тӯли солиён ҳаяҷон ва шӯру ғиреви бачагии моро бедор мекард. Барои чӣ? Рӯҳ ташвише надорад. Ҷисму ҷонро осудагӣ фаро мегирад. Чун яккаю танҳоӣ, яъне озод ҳастӣ. Агар ба иртиботи олами берун шурӯъ намоӣ, озодии худро то ба ҳадди ақал мерасонӣ. Ростӣ, ки худро якка ҳис намудан сабукҳолие меорад. Ҳатто турфаангез аст: оё имкон дорад, ки доимо бидуни қарз ва тарс пеши дигарон зиндагӣ бикунӣ. Қудсияту гунаҳгорӣ якбора мафқуд шуданд, оҳ, Урсулаи ҷамилаи ман. Бепарвоӣ тӯлонӣ нахоҳад буд. Оромию эътидоли эҳтимолӣ хаёлию ботил аст. Қар – қари якнавохти

зоғ дар шохаи санавбар дилгир мекунаду дилгир. Ва ин овози аҷиб, номафҳум ва асрорангези турнаҳо дар болои кӯл. Парасту дар ошёни болои тиреза ин тобистон бори дуюм аст, ки чӯҷаҳояшро тарбият намудан дорад. Инро дида, қалби маро андешае ба дард овард: парасту ба чӯҷаҳои худ ғизо меёфта бошад? Тифле шабонгаҳ дар ҳавлӣ ногаҳон ба гиря даромад ва бо ҳамин ташвиши шадиде то субҳидам маро хобидан намонд. Тамом, кулли фикру хаёл дар бораи хешовандон ва наздикон, дӯстон ва шиносони фавтида якбора нопадид мегардад. Ғаме, ба мисли ғами бепоёни Дон – Кихот гулӯгир мешавад. Ва ҳатто умеди хурдтарин, ки ту ҳоло барои як нафар дар рӯи замин даркор ҳастӣ, итминони хушбахтиро тақвият мебахшад. Бале, он ҳамин тавр аст: озодӣ, хубӣ, сабукрӯҳӣ, парвози бемамоният, фароғат, ҳузни нуронӣ, олами танҳоӣ, омодагӣ бо шеър сухан гуфтан!.. Аммо не… чизе кифоят надорад, ту чӣ тавр ҳастӣ ва танҳо дар куҷоӣ? Худоё, телефон қатъ карда шудааст! Бигир, Урсулаи ман, бигир маро аз гирдоби олами танҳоӣ, ин дар қабзаи ихтиёру қудрати туст, бигир, ки ман аз он ин қадар зуд дилгир шудаам, Урсулаи муқтадири ман.

*Тарҷумаи Бахтёри Муртазо*



## Алес КАРЛЮКЕВИЧ

*Нависанда, тарҷумон, сиёсатмадор, мунаққид 6 январи соли 1964 дар деҳаи Затитовои ноҳияи Пуховичи вилояти Минск таваллуд шудааст. Факултаи журналистии Омӯзишгоҳи олии ҳарбию сиёсии Львов, Академияи шӯъбаи назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Белорусияро хатм кардааст. Баъди хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хабарнигорӣ мекард, сипас дар рӯзномаи ҷумҳуриявии «Ситора» вазифаи мудири шӯъба, дар рӯзномаи ҷавонон ҳайсияти дабириро ба ӯҳда дошт. Минбаъд фаъолияташ ҳамчун хабарнигор дар рӯзномаи «Советская Белорусия», сари вазифаи раиси матбааю таҳририяти «Адабиёт ва санъат» мегузарад. Ҳамчунин профессори факултаи журналистии Дорулфунуни давлатии Белорус, узви раёсати Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ мебошад. Ӯ муаллифи даҳҳо китоб ба забони белорусӣ буда, ки танҳо солҳои 1994-2008 ба табъ расидаанд. Чун тарҷумон аз осори нависандагони рус, туркману удмурт як силсила китобҳо ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Заҳматҳои адиб ба мукофоти «Барои эҳёи рӯҳоният», ҷоизаи ба номи Павлюк Трус, нишонҳои умумииттифоқию ҷумҳуриҳои Белорусу Кубо қадрдонӣ дидаанд.*

## НОМАИ БОШАНДАГОНИ ТИТОВО

*(Афсонаи бобо Алеся)*

Нурҳои аз асирии абрҳо халосхӯрдаи Офтоб рост сари сабзаҳои наврасе, ки ҷо-ҷо ранги зард пайдо карда буданд, расиданд.

Марян Притичанский ном шапалак, ки аз гармои тоқатфарсо азоб мекашид, бо ҳаяҷон сӯи осмони каб-кабуд нигарист.

Ба вай лозим буд парвоз намояд, дуру дароз парвоз намояд.

Рафту ногаҳ тундур ба ғурриш ояду борони сахт биборад, он гоҳ лозим мешуд, паноҳгоҳе пайдо намояд.

Ҳо-о, аз вайрон шудани вазъи обу ҳаво бисёр аломатҳо гувоҳӣ медоданд.

Вақте ки Притичанский аз болои марғзору бешазорон парвоз намуд, қатори мӯрчаҳаконро бидид.

Он заҳматкашакони бешазор бас серкор буданд.

Оҳ, онҳо чиҳоро ба дӯши худ мебурданд!..

Бо дастҳояшон ҳама чизро чолокона мекапиданд. Аммо хатти ҳаракаташон – танҳо ба як сӯ, ба сӯи он мӯрчахонае, ки таги буттаҳои арчаи бениҳоят калону ба фалак сар кашида воқеъ аст.

«Мӯрчаҳо бало... Ҳо-о, медонанд кай борон мебарад».

Сухани борҳо аз калонсолон шунидаашро ба хотир овард шапалак Притичанский.

Вай дар ин сафараш аз хатари таҳдид ба ҷони худ не, балки аз барбод шудани номаи зери яке аз болҳояш гузошташуда метарсид. Аз ин рӯ вай ба ҳаяҷон омада буд.

Онро бояд ба Мамнӯъгоҳи дурдасти Берёзино мерасонид.

Нишонии мамнӯъгоҳ дар коғази ғафсе аз барги дарахти Булут сабт шуда буд ва хеле наздик вонамуд мегашт.

Боз кӣ медонад, ҷустуҷӯи он чӣ қадар вақт талаб мекунад... Вале бурда нарасонидани нома ҳеҷ имкон надошт!..

Гап сари ин ки дар оилаи шапалакҳои Титово бадбахтӣ рӯй дода буд. Онҳо байни ду наҳри азим – Свисло ва Титово зиндагӣ мекарданд. Ғами дунёро

надоштанд. Зиндагиашон бо роҳи худ давом дошт: аз тухмчаҳои хобондаашон ҷонзодҳое ба дунё меомаданд ва батадриҷ гӯё ба лӯхтакчаҳо мубаддал мешуданд. Барои он ки дар олам парвонаҳои шӯху беқарор ба вуҷуд оваранд, беист аз рӯйи як гул сӯйи дигараш парвоз намуда, онҳоро аз хоб бедор менамуданд. Аз баъзе гулҳо шаҳд мебардоштанду аз дигараш гард. Ҳамин тавр, онҳо рӯз то рӯз хубтар нашъунамӯ доштанд.

Ҳо-о, аз ин хотир, баъзе ҷонзодҳо дар ҳаќи онҳо бадгӯйӣ менамуданд, ҳасад мебурданд: «Оҳ, ин шапалакҳо чӣ зебо!..» – мегуфтанд байни худ.

Аммо каме аз онҳо медонистанд, ки ин зебоӣ ба шапалакҳо бо чӣ заҳмати зиёд муяссар мегардад!..

Шапалак Притичинский ногоҳ ҳамон мӯрчахонаи ниҳоят азимро ба ёдаш овард. Боре ҳангоми парвоз аз болои он гузашта буд. Ин гуна хонаи мӯрчаҳо дар марғзори барояшон азиз – Маряна, дар манзили наздиктарин ҳамсояҳояшон – Гачҳо низ вуҷуд дошт.

Гоҳе вақти парвоз аз он ҷойҳо, рафту вай хаста шавад, рӯйи буттаи финдиқ менишаст. Аз баландӣ он мӯрчахона ва давуғеҷи беҳисоби мӯрчаҳоро хуб тамошо мекард.

Воқеан ҳам, ҳаракати онҳо аҷиб ва басо батартиб буд ва худи ҳаёти онҳо он ҷо бас оқилона ба чашм мерасад. Ин заҳматкашакони бешазор он ҷо як қалъаи ҳақиқӣ бунёд карда буданд! «Ин гуна меъморони тифокро дар дунё ҳеҷ як нерӯе мағлуб карда наметавонад!..» – мегуфт ӯ дар дил.

Аммо зиндагии бошандагони Титово, таҳти хатари азиме қарор гирифта буд.

Дар ин бора дар маҷлиси сарони қабила сухан рафт. Сарварашон Гачковский хост лонаашонро даруни танаи Санавбари пир қарор диҳад. Ва ин дарахт он ҷо аз замонҳои ҳукумронии ҷанобони бузург вуҷуд дошт. Аҷаб не, садҳо сол пеш!..

– Дӯстони ман! Ҳарчанд аз умри ман хеле кам мондааст – ҳамагӣ панҷ ҳафта, – гуфт Гачковский ба шапалакҳо, – ба ҳар ҳол, аз шумо калонтарам, ҳар он донише, ки дорам ҳаққонӣ ва ҳамарӯза андӯхтаам. Ба атроф нигаҳ афканда мебинам, ки зуррияти мо то рафт кам шуда меравад. Якумин ва аз ҳама хасми пурхатар барои зоти мо – мушҳои парронанд. Ин ҷонзодҳои пурхӯру баднафси нобакор танҳо моро ҳадафи шикори худ қарор додаанд.

Ҳамаи шапалакҳо гапи сарвари худро боддиқат гӯш мекарданд, ҳам онҳое, ки як ҳафта умр доштанду ҳам онҳое, ки якрӯза буданд.

– Ман зиёд фикр кардам, то ин бадбахтиро чӣ тавр бартараф гардонем. Ҳарчанд ин бароям айб аст, лек бояд ба гардан гирам, ки ягон чораю тадбир пайдо карда натавонистам, – ғамгину маҳзун гапашро давом дод Гачковский. – Шумо оё медонед, мо бо мушҳои паррон забон ёфта наметавонем. Як сабабаш ин ки мо бо забонҳои гуногун гап мезанем...

– Дар он сурат, – гуфт аз шохчаи баланд бобои Заречинский, – бо ҳамҷинсҳомон машварат бикунем, дар марғзорони ҳамсояи мо на камтар аз дусад навъ шапалакҳо мавҷуданд.

– Ӯ кист, ки овоз баланд мекунад? – бо қатъият пурсид сарварашон.

– Ман – Виктор ном дорам, аз аҷдоди бошандагони қадим. Ман шаҳду шира аз гулҳои гузари Пуховино ҷамъ меоварам, – оромонаю фаҳмо ҷавоб дод ӯ.

Ҳама хомӯш буданд.

Баъзеҳо аз тарсу ҳарос гумон бурданд, ки сардор ҳамин ҳоло пӯстаки он донотарошро афшонда мемонад. Вале Тит Гачковский ба вай ҳатто сиёсат накард.

– Бачеки ман, – гуфт ӯ, – ту дар ҷойи аз ҳама пурхатар қарор доштаӣ! Он ҷо ки ту будубош дорӣ, чанд иморати кӯҳна ҳаст. Аксари мушҳои паррон

он ҷо лона доранд... Беҳад ҳушёр бош, Виктор! Афсӯс, ки ба ту аз як хосияти тӯдаи мо гап назадаанд. Ҳоло ба ҳамаи шумо хотирнишон месозам...

Ҳо-о бале, гӯш деҳ Виктор! Дар қаламрави мо на дусад навъ, балки ду ҳазор навъи зеботарини шапалакҳо зиндагӣ доранд. Ва ҳар кадом дорои забони худ... Ба ростӣ, забони мо ба якдигар монанд ва фаҳмо. Агар гузори шапалаки Белорус ба Литва ё мамлакати дигар афтад, фикр мекунам, вай бо сокини таҳҷоии онҳо гуфтугӯ карда метавонад!.. Ва имкон дорад, бо подшоҳи Амрикои Шимолӣ ҳам бемалол чақ-чақ намояд. Вале мо байни худ бо ёрии болҳоямон гуфтугӯ мекунем, дар як сония бештар аз ҳаштод бор болу пар мезанем. Мо бо пару боламон гӯё гап мезанем ва ба мо чӣ андоза суръат лозим!.. Ҳамқабилаҳои мо истеъдоди худододи табиии дигаре ҳам доранд. Вале ҳеҷ кадоми онҳо аз даҳ бор зиёдтар дар як сония болу пар зада наметавонанд! Ин тафовутро оё шумо эҳсос мекунед?!

Тит Гачковский лаб фурӯ баст. Андак сукунат ҳукм ронд. Сипас сарварашон боз қисса кард, ки дар мамнӯъгоҳи дур аз Титово як олим – Ҳашаротшинос (энтомолог) зиндагӣ мекунад. Ба мо зарур аст, ҳарчи зудтар, назди вай намоянда фиристем.

– Аз умри ман кам мондааст, – боз гуфт Тит. – Аммо ба шумо лозим, ки зиндагонӣ намоед, ҳастии худро давом диҳед... Агар мо вуҷуд надошта бошем, дунё дигаргун мешавад! Шумо инро бояд донед, ҳастии ҳар кадоми мавҷудот дар рӯйи ин Замин зарур аст. Онро на тарк карда мешаваду на тағйир додан мумкин! Мо маҷбурем зиндагӣ бикунем. Ман аз бузургон бишнидаам, гӯё ҳама чиз дар дунё бо ҳам зич алоқаманд ҳастанд. Аз як худи қанотак задани як тан аз бошандагони Титово, то худи тағйир ёфтани нерӯи шамолҳои он сӯйи Кураи Арз вобаста аст!

Ин лаҳза ҷуссаи хурди шапалаки ҷавоне ба ҷунбиш омад. Садои ларзиши болу пари вай базӯр

ба гӯш мерасид. Гӯё ба шӯр омадани шапалакҳо дар танаи Санавбари бузург ба вай асар кард.

– Ором бошед, азизонам! – Тит ҷавононро ба тартиб даъват намуд. – Ман бидуни кадом ҳазл метавонам изҳор намоям, ки чунин ҷунбиш метавонад дар Амрикои шимолӣ ё ҷанубӣ тӯфоне барангезад!..

Бошандагони Титово боз ҳам бодиққат ба гапи сарвари худ гӯш доданд...

Дар ҳамон гирдиҳамоӣ онҳо ба Ҳашаротшинос – энтомолог нома мураттаб карданд. Навиштани онро ба Марян вогузоштанд. «Ту на танҳо суръати баландтарини парвоз кардан дорӣ, балки ба навиштану эҷод ҳам қодир ҳастӣ» – гуфт Тити доно.

Ва инчунин аз Притичанский хоҳиш кард, ки мазмуни номаро ҳам пурра азёд намояд. «Аз ҳама муҳимаш ин ки аз он олим-донишманд мо чӣ мехоҳем?»

Баъзеҳо луқма партофтанд: «чӣ бояд кард? Ба амале даст назада, ҳалокати худро аз мушҳои паррон интизор бошем? Ё ки ин Байнаннаҳри беҳамтоlocation тарк карда, пайи марғзорони дигарро гирем?»

Тити доно фармуд, ки хатту ҳаракатро бодиққат зери назорат гиранд, шояд ягон манзилгоҳи мувофиқтаре пайдо шавад. «Аҷаб не, ба ҳамон ҷо кӯч мебандем», – басо ғамангез иброз дошт сарвар фикри худро барои бошандагони Титово.

– Хуб, ман чӣ гуна роҳи хонаи Ҳашаротшиносро пайдо намоям? – пурсид Марян.

– Туро ба назди Ҳашаротшинос рӯдҳо раҳнамоӣ мекунанд! Аз ин ҷо парвоз мекунӣ бо соҳили Свислоч сӯйи ҷануб. Масири дуру дарозе тай месозӣ! Агар шитоб мекунӣ, дам гирифта, дар якуним – ду рӯз ба он ҷо мерасӣ. Ба шохоби рӯдҳо бодиққат бингар! Эҳтиёт шав, ки раҳгум назанӣ! Охир, сари роҳ ту аз рӯдҳои Болочан, Талк, Синей, ки ба рӯди Свислоч мерезанд, убур мекунӣ. Агар маҷрои асосӣ

туро ба Берёзино биоварад, пас он ҷо то мамнӯъгоҳ роҳ хеле кам мемонад.

Мегӯянд, ки бинои Ҳашаротшинос аз ҳамаи биноҳо зеботар аст. Қасрест бошукӯҳ – андар бешазорон! Дар сари манорааш – ҳайкали Шоҳ, ҳамон шапалак, ки дар Амрикои дурдаст будубош дорад. Кифоят аст ба дасти олим додани ҳамин номаи мо. Ва маслиҳати додаи ӯро дар хотир нигоҳ доштанат зарур!.. Парвоз намо, азизам! Умеди ҳамаи мо ба ту!..

Воқеан ҳам, Притичанский он олими Ҳашаротшиносро хеле ба осонӣ пайдо кард. Аниқтараш, бинои калони чӯбкориро ҷуст, ки мисли қаср қад афрохта буд дар он марғзори гулгулшукуфон!

Марян он Шоҳ-шапалаки чӯбинро аз дур бидид. Фиристодаи бошандагони Титово рӯйи болу пари Шоҳ рафту нишаст. Вале зиёд интизор нашуд. Даре воз гардиду як одам ба даҳлез баромад.

Притичанский одамонро аз ин пеш ҳам дида буд. Медонист, ки онҳо на ҳамеша меҳрубонанд. Гоҳе вохӯрӣ бо онҳо дар думбол бадбахтиҳо низ дорад. Боре кадом духтарак бидид, ки шапалаке рӯи гули бобуна нишасту Марянро бо домхалтааш гуппас пӯшонданӣ шуд. Вале натавонист ва баъд тамоми марғзоронро аз паси Притичанский тай кард.

Дар даҳлез домхалта дида намешуд. Марян аз боли шапалак – Шоҳи чӯбин дур шуда, сӯи долон парвоз кард ва рафта рӯи болочӯби панҷара нишаст.

– Ин ҷо кӣ ҷуръат карда омадааст? Мебинам, ки шапалаке аз гурӯҳи Титово! – гуфт ба худ он Одам. – Домхалтаи ман куҷост?.. На домхалтаам ҳасту на кулоҳам! Бахтат хандид титовоӣ!.. Парвоз макун! Ман ақаллан дуруст ба ту наззора барам... Охир, шумо бечораҳо хеле кам мондаед дар рӯи Замин. Хаёлам, даҳ сол аст, ки зоти шуморо ман пайдо накардам, то дар байни дороиҳоям нигоҳ дорам!..

Марян ба чизе сарфаҳм нарафта, тез-тез болу пар афшонд. Ба худаш вонамуд гардид, ки ин корро бисёр ҳам ба тундӣ анҷом дод. Агар дар марғзорони худашон мебуд, шапалакҳои мӯътабар ӯро ҳатман танбеҳ медоданд.

– Сабр, сабр бикун, бародарҷон! Ту ким-чӣ гуфтан мехоҳӣ? Ё ки ман ғалат мекунам? – Ҳашаротшинос гӯш кард...

Субҳ хеле ором буд.

–Маълум, ки ту як гап дорӣ. Хомӯш буда наметавонӣ! Хӯш-хӯш!.. Магар шуморо хатаре таҳдид мекунад? Ҳо, ин ҷо гапе ҳаст!.. Эҳа-а, фаҳмидам, меҳмони азиз! Ту воқеан, «Хатар таҳдид мекунад!» гуфтанӣ ҳастӣ? Ман забони шумоёнро медонам. Ба хона бидаро. Мо ҳанӯз порсол бо барномадорон фикр карда, «шапалакмошин» ихтироъ карда будем, тарҷумон-мошини беҳтарини барқӣ...

Марян бидид, ки дарро махсус барои ӯ боз мондаанд, парида ба хонае ворид шуд. Олим зуд аз ақиб омад.

– Бишин дар тахт, – Ҳашаротшинос болиштаки курсии баландро нишон дод. – Ман ҳоло мошини барқии шапалакҳоро мегиронам... Ана баъд мебинӣ, ки мавҷҳо чӣ тавр ба ҳам мутаносиб ва лапиши овозҳо сӯйи ту равона мешаванд. Гӯш кун бародарҷон, мо ҳоло бо ту, якдигарро хуб мефаҳмем...

Марян гумон кард, ки дар хона дигар намояндаи шапалакҳои Титово низ ҳаст. «Ту аз куҷоӣ? Ва ба чӣ мақсад парвоз карда омадаӣ?» – суол бидод.

–Маро шапалакҳое фиристоданд, ки дар мовароси рӯдҳои Титово ва Свислоч сукунат доранд. Дар мо – бадбахтии бемисл! Мушҳои паррон зоту зурриятти моро қир мекунанд!».

«Аз чӣ шумо ҳушёриро аз даст додаед? Медонед, ки шумоён басо тезпарвоз ҳастед. Ҳанӯз солҳои омӯзиши шапалакҳо ман медонистам, ки шапалакҳои болооби Титово ҷонварони бас доно-

анд. Ҳарчанд мағзи сари шумо ниҳоят хурд – заррабинист, шумо бисёр чизҳоро медонед. Аз бисёри донишҳо баҳраваред... Чӣ воқеа рӯй дод? Барои чӣ зуррияти шумо ҳушёриро аз даст додааст? Ва аз чӣ тӯъмаи роҳзанҳо – мушҳои паррон гардидед?»

«Барои ман посух додан ба ин суол хеле мушкил. Боисашро ҳатто сардари мо Гачковский ҳам намедонад»,– гуфт фиристодаи онҳо.

«Ӯ ҳамон Тит нест, ки аз сулолаи шоирону файласуфҳои Гачкӣ намояндагӣ мекунад?»

«Гап дар ин ки Тит – аз соҳили рости рӯди Титово, инаш аниқ аст. Аммо вай шоир ё файласуф бошад, дар ин бора ҳеҷ чиз гуфта наметавонам»

«Туро дуруст фаҳмидан мумкин. Бошандагони Титово машғул будани худро ба назм ва илм, ки зотан аз авлоду аҷдодони худ ба мерос гирифтаанд, сирр нигоҳ медоштанд. Дониш ва истеъдод барои хулосаи оқилонаю мутафаккирона – бояд кӯмак намоянд».

«Аҷаб не, вале ман намедонам. Ҳамин қадар ки ман – як фиристодаи ӯ ҳастам. Тит Гачковский ба ман номае бидод барои ту. Вай зери боли ман пинҳон аст».

Ҳашаротшинос ба шапалак наздик шуд. Бо нохун оҳиста аз зери болаш тори тортанак барин чизи нозукро гирифт.

Лифофаи хурде аз барги заранг афтод.

«Инро мо тавассути заррабин мехонем» – шунавид овози мошинро Марян.

Ҳашаротшинос паси мизи дигар гузашт. Баргаки хурдро таги заррабин ниҳод. Сипас забонаки ба мошини шапалакҳо пайвастаро тарафи худ кашид ва ким-кадом нишонаҳо – тукмачаҳоро пахш кардан гирифт.

«Ҷаноби мӯҳтарам, Ҳашаротшинос! – рӯи лавҳа суханоне паси ҳам пайдо мешуданд. – Вазъияти ноҳинҷор маҷбур месозад, ки ба Шумо мурочиат

намоем. Бар сари бошандагони Титово фалокат таҳдид мекунад. Пеш ҳеҷ гоҳ ба чунин хатари азим мавоҷеҳ нашуда будем. Ва агар мо дар ин амал аз махлуқони нодаркор бошем, беҳтар нест, ки ба ҳалокати ногузир сар фуруд орем? Дар чунин ҳолат бояд қатъӣ бовар кард, ки ҳалокати мо ба мувозинати Олам бетаъсир бимонад ва аз рӯйи Замин сутурда шудани мо гӯё ба хоку об ва гулҳо зарар намерасонда бошад. Агар мо зарурате барои табиат дошта бошем, пас чаро дар дунё барои будубоши мо дар ҳаёт қариб ки ҷою манзили дуруст вуҷуд надорад?

Ҳашаротшиноси мӯҳтарам! Агар ки худат ҳам ба мо маслиҳате дода натавонӣ, намояндаи моро дар ҳузури худ нигоҳ дор. Бигзор Марян Притичанский ба ту, дар бораи бошандагони Титово ҳар чӣ ки медонад, қисса намояд. Охир, ҳеҷ кас набояд беному нишон гум шавад! Ва шояд таҷрибаи аҷдоди мо, ягон вақт, ба ягон авлод зарур шавад.

Бо эҳтиром ва арзи сипос, Тит Гачковский».

Дар утоқ оромӣ ҳукм ронд. Мошини шапалаксанҷ ҳам хомӯш шуд. Марянро дил сахт метапид, тазйиқи он то рафт зиёд мешуд. Чунин ба назар мерасид, ки кадом як нерӯи номаълум ҳамин замон ӯро бурда ба девор мезанад. Дар яке аз деворҳо Притичанский дида буд, ки рӯи коғазаки сафед, зери ойина ҷуссаи хушкондашудаи шапалакҳо хобидаанд: Хирсаки соҳибҷамол, Чашми товус, Ҳефестаи бодбондору бурутӣ, Майхора, Сафедак. Ва «дур нест, ки аз қатори онҳо намояндаи бошандагони Титово низ ҷой бигирад» – бо рӯҳафтодагӣ ёдовар шуд Марян.

Баногоҳ шапалакмошин аз нав гиронда шуд. Ҳашаротшинос рӯи тукмачаҳояш панҷа бизад. Дар утоқ садои ҳаракати болҳо баланд гардид. Марян худро чунин эҳсос кард, ки гӯё дар Титовои азизаш нишаста бошад.

«Бале, шумо ба бошандагони Титово монандӣ

доред, яке аз қобилиятҳои худро гум кардаед. Ҳатто, мушҳои паррон аз шумо дар масофаи хеле дур воқеъ бошанд ҳам, садои онҳоро шумо бояд бишнавед. Ва дар ин бора ба шумо мӯяки асабатон кӯмак мекунад, ки зери болҳотон қарор дорад. Бонги хатар бояд шапалакҳоро маҷбур созад, ки хатти ҳаракатро дигар карда, суръати парвозро зиёд намоянд».

«Вале мо, на...»

«Шитоб накун, Марян, ман сабабашро медонам. Чунин воқеа пеш ҳам бо шапалакҳои свитязӣ рӯй дода буд. Чанд фарсах дуртар аз Титово кӯли зебои Свитяз мавҷуд аст. Ҳамон ҷо, даруни об растании беҳамтои таркибаш пур аз витамин бо номи Лабелияи Дортман мерӯяд. Растании ноёб. Ғайр аз ин, вай табиатан зебост, хосияти табобатӣ дорад. Лабелия, ки дар илми тиб замоне истифода мешуд, барои боздошти нафас ё суст гардонидани он ба кор меояд. Зиёда аз он, Лабелия дар «Китоби сурх» дохил гардидааст. Ин маънои онро дорад, ки ба он муносибати эҳтиёткорона дошта бошем... Таъми Лабелияро чашида, бошандагони Свитяз аз баргу гулҳои он истифода мебаранд, фоидаи Лабелияро ҳатто фикр накарда истифода бурдаанд. Ин сусткунанда нафасгирии онҳоро вақти парвоз ба сустшавии суръати он оварда мерасонад...»

«Вале дар мо чӣ?..» – тоқаташ тоқ шуда, пурсид Притичанский. «Дар тарафҳои шумо аз қадим боз гули Ирнервус мерӯяд... Пеш шумо шира ҷамъ карда, ба вай аҳамият намедодед. Ин растании зеборо оруҳои асал парвариш мекарданд. Ва ҳоло, то ҷое ки ман медонам, оруҳои асал дар ҷойҳои шумо кам шудаанд. Соҳибони боғот оруҳои худро ба ҷойҳои дигар, ба марғзороне наздик мебаранд, ки он ҷойҳоро Фатселия зебу оро медиҳад. Мегӯянд, ки ин гули асалдор бас хушбӯй аст. Асале ҳам, ки аз он ҷойҳо ҳосил мекунанд, басо хуштаъм аст. Ҷойҳои

занбӯрони асалро ишғол намуда, шумо нафаҳмидед, ки Ирнервус – ин гул барои шумо нест, зеро вай ба эҳсосот-ба пойин шудани суръати болу пари шумо бурда мерасонад. Дар натиҷа, дар мубориза бо мушҳои паррон шумо болои ҳам, яке паси дигар, ба мағлубият гирифтор шудаед».

«Шираи Ирнервус ба ман хеле маъқул аст... Аз ин маълум, ки истифодаи он барои мо мумкин нест?»

«Бираву ба бошандагони Титово қисса бикун ва дониста бош, пеш аз он ки кореро ба ӯҳда гирифтанӣ шавед, лозим аст ҳамаашро хуб мулоҳиза бикунед. Ба Тит салому паёми маро бирасон. Шитоб бинмо, то ки Гачковскийро зинда дарёфт намоӣ. Охир, ӯ аз ту хеле пиртар аст. Рафту ӯро зинда набинӣ, пас сарварии бошандагони он ҷоро ба зиммаи худ бигир. Эҳтиёт шав, ақлатро гум накун! Ҳеҷ гоҳ асабонӣ машав, ки аз ҳар гуна вазъи ноҳинҷор ҳам раҳоӣ ёфтанат мумкин. Бигзор, Ирнервус растании дӯстдоштаи занбӯрони асал бошад. Онҳо боз ҳам ба марғзорони шумоён бозмегарданд. Ва ҳамин ки аз шираи Ирнервус даст мекашед, аз нав бар зидди мушҳои паррон истодагарӣ карда метавонед».

Ҳашаротшинос ба дари утоқ наздик шуд. Ба Марян Притичанский роҳи сафед хосту дарро воз намуд. Шапалак миннатдорӣ изҳор кард, болу пар зад ва ба сафари дуру дарозаш омодагӣ гирифт. Вай бо тамоми нерӯ ва умеду орзуҳои наҷиб парвоз намуд. Боварии комил ҳосил намуд, ки зурriяти бошандагони Титово нест намешавад, тақдир барои онҳо ҳаёт бахшид, ҳарчанд ки он пурташвиш аст, валеояндаи равшан, шодиовар ва хушбахтона доранд.

*Тарҷумаи Истад Қосимзода*

**Иван КАРЕНДА**



*Шоир, насрнавис ва сиёсатмадори Белорус. Соли 1950 дар ноҳияи Кривитскии вилояти Гродно таваллуд шудааст. Маълумоти миёнаро он ҷо гирифт. Соли 1972 Донишкадаи омӯзгории Гродноро хатм кард. Сипас, дар мактаби олии ҳизбии ҷавонони Москва хонд. То соли 1991 дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ кор кард. Ёвари муншии Ҳизби Коммунисти Белорусия будааст. Дар давраи нав ҷонишини вазири ахбор буда, аз соли 1994 то 2001 дар Москва вазифаи масъулиятнокро ба ӯҳда дошт, ёвари Президенти Ҷумҳурии Белорусия буд. Баъд ба корҳои дипломатӣ гузашт – мушовири Сафоратхонаи ҷумҳурӣ дар Федератсияи Россия мебошад. Каренда аз ҷавонӣ шеър менавишт. Чанд маҷмӯааш чоп шудааст. Оҳангсозон ба ашъораш оҳанг бастаанд. Ӯ наср низ менависад. Бо повести «Меҳмони Воплайск» (2006) машҳур гардид.*

## ҶИНГИЛАКСОЗ
### ё худ консерти мусиқии камеравӣ
*(Ҳикоя)*

Бисёр корҳоро одам дар зиндагӣ саросема анҷом медиҳад.

Гоҳе шароит маҷбураш месозад, гоҳе худ худро дар вазъи ноҳинҷор гузошта, чанд лаҳза зору низор мегардад.

Аз ин чӣ фоида? Охир, осмон худ ҳозиру нозир аст ва одамон ҳам гувоҳанд-ку. Худо як дафъа раҳм мекунаду як навъ аз азоб раҳо меёбӣ. Дафъаи дигар саросема манзилеро убур мекунӣ, боиси бадбахтии дигаре мегардӣ. Лек дафъаи сеюм ба ҳолат – хара

ханда меояду буза гиря! Мисли латифаи ширине, ки имкон медиҳад дер гоҳ гуфтаю хандида бигардӣ. Мухтасар гӯем, сару нӯги корҳоят баробар намеоянд.

Хаёлат, ки кам муяссар мешавад, бахтат омад мекунаду даст дароз карда, мурғи бахтатро маҳкам меқапӣ!..

Қатораи барқосо аз Борисово сари вақт наомад ва Олег беҳисоб ба соати электронии вокзали нав менигарист. Ҳаяҷонаш торафт меафзуд. Зеро то шурӯи консерти бегоҳӣ вақт кам боқӣ мемонд. Вақт чизест беболу пар, тез мегузарад ва боздошта наметавонӣ, имкони дастрасӣ ё баҳсобаҳс аз ақибаш давидан надорӣ. Аммо Марита ба меҳмонхона рафта, бояд ҷо бигирад. Ба замми ин ӯ ҳоло аз консерт бехабар. Ин «Сюрприз»-и ӯст, ки махсус ҷиҳати мутаҳайир гардондани Марита ташкил карда буд, то фикр накунад Стотский танҳо ба гап усто, гӯё сари конвейер истода, винтро тоб медиҳию тракторҳои тайёр баромадан мегиранд!..

Онҳо дар «дискотека»-и қасри завод шинос шуда буданд. Ӯ ба он ҷо хеле кам, гоҳ – гоҳ дастҷамъона, бо ҷавонони хобгоҳ мерафт. Аз ҳама ин Марита бас зебо мерақсид. Ва Олег инро ба зудӣ пай бурда буд. Акнун ҳамаи духтарон зебо мерақсиданд, аниқтараш рақсро омӯхтаанд. Аммо рақси Марита тамом нав, нисбат ба дигарон беҳтарин... Ҳаракатҳои ӯ пурҷозиба ва барои ҳар кадоме аз мусиқӣ таври худаш, хеле мувофиқ ва нотакрор мерақсид. Дар бари ӯ, ки ситораи тобони рақс аст, арғушт рафтан барояш осон набуд. Худро ноҷӯр эҳсос мекард. Зеро рақсаш оддӣ буд, даврхӯриҳои тӯлонӣ куҷо?.. Вале бисёр мехост бо вай гуфтугӯ намояд, гӯё ба вай як муждаи муҳим расонидан мехост...

Ба ҷасорати ӯ дар шиносоӣ бо духтарон, ҳатто гурбаи Мошон механдид, на ин ки дӯстони чусту

чолокаш. Вале ҳамон бегоҳ Олег бояд ҷасорат нишон медод ва ин гӯё дар зиндагонии ӯ бори аввал рух медод, ки ба торҳои дили духтар нохун занад. Ҳангоми рақс вай на як бору ду бор кӯшиш ба кор бурд, то он паризодро ба гап гирад, вале ӯ танҳо табассуме ҳадя мекарду халос. Дар бораи худаш-ку сухане ба забон овардан намехост. Ҳангоме ки Олег изҳор намуд ӯро то хонааш гусел мекунад, Марита хоҳиши ӯро тамом рад намуд:

– Маро ҳеҷ куҷо гусел намедорӣ. Баъд аз рақс зуд бо қатораи баркӣ хонаи волидонам меравам, – гуфт.

– Пас, иҷозат деҳ то вокзал гусел намоям.

– Не-не, лозим не: мо бори аввал якдигарро мебинем!..

– Оё метавонам рақами телефони бесими туро гирам?

– Ман «мобилник» надорам.

– Бовар намекунам.

– Инаш акнун мушкили ман не!..

– Пас, рақами телефони маро навис. Ҳамин ки зиқ шудӣ – сим мезанӣ.

– Ман дар чеҳраи ту аз хурсандӣ асаре надидам.

– Танҳо имрӯз ман бехуд ҳастам, – бо таассуф сар ҷунбонд Олег, ки гӯё занбӯрони газанда ҳамлааш оварда бошанд.

– Хаёлам, пеш аз омадан ба «дискотека», дер гоҳ наздики ойина қарор гирифтаӣ? – ҳазл кард Марита.

– Аз чӣ ин тавр мегӯӣ? – зиқ шуд ҷавон. Вай ҳис мекард, ки косаи сабру орзуҳояш дар бораи вохӯрии навбатӣ бар санг зада, чинга – чинга мешавад, бо изтироб ба чашмони духтар нигарист.

Хаёлаш, дар ин нигоҳи ӯ кадом – як чизи фоҷиавӣ ё соҳирона ҳаст.

Аммо чеҳраи Маритаро табассуми латифе фаро гирифта буд.

– Рақами телефонатро дар кафи дастам навис, –

бо нозу истиғно дасти булӯринашро ба ӯ дароз кард, ки то кафаш лучу офтобхӯрда ба чашм мерасид.

Ӯ аз хушбахтӣ худро гӯё гум кард, худи ҳамон лаҳза хам шуда, дасти Маритаро бӯсид. Аз ин ногаҳон духтар саросема шуд ва бо овози паст пичиррос зад:

– Ба ту чӣ шуд? Сарат задагӣ аст, чӣ?

– Рақами телефони маро дар ёд доштан осон. Рақамҳои оддӣ: код, давомаш ду– шонздаҳ, сивуду, шасту чаҳор. Онро ба ду зарб мезанӣ, – гуфт Олег ба суоли сӯзан барин халандаи духтар аҳамият надода.

Марита, чӣ тавре ки дар майдончаи рақс ором пайдо шуда буд, ҳамон навъ ғайб зад.

Вай он бегоҳ бисёр фикр кард. Мехост фаҳмад – чӣ коре нодуруст шуд? Аз чӣ Маритаро боз надошт? Бо вай, ақаллан, бештар аз як дақиқа гап зада натавонист. Ҳо-о, оё пас гардонидани он чӣ, ки гузашт осон аст? Эҳсос халал нарасонд, аммо ақлро кор нафармудӣ! Не, ба ҳар ҳол, кори ӯ, бе ин ҳам, омад кард: бори аввал ӯ чунин номи зеборо аз забони духтар шунид-ку! Зиёда аз ин ба инъоми тақдир умед набаста буд. Ҳоло дигар ин хел духтари оташмизоҷро аз куҷо пайдо мекунӣ? Аммо номашро – метавонӣ як умр фаромӯш насозӣ.

Сарбози дирӯза, вай аз хизмати бас мураккаби ҳарбӣ қоидаи оддиеро ёд гирифта омада буд: «Ба ҷои ту сарфармондеҳат фикр мекунад». Барои ту ҳаминаш кифоя аст, ки фармони ӯро иҷро бикунӣ. Аммо ин ҷо ба касе сари итоат фуруд намеоварӣ, худ ба худ фармондеҳ, фикр бикун – амал намо, ҳар тавре ки бихоҳӣ. Мутаассифона, чӣ фикр бикунад? Чӣ тавр амал намояд дар чунин ҳолат? Олег намедонист.

Аҷаб не, пас аз ним сол, вақте ки ҳама чизро фаромӯш карда, бо воқеаи рухдода, ки гӯё бахти

ҷавонияш баргашту раҳгум заду дигар ба роҳи ҳаёт ворид шуданам душвор гуфта хулоса кард... Марита ба ӯ сим зад. Вай он лаҳза дар ошхонаи завод хӯроки пешин мехӯрд. Рафиқонаш низ ҳамроҳ. Онҳо аз шифткорӣ (смена) баромада буданд. Қариб буд луқма дар гулӯяш монда, ӯро каб-кабуд гардонад. Бовар намекард, ки ба ӯ маҳз Марита сим мезанад! Қариб ки девона шавад-е!

Марита гӯё Олегро кайҳо боз мешинохта бошад, пас аз суоли навбатӣ: «Зиндагии муҷаррадона чӣ тавр?», гӯё одат карда бошад, посух дод: «Ҳамааш сад фоиз» ва ӯ боз ногаҳон пурсид:

– Ту оё метавонӣ, аз меҳмонхона, барои ман хонаеро банд созӣ? Ман ба Минск рафтанӣ ҳастам, барои таҷрибаомӯзии кӯтоҳмуддат. Хуласи гап, ба сафари расмӣ!..

Он вақт, ҳини рақс, Марита ҳамин қадар гуфта буд, ки овони донишҷӯии ӯ ба охир мерасад. Гумон аст, ки дигарбора гузораш ба ин тарафҳо афтад... Инак, аҷоибтар аз аҷоибот, офтоби бахтӣ ӯ тофт!..

– Парво накун, аз меҳмонхона ҷо пайдо мекунам. Ҳамшираам дар меҳмонхонаи «Сайёра» мудира аст, – ба ёд овард вазъи мусоидро, ки барои вохӯрӣ бо Марита хеле ҳам хуб хоҳад шуд. – Туро дар вокзал пешвоз мегирам!..

Хаёл кард, ки кадом одами нек зери пояш қолини серпат густурд, имкон бидод, то вай рӯ-рӯи он қадам монда, ба ҳаёти нави ҳанӯз кашфношудаи беҳад зебо дохил мегардад.

Ба хотири дидор бо Марита ба ӯ муяссар шуд, ки навбати ҷойи корашро иваз намояд. Барои дастгирии вай ҳар як ҳамкори ҷавонаш омода буд.

Занги задаи вай як ҳафта пештар буд ва барои адои ҳамаи корҳо вақташ мерасид. Ҳуҷраи меҳмонхона банд шуд. Дар бораи вохӯрӣ дар вокзал фикр бояд кард, муҳимаш-чӣ гуна гул интихоб бикунад (албатта гули садбарг!) ва оиди барномаи

маданӣ (барои бегоҳии аввал) – шояд онро худи Марита хотирнишон мекунад?..

Барномаи бегоҳӣ тамом ғайричашмдошт ҳал гардид. Маъқул ва табъидилӣ ҳам буд. Бас рӯшанфикрона! Ин гуна мӯъҷизаро фақат орзу кардан мумкин. Вақте Олег аз ҷои кор баромада сӯйи хона мерафт, рӯйи тахта эълонеро дид: консерти мусиқинавозон дар филармония! «Ана ин, ҳамон аст, ки ба Марита хеле маъқул мешавад» таври худ фикр кард ҷавон ва чипта харид.

Инаш хуб, ки ҳоло вай аз ин бехабар аст, ҳатто ба гӯшаи хаёл намеорад. «Пешниҳоде дорам – ин бегоҳ ба консерти мусиқии камеравӣ меравем!» – хоҳад гуфт бо шаҳомати ба одамони шаҳрӣ хос. Яъне дар пойтахт, барои вақтгузаронӣ ҷой ҳаст! Ва ӯ пешниҳоде нахоҳад кард, ки дар хиёбонҳо бидуни кадом мақсад ин сӯ – он сӯ қадам бизананд, балки ба истироҳати маданӣ... Бисёр олӣ! Беҳтарин! Ҷойи афсӯс нест, ки ӯ то ҳол, боре ҳам ба «консерти камеравӣ» надаромадааст!..

Дар ин бора ба ӯ фақат кай гап бизанад: дар ҳамин ҷо, дар вокзал – ҳангоми ба дасти духтар додани гулдаста? Ва ё пас аз он ки Марита ба меҳмонхона медарояд?..

Не, ин ҳама майдагапӣ. Муҳимаш ин аст, ки ӯро бояд сари вақт шинохт. Нашавад, ки дар он гирудори дохили вокзал, ҳини фуромадани мардуми зиёд, дар дақиқаҳои бошумор бо даҳони воз бехабар бимонӣ!.. Вай имрӯз чӣ хел бошад-а? Марита ҳамон рӯз, дар дискотека бо мӯйи ялаққосӣ омада буд. Акнун чӣ? Аҷаб не, тамом қиёфаи дигаре гирифта бошад? Духтаракон иваз кардани рангро дӯст медоранд ва гоҳе ранги мӯяшонро тамом дигар мекунанд. Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки онҳо бештар рангҳои ялаққостиро хуш доранд. Бинобар ин байни онҳо малламӯй зиёд. Эҳ, ин чӣ ҳайратоварӣ дорад!..–беҳуда ҷононаи «бело-русочка!» намегӯянд!.

Бигзор, ранг кунанд, рангу баранг бошанд, агар ба худҳошон маъқул бошад. Рости гап, аксари ҷавонмардон, пеш аз ҳама ба малламӯйҳо – сафедҳо бештар мароқ зоҳир мекунанд.

Албатта, ӯ Олег, ҳам истисно не. Вай нахустин ишқи овони мактабиашро ба хотир овард. Дар синфи нуҳум буд. Оҳ, чӣ тавр ӯро ларзонда буд, ки бо духтараки сафедаки рӯяш себи сурх барин тозае якҷоя бинишонданд. Таняҷон – номаш ва ҳатто фамилияаш ҳам Белячист буд. Ва агар дар сар як раги оқилона медошт (як қамчинаш намерасид, майнааш андак беҷо буд) он ҳам аз кор мемонд: суханони муаллим танаи деворро сӯрох карда мегузашт, вале ба каллаи ӯ намедаромад. Аз геометрия ва таърихку ҳоҷати гап задан набуд. Тамоми фикру зикри ӯро Таняҷон ба худ банду баст карда буд. Аммо вай ҷавони дигарро дӯст медоштаст – аълохон Жорарo. Ишқи вай ҳам яктарафа будаст: дӯстдоштаи Таня, ғайр аз фанни кимиё ба дигар майле надоштааст!..

Ва инак, сари роҳи Олег боз як малламӯй, ки Марита ном дорад. Вай боварии комил дошт, ки мӯйҳои сап-сафеди табиӣ, барои ӯ чунин ранги беҳтаринро худи Оллоҳ интихоб кардааст. Марита як эъҷози ҳақиқии Худодод аст, ҳамааш дар ӯ табиӣ ба чашм мерасад...

Садои оранги дуру дарози электровоз, барои ним соат дер карда омаданаш, гӯё маънои узрхоҳиро дошт, ки тамоми фикрҳои ӯро дарҳам барҳам кард. Олег ба он сӯ чашм дӯхт, ки электровоз гӯё зонуҳояшро ба замин тир кардаю ист ҳосил намуда меояд.

Дар ин асно, аз сӯйи муқобил ба майдони истиқболкунандагон шамоли сахте вазид, ки аз борони сард дарак медод (дар берун охири фасли тирамоҳ ҳукм меронд ва табиат бори дигар бедодгариҳои худро намоиш доданӣ буд). Дастагули даруни коғази салофании ялаққосӣ ногоҳ аз дас-

ти Олег рӯи роҳи оҳан афтод. Вай дар ҷояш шах шуд: то он ҷо расидани электровоз на зиёда аз бист қадам масофа боқӣ монда буд. Лозим буд, ки тадбире андешад, гулҳоро бояд ба даст оварад ва ӯ ба пеш ҳаракат кард, вале дасти пурзӯре ӯро боздошт.

– Чӣ, зиндагӣ ба ту лозим не, магар? – баргашта Олег марди қадбаланди бурутиро бидид, ки табассум мекард.

– Ғам махӯр, ин – хушбахтист, – гуфт хонуме бо таассуф, ки дар паҳлӯи Олег қарор дошт.

Мошини бузурги барқӣ таваққуф кард, аз вагонҳо ба майдон одамони ба ваҷд омада рехтанд. Симояшон ва сумкаҳояшон гуногун ва ин ҷавонро каме ором намуд, фикру зикри вайро барои пешвозгирӣ бедор кард.

Не, ин дигар ба пешвозгирӣ монандӣ надошт, балки вай гӯё ба ҷустуҷӯи каси бисёр ҳам азиз баромада буд...

Чашмони Олег сӯи одамони бисёр дӯхта шуд, вай гардан тобонда ба чаҳор сӯ менигарист, ба чап, ба рост. Мехост Маритаҷонашро аз байни онҳо шинохта пешвоз гирад.

Ба ҳама диққат дода, худ дар майдон бехабар монд, ки овози касе хуш садо дод:

– Ҷавони зебо, шояд маро мунтазир?

Вай Марита буд! Овозаш – боназокат, мулоим. Ҳамон тавре ки ба дили ҷавон асар кард.

Вай сӯи ӯ рӯ оварду дар муқобили худ чунон як табассуми дилрабоpo эҳсос намуд, ки бо он Марита ҳамон шаб аз чашмони ӯ дур шуда буд, шабе ки дискотека доштанд.

– Ассалом, омаданат муборак! – бо ҷиддият истиқбол кард Олег, гӯё назди меҳмонон маъзарат мехоста бошад, аз ӯ хоҳиш кард, ки сумкаи сафариашро бидиҳад.

– Маъзарат мехоҳам, ту вақти зиёд интизорӣ кашидӣ, – гуфта Марита ба чашмони Олег нигарист

ва бо табассуму самимият аз рухсорааш бӯсае ситонд.

Аз меҳрубонии ногаҳонию дӯстонаи духтар ҳар ду рухсораи ҷавон суп-сурх шуд. Дар як они воҳид ба вай чунин вонамуд гардид, ки гӯё замин зери пояш муаллақ монда, гӯё одамон дар гирди вай ба шодӣ арғушт меравонд.

– Ана ин хел шудааст аҷоиботи зиндагӣ! Оё вай дар ин бора орзуе мекард? Оё гумон дошт, ки духтар аз ӯ бӯса меситонад? Боз дар куҷо? Дар лаҳзаҳои авввали дидор!..

Аммо худаш чӣ? Ваҳшӣ, беақл! Ақаллан ҳамин чизи оддиро эҳсос накард... Ҳатто дастагулашро ҳам эҳтиёт карда, одам барин ба вай дода натавонист.

«Ошиқи фисин» – аз худ бадаш меомад Олегро ва мехост, ки ин зихнагиро аз худ дур созад, вале наметавонист. Баръакс, афсӯсу надомат аз рафтори аҳмақонаи худ ҷисму ҷони ӯро сӯзонда мегузашт.

Марита ин вазъи ӯро ҳис накарда наметавонист, бинобар ин оҳиста пурсид:

– Аз чӣ ин қадар рӯҳафтодаӣ? Оё ягон ҳодиса рӯй дод?

– Э не, ҳамааш соз, – дудила посух дод Олег ва бори аввал баъд аз вохӯриашон дар вокзал тарафи духтар нигарист. Ва танҳо акнун вай медид, ки аз зери арақчини (берети) сиёҳи духтарона, ки банди кулӯлае дошт, ба китфҳояш, ба палтои сабзи баландаш мӯйҳои марғуладори ҷингилаи тилоранги сафедчатобе паҳну парешон буданд.

– Вий, ин духтар ин қадар зебост! – фикри нишотоваре, мисли барқ аз дили ҷавон гузашт ва дар гӯшаи он маъво гирифт.

– Пас бигӯ, аз чӣ мо ин ҷо истодаем? – Хаёли парешони Олегро ба ҷояш овард Марита.

– Сабр мекунем, то электровоз пештар биравад?

– Чаро?

– Он ҷо, зери қатора гулдаста... Шамол бурда буд аз дастам... – Олег бо ангушт ба рӯи тахтаҳои чӯбин, ки дастагулаш байни онҳо мехобид, ишора кард.

Электровоз сӯи депо секин ҳаракат кард, пас аз як-ду дақиқа мушкилоти гулдаста, ки шамол ба вуҷуд оварда буд, ҳал гардид. Бале, барои навҷавон ва меҳмони вай, хеле хуб ҳал гардид: Олег худро ногаҳон рӯй тахтаҳо андохту бо гулҳои зебои садбарг ҷаҳида боло баромад. Гулҳои тару тозаи ногаҳон аз даст афтондааш ҳеҷ осеб надида буданд. Марита гулро гирифту бори дигар бо бӯсаи худ рухсораҳои ҷавонро арғувонӣ гардонид ва қалбашро ба туғён овард.

– Мо вақти хеле кам дорем, – гуфт Олег, – аз як соат камтар. Ман барои имшаб чипта гирифтаам, ба консерти мусиқии камеравӣ. Барои ҳамин ҳоло то меҳмонхона ва аз он ҷо рост ба консерт меравем.

– Эҳ! Охир, ба ман лозим аст омодагӣ бигирам, либос иваз намоям!..

– Ҳо-о, ту ҳамаашро таври низомӣ анҷом деҳ, мисли сарбоз – тезтар аз тир, – ҳазли ҳарбиёнро ба хотир овард ҷавон.

– Хуб, фақат зудтар дар меҳмонхона ҷо ба ҷо мешудам...

То меҳмонхонаи «Сайёра» онҳо бо таксӣ, даҳ дақиқа вақт сарф карданд ва пас аз зуд ҷой гирифтан Марита ба утоқи худ баромад.

Олег борхалтаи сафарии ӯро то ошёнаи ҳафтум бибурд ва худ пас гашта, дар раҳрави меҳмонхона ӯро мунтазир шуд.

Хоҳараш, ҳамон, ки ба он духтар хонаю калидро қонунӣ карда дода буд, ӯро садо кард:

– Додарҷон медонӣ, дар шиносномаи духтар мӯҳр задагӣ, шавҳар доштааст, – пичиррос зад Вера, бо изҳори меҳру садоқати хоси одами худӣ.

– Корат набошад. Ҳамаашро худам ҳал мекунам, хурд нестам, – гуфт Олег.

– Эҳтиёт бош,аз ифлосӣ! Олуда гаштанат мумкин. Рӯзата боз сиёҳ нагардонад? Лозим аст оё ба ту ғӯта хӯрдан дар сияҳлой?

– Чӣ гуна ифлосӣ? Ман худ «князь» (ҳоким) ҳастам. Ту ба ман наомӯз, – гапи ӯро бурид Олег. – Худат як бор ба шавҳар баромада, чӣ кардӣ? Барои ҳамин, ба гапи ту гӯш намекунам?

– Олегҷон, додари азизам!.. Охир, чаро ту ба гапи дигарон гӯш намекунӣ, – китф дарҳам кашид хоҳараш, – охир, вай ҳашт сол калонтар аст аз ту!..

«Имрӯзро чӣ шудааст? Ҳамаи корҳоям чаппа!..» – гуфта Олег сӯйи дари баромад равон шуд.

Марита бист дақиқа ҳам нагузашта, зуд омад.

Кор омад кард, ронандаи таксӣ ҷомадони калони меҳмони навро аз бордони таксӣ кашида, боло бурд.

– Ба филармония, ба консерт! – мақсади оянда-ашро мухтасар ба ронанда фаҳмонд Олег ва дар паҳлӯи Марита, дар курсии ақиб нишаст.

Вай бисёр мехост, нобаробариҳои имрӯзӣ, ҳазлҳои сахти он бо ҳамин басанда гардад. Оё вай медонист, ки ногоҳ тундбоде мевазаду хоҳари худаш, ба ҳоли ӯ раҳм накарда, чунин таъна мезанад?!

«Зудтар бош, ронанда. То метавонӣ тезтар аз ин ҷо дур шав: маро аз назди онҳое, ки вохӯрии нахсутини Олегро бо ин духтар чашми дидан надоранд, дуртар бубар! Дар рондани мошин сустӣ макун! Газро пахш бинмо! Онҳо (Олег ва Марита) набояд дер монанд! Имрӯз ба консерт медароянд, ҳамааш барояшон фақат акнун шурӯъ мешавад!..»

Дар пеш мусиқӣ– пешвозашон мегирад. Аммо чӣ гуна, бегумон бо мусиқии беҳтарин!.. Олег боварии комил дошт, ки он хурсандӣ меоварад, таассуроти беназир мебахшад. Вале худи ин консерти мусиқии камеравӣ чист? Аз кӣ мепурсӣ? Аз Марита? Э не-е!..

Тарафи толори филармония дав-давон рафтанд. Хаёлашон, ки ақиб мондаанд. Зеро чароғи толор ба

оҳистагӣ хомӯш мегардид ва ин маънои онро дошт, ки консерт шурӯъ мешавад. Онҳо, ҷойҳои худро кофтанд. Чандон аз гузаргоҳ дур ҳам набудааст. Ҷуфти ҷавон рӯи курсиҳои бароҳат биншастанд: дер накардаанд, хайрият! Олег барои рӯймолча даст ба ҷайбаш бурд, то сари рӯйи арақшорашро пок намояд. Марита дар ин вақт аз «бодбезак»-и табиӣ истифода намуд: вай лабонашро ба ҳам ҷафс карда, сабук нафас баровард. Гумонаш, ки ин тафси рӯю ҷабинашро мегирад. Ҳаври даҳони духтар, табиист, ки баланд!.. онҳо бо нигоҳе ба якдигар табассум ҳадя намуданд.

Дар саҳна оркестр кайҳо омодаи фаъолият буд. Аз паси парда гӯё як парандаи кӯтоҳболе дар лаҳзаи ғайричашмдошт парид. Маэстро – дирижер буд, ки бо мӯйи дарози сап-сафед ва кулоҳи зебое бар сар пайдо гардид! Шунавандаҳояш ӯро бо кафкӯбӣ истиқбол карданд.

Вай таъзим ба ҷо овард, ба мутрибон назар андохт, ки ҳама интизори ӯ буданд. Рӯ тарафи онҳо оварду бо сар ишорае кард. Гӯё ҳама ба ин ишора мунтазир буданд, ки даст пойин фуроварданд, бо чӯбаки соҳирии худ «амр» карду толорро садои асбобҳои мусиқӣ фаро гирифт.

Олег ба асбобҳои мусиқии мутрибон наззора мекард. Дар паҳлӯи чапи дирижёр ғиҷҷакнавоз – санами ҷавонеро бидид. Паҳлӯи ӯ ғиҷҷакнавози дигаре менишаст. Оҳ, чӣ қадар зиёданд ғиҷҷакнавозон! Олег онҳоро ҳисоб кард, нуҳ ё даҳто ғиҷҷак. Вай пеш гумон мекард дар оркестр ғайр аз ғиҷҷак, боз камонча, ғиҷҷаки калони чорторӣ (виолончел), контрабас, наю сурнай низ ҳаст... Аммо онҳо чӣ навъанд ва чӣ тавр онҳоро аз ҳам фарқ кардан лозим? Танҳо Худо медонад. Охир, ӯ кам ба чунин консерт омадааст? Аз ҳама асбобҳои мусиқие, ки ӯ ҳоло дар саҳна медид, ғиҷҷак барояш бештар ошно буд. Ҳамсояи залевковияш – мусиқинавози худомӯз Ев-

генчик (ӯро Стопорович ном мебурданд) ҳам дар навохтани ғиҷҷаку ҳам дар симбалаҳо усто буд. Гоҳе мешуд, ки рӯзҳои гарми ид дар дӯкони назди ҳавлиаш нишаста менавохт ва тамоми атрофро садои мусиқии нафису форам фаро мегирифт. Аз деҳаҳои атроф кӯдакон он сӯ медавиданд, калонсолон ба онҳо ҷо медоданд. Ва он ҷо ягон маврид ва ҳатто гусел ба сафҳои артиш, бидуни иштироки Стопорович намегузашт. Равонаш шод бод, ду сол пеш ин мусиқинавози мумтоз аз олам гузашта буд.

Хотираҳои Олегро кафкӯбии ҳозирин ботил кард. Ба онҳо баҳс намуда, ба Марита нигарист, ки ӯ ҳам аз саҳна чашм наканда, кафкӯбӣ мекард.

Вай дар тан пираҳани якранги ҷигарӣ дошт, ки қаду қомати расояшро хеле зебо нишон медод. Диққати Олегро беихтиёр дастони Марита ба худ кашид, ба ангуштҳои дарозу зебои ӯ нигарист, баъд чашмаш пойинтар фуромад – ба зонуяш расид, ки домани кӯтоҳакаш онро намепӯшонид. Марита шояд ин нигоҳро барои худ зиёдатӣ пиндошт, ки дасти Олегро гирифт.

Олег, ки чунин меҳрубониро нисбати худ мунтазир набуд, каме саросема шуда, дасти гарми духтари акнун хеле наздикро фишурд. Ҷисми ӯро оташаки назарногире гарм мекард ва аз ҳамон лаҳза сар карда, аз ҷунбидан метарсид, мабодо ки Марита дасти худро пас гирад.

Аммо дар толор мусиқии дигаре дар авҷ буд. Олег мехост бадиққат онро гӯш бикунад ва бифаҳмад, ки чӣ гуна ҳиссиёт ӯро фаро мегирад ва кадом садоҳои соҳирона он эҳсосотро бедор месозанд. Магар садои ғиҷҷакҳо садои дар само вижжас хондани сӯфитӯрғайҳоро ба ёди кас намеоранд? Баъд аз он суруди дилнавозе дар бораи зебоиҳои табиат ба гӯш мерасид, ки садои асбобҳои мусиқӣ ба он ҷӯр мегардид. Хаёлаш, ки ҳамаи асбобҳо оҳанги хоси худро ба маъраз мегузоранд. Ногоҳ

овозҳо иваз шуданд. Гӯё офтоб ғуруб карда, дар паси кӯҳҳо паноҳ бурд. Аз ким-куҷо абрҳои сиёҳ баромаданд. Тундбоде вазид ва бар замин донаҳои борон ба фуромадан гӯё шурӯъ карданд.Баъд аз ин мутрибон оҳангҳои пасттарро ба навохтан даромаданд. Нотаҳоро хомӯш карданд – хаёле, ки користон поён ёфт ва дар фазоҳо боз ҳам ҳастии доимии одаткардаи мардумон ҳукм ронд.

Олег ба атрофаш наззора мекард. Медид, ки одамон беҳаракат, гӯё ҳар як лаҳзаи мусиқиро эҳсос менамоянд. «Одам ба мусиқӣ ин қадар майл пайдо мекунад-а!» – аз хаёлаш мегузаронд ҷавон ва боз диққаташро Марита ба худ кашид. Дар ин асно Марита хаёл кард, ки ӯро барқ бизад: вай аз такони ногаҳонии қалбаш фарёде зад, худи ҳамон лаҳза тамошобинон сӯяш назар карданд:

– Эҳ, чӣ коре кардаам ман!.. Ҷингилаксоз!.. Рафтем зудтар аз ин ҷо! – Марита дасти Олегро маҳкам дошта, сӯйи дари баромад давид.

– Чӣ гуна ҷингилаксоз? – пурсид Олег дари толори консертро аз пушти худ пӯшонида.

– Медонӣ? Он ҳамон, асбоби барқист, ки мӯйро ҷингилак месозад!..

– А-а?

– Хаёлам, онро аз барқ накашидаам!.. Дар хотир надорам... Метарсам, ки сӯхтор!..

Онҳо дав-давон ба хиёбон баромада, беист даст боло мекарданд, то таксӣ биқапанд. Як жигулӣ-таксӣ бозистод. Бо ҳамон қаноат карданд, дигарашро мунтазир нашуданд, ба ин фурсат надоштанд...

Дар меҳмонхона он ҷуфти ваҳшатзада худро ба утоқи қайдгирӣ расонданд, то калид ба даст оваранд. Онҳоро Вера бо ҳайрат боздошт: «Чӣ шудаст? Кадоме шуморо таъқиб мекунад?.. Калидро гирифта, онҳо сӯйи лифт не, балки барои наздик кардани масофа, тавассути зинаҳо ба ошёнаи ҳафтум боло шуданд.

Марита бо дастони ларзон калидро тоб дод, аммо натавонист.

Олег гирифту дарро воз кард. Аввал ба утоқ Марита ворид гардид. Аммо он ҷо торик буд. Олег Даст-даст карда, чароғро гиронд, хона рӯз барин равшан шуд.

– Эй Худоҷон! – нидо дардод духтар. – Эҳ каллакаду!..

Олег аз пушти сари Марита бидид, ки дастгоҳи хурдакаки ҳамарӯза мӯй ҷингилакунандаи занона рӯи миз гузоштаю симаш бодиққат печонда ва қариб се қадам дур аз хати барқ қарор дорад. Дар паҳлӯи миз сумкаи даҳонаш вози ӯ, ки саросема монда рафтааст, мехобид.

– Узр мехоҳам, Олег! Ин бегоҳ туро сарсон кардам! – хоҳиш кард Марита ва сумкаро аз сари роҳ дур андохта. – Чӣ фикре ба сари ман зад? Аз куҷо омад он?

– Ба ту чӣ шуд? Ху-у-б, ҳар ҳодиса рух доданаш мумкин!.. Бегоҳ ҳанӯз охир нашудааст-ку.

– Боло гузар, чӣ таги дар истодаӣ?

Олег қадаме пештар омад.

– Боз фикр накунӣ, ки туро фиреб дода бошам?

– Аз чӣ худро гунаҳкор мепиндорӣ? Ман ин хел фикр намекунам.

Марита рӯйи кат нишаста, ишора кард, ки наздиктар бишинад.

– Ҳамаи корҳоям чаппаю роста! – оҳ кашид ӯ.

– Наход, ҳамаи корҳоят?.. – ҳазломез пурсид Олег.

– Ҳаждаҳсола будам (соли аввали таҳсил), ки шавҳар кардам. Дил аз даст додам ва тамом сӯхта, обу адо шудам. Ба фикрам, ин парешонӣ осори он азобҳост! Ҳамин тавр, «сӯхта-сӯхта» зиндагӣ мекунам. Чӣ коре мекунам, дар ёдам намемонад, – ба Олег бовар карда, ҳамчун одами наздикаш сирри дил ошкор кард Марита.

Суханони самимӣ ва пуртаъсири ӯ дили ҷавонро хушнуд гардонид. Вай баъд аз гапи Вера фикр кард, ки ҳамон як далелро аз тарҷумаи ҳоли худ духтар аз вай ниҳон дошт.

– Акнун сари туро гаранг хоҳам кард, – гуфт бо ҳамон оҳанг соҳибаи утоқ.

– Ҳо-о, мебинем, – ба вай бо табассум нигарист Олег.

– Ту дергоҳ «Чашмаки ман – чашмаки ту» – гуфта мешинӣ? – бо тааҷҷуб пурсид Марита.

Олег китф дарҳам кашид. Марита аз ӯ чашм намеканд. Мехост таҳти дили ӯро бифаҳмад. Нигоҳи онҳо лаҳзае ба ҳам бархӯрду ҳамон тавр ҳам бимонд.

«Чашмони ӯ ранги олуболу, чу ранги пераҳанаш!» – хулоса намуд Олег. Ва ӯ бисёр мехост он ду олуболуи пухтарасидаро бӯса занад. На лабонашро! Маҳз чашмонашро. Ҳамон чашмонро, ки аз ҳақиқати зиндагӣ ҳикоят мекарданду фиребо набуданд.

Марита хомӯш сар хам намуд. «Ҳоло фикр мекард, ки дар бораи худ боз чиҳо гӯяд». Олег давоми гуфтугӯяшонро мунтазир шуд. Бигузор, ором гирад. Барояш хуб аст. Ҳеҷ гоҳ ӯ чунин фараҳманд, чунин шоду масрур набуд. Ва ӯ ҷуръат карда, китфи Маритаро бағал гирифт...

Не! ӯ ҳоло дар ошёнаи ҳафтум не, гӯё дар осмони ҳафтум қарор дорад!

Ва худаш ҳоким!

«Бале Вера, ӯ ҳоким аст! Зеро дар бараш ҳокимае нишастааст, ҳокимаи ҳақиқӣ!»

*Тарҷумаи Истад Қосимзода*

## Алес БАДАК



*Алес (Александр Николаевич) Бадак 28 феврали соли 1966 дар ноҳияи Ляховичи вилояти Брест дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1983 ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Белорус дохил шуда, баъди хизмат дар Армияи Советӣ (1986-88) соли 1990 онро ба итмом расонд. Дар бюрои тарғиби Иттифоқи нависандагон ва идораи нашрияҳои адабии Белорус кор кардааст. Ҳоло муовини аввали директори Муассисаи таҳриру нашри «Литература и искусство» мебошад. Аз соли 1990 узви Иттифоқи нависандагон. Муаллифи се маҷмӯаи ашъор ва китобҳои зиёди назму наср барои бачаҳост. Ашъораш ба русӣ, қазоқӣ ва удмуртӣ, насраш ба русиву маҷорӣ тарҷума шудаанд. Матни қариб сад суруд, ки ҳунарпешаҳои машҳури Белорус месароянд, ба қаламаш мансуб аст.*

## ФИРОР АЗ БОРОН

*(Ҳикоя)*

– Борон, – андешамандона гуфт занаш. Нахустсухане буд он ки баъди хомӯшии тӯлониашон садо дод.

Ӯ сар бардошта, хоболуд ба тирезаи электричка нигарист – ҳақиқатан ҳам рӯ-рӯи шишаи тиреза ҷӯйчаҳои ларзоне ҷорӣ буданд – ва баъд нигоҳашро ба чеҳраи духтарчааш, ки дар кунҷи муқобил орому бесадо, бепарво ба ҳама чиз: Барбии дӯстдоштааш рӯи зону менишаст, кӯчонд. Аз ин оромии духтарчааш меҳаросид вай, лекин ӯро нооpом кардан ҳам намехост: шояд ягон чизи форамеро ба ёд меорад?

– Агар бо автобус мерафтем, аниқ, то борон мерасидем, – афсӯсомез гуфт занаш.

Албатта, бо электричка ба деҳа рафтанро ӯ пешниҳод карда буд, вагарна ногузир аз он ҷое мегузаштанд, ки занаш беҳтар аз вай медонад, медонаду хап шиштан наметавонад. Ҳамин хел одам аст занаш: сари худаш, ки дард кард, мехоҳад, ки тамоми дунё сардард бошад.

Ӯ ҳамоно духтарчаашро назора мекард ва инак, нигоҳаш дар пешонии ӯ – рӯи зардвашу борики захми болои абрӯи чапаш қарор гирифт.

– Ягон чиз мехӯрӣ, Катя?

Духтарча бо аломати рад сар ҷунбонд.

– Ту чӣ, Андрей?

Сари Андрей ҳам ҳаракати Катяро такрор кард.

– Ихтиёратон, – оҳ кашид занаш ва бутербродҳоро печонд.

Баъди ним соат онҳо дар истгоҳи хурдакаки камодаме қарор гирифтанд, ки атрофашро бешаи анбӯҳу тирае иҳота менамуд. Борон қариб монда буд. Андрей бо як даст сумкаи калони сафариро бардошту дасти дигарашро сӯи духтарчааш дароз кард. Аз роҳи оҳан то деҳаи хушдоманаш пайроҳаи росте мерафт. Он аввал шоҳроҳро бурида мегузашт ва баъд аз кӯтале хамида, бо кӯчаи деҳа мепайваст.

Вақте ки чанд мошинро роҳ дода, аз шоҳроҳ мегузаштанд, духтарчааш ангуштонашро сахт фишурд ва чунин намудаш, ки даст ва тамоми баданашро то умқи дил барқ зад ва дилаш, диле, ки то ҳол аз худ дарак намедод, як такон хӯрду боз сокит шуд.

Хушдоманаш – нусхаи пажмурдаи занаш дар ҳотача ҷумбуҷул дошт. Меҳмононро дида, шодона нидо кард ва сатили пуробро ба замин монда, сӯи дарбача тохт. Аввал духтарашро оғӯш карда бӯсид, баъд – домодашро. Аниқтараш, набӯсид ӯро, балки лабони хушки ғунчакардаашро ба рухсорааш расонд. Вале домодаш ҳамин корро ҳам накард. Баъд

ҷониби наберааш хам шуд ва ҳамоно манаҳаш ҷинҷ шуду ларзид.

– Оҳ, ҷонаки ман-е!

– Оча! – Норозиёна гуфт занаш, – вай набояд ба ҳаяҷон биёяд. Хоҳиш карда будам-ку…

– Ҳа, ҳа! – занак тез, гӯё ҳаросида, худро аз духтарча дур гирифт.

Зан дар дастурхонорой ба модараш ёрӣ кард, аз ҳама охир шишаи шароби бо худ овардаашонро рӯи миз ниҳод.

– Катя, чӣ мехӯрӣ? – пурсид пас.

– Ҳеҷ чиз. Баъд мехӯрам. Мумкин ҳоло телевизор тамошо кунам?

– Мумкин, – оҳ кашид зан. – Лекин ақаллан як пичин бихур.

Вақте ки духтарча аз ошхона мебаромад, хушдоман пичирросзанон илтиҷо кард:

– Чӣ гап шуд? Бигӯед, чӣ гап шуд?

Ӯ аз курсӣ бархост.

– Куҷо меравӣ? – пурсид занаш.

– Сигор мекашам.

Зан ҳаргиз дар рӯи шавҳараш намегуфт, ки ба ҳамааш ӯ гунаҳкор аст, ҳамеша гӯё худро сарзаниш мекард, лекин пайваста теғи суханаш ба ӯ низ мерасид: «Агар ман дар хона мебудам… Агар хонаи хоҳарам намерафтам, ҳаргиз намемондам, ки ӯ!..»

«Мемондӣ! – борҳо мехост фарёд занад ӯ. – Танҳо дӯстони ман нестанд онҳо, азони ту ҳам ҳастанд! Кӣ медонист, ки ин хел мешавад!» Вале ягон бор фарёд назад, ҳатто кӯшиши худсафедкунӣ накард. Эҳсос менамуд, ки бо он суханон дили худро таскин медиҳад занаш. Агар баҳс мекард, ба тавре қарордоди хомӯшонаашонро халалдор менамуд ва он гоҳ занаш воқеан метавонист тамоми айбро ба гардани ӯ бор кунад.

Рости гап, шояд хубтар мебуд, ки ҷанҷол мекарданд, ба сари ҳам дод мезаданд, то дилашон холӣ

шавад. Вагарна, ана, ҳамин хел – оташи дард натанҳо дилу ҷонашонро тарк намегуфт, балки аланга мезад, ду ҳафта боз аланга мезад ва чунин менамуд, ки ин ҳолро поён нест, чунон ки борони дар ҳама ҷо бо онҳо ҳамсафарро, борони ҷузъи ҷудоинопазири ҳаёташон шударо поён набуд ва поёнашро то анҷоми айёми боронӣ интизор шудан ҳам маънӣ надошт.

Фикран борҳо ба он рӯзи мудҳиш бармегашт ӯ, ноаён хешро савори «Форд»-и наппа-наву гелосранги Алик Жданович – дӯсти мактабиаш дармеёфт. Ана, онҳо низ менишинанд ба мошин – Алик, ҳамсари ӯ Марина ва Катя. Катя – дар нишастгоҳи пеш, дар паҳлӯи Алик. Ва, инак, ин бор дар як мижа задан, берун аз шаҳранд онҳо.

– Афсӯс, ки падарат бо мо наомад, – мегӯяд Алик. – Ман ба ту, илтимос, ба ягон кас нагӯ, фақат ба ту ҷоеро нишон медиҳам, ки бо даст моҳӣ гирифтан мумкин.

– Дадаам имкони омадан надошт, имрӯз дар киностудия мулоқоти муҳим дорад, – хотиррасон мекунад Катя.

– Рӯзҳои истироҳат, Катяҷон, ҳатто режиссёрҳо бояд дам бигиранд, – насиҳатомез, вале начандон ҷиддӣ, мегӯяд Алик. – Умуман, барои эҷодкори ҳақиқӣ оё аз мулоқот бо табиат муҳимтар чизе буда метавонад?

Ва, ба Катя чашмак зада, суръатро зиёд мекунад.

Лаҳзае сипарӣ мешавад, лаҳзаи дигар низ ва, инак – он ҷои бехосият. Аз паси мошини дарози боркаш, ки аз муқобил меомад, босуръат «Фолксваген»-и сафеде ҷаҳида мебарояду хати тақсимоти роҳро убур мекунад. «Форд» шадидан сӯи рост мегардад. Катя дод мезанад. Мошин ба ҷарӣ меафтад ва як ғел мезанаду ба дарахт бармехӯрад…

Ӯ мебинад, Худоё, бори чандум аст мебинад ва бисёр аён мебинад, ки гӯё он лаҳза ҳамроҳашон

бошад, духтарчаашро мебинад, ки Алик ба нишастгоҳ фушурдааст; худро рӯи ӯ афкандааст Алик, ки наҷоташ бидиҳад; калон кушода аст чашмони духтарчааш, ба чакаи хуншори Алик менигарад ӯ ва наметавонад дод бизанад, аз тарс ҳатто даҳан кушода наметавонад, дастаконаш ба либоси ӯ часпидаасту нигоҳ мекунад, нигоҳ мекунад, ки чун аз чакааш ҷӯяи сурхи хун ҷорӣ мешавад ва дигар на фарёди ҷонкоҳи Маринаро мешунаваду на садозании «ёрии таъҷилӣ»-ро…

Андрей пасмондаи сигорро рӯи роҳ партофт ва ҳамоно борон калобаи сафеди дудаки онро ба нестӣ кашонд.

Рӯзи дуюм ҳам намонд борону рӯзи сеюм ҳам. Ва ҳатто андаке суст шуданаш ҳам гӯё барои он буд, ки баъдан бо қувваи дучанд биборад.

– Борони деҳа дигар аст, – андешамандона гуфт ӯ. – Чун дар шаҳр якрангу дилгир нест.

– Худоё, он ягон вақт тамом мешуда бошад, – оҳ кашид занаш. Борон барои ӯ ҳамеша борон буд, обе буд, ки сардиву лойу чал аз пас дорад. Ба ҳама чиз назараш ҳамин хел аст, пайваста, ҳафт сол боз ҳамин хел аст. Чӣ гуна тоб овард ӯ, ба чӣ умед дошт?

– Ба чӣ умед дорӣ? – пурсида будаш Алик пеш аз он ки Светаро ба занӣ гирифт. – Гумон мекунӣ, ки ҳар хӯфтакча оқибат ба малика табдил меёбад? Хаёлпарастӣ ту, бояд афсона бигирӣ, на филмҳои ҷангӣ. Ҳамаи занҳои дунёро хушбахт кардан мехоҳӣ, вале намефаҳмӣ, ки баъзан умр барои хушбахт кардани як нафараш намерасад. Кореро кардан лозим, ки аз ӯҳдааш мебароӣ. Занеро интихоб бояд кард, ки ақаллан халал нарасонад, ки хушбахташ кунӣ.

Алик ӯро аз чизе огоҳ мекард, ки худаш, боре як саҳарӣ занг зада, бо садои ғафси хеш ба он мусоидат намуда буд:

– Пири кор, ба ман атиқаат лозим.

Атиқаи ӯ – шаклан шаддаи марҷони қадимаи оличанобе – дар асл бутафорӣ буд. Ва онро ӯ чун хотира аз нахустфилми ҳунариаш нигоҳ медошт; филме, ки дар он ҳама чиз – имрӯзу ҷангу ақибнишинии Наполеонро ба ҳам омехта буд. Мазмуни филм дар атрофи ганҷинаи Наполеон давр мезад, ганҷинае, ки мувофиқи барномааш ҳамин шаддамарҷонро ҳам дар хеш дошт.

– Аҷиб, дар куҷо бошанд занони сазовори ороишоти маликаҳо?

– Тасаввур бикун, ки дар мағозаи марказӣ. Вақте хам шуд, ки аз пештахта банди соатеро бигирад, чунон андомеро дидам, ки…

Алик воқеан рассом буд – дар симои ҳамаи занҳои зебо, пеш аз ҳама, маводи тасвирҳои ояндаи худро медид.

– Зуд розиаш кардагистӣ?

– Шавҳаршаванда дорад ва кашидани сураташ танҳо дар ҳузури ӯ мумкин аст.

Андрей андаке дертар аз вақти ваъдагӣ ба коргоҳи Алик омад. Ҷавони қадпасти жӯлидамӯе, калхотвор ба истиқболи ӯ шитофта, бо ҷуссаи хеш духтари урёнеро, ки чун маликаи рӯи тахт дар мулоимкурсӣ менишаст, пинҳон кард. Бо вуҷуди ин, нигоҳи ӯ сапедии чашмбари бадани духтарро дид ва лаҳзае дар чеҳраи он париандом, ки ҳусни табиияшро ифодаи муаммои абадии зан – муаммои ҳам дар симои ин духтар ва ҳам дар андоми зани чилсола яксон ҷолиб – комилтар менамуд, қарор ҳам гирифт.

Алик шаддамарҷонро гирифт ва чашмак зада, калиди ҳуҷраашро, ки дар ҳамон бино, дар шафати коргоҳаш буд, ба ӯ дароз кард.

– Интизор мешавӣ?

Андрей аз гастрономи паҳлӯ ду шиша шампон, апелсину банан харид ва каме андешида, аз

фурӯшанда хоҳиш намуд, ки як шиша шароби сафед ҳам бидиҳад.

– Ба чӣ умед дорӣ? – пурсид Алик пас аз он ки Андрей ҷиддияти муносибаташро бо Света изҳор дошт.

– Худат, вақте ки сураташро мекашидӣ, дар симои ӯ маликаро дидӣ-ку, – андешамандона посух дод Андрей.

– Инсонро бубин, сода, на сояи ӯро. Мо, рассомон, аксаран сояро мекашем.

– Агар ҳунар инъикоси чизе бошад, ки имконнопазирии дар ҳаёти воқеӣ ба даст овардаашро қаблан бидонӣ, чӣ арзише дорад?

Субҳ дамид, субҳи намноку тира аз абрҳое, ки гӯё ҳамин замон ба сари замин фурӯ мерехтанд. Майсаҳои ҳота, ҳамин ки ба рӯяшон по мемондӣ, он қадар қатраҳои борон меафшонданд, ки гӯё қадқади ҷӯй қадам мезада бошӣ. Андрей то дер барои духтарчааш як мушт қулфиной чида натавонист – ё зардфому хомҳояш дучор меомаданд ё пӯсидаҳояш.

Баногоҳ вай аз тасодуфе як қад парид: дар байни баргҳои сабз, рӯи майсаҳо, чӯҷаи шип-шилтае хобида, бо чашмакони ҳаросони сиёҳ ба ӯ менигарист.

– Света! – садо кард ӯ ва ба атроф нигарист. Танҳо акнун мушоҳида намуд, ки дар болои сараш фиғонкунон ду парасту бол мезананд. Дар таҳи пориса аз лонаи онҳо кулӯлачаҳои нимдоира чидаву ба девор часпидаи гил боқӣ монда буду бас.

– Чӣ гап? – пурсид занаш.

– Инро бин.

Вай майсаҳоро як тараф кард.

– Бечора, – дилсӯзона гуфт занаш, сӯи чӯҷаяк хам шуда.

– Шояд танҳо набошад? Парастуҳо одатан чор-панҷ чӯҷа мебароранд.

Онҳо хеле ҷустанд, лекин – бефоида.

– Аз афташ, пишак хӯрдааст дигаронашро, – дар овози занаш оҳанги афсӯс эҳсос мешуд.

– Пишаки худамон? – беихтиёр ва беҷо пурсид ӯ.

– Аз худаш бипурс, – неш зад занаш. – Биравам, Катяро ҷеғ бизанам. – Дар бораи дигаронаш нагӯ.

Бори аввал баъди садама духтарчаашон хандид. Балки не, ханда ҳам набуд он, танҳо бо гӯшаҳои лабонаш табассум мекард духтарчаашон, вале чашмонаш! Дар онҳо таҳайюри пурмасаррате мунъакис буд ва ончунон ғайриинтизору дилхоҳ буд ин ҳолат, ки дар дили онҳо, калонсолон ҳам хоҳиши ба дунё бо чашмони содаву мутаҳаййир нигаристан пайдо шуд. Чӯҷаяк, чӯҷаяки ҳаросон, чӯҷаяки сармохӯрда беихтиёр лаҳзае чанд ба як бозичаи муқаррарӣ табдил ёфт. Оре, танҳо лаҳзае чанд, чунки баъд аз он духтарчаашон пурсид:

– Чӯҷаяк дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунад?

Андрей ба занаш нигарист ва пеш аз он ки посух бидиҳад, хеле хомӯш монд.

– Не, дар лонааш.

– Лонааш дар куҷост?

– Ҳо-о дар он ҷо, зери пориса буд, лекин афтоду шикаст.

– Шикаст? Акнун чӯҷаяк дар куҷо зиндагӣ мекунад?

Зиндагӣ мекунад! – Чӣ содаву осон садо медод ин мафҳум дар лабони духтарчаашон!

– Шояд ба ягон ҷои кушодтар баремаш-а? – дудила таклиф кард занаш. – шояд парастуҳо ягон чиз бидиҳандаш?

Андрей сар ҷунбонд.

– Багумон. Ягон бор парастуҳоро рӯи замин дидаӣ? Пишакҳоро чӣ? Мо аз ин ҷо ғайб назада, бӯ мебаранд.

– Биёед, хона баремаш! – хитоб кард Катя.

– Ба бурдан мебарем, лекин чӣ хел сераш мекунем? Ҳанӯз бисёр майдаяк аст, охир.

– Биёед бубарем! Биёед бубарем!

Баъди чанд лаҳза занаш магаси мурдаеро оварда, ба нӯли чӯҷа монд, вале он напазируфт, ҳатто чунин намуд, ки нӯлашро маҳкамтар кард.

– Ту воре очаро эътироф кардан намехоҳад, – писханд зад ӯ.

– Маҳ, худат бидеҳаш. Фақат ту, аз парасту дида, ба уқоб монандтарӣ.

Ба бинии ӯ неш зад занаш.

Андрей шӯхиомез назди чӯҷаяк бо дастонаш болафшонӣ намуд ва ҳодисаи ғайриинтизоре рух дод: чӯҷаяк нӯлашро васеъ боз кард – он хӯрдан мехост, балки талаб мекард! Тақдири чӯҷаяк ҳал шуд.

Қуттии қандина лонаи ӯ гардид. Зери оҳу воҳи хушдоманаш болишти куҳнаеро пару пуч карданд, то ки болини чӯҷаяк гарму нарм бошад. Латтаякеро рӯпӯшаш карданд, чунки кулба чандон сард набошад ҳам, чӯҷаяк ҳеҷ хушк намешуд. Дар наздаш табақчаи пури магас монданд, вале чӯҷаяк онро гӯё намедид. Ва ин Катяро хурсанд мекард. Назди чӯҷаяк бо дастонаш болафшонӣ менамуд ӯ ва аз рафтори он, ки ҳар бор фанд хӯрда, нӯлакашро калон мекушод, шавқаш меомад. Ба худ омад духтарча, чобуку чолок, бештар хандон шуд.

Чанд рӯз буд, ки офтоб намебаромад. Дар кулба магас намонд ва акнун чӯҷаякро бо мағзи кулчаи тар зиёфат мекарданд. Як бегоҳӣ, пеш аз хоб, Катя пурсид:

– Барои чӣ чӯҷаяк ҳамоно тар аст?

Андрей хомӯш монду занаш гуфт:

– Намедонам. Пагоҳ бо фен хушкаш мекунем.

Вале ҳамон шаб чӯҷаяк мурд. Онҳо саҳарӣ хабар шуданд. Катя ҳанӯз хоб буд. Чӯҷаяк ҳам хобида менамуд, вале каллачааш ба як тараф хам гаштаву гарданаш гӯё дарозтар шуда буд.

– Худоё, – гуфт Андрей, вақте ки онҳо, то духтарчаашонро бедор накунанд, бесадо аз хонаи хоб ба ошхона рафтанд.

– Чӣ кор кунем? – пурсид занаш.

Ӯ китф дарҳам кашид.

– Катяро омода кардан лозим.

– Ту ростӣ гапро гуфтаниӣ ба ӯ? Медонӣ, чӣ зарбае мешавадаш баъди он ҳодиса?!

– Хайр, чӣ бигӯемаш?

– Намедонам… Масалан, бигӯем, ки чӯҷаяк париду рафт.

– Катя дигар он қадар сода нест.

– Пас, мегӯем, ки онро ба лонаи дигар парастуҳо гузоштем, то ки намирад.

– Вале Катяро огоҳ накардем, ҳа? Ӯро ҳамроҳ нагирифтем, ҳа?

Занаш асабӣ шуд. Гӯё Андрей барқасди ӯ чунин туву ман мекард.

– Хайр, худат илоҷаша биёб! – базарда гуфт ӯ.

– Ба фикри ман, бояд росташа бигӯем.

– Чӣ?

– Беҳтар мешавад, ки кӯдака фиреб надиҳем.

– Беҳтар мешавад? Беҳтар мешавад, ки кӯдак боз дар худ фурӯ биравад, рӯзи дароз хапу хомӯш бигардад? Гапи духтурҳоро гирифтему духтарамонро ба деҳа овардем! Беҳтараш, ки дар ҳамон шаҳр мемонд.

– Чӣ лозим ҳамин гапҳо…

Ӯ ҳаросон аз ҷанҷол, мекӯшид, ки нарм бигӯяд, ҳатто табассум намуд, ғофил аз он ки маҳз ҳамин корро намебоист кард.

– Барои ту хандаовар аст! Ту ҳамеша бепарвоӣ. Албатта! Ту, охир танҳо фикри худро мекунӣ, фақат аз ман наранҷад, шуд, мегӯӣ, фақат…

– Бас кун.

– Чӣ, бас кун? Охир, ту ӯро фақат рӯзҳои истироҳатат мебинӣ.

– Кор дорам ман.

– Албатта, кор дорӣ ту. Вале духтарча – дар гардани ман. Дар як ҳафта як бор мебиниву нӯгизабонӣ дӯстдориаш мекунӣ ва ту – хуб, дӯстдор. Ин мумкин? Мумкин. Он мумкин? Мумкин. Ҳама чиз мумкин. Бо бегонаҳо лаби дарё рафтан мехоҳӣ? Марҳамат. Бирав, духтарҷонам! Барои чӣ мондӣ, ки биравад? Барои чӣ худат ҳамроҳаш нарафтӣ?!

Ҳис кард ӯ, ки чизе дар вуҷудаш торафт тарангтар мешавад ва ҳамин замон боди пуфак барин берун меҷаҳид – ин лаҳза беш аз ҳарвақта эҳсос менамуд инро Андрей. Бадбахтӣ қарин накард онҳоро, балки монанди рентген дилу ҷони чун пештара аз ҳам дуру ба ҳамдигар номафҳумашонро аён намуд. Ба чӣ умед дошт ӯ. Чӣ мехост аз ин деҳотидухтараки аз худаш даҳ сол хурдтар? Нақши аз назари аввал дилфиреби ҳамсари коргардон барои ӯ беҳад мураккаб, бегона ва на чунон сазовори ҳавасу ҳасад баромад, ки замоне гумон дошт. Вале ӯ магар гунаҳкор аст, ки дар он дунёе, ки ботантана ба он воридаш намуд, дар он дунёи барои аксарият пурмуаммову дастнораси ҳунармандони саҳнаву рассомон натанҳо иду тантанаҳо, балки рӯзҳои тира, бисёр рӯзҳои тираи саршор аз якрангиву танҳоиву норасоии пайвастаи маблағу восита ҳам буданду ҳастанду хоҳанд буд?

…Баногоҳ дар боз шуд ва ба ошхона пои луч, дар тан шабпӯшаки дарози гулдор, боэҳтиёт духтарчаашон даромад. Дар кафи бози дасташ, ки ба сина зер карда буд, чӯҷаяки каллачааш ба як тараф овезон мехобид.

– Мурдааст ӯ, – оҳиста хабар дод духтарча.

Магаси эминмондае беист сар ба шишаи тиреза мезад ва вижжоси якоҳангаш сукути ошхонаро мешикаст.

– Бояд бигӯронемаш, – гуфт духтарча ва ҳамоно дар назари волидайн бузургсоле намуду онҳо дар

нисбати вай худро кӯдакони гӯлу гаранге эҳсос карданд.

– Ҳа, албатта мегӯронемаш, – гуфт зан.

Он саҳар, хушбахтона, борон набуд ва соатҳои даҳ онҳо, бел дар даст, ба ҳота рафтанд. Хушдоманаш, ки хатакҳоро хишова менамуд, онҳоро дида, қомат рост кард, вале чизе нагуфт, шояд барои он ки байнашон масофаи бисёр буд ё барои он ки аллакай асли ҳолро медонист. Духтарча худ ҷой интихобид, вале кандани қабракро ба падараш вогузошт. Ва ҳарчанд ки чашмаконаш саршори ҳузн буд, ҳатто ҳангоми чӯҷаякро ба чуқураки пур аз пари болишт ниҳодан ҳам ба тарзи ҳайратовар худро ором нигоҳ медошт.

– Мехоҳӣ, тӯтича бихаремат? – пурсид модараш.

– Не, – базӯр шунида шуд садои духтарча.

– Барои чӣ?

– Ягон ҷо биравем, танҳо монда, мемирад.

Рӯзи дигар оқибат чеҳраи ҳаво кушод. Ҳангоми пешин осмони ғарб рӯшан шуд ва гӯё шахси ноаёне аз он канори бешазор карбоси тираи абрҳоро мекашид, ки оқибат он пора гашт ва нурҳои офтоб дунёро пур карданд.

Хушдоманаш бачаҳаки ҳамсояро овард.

– Чӣ гап ин, ҳамеша мепурсид, ки Катяро кай меоранду акнун шарм медорад, ки наздаш биёяд.

Бачаҳак Антон ном дошт. Аз духтарча як сол хурдтар – панҷсола буд. Ҳарду як сол пеш, вале ҳангоме шинос шуданд, ки Катя аллакай ба Минск бармегашт.

– Биё, қабри чӯҷаякамонро нишонат бидиҳам, – таклиф кард духтарча.

Антон дар ҷавоб чизе нагуфта, аз паси духтарча равон шуд. Андрей сигор даргиронд. Ва то тамом шудани он дар рӯи ҳавлӣ истода, чашм аз бачаҳо наканд. Онҳо дар сари гӯри чӯҷаяк сари по менишастанд. Катя бо чеҳраи бисёр ҷиддӣ дар бораи чизе

нақл мекард. Антон дастонашро рӯи зонувон ниҳода, хомӯшона мешунид. Ӯ ҳамоно, аз рӯзи аввали шиносоияшон бартарии духтарчаро эътироф намудаву акнун омода буд ҳамаи гуфтаҳояшро иҷро бикунад.

Пасмондаи сигор ба кӯлмак афтод ва акси офтоб дар сурати қатраҳои зарини ларзон лаҳзаяке паҳну парешон гашт.

Худоё, чӣ қадар шуд, ки офтобро надидааст ӯ…

*Тарҷумаи Низом Қосим*

## Леонид ЛЕВАНОВИЧ



*Леванович (Леонов) Леонид Киреевич 14 сентябри соли 1938 дар деҳаи Клеевичи вилояти Могилёв ба дунё омадааст. Муаллифи бисёр асарҳои насрӣ ва публисистӣ мебошад. Соли 1991 аз тариқи интишороти «Советский писатель» китоби қиссаву ҳикояҳояш бо номи «Завраќи умед» аз чоп баромад. Барандаи ҷоизаи адабии ба номи Иван Мележ ва ҷоизаи федератсияи иттифоқҳои касабаи Белорус, ҳамакнун силсилароманҳои ӯ барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Белорус пешниҳод шудааст. Дар деҳаи Петриловои ноҳияи Вилейскии вилояти Минск зиндагӣ мекунад. Деҳаи азизашро фалокати Чернобил абадӣ аз рӯи замин рабуд. Ба асалпарварӣ шуғл дорад.*

## ЛИФОФА

*(Ҳикоя)*

### 1

Дар яке аз шабҳои зимистон, ҳангоми кофтукови коғазу навиштаҳои пешини хеш баногоҳ нигоҳам ба лифофае бархӯрд. Лифофа тоза, имзо накарда, холӣ буд. Дар тарафи чапи он – расми одам, зери он бо ҳарфҳои калони сурх чунин сатрҳо навишта шуда: Севченко Антон Никифорович. Дар поёнтар бо ҳарфҳои хурд, ранги кабуд чунин навиштаанд: риёзиётдони Беларус, академики Академияи улуми Беларус, ходими хизматнишондодаи илми Беларус. «Барои чӣ танҳо илм? Дурусташ «илмҳои», эрод гирифт таҷрибаи муҳарририи ман.

Ба сурат чашм медавонам; нигаҳи ба ҷонибе аниқ дӯхташуда, чеҳраи пурандеша, пешонаи ба-

ланд, мӯйҳои сафедӣ батаъни шоназада. Дар тарафи чапи расм, дар манзари сафед – ситораи тиллоии қаҳрамони меҳнат, поёнтар рақамҳои кабуд : 1903-1978. Маълум мешавад, ки академики машҳур дар ин дунёи фонӣ ҳамагӣ ҳафтоду панҷ сол умр дидааст. Дар ҳошияи маркаи кабудранг – рақами 2003. Аз ин чунин бармеояд, ки лифофа ба ифтихори садсолагии ҷашни олим бароварда шудааст.

Аз паси тирезаи хоначаи ман шамоли изғиринги феврал чун гурги гурсна нӯла мекашид, лекин маро рӯзҳои тобистони соли як ҳазору нӯҳсаду шасту як ба ёд меомаданд. Моҳи август ҳаво гарми нафасгир, вохӯрӣ бо ректори Донишгоҳи давлатии Беларус Севченко.

## 2

Ҳамон тобистон хизмати ман дар флоти Балтика ба анҷом мерасид. Э, чизаша ҳам мепурсед. Хизмат он қадар оддӣ ва осон набуд. Ман рӯзҳои охири хизматро бо бедорхобиҳои бардавом паси сар мекардам. Корҳои назоратиамро пинҳонӣ навишта, ба Минск, ба факултаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатӣ мефиристодам. Чунин мешуд, ки рӯзҳои шанбе ва якшанбе барои ба шаҳр рафтан ба мураххасӣ номи худро менавиштам. Чун дигарон хуб тайёрӣ медидам, сагаки тасмаамро то оина барин равшан шуданаш ҷило медодам, пойпушҳоямро то яллақос задан тоза, шими васеи баҳрнавардиамро аз таҳти дил дарзмол менамудам.

Нисфирӯзӣ, баъди азназаргузаронии ҷавобшудаҳо ба ҳамроҳии дӯстонам ба кпп (нуқтаи назоратӣ) ворид шудам. Баҳрнавардон фавран кулоҳҳо аз сар бадар карда, ҷониби боғи Фароғат роҳ пеш гирифтанд. Ман ҳам бисёр мехостам ба ҳамон ҷо биравам – он ҷо маро паричеҳрае, ки рӯзи шанбеи ҳафтаи гузашта мулоқот таъин карда будам, интизор буд. Лекин, чӣ илоҷ: маро лозим буд, ки

корҳои назоратиамро ба зудӣ ба Минск фиристам. Аз ин хотир ба ақиб гаштам: то соати бисту чор касе ҳақ надошт, ки пишаки маро «пишт» гӯяд. Ман ҳоло озод ҳастам. Дар дил худро барои қасамҳои бачагию беақлонаам мазаммат мекардам: ёфтам вақти дар хизмат хонданамро. Ба ҷои рақсу бозӣ, бӯсу канор майнаамро болои корҳои назоратӣ хушк карда, ахмақ барин ба ботлоқи илм ғӯтидам.

Таҳсили «ғоибона»-ам дар Таллин оғоз ёфт. Нахустин корҳои назоратиамро дар болои поячӯб, вақте ки шабона озод будам, навиштам. Аз таърихи КПСС дониста-надониста, худи китобро ба даст нагирифта, кори назоратӣ навиштам: иқтибосҳои классикони марксизм-ленинизмро аз китобҳои таълимии машғулиятҳои сиёсӣ рӯбардор намудам. Гумон доштам, ки… Не, ҳамааш хуб шуд. Бидуни шубҳа, ҳама корҳои назоратиям қабул шуданд ва барои дар имтиҳони нимсола ширкат намудан даъватнома фиристоданд. Ана, ҳамин даъватнома дар даст ман дафтари кори муовин оид ба корҳои сиёсии ҳайати баҳрнавардии сеюми Балтикаро тақ-тақ кардам. Ба дафтар ворид шуда, даст ба чакка хоҳиши мурочиат кардан намудам. Сипас даъватнома ва дафтарчаи баҳогузории донишҷӯи ғоибхониамро рӯи миз гузоштам.

– Чӣ хел даъватнома? Чӣ хел имтиҳон? – капитани рутбаи дуюм айнакашро ба чашм гузошта, коғазҳоро пештар кашид, сипас дафтарчаи баҳогузориро варақгардон кард.

– Ҳмм, ҳамаи баҳоҳоят панҷ–ку. Маълум мешавад, ки соли аввали таҳсилро то даъват ба анҷом расондӣ. Қандата зан бача!

Муовини сиёсӣ айнакашро гирифта, меҳрубонона, ҳатто падарона ҷониби ман дида дӯхт.

Ман медонистам, ки муовини қисми сиёсӣ зодаи Украина ҳаст, насабаш Мазур. Ӯ калимаи «байрақ»-ро бо шеваи азоби украинӣ такрор мекард. Ӯ ба ман

фаҳмонд, ки дар асоси қонун таҳсили ғоибонаи сарбозону маллоҳони низомӣ манъ аст, ҳатто афсарон. Баъзан вақт ҳатто афсаронро ҳам барои имтиҳонсупорӣ ҷавоб намедиҳанд. Вай хомӯш монда, пешона чин кард, оҳи сард кашид.

– Эҳ, агар ман диплом медоштам, кайҳо адмирал мешудам. Ҳа, кори дунё ҳамин-дия. Бо ту чӣ кор кунем? Давраи имтиҳонсупорӣ даҳ рӯз будааст-а? Э, сабр кун, дар рӯзномаи «Посбон» ҳамин ту дар бораи дастаи худфаъолиятии мо навишта будӣ? Ту? Офарин, бисёр нағз навиштӣ, хеле нишонрас. Дар машқи тирзанӣ иштирок кардӣ? Хуш, чӣ хел тир парондӣ?

– Аъло! Аз сӣ хол бисту ҳашт хол гирифтам.

– Қандата зан! – хурсандона изҳор кард Мазур ва афзуд:– коғазҳоятро бимону рав. Бо кумондонат гуфтугӯ мекунам. Гап пазад, аҷаб не, ба ту ҳамчун ҳавасмандӣ даҳ шабонарӯз ҷавоб медиҳем.

Корам омад кард. Сарвари ҳайат розигӣ дод ва ман имтиҳоноти зимистонаро бомуваффақият супурдам. Баъд барои супоридани имтиҳонҳои тобистона ба муддати як моҳ даъватнома омад. Муовини қисми сиёсӣ Мазур бо оҳанги афсӯс даст ҷунбонд: мутаассифона, додар, ҳеҷ кас, ҳатто вазири мудофиа ҳақ надорад, ки ба муддати як моҳ ба ту иҷозат диҳад.

Вай то дер хомӯш монда, ба паси тиреза дида дӯхт, сипас пурсид, ки волидайнам дар куҷо зиндагӣ мекунанд, сипас бо овози паст чунин маслиҳат дод: бигзор падар ё модар нома нависанд, ки яке аз онҳо бемори бистарӣ ё ки ягон ҳодисаи дигар рух додааст.

Аз рӯи ин маслиҳат амал кардам. Баъди ду ҳафта аз падарам нома гирифтам. Вай хабар медод, ки модарам бемор шудааст, ӯро дар беморхона бистарӣ карданд ва ӯ маро бисёр дидан мехоҳад. Ҳамин нома ба даст ман ба дафтари кории муовини қисми сиёсӣ ворид шудам. Вай номаро хонда сипас нобоварона ба ман дида дӯхт:

– Канӣ мӯҳри комиссариати ҳарбӣ? Ин мактуб ҳуҷҷатӣ нест, ягон қурб надорад. Одамон чиҳое ки наменависанд, – Мазур ба андеша рафта, сипас пурсид: – Ноҳияаатон дур аст?

– Ҳа, қариб бист километр аз марказ. Вале имтиҳонсупорӣ бошад ду ҳафта аст, ки давом дорад.

– Ҳм-м, кор чатоқ. Хайр, майлаш. Бигузор маро овезанд… Лекин ту бояд ба имтиҳон ҳатман бирасӣ. Беҳтараш бо тайёра бирав.

Рӯзи дигар ман аллакай дар Минск будам. Дар умрам бори аввал бо тайёра парвоз мекардам. Ил-14 ба назар бадвоҳима ва хеле бароҳат буд парвозам. Ҳамон рӯз, яъне 17 июли соли 1959 гурӯҳи мо аз фанни мантиқ имтиҳон месупурд. Ва, инак, ман ба либоси сафеди рутбаи баҳрнаварди аршад ба назди миз омадам, то билетро ба даст бигирам. Муаллима Соколовская, зани на он қадар ҷавони хушнамуд ҷониби ман бо тааҷҷуб

нигариста, пурсид:

– Шумо ҳам донишҷӯи мо? Ман… чӣ хеле, ки шуморо дар дарсҳоям надидам…

– Ман ҳамин рӯз аз Таллин бо тайёра омадам, – инро гуфтаму дафтарчаи баҳогузориамро дароз кардам.

– Ҳа, маълум мешавад, ки аз киштӣ рост ба тӯй омадед, – гуфт ӯ бо табассум.

Хонум Соколовская, вақте ки ман ба суолҳо посух медодам, бисёр бо диққат менигарист. Ба назар чунин мерасид, ки вай ба гӯшҳои худаш бовар намекард. Ёд дорам: як суоли билет вобаста ба силлогизм буд. Ман ба зудӣ, бовиқор посух додам. Ин хулосаи фикриест, ки дар асоси ду андеша ба даст омадааст. Агар андеша нодуруст бошад, он гоҳ хулосаи фикрӣ ба мантиқи дурушт мувофиқат хоҳад кард. Барои мисол: инсон миранда аст, саг ҳам миранда. Аз ин чунин бармеояд – саг ҳам инсон аст.

– Шумо аз рӯи кадом китоб тайёрӣ дидед?

Ман ду муаллифро, ки китобҳояшонро ҳини навбатдориҳои шабона варақгардон карда будам, ном гирифтам. Метавонистам боз илова намоям, зеро муовини қисми сиёсӣ Мазур иҷозати сарвари ҳайатро гирифта, маро ба китобхонаи шаҳри Таллин аъзо карда буд.

– Хайр чӣ кор кунем, рафиқ баҳрнавард. Ба шумо баҳои панҷ мемонам..!

Вақте ки аз дарсхона мебаромадам, ҳис кардам, ки фарши таги поям гаҳвораҷунбон барин ин сӯ – онсӯ меравад, гӯё саҳни киштӣ бо ҳафт балл базӯр тоб меоварда бошад. Тавассути дастони сабуки хонум Соколовская (худоё, ҷояш ҷаннат шавад) дар панҷ рӯз шаш имтиҳонро супоридам. Ҳа, ин кори осон набуд. Муаллимае, ки аз фанни таърихи матбуоти ҳизбию шӯравӣ дарс мегуфт, якравӣ мекард: наметавонам аз шумо санҷиш бигирам, чаро ки ҳоло ваъзҳоямро пурра анҷом надодаам. Профессор-адабиётшинос Николай Павленко ба байн даромад: «Хайр, агар одам мавзӯъро донад, пас… Рухсатии вай дар ҳоли тамом шудан аст. Ба таври истисно аз ӯ қабул кардан мумкин». Баъди ин суханҳо алави дилу ғазаби намояндаи ҳизб паст шуд ва аз ман санҷиш қабул кард…

Ҳуҷҷатҳоямро дар комиссариати ноҳияи Костюкович қайд намуда, шабро дар хонаамон рӯз кардам, корҳои «хонагӣ»-ро ба сомон расондам. Дар ҳуҷҷатҳоям навишта шуда буд, ки вобаста ба вазъи оилавӣ ба ман ба муддати ҳафт шабонарӯз иҷозат дода мешавад. Дер накарда, ба ҳайатамон ҳамроҳ шудам. Ба назди муовини қисми сиёсӣ омада, даст ба чакка бурда, ҳисобот додам ва дафтарчаи баҳогузориро пешаш гузоштам.Вай баҳоҳоямро дида, самимона муборакбод намуд, ҳатто падарвор ба оғӯш кашид.

Сипас зимистон фаро расид. Ба давраи навбатии имтиҳонот боз даъватнома омад. Муовини қисми

сиёсӣ Анатолий Иванович Мазур чеҳраашро туруш кардаю қавоқ гиронда, ба азоб гуфт:

– Оҳ, ман бо ту чӣ кор кунам? Ҳавасмандкунӣ?! Не! Як бор буд. Вазъияти оилавӣ? – рафта, омадӣ. Дуруст аст, ки нағз хизмат мекунӣ. Ба рӯзномаи «Посбон» мақолаҳо менависӣ, ба рӯзномаи «Нигаҳбони Балтика» низ. Барои роҳ пул дорӣ? Ҳа, охир ҳаққи қалам мегирифтӣ-ку. Хайр, ягон чиз фикр карда мебарорем. Илоҷӣ ноилоҷӣ ҳаст.

Ва фикр карда… илоҷашро ёфтанд. Ба ман бо чунин мазмун ҳуҷҷат доданд: «Баҳрнаварди аршад ба шаҳри Минск ба сафари хизматӣ фиристода мешавад. Роҳкиро, ғизои шабонарӯзӣ аз ҳисоби шахси ба сафари хизматӣ мерафтагӣ». Чунин бармеомад, ки ман гӯё дар ҳайат ҳастаму вале ному насабам дар рӯйхати раиси молия нест. Бо вуҷуди ин ман ба сафари хизматӣ меравам. Чӣ хеле ки дар халқ мегӯянд: зарур бошад, раво бошад.

## 3

Тирамоҳи соли 1960 ҳайати Зороиро ба шаҳри Пионерскии вилояти Калининград интиқол доданд. Қумондони нав ба кор омад, муовини қисми сиёсӣ ҳам нав шуд, ман аллакай донишҷӯи соли чорум будам. Дар пагонҳоям се тасма доштам, яъне старшинаи дараҷаи аввал, номзад ба узвияти ҳизб. Ба имтиҳонҳои зимистона чун пештара бо ҳамон шаҳодатномаи қалбакии сафари хизматӣ маро ҷавоб доданд. Қумандони нави ҳайат капитани рутбаи дуюм Шадрин, ки масковии қоматбаланди малламӯй буд, чеҳраи кушодаи мардона дошт, бо танутӯш, бо овози ғафс ба ман комёбӣ хоста, огоҳ намуд: «Ба чашми наззорони низомӣ нанамо».

Имтиҳонҳоямро супурдам, ба чашми наззорагарон нанамудам. Хизмат чун пештара идома дошт.

Дар яке аз рӯзҳои баҳорон, котиби ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ ба ёдам овард, ки мӯҳлати номзадӣ акнун ба поён мерасад, ба сафи ҳизб дохил шудан ло-

зим ва ман бояд корро кашол надода, худи пагоҳ ариза нависам. Рӯзи дигараш, яъне 12 апрел Юрий Гагарин ба кайҳон парвоз кард. Аз ин ҳодисаи таърихӣ илҳом гирифта, зуд қалам ба даст гирифтаму ариза навиштам: аз он ифтихор мекунам, ки нахустин касе ба кайҳон парвоз кард, коммунист аст. Сипас ҷаласаи ҳайати ҳизбии қисмамон доир гардид. Ман дар ҳаяҷон будам. Маълум, ки ҳоло ҳам ҳисси ифтихор тамоми вуҷуди маро фаро мегирифт. Як марди сарсафед – капитани рутбаи аввал пурсид:

– Шумо чаро чун писарча табассум мекунед? Шумо ба дастаи ҳаваскорон дохил намешавед шуморо ба сафи ҳизб мепазиранд. Гумон мекунам… Шумо рафиқ… Ҳоло пӯхта, нарасидаед, камтар хом ҳастед!..

Котиби ташкилоти ҳизбии мо эътироз кард: «Ин кас донишҷӯи соли чорум аст, дар саҳифаҳои рӯзномаи «Нигаҳбони Балтика» мақолаҳояш чоп мешаванд». Вай, гӯё забонашро газида бошад, хомӯш монд, лекин дар вақти овоздиҳӣ бетараф буд, яъне овоз надод.

Маро имтиҳонҳои тобистона ба ташвиш оварда буданд. Корҳои назоратӣ ба душворӣ мегузаштанд, хастагии асабҳо, дуруст аз хоб сер нашудан боиси ногаҳон касал шудани ман – шукуфа гашт. Ва ман ба табобатгоҳи ҳарбию баҳрии Балтика афтидам. Ба падару модарам навиштам, ки маро муваққатан барои хизмат ба табобатгоҳ гузаронданд. Барои сабабҳоро навиштан дастам пеш нарафт. Модарам аллакай ду касро: бародарони маро ба хок супурда буд. Бародари аз ҳама калонӣ, –сеюм аз ҷанг барнагашт. Қариб як моҳро дар табобатгоҳ гузарондам. Дар арафаи иди якуми май намоянда ва муовини қисми сиёсӣ ба аёдатам омаданд. Сардари қисм маслиҳат дод, ки ба номи сарфармондеҳ гузориш менависад, то ки маро пеш аз мӯҳлат ҷавоб диҳанд, набошад: тасмаро то тирамоҳ овехтан лозим меояд.

## 4

Бо рутбаи лейтенанти хурди истеъфоӣ ба Минск, барои супоридани имтиҳонҳои тобистона рафтам. Имтиҳонҳоямро бомуваффақият супурдам. Боз мехостам аз нав донишҷӯи ҳақиқӣ шавам, рӯзона таҳсил намоям. Барои чӣ аз нав? Баъди соли якум ман мехостам ба таҳсили рӯзона гузарам. Декан розӣ буд, сарвари қисми таълимӣ низ. Фақат розигии сарвари кафедраи ҳарбӣ намерасид. Ва ман ба назди генерал Кирсанов рафтам. Вай аризаамро хонда, ба тарафи ман бо чашмони хастаи тира нигаристу гуфт:

– Ва шумо аз ман чӣ мехоҳед, ҷавони нағз? – генерал калимаи охирро ташдиддор талаффуз кард.

– Нависед, ки шумо муқобил нестед.

– Не, ҷавони нағз, ман сахт муқобилам. Тӯпу тӯпандозӣ– ин илми душвор.–Чашмони генерал баногоҳ дурахши кабуд гирифтанд, – шумо ҳеҷ вақт бо онҳое, ки дирӯз рафтанд, расида наметавонед.– Вай даст афшонада, боз фармуд: – Ман муқобил ҳастам…

Ана, ҳамин як калима тақдири маро ба куллӣ дигаргун сохт, ки барои он ман аз генарал Кирсанов як умр миннатдорам. Миннатдории самимонаамро боз он замоне ба хубӣ эҳсос кардам, ки китоби нахустинам «Лангари умед» аз чоп баромад. Ин китоб ҳеҷ вақт навишта намешуд, агар ман бо баҳрнавардон хизмат намекардам. Акнун розигии генерал зарурат ҳам надошт. Декан Михаил Григоревич Ларченко: – марди ботану тӯш, ба хирс монанд, донист, ки ман аз Могилев мешавам, узви ҳизбам бо ин ҷавонӣ, дар рӯзномаҳои баҳрнавардон мақолаҳоям чоп шудаанд, бошавқ тап-тап ба китфонам зад:

– Канӣ, ҳамшаҳр. Ба мо ту барин ҷавонҳои чусту чолок хеле зарур, – калимаи охирро бо ташдид талаффуз карда, ба ариза имзо гузошт.

Сарвари қисми таълимӣ ҳам розигӣ дод, лекин

огоҳ намуд: идрорпулӣ намегирӣ, нонпулӣ ҳам, чунки ҳамаашро аллакай тақсим кардаем. Ва умуман, ҳамааш вобаста ба ҳиммати раиси Донишгоҳ. Маслиҳат дод, ки ба қабули ӯ шарафманд шавам. Ректори Донишгоҳ он вақт академик Севченко буд.

Он рӯзи гарми тобистонро то ба ҳол хуб дар ёд дорам. Ба қабулгоҳ ворид шудам. Зани миёнақади гирда бо мӯйҳои кӯтоҳу ғафси қайчизада, сигор дар лаб паси мошинка нишаста, чизе чоп мекард. Аризаро дароз кардам ба сӯяш. Вай ба он нимнигоҳе карда, сигорро аз даҳон гирифту, гуфт:

– Хуб. Аризаатро бимону рав, ман ба ректор мерасонам.

– Аз шумо эҳтиромона хоҳиш дорам. Иҷозат диҳед, ман худам ҳамроҳи аризаам ба наздашон дароям.

– Хуб шудааст. Лекин камтар интизор мешавӣ.

Лозим омад, ки соате, шояд аз он бештар интизорӣ кашам. Ниҳоят бо ишораи котиба ба остонаи дафтари равшан, на он қадар васеъ ворид шудам. Дар паси миз марди лоғари пешонавасеъ бо пероҳани обиранг менишаст. Мӯйсари сафедаш ҷилои махсус дошт. Мард сар аз болои коғазҳо бардошта, бодиққат ба ман нигарист ва бо нигоҳи гиранда гуфт:

– Шинед. Хуш, шунавем.

Ман нақл кардам, ки дар баҳрнавардӣ хизматам гузашт, дар факултаи рӯзноманигорӣ ғоибона хондам, акнун мехоҳам ба шӯъбаи рӯзона гузарам. Инро гуфта, аризаро дароз кардам.

– Хайр, чӣ илоҷ, ман шуморо мефаҳмам. – Севченко котибаро ҷеғ зад. – Мо метавонем ин ҷавонро ба курси панҷум гузаронем?

– Не, Антон Никифорович, ба курси охирин мумкин не. Дастурамал ҳаминро тақозо менамояд.

Севченко абрӯ ба ҳам кашид, дар пешонаи васеяш ожангҳо падид омада, чуқурча шуданд.

–Ҳм… м, чӣ бояд кард? Чӣ илоҷ? Шояд ба курси чорум? Ду соли дигар донишҷӯи рӯзхон мешавед. Маззаи ҳаёти донишҷӯиро ба хуби эҳсос мекунед.

– Ман розӣ! – шодона бо хитоб гуфтам.

– Ана, ин гапи дигар, – академик банохост васеъ табассум карду айнакашро болои бинии васеаш поён фуровард.

Вай саросема болои ариза чизе навиштан гирифт. Ман ба кафи васеи бақувват, деҳқоннамои ӯ, ки қалами хурдрангро медошт, бо шавқ менигаристам. Аз оринҷ боло дасташ борик. Зиёинамо омад ба назарам. Навиштанро Севченко тамом карда, аз ҷо бархост, аз паси миз гузашта, дасти маро фишурд:

– Кӯшиш кунед, ҷавони нағз! Ҳамеша ҳамин хел мегӯяд дӯсти ман Михас Линков. Аҷаб не, аз ту нависандаи хуб мебароянд. Роҳи сафед ба ту, писарам!

**5**

Аз нав гаштаю баргашта ба лифофа дида медӯзам. Дар болои ситораи тилло, ки фазои томиро таҷассум менамояд, аз рост чеҳраи одаме болои заррабин хам шудааст. Он тарафтар тарҳи бинои боҳашамат: ё донишгоҳ, ё фарҳангистон. Ақиби лифофаро мехонам: лифофа маҳсули фабрикаи Борисов аст, рассом А.Хвесюк. Ба андеша рафтам: аҷиб, вай мард бошад ё зан? Боз аз сарам чунин андеша гузашт: ташаккур ба онҳое, ки таҷлили зодрӯзи физики шӯҳратёрро аз ёд назудудаанд. Инсонеро, ки паи қаламаш ба ман ду соли пурҷӯшу хурӯши фасли донишҷӯиро бубахшид. Акнун баъди гузаштани солҳо, аз баландии умри рафтаам метавонам иқрор биоварам: ду соли беҳтарини рӯзгорам.

*Тарҷумаи Ато Ҳамдам*

## Микола БУСКО



*Микола Буско (Николай Иосифович) соли 1940 дар деҳаи Погорелкои ноҳияи Кореличи вилояти Гродно таваллуд шудааст. Техникуми саноатӣ ва Дорулфунуни санъати Москваро хатм кардааст. Шоир, насрнавис, тарҷумон, рассом ва сиёсатмадор аст. Узви Иттифоқи нависандагони Белорусия буда, дар шаҳри Баранович зиндагӣ дорад. Ин ҷо се ҳикояи лирикии адибро пешкаши хонандагон менамоем.*

## ГӮШАИ ҶАННАТОСО

Оё шумо чунин гӯшаи аҷоибро дар бешазорҳои Налибокс, мисли кӯли Кроман медонед? Ва агар андар рӯйи Замин ҷаннате бошад, пас ҳамон аст, ки дар ҷойҳои беҳамто ва нотакрори кишвари Принеманск арзи ҳастӣ мекунад. Дар оинаи васеъ ва ноороми оби он офтоби саҳарӣ тулӯъ мекунад. Ва он – боиси шодкомии ҳам ҳайвонот, ҳам наботот ва ҳам тамоми он бешазор мегардад. Оби пурҳикмат мавҷ мезанад, ба изтироб меояд, пулакчаҳои тилоӣ барин ҷило медиҳад, дар сатҳи каб-кабудаш мавҷ ожангҳо ҳосил карда, акси дарахтони осмонбӯси ҷангал ва қамишзоронро дар худ таҷассум месозад.

Он ҷо, дар лавҳаи фараҳбахши аз туман нақш бастае, тамоми соҳил бо азамати худ ва абрҳои сапсафед, дар қаъри бетаги кӯл чун маҷмӯи киштиҳои ҳарбӣ пеши чашми шумо ба ҷилва меоянд.

– Эҳ, чӣ қадар зебо-о! Чун афсона-е! – мегӯед шумо аз ғояти мафтунӣ.

Дарахтони сершоху барги хушк андар соҳил чун динозаврҳои замонҳои хеле қадим афтода, хобида-

анд. Ғуруми качу килеби шоху танаи дарахтон бо мурури вақт сиёҳ шуда, дар қаъри кӯл такя овардаанд. Танаҳои кӯзпушт ва бо пӯстлоххои ғафс фаро гирифтаашон ҳамчун ҷавшан онҳоро аз боду боронҳои шадид нигаҳ медоранд.

Мебинию туро даҳшат фаро мегирад, хаёле ки онҳо ҳамин ҳоло ба ту ҳамлавар мешаванд. Аҷаб не, онҳо аз асри санг ин ҷониб берун омадаанд ва дар интизори ҳамқавмҳои худ шах шуда мондаанд!

Як нури дилпазире ба чашми ман хурд, маро гармӣ бахшид ва табъам равшан намуд.

Рӯ ба рӯйи ман, дар ҷазираҳаки регзори аз сабза фаро гирифтае, дӯстони ман саф кашидаанд: ниҳолакҳои нозуку дарозу борики тӯс, арчаҳои пастаки сабзу хуррам, ки акнун домон паҳн кардаанд.

Оҳ, чӣ қадар зебо! Воқеан ҳам як гӯшаҳаки ҷаннат-е!

Чунон ки дар ҷаннат, аз рӯйи қойида бояд вуҷуд дошта бошад, ин ҷо низ ҳама чиз мавҷуд аст барои инсон: хонаҳои хуб барои меҳмонон, завракҳои тагашон ҳамвор дар интизори шумо рӯи оби тунук мавҷ мехуранду меҷунбанд. Асбобҳои моҳигирӣ низ ҳастанд, ки ба нӯги ходаҳо баста шудаанд. Атроф сабзу хуррам, озод нафас мегирӣ, роҳат мекунӣ.

– Ту ошно, ҳӯ-ӯ ба он сӯ нигар! – Шунида шуд овойи касе. – Буттаи дарахти заранг камзӯли сурхи худро гӯё ба бар карда, бо ғубайро омодаи арғуштравӣ аст. Ниҳолаки маҷнунбед лаби ҷарӣ руста, гӯё соҳибхонаи меҳрубоне бошад, мушаввашхотир асту бо ширполо аз даруни об пораабрҳои сафедро бардоштанист.

Ҳоло, то чашми ман ба кулли рангҳои беҳисоби он ҷо одат мекунад, ҳарисона тамоми зебоиҳои нотакрори ин ҷоро меомӯзам. Бо диққат ба соҳилҳои дуру норинҷӣ менигарам.

– Ҳо-о, ана аз куҷоянд ин ҳама зебоӣ?

Дар пеши назари ман оилаҳаки болу пардорон иборат аз ду болиғу шаш чӯҷаҳаки бозингар, ки рӯ-рӯи оби кӯл шино карда, мавҷҳоро бурида мегузаранд. Сӯи соҳил меоянд онҳо.

– Ин сӯ, ба ин тараф, ҳо, ба ин сӯ оед! – табъи равони онҳоро фаҳмиданӣ мешавам. Аз ниятҳои неки ман огоҳӣ ёфта, онҳо даступо зада, сӯйи ман шино карда меоянд.

Парандаҳо низ мисли одамон дар интихоби дӯст хато намекунанд ва онҳоро ба неку бад ҷудо намесозанд.

– Са-ло-м, қувони зе-бо!

Оҳ, онҳо чӣ сон сап-сафеданд-а?! Ва ин шаҳомату бузургии қувони сафедро ҷаҳон медонад. Оҳ чӣ қадар бузургию ҷозиба мавҷуданд дар ҳастии онон!..

Ҷуссаҳояшон ҳамчун қатраҳои оби дидаи кӯдак, чашмонашон сип-сиёҳ, минқорҳошон суп-сурх, зеҳашон чун тасмаи хайма сияҳ, ки ин хос аст маҳз ба қуйи гардандарозе – ба шакли аломати суол ва дорои пару боли пурқуввати рӯйи об шинокунанда: ҳамин нав, дар тӯли садсолаҳо ин қувони зеборо тавсиф карданд ва онҳоро танҳо модари ҷонии мо – табиат тавонистааст ин қадар банур офарад!

Мурғони бовиқор – қуҳои зебо дар авроқи абадият ҷойи сазовор ишғол кардаанд. Ва аз ин боис вақт ҳам барояшон ҳукми дарозумрӣ бахшидааст. Маълумоте ҳам ҳаст, ки қуи соли 1817 ба пояш ҳалқа задашударо соли 1878 кадоме ҳадафи тир қарор дода, гирифта будааст.

Қувон аз парандагоне маҳсуб мешаванд, ки бас боваркунандаанд. Аз ин рӯ онҳо дам ба дам ҳадафи тир қарор мегиранд. Вале боварӣ ҳаргиз бо эҳтиёткорӣ ҷойи худ иваз нахоҳад кард.

То лаҳазоте, ки ман дар васфи парандагон мадҳияи худро месурудам, оилаи қувон байни буттаҳои ғеши берангу пажмурда саф кашиданд. Ва алуфа баҳри чӣ мерӯяд – дар ин бора онҳо баҳсу

талош намеварзанд. Аммо таври росих медонанд, ки: ғизо-сурушест, ки дар меъдаи ҳар як ҷонзоди рӯйи олам таври доимӣ нақораи худро менавозад.

«Меҳмондорӣ бояд кард, вале бо чӣ?» – пайдо шуд фикре дар ман. Ва худи ҳамон лаҳза ба ёдам расид: дар борхалтаам як лӯнда караме, ки модарҷон дода буд, ҳаст.

«Оё мехӯранд онро?». Як барги сафедашро ҷудо карда, ба қисмҳо ҷудо бинмудам ва оҳиста рӯйи об андохтам. Қуйи аз ҳама бузург-падарашон ду-се нул заду сипас ба паҳлӯяш нигарист ва бо овози гирифта нафир зад:

– Ҳе-ҳей! Ту чӣ гуна инсони бефаҳмӣ!

Маълум, ки тӯҳфаи ман ба вай маъқул нашудааст. Ба парандагон худи дарахтон ҳам як ғизои табъидилӣ пешкаш кардан натавонистанд. Худи ҳамин, аллакай, барои онҳо нишонаест: ҳанӯз тирамоҳ ба эшон иҷозати парвозро ба мамолики дигар надодааст.

Қувон аз соҳил дур рафтанд, гирди ҳамдигар ҷамъ шуданд, гӯё байни худ дар оила ба қароре омаданд.

Оҳ, чи гуна ба чашми кас торик метофт ин ҷаҳон, агар мо дар бораи парандагон ҳеҷ чиз намедонистем!

Ман лаб фурӯ баста, ба оби равон менигаристам. Об дар ҳама ҷо об аст. Нерӯи адонопазири он нерӯест, ки худи ҳаёт бе он маъное надорад! Мо низ ҳам унсури ҳамонем. Таассуроти ман аз ошноӣ бо ин кӯл, мисли навниҳолаке одист ва беқарор аст мисли насим.

Кӯли байни беша – Кроман – ҷоест барои осоиши ҷону тан. Дар ҳамон ҷо қудрат ва тавоноии ҳаёти худро эҳсос менамоӣ. Вай туро мафтун мегардонад, сӯйи худ мехонад, даъват менамояд, мекашад бо нерӯи нонамоёни худ. Ба вижа, дар асnои шукуфоӣ, ки он дар баҳорон сурат мегирад, – ҳама ва ҳама чиз бедор мешавад ва аз ҷилои гулҳои ран-

горанг гӯё худи офтоб ҳам ба замин наздиктар хамбида менигарад, ки оё дар атрофи ин кӯл ҳамаи гулҳояш чаман барин шукуфтаанд?!.

Ба гулҳо бингаред. Ба рангобарангии сабзаю себаргаҳо зеҳн монед ва аз осмони кабуд илҳом бигиред. Шумо эҳсос хоҳед кард, ки чӣ гуна ҷони шумо аз эҳдои онон роҳат мекунад. Ҷисматон аз нерӯи фараҳбори кайҳонии он пуропур мегардад ва дар чеҳраи шумо табассуми фараҳбахше гул мекунад. Ҳар як ҳуҷайраи тани шумо аз таъсири оташи зебоӣ танвир мегардад.

Оҳ, чӣ қадар сабук нафас метавон гирифт! Мавзунӣ, зебоӣ, малоҳат! Ва шумо дар шомгоҳи тобистон ба пораабрҳои шиновар оромона бингаред, гуфтугӯ кунед бо осмон. Ва шумо дар марғзорони Каҳкашон Галаситораҳои Қувонро мебинед. Онҳо қисса мекунанд, ки гузаштагони қаҳрамони мо аз қадим дар харитаи ситорашиносӣ Галаситораҳои Қувонро ба шакли салиби дарозрӯя ва ё ба шакли тир кашидаанд, ки ба парандагони олам хатти ҳаракаташонро ҷониби ҷануб нишон медиҳад.

Рӯйи сабза нишаста, таассуроти хешро рӯйи коғаз меоварам ва хотираҳои овони бачагӣ ба сарам мезананд, ки маҳз дар ин манзилу маъво гузаштааст, дар фарози соҳилҳои Неман ва кишвари аҷоиботи Налибокс паси сар гаштааст. Зебоиҳои нотакрори зодгоҳ одатан ба хотири мо онро мерасонанд, ки худи мо аз баҳри чӣ омадаем дар ин олами буқаламун!

Ана, барои чӣ бо табиат, дар танҳоӣ ва пайвастагӣ, бо ҳамбастагию нерӯи рӯҳияи қавӣ ибтидои офаринишро бараъло эҳсос менамоӣ. Аз сидқи дил гуфтугӯ мекунӣ ва бо тамоми қалб ба моҳияти ақли солим сарфаҳм меравӣ. Дарк месозӣ он манбаи нерӯи ниҳонӣ – рӯҳи муқаддасро, ки маъвои ту – кӯли Кроман доро будааст онро.

# ГУРГИ ПАШМИН

«Вай кучо бошад? Наход, ки набиёяд-а?»-пирамард дар шубҳа афтод. Ва бодиққат дар нимторикии атрофи ботлоқзор ва ҷойҳои моҳидории бомашро хароб кардаи шамолҳои сахт менигарист. Марғзорони ғешавӣ батадриҷ ба пушта ва ботлоқзори поёни теппаҳо рафта мерасид. Он ҷо ҳар як теппаю пушта ҷаҳони ба худ хосро дар худ ниҳон медошт.

– Охир, қабурғаҳоятро зада, хоҳам шикаст! – хашмоварӣ мекард пирамард. – Пасон хоҳӣ донист, ки чӣ гуна ба беша даромада, баҳузур гови бешохбанд барин худсарӣ карда, мегардӣ!..

Пирамард оҳиста-оҳиста аз пайраҳаҳои теппаҳо гузашта, аз паҳлӯи буттазорҳо тарафи бешазори дарахтонаш гуногун қадам мезанад. Вай дар пуштае, ки говраҳа ба он ҷо гирифта мебарад, рӯ меоварад. Ба фикр меравад. Ба садои ҳар шарфаи даруни беша гӯш медиҳад ва гоҳе ба дуродур назар меафканад. Аммо дар пеш, рӯйи ботлоқзор, дар шафақи гулобиранги зери осмони кабуд, дар нимторикии субҳи тирамоҳӣ селаи кулангҳо камонаке ҳосил карда, якбора ниҳон шуданд.

– Пай... Кадом ҷонвар гузаштааст, – рӯи реги сафедчатоб пирамард пайи нохундори пойи ҳайвонеро бидид. – Аҷаб не, пайи гург! Куҷое дар ин наздикӣ лонаи онҳо мавҷуд аст. Хеле наздик, он ҷо дам мегиранд, аз афташ.

Ҳамин ки қурси офтоби сурх аз ақиби беша баланд мешаваду боди шӯху сарсар сояро аз сари сабзазорон дур месозад, говон аз чарогоҳ бозмегарданд. Ҳаворо бӯю накҳати шири гарм фаро мегирад. Говҳо думашонро хода карда, дав-давон бо чарогоҳ хайрухушкунон батадриҷ хона ба хона тақсим шуда мераванд.

Ғӯли пашмин дар ин хусус фикри худро дошт: то сер шуданаш алаф мехӯрад, чанде дар ботлоқзор

ҳам «сайру гашт» мекунад, зери буттаҳо ғел зада, гӯё ки он маҳз барои ӯ рӯйида бошад, шӯхию бозӣ мекунад ва баъд дилу бедилон, лангон – лангон сӯйи деҳа нишеб мешавад.

Дастпарвари худро бояд мунтазир шуд ва Бовтрук роҳашро давом медиҳад – сӯйи чап (чӯбфарш, ки рӯи ботлоқ, барои гаштан мемонданд), ба ҳар тараф менигарад, мечӯяд, ки шояд гӯсолаҳакашро куҷое – зери буттаҳо хоб бурдааст. Не, онро пайдо карда натавониста, дуои бадро арзонӣ медонад:

– Ҳаром мур, туро гург хӯрад... Одат кардаӣ акнун, то кай пас-паси ту кофта мегардам? Ҳайвончаи беақл!..

Бобо чор сӯро аз назар гузаронд, пуштаҳои атрофи ботлоқро таҳқиқ кард. Ягон ҷойи (замини) хушк пайдо карданӣ шуд, то каме дам гирад, пояшро дароз бикунаду бишинад. Вале он ҷо пури хомӯшак, мисли пора абрҳои зинда ҳаракат мекунанд-е, боз оҳанги мусиқиашон сарзиёдатӣ... Ҳатто оҳангсоз ҳам лозим не, андак вақт сарф намоӣ, оҳанги тайёрро рӯйи нота сабт месозӣ ба осонӣ.

Андаке дуртар аз пушта, сӯйи ботлоқор изи ғели ароба намудор аст, ки он ба даруни ботлоқ ғӯтидааст. Рӯйи оби он ҷоро саросар қублачаҳои занголудае фаро гирифтаанд. Рӯ-рӯи ботлоқи сипсиёҳ бо тамоми суръат шамоли сахте вазида, тахминҳои боборо пароканда мекард.

Дуди кабудчатоби нимторикӣ гӯё замини соҳилро фаро гирифтанд. Паррандагони шохи дарахтони беша то рафт бештар дар оғӯши торикӣ мемонданд. Ва аз он сӯ овозҳои даҳшатафкан ба гӯш мерасиданд: «Ва-у-у-у!». Акси ин садо ба танаи сип-сиёҳи дарахтони санавбар бархӯрда, боз ҳам шадидтар садо медиҳанд, сипас ҳама дар он бероҳаҳои махуф хомӯш мегардиданд. Ҳамаи инҳо аз он далолат мекарданд, ки дар он атроф оворагарди гузарое гаштугузор дорад.

– Эҳсосот, ниҳоят поён ёфтан дорад, – пичирос

мезад худ ба худ пирамард. – Тарсу ҳаросе ӯ дар худ эҳсос намекард. Инро бар ӯ ҷангҳои беамони зидди фашистон парварида буд.

Танҳо хасташавии худро андаке эҳсос мекард. Ва ҳамин ки Бовтрук бобо каме нишастанӣ шуд, садои шалапас задани обро бишунид.

– О-ҳо-о! Ниҳоят худро даруни об мезанад! – бо найзаи фӯлодии худ таҳдид намуд пирамард. – Ана, акнун ман адаби туро медиҳам! Ин одату хислати ту – ҳайвони бешохбандро Худо бардорад! Шохат бишканад илоҳо!...

Дар торикӣ аз пеши чашмонаш шабаҳи пашмӣ бигзашт. Вай оромии шомгоҳонро хароб кард, дар соҳил таваққуфе намуд. Бо тахтапушти калони худ шохаҳои рӯи ботлоқ гузошташударо афтонд.

Ҷонзоди танҳо дар як лаҳзаи воҳид таваққуф намуд. Вай фикр мекард, ки чӣ тавр аз хатар эмин бояд монд ва ба ақибаш нигоҳ накарда, худро ба чакалакзор бизад. Ҳамин вақт аз як бурҷ чанд ҷуссаи бодпо бо тамоми суръат аз ақиби шабаҳ давиданд.

«Гург-ҳо-о!» – чун барқ аз фикри ӯ гузашт. Бовтрук дар ҷояш карахт монд, баъд сару либосашро дуруст карда, найзаи нӯгаш фӯлодинашро ба зарба омода нигоҳ дошта, аз тариқи теппа рӯ ба фирор овард.

Расо пеши чашмонаш, сад қадам дуртар галаи ҳайвоноти ваҳшӣ, ки аз сето изофатар набуд, ба гург ҳамлавар шуданд. Хун аз думу пойҳои пурқудрати даҳонзадаи гургон рӯи сабза фаввора мезад.

Бовтрукро вазъи даҳшатбори он мавзеъ, ки пури ҳайвоноти ваҳшӣ буд, ба даҳшат афканд. Ҳатто шамол, гӯё аз тарс гоҳе мевазид ва гоҳе худро рӯи обҳои мурдаи ботлоқ меандохт. Ботлоқ ҷӯшида, боло мебаромад. Пас аз чанде чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Атроф тип-торик. Рӯйи ҳам модару ҳам модарандар – сиёҳ! Сатҳи об ҳам баланд хест, дар он акси ситораҳо падид омад.

Барои пирамард ин торикию зулмот даҳшатовар набуд... гӯё фарёди ниҳонии ӯ ба шумор мерафт... Аз ҷониби ботлоқзор бӯйи хун, бӯйи марг меояд, – мешунавӣ? Абадан талош баҳри ҳаёт ва ҳамин тавр ҳам бояд бошад... Ҳамеша дар сари заҳмат, дар сармову дар гуруснагиҳо!.. Мегӯянд, ки «Гург аз пояш миннатдор!» ва хулоса мекунанд, ҳамин тавр не? Дар ин набарди барои ҳаёт не, балки барои марг, танҳо як чиз намерасид, ки он ҳам – тир!..

Бовтрук ногаҳон рӯйи замин афтод, сипас каме ба худ омад, ҳуш бар сараш зад ва найзаи нӯгаш фӯлодини дар дасташ бударо сахт фишор бидод, баъд тарафи пайраҳаи шоху шаппа партофташудаи рӯи ботлоқ қадам зад. «Не, вақте ҳам, ки Одерро ба даст даровarda буданд, ба ин андоза даҳшатбор набуд! – худро аз тарс таскин медод пирамард.

Дили бобо қарор ёфт – онро эҳсоси кунҷковӣ фаро гирифт. Вай интизорӣ мекашид, ки ботлоқ буқачаашро бозмегардонад, аммо ботлоқ ӯро бо ҳайвонҳои ваҳшӣ рӯ ба рӯ кард. Қонунияти ваҳшиён бас сахт аст: оқибати набард барои қасос марг аст!

Ҳоло каме ором, қарорӣ ҳукмрон, гӯё кадом рӯинтан болу пари шамолро аз чаҳор тараф боздошт. Ва Бовтрук ҳамин ки сӯи гургони ҳамлаовар нигарист, онҳо худи ҳамон лаҳза даруни паттазорони ғанабрафта даромада ғайб заданд.

Ногузир чунин фаразия тавлид мегардад: ҳаёте, ки орӣ аз тарсу ҳарос аст, чандон мароқовар нест.

Бобо хост, ки дигар сӯйи хона баргардад. «Ва шояд буқачааш аз раҳи соҳили рӯд хона рафта бошад? – аз фикр мегузаронд Бовтрук. – Эҳ, чӣ хел боақлак аст вай. Ман ӯро дар ин ҷойҳо ҷустуҷӯ дорам-а?..» Пирамард тез-тез қадам монда, сӯйи деҳа равона шуд.

Аз паҳлӯи ҷангали нави маҷнунбедҳо рӯди тезобе пойин ҷавлонзанон мефуроянд. Аз ақиби он буттазорҳои роздорон шурӯъ мешаванд, чанд

ҷазирачаи камдарахт дорад, ки пури қамишҳои сар ба осмон кашидааш ҳаст. Оби рӯд онҳоро бо чустӣ хаму рост месозад ва он барои ҳамаи атроф кифоят мекунад ва зиёдатиаш роҳи худро идома медиҳад, ҳар ҷо-ҳар ҷо шаршарае ҳосил мекунад! Ва гӯё фикрҳои боборо бо худи ҳамин тасдиқ менамояд.

Аз ҳаво бӯйи хун ба димоғаш мерасад. Дар паҳлӯи буттаҳои хунолуд ва алафҳои зерипошуда бо шиками чок-чоку дарунаш тамом рехта гурги пире мехобид, ки дарақ-дарақ меларзид. Ва бо он сардори ба ном тӯдаи гургон. Вай ба зарбат ҷаҳише ба амал овард ва бо дандонҳои ашки бемуҳобояш шиками онро бикафонд.

Ва бо ҳамин тамоми оташи қаҳру ғазаб дар чашмони гурги пир якбора хомӯш гардид.

Боз ҳам сукунат ҳукм ронд. Дар самои беохир, дар он шаби тор писарҷони Замин – Моҳ тавлид гардид. Вай бо нури афсурдаву кабудчатоби худ рӯи ҷасади сард гаштаро рӯшан намуда, ба расидани рӯҳи гургона то ба Моҳ раҳ бикушуд.

## ЧӢ ҲАМЕГУФТ САРВИ САНАВБАР?

Хаста шудам.

Дар бешазорони наву соҳилҳои рӯди Ушӣ, зери ҷариҳои жарф фуруд омадам, то манзиле пайдо бинмояму андак нишаста, фориғ нафас бигирам.

Дар тори сарам бод мевазид.

Дарахтакони тӯсу арчаҳо бо ҳам гуфтугӯе доштанд.

Ба сӯҳбати онон мароқ зоҳир бинмудам. Бале, ҳамон ҷо, рӯи кундаи мағорбастае биншастам.

Вай аз ҳар сӯ, мисли бобои пиру бемор, гӯё аз мӯинаи сафед барои худ болишти гулдоре ҷӯр карда буд. Болиштакҳо қолини патдорро ба ёдам мерасониданд ва гоҳе ба гулдони овезоне монандӣ пайдо мекарданд.

Аз қаъри ҷарии намнок, байни алафҳои худрӯй,

қатори халанҷ (буттаҳои сӯзанбарги ҳамешасабз) сӯи рӯшанӣ нигоҳ карда, ғав мекашиданд.

Он ҳама рустаниҳои рангоранги зебу оро ёфта, ҳамчунон диққати туро ба худ мекашиданд, ки хоҳӣ-нахоҳӣ, андаке таваққуф бинмуда, бингарию бингарӣ, то он ки ҳатто, хӯрдану нӯшиданро ҳам аз ёд бубарӣ.

Гарданпечи пашмини худро гирифта, чорқат карда, мондам, то ки гарму нарм гардад ва рӯйи он биншаста, по дароз кардам.

Нури офтоб осмони бешазорро музайян гардонид. Субҳи босафо ба тан ҷон мебахшад. Накҳаташ мисли бӯйи хуши асал ба димоғ мерасид. Насими саҳарӣ охирин нишонаҳои торикиро, ки дар пастхамиҳо, зери буттаҳо гӯё пинҳон буданд, рӯфта, ким-куҷоҳо мебурд. Дарахтон оҳиста садое аз худ хориҷ мекарданд ва савти булбулакон то рафт баланду дилнавозтар садо медоданд.

Чашм ба осмон дӯхтам. Ситорагонро дидам, ки чун шарора ҳар сӯ пош хӯрданд, хаёлам, ки дар осмон тарфбозӣ шурӯъ шуда. Бешаро то рафт бештар нури офтоб пур мекунад ва он даруни нур гӯё оббозӣ дорад. Нуре тарафи ман низ назар кард, аз роғи шоху баргҳо, вай сабзаи шабнамфитодаеро гарм сохт. Оруи асал сари он омада биншаст ва ба гӯши гулаш бигуфт:

– Оҳ, ту чи хел зебоӣ!

Ҳамаи барги гулҳои шохҳои дарахтон пораабрҳои сапеду гулобиро мемонанд.

Насиме шӯх-шӯх вазида, он пораабрҳоро ба ҷунбиш меоварданд, гӯё абрпораҳо зинда мешуданд.

– Ҳамааш баҷо! – гӯё ба ман мужда мерасонд насим. – Мебинӣ ниҳолакони тӯс гӯё гулпӯш мешаванд, буттаҳои зарангу фарк гӯё пероҳани зарду сурхи хеш ба бар кардаанд.

Хаёлам, ки атрофи маро посбонон фаро гирифтаанд. Найзаҳои тилогуни сарву санавбарҳо ба само

сар кашидаанд. Дарахтон ҳама ором-ором аз худ садо мебароранд. Санавбарҳо чун инсон сухан гуфтанро дӯст доранд. Ҳамчу ҳамсоя ба ҳамсоя ба ҳамдигар ҳар гуна фасона мехонанд, ба мисли духтаракон қаҳ-қаҳ мезананд. Вале, гуфтугӯи онон на ҳамавақт ба тарҷума эҳтиёҷ дорад.

Пораи нону ҳасибамро мебарорам, бисёр мехоҳам, ки наҳорӣ бихӯрам. Ва ногаҳ нигоҳи ман ба сарви санавбаре дӯхта шуд, ки хушку пӯстлохаш канда шуда...

Сознар чашм дӯхтам: қатраҳои қатрон, ҳамчун қатраҳои ашк аз ҷойи ҷароҳаташ мечаканд, аз рӯйи ҷароҳати калонаш.

– Ва он чист? Ҳо-о, медонӣ он чист?

Он ҷо гавазн омада буд?

Бале, гавазн сарви санавбарро дӯст медошт, ба он меҳр баста буд ва гавазн бо шохи худ пӯсти бадани махмалини онро канда гирифт.

Ва ин кай рух дода буд?

Сарви санавбар ба ҷунбиш омад. Хаёлам, ки гапи ман маъқулаш гардид. Сари ҷингиламӯяшро биҷунбонд ва ба пойин назар афканд:

– Ҳо-о, шохи вай (гавазн) кайҳо афтодааст, аз нав баромадааст, бас зебо, пурқувват.

Зи нав мехостам ба хӯрдани наҳорӣ даст барам, ногаҳ садои ҳезумкафон ба гӯшам расид.

– Вай кист он ҷо?

Бодиққат ба бешазори арчаву сарву санавбарҳо менигарам.

Вақти зиёд лозим нашуд. Шарақкоси шохҳо ба гӯш расид. Ва ниҳоят буттаҳо як сӯ шуданду сари пуршохе намудор гардид. Ҳайвони бузург шохҳои худро боло бинмуд. Онҳо зери нури офтоб ялаққос заданд. Пешобағали васеяш аз шабнам тар шуда буд. Паҳлӯҳои сергӯшташ ранги хокистарию кабудчатобе дошт. Шохҳои он ҷонвар ба ранги сияҳи меваи девток олуда шуда буд. Маълум, ки сер шуда, ангури ёвоӣ (аз девток) хӯрдааст.

Гавазн ҳини хайрухуш думи сафеди худро ба шакли аломати суол бардошт ва бо суръати тамом давиду аз теппа нишеб шуд.

Ман ба зудӣ сарфаҳм нарафтам: гавазн он ҷо нақши ҳунарманд (артист)-ро мебозид, аммо ман тамошобин будаам.

«Маълу-у-м. Сарви санавбар рости гапро гуфт, – аз дил гузаронидам. – Ва акнун ман наҳорӣ хоҳам хӯрд. Бастаи хӯрданиҳоямро воз кардам».

– Фр-р-р! – ба парвоз омад аз алафзоре назди ман момоҷурғотак.

Вай ба ман менигарист. Саракаш давр мехӯрд, ҳамчун раққосак ин сӯю он сӯ. Сипас вай болои шохчае ба парвоз баромад ва гуфт:

– Тив-тив, ман кайҳо наҳорӣ хӯрдаам.

– Чӣ хӯрдӣ?

Момоҷурғотак мастона ҷастухез мекард, рӯйи шохчаи нозуке чолокона давр мехӯрд ва чанде нағмапардозӣ бинмуду монои ҳунарпешае зери гумбаз сӯйи ман ишорате карду парвозкунон ба даруни буттазор рафт.

Аз ин ки момоҷурғотак ба ман чӣ гуфт, нафаҳмида, дилтанг шудам ва ниҳоят дарк бинмудам, ки вай чӣ мехост бигӯяд: «Ана, дидӣ, ман чӣ ҳунарҳое дорам? Аммо ту ин тавр карда наметавонӣ!»

Момоҷурғотак бо чӣ наҳорӣ карданашро нагуфт, вале онро низ ман фаҳмидам: гавазн шохи худро ба санавбари бузург молиш дода, – молиш дода миқдори зиёди пӯстлохи онро канда, партофтааст. Даруни пӯстлох мӯрчаҳо лона монда буданд. Аз афташ момоҷурғотак сер шуда, тухми мӯрча хӯрдааст ва ё аз хӯрданиҳои болаззати кадом парандае сарфи ғизо намудааст.

*Тарҷумаи Истад Қосимзода*

## Алес НАВАРИЧ



*Алес Наварич 2 ноябри соли 1960 дар деҳаи Видибори ноҳияи Сталини вилояти Брест таваллуд шудааст. Баъд аз хатми мактаб дар сохтмон ба сифати бетонрез кор мекунад. Соли 1978 ба Донишгоҳи тиббии Минск дохил мегардад, сипас таҳсилро дар Дорулфунуни ҷумҳурӣ идома дода, баъди хатми он ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти рус ба фаъолият мепардозад. Пас дар маҷаллаи ҳаҷвии «Вожик» («Хорпушт») муддате заҳмат мекашад. Сонитар вазифаи сардабирии маҷаллаи «Пробужденье» («Бедорӣ»)-ро ба ӯҳда мегирад. Аз соли 1995 ба ин ҷониб аввал дар маҷаллаи «Берёзка» («Тӯс»), баъдан дар маҷаллаи «Полымя» («Аланга») фаъолият мекунад. Ҳоло сардабири «Всемирная литература» («Адабиёти умумиҷаҳонӣ») мебошад. Адиб муаллифи як силсила маҷмӯаи ҳикоёт, қисса ва романи таърихии «Гурги литвонӣ» маҳсуб меёбад, барои бачаҳо ҳам менависад. Аз соли 1988 узви Анҷумани нависандагони умумииттифоқ, ҳоло узви Иттиҳоди нависандагони Белорус мебошад.*

## НИШОНИИ ОДӢ

Ҷавонмард, донишҷӯйи пойтахт, ба шарафи 8 март табрикномаҳо бинвишт. Ба модараш навишт, хоҳарашро ва ду духтар – ҳамсабақҳояшро табрик намуд. Руқъаи охиринро қабати панҷаҳояш бозӣ доронд. Дигар дӯсту ошноҳояшро ба хотир овард. Охир, ҳамаро табрик намекунӣ-ку? Ва нишонии аниқи баъзеҳоро намедонист.

Донишҷӯ сари қалами худранги қиматбаҳои худро пӯшонду ногаҳ духтараке бо номи Валюха ба ёдаш расид. Номи деҳае ҳам, ки ӯ мезист, Валюх ном дошт. Дар ҳамон деҳа онҳо қариб як ҳафта якҷоя картошка чида буданд.

Духтари соҳибхона дам ба дам ба толор,ки барои ин донишҷӯ гӯшаеро ҷудо карда буданд, медаромад, то телевизор бубинад. Ӯро Яня, Янина меномиданд. Вай оҳиста ба лаби курсии нарм нишаст, ки он ҷо Кастус мехобид. Сипас ҷуръат карда, баҳузур ҷо ба ҷо шуд, по болои пояш монд ва баногоҳ ба пойи иҷоранишин бархурд.

Духтари калонии оила хушрӯ набуд: рӯяш табақ барин ва мисли ҷавонмардҳо – китфкалон. Ва Яня доим бо хоҳараконаш ғолмағол мекард, ки назар ба вай хушсураттар буданд. Хоҳарон ҳамдигарро мазоҳ менамуданд: «Яня рӯкалон аст, безеб. Касе намегирадаш». Очаашон дод мегуфт: халал нарасонед, иҷоранишин дам мегирад! Кастус зиқ шуда, ором менишаст. Ба вай ҷойхоби Яняро дода буданд, кати калоне буд, ки Яня бо очааш мехобид ва аз ин боис ӯ худро ноҳинҷор эҳсос мекард.

Яня бистудусола буд, вазифаи мудири клубро ба ӯҳда дошт, ки бегоҳиҳо он ҷо арғушт (рақс) ташкил медод. Вай ба клуб ҳам дар либосе меомад, ки ба саҳро мерафт, бо пераҳани қат-қати чит ва туфлии кӯҳна мерафт. Дар он арғуштравиҳо гоҳе Кастус низ интирок мекард. Онҳо якҷоя ба хона меомаданд, гоҳе бо ҳам гап мезаданд. Шарикдарсҳояш бовар доштанд, ки Кастус охир ба доми Яня гирифтор хоҳад шуд.

Хоҳаракони Яня бо афту андоми зебои монанди лӯхтак гоҳе то хеле вақт телевизор медиданд ва рӯи ҳамон кат хобашон ҳам мебурд. Ҳамин ки Кастус ба ҳавлӣ медаромад, духтаракон зуд хеста, мегурехтанд ва ба хоначаи худ даромада, барқасд мегуфтанд:

Тили-тили теста,
Жених и невеста![1]

Бистари рӯ дер гоҳ гармии духтарчаҳоро дар худ нигоҳ медошт.

Падари хонадон ҳар шаби шанбе масту аласт меомад. То пешини рӯзи якшанбе модарашон «мағзи сари ӯро хароб мекард», сипас «барои оштишавӣ» қадаҳ мебардоштанд. Рӯзи душанбе Валюх паси фармони трактор менишаст, то рӯзи шанбе аз он дур намешуд. Шанбе боз маст мешуд, боз ҳам ҷанҷол ва «оштишавӣ». Валюх боз паси фармон...

Боре, ногаҳон дар як тӯйи сари роҳ Кастус ва Яня як соғарӣ барои саломатии ҷавонон нӯшиданд. Вақти расидан ба хона вай таври ҳазл Яняро оғӯш гирифт. Ногаҳон Яня ҳам бо тамоми вазн болои ӯ афтоду биларзид. Кастус ҳам тарсида, худро ақиб гирифт. Баъд, вақте ки онҳо дар як бурҷи хона якдигарро бӯсиданд, очааш аз тиреза дида, тақ-тақ кард. Аз ин Кастус ба худ омад ва хамёза кашид, яъне вақти хоб шуд!.. Яня беҳаракат дар ҳамон гӯша бимонд. Вай намехост, ки хона дарояд.

Кастус дар ошхона ба курсӣ пешпо хӯрд. Зери по шикастани тақсимчаҳо садо доданд. Хӯҷаин рӯйи фарш дароз кашида, мехобид, он рӯз шанбе буд.

Валюшихаи пир соати чаҳори субҳ хесту сӯйи ферма рафт, духтар ба пеши ӯ – назди кат омад. Кастус ҳанӯз даст расонда, ӯро навозиш накарда буд, ки аз ақиби тавора падари масташ бархост. Яня саросема тагпӯшаки худро ба тан кашиду остинашро гум кард. Курсӣ шараққас афтод. Чароғи ошхона рӯшан гардид, садои сулфаи хирросӣ шунида шуд. Духтар оҳиста ба хонаи модараш гузашт. Ва то охири корҳои саҳро байни онҳо гапу коре сурат нагирифт.

Кастус оҳе кашиду қалами худрангашро баровαрда, рӯи руқъа нишонии ӯро сабт кард: вилоят,

[1] Тарҷумааш (Маънаван: «Тили-тили мебиёд –
Ин келину вай домод!»)

ноҳия, деҳаи Валюха, ба Яня Валюх. Нишонии осону одӣ. Вай намедонист, ки оқибати ин чун хоҳад шуд ва фаҳмидан ҳам намехост. Охир, руқъаро беҳуда намепартой-ку! Як лаҳза ба фикр рафт: нишонии худашро чӣ навъ бинависад. Хуб шуд, ки духтарон ӯро огоҳ намуданд: «Дар он ҷо «модкаи қарамашоқ»-и ту нишастааст!».

Ӯро мунтазир нашуду хатча гузошт. Кадоме аз ҷавонон онро кушода бихонд: «Ма ме-хо-ҳум хута бибинум».

Баъд аз ин Кастусро хеле мазоҳ карданд. Вай аз дасти ҷӯраҳояш чандин мактуби пур аз саҳву хаторо ёфту гирифт, ки духтари саҳифаро аз дафтари хоҳараконаш канда, гирифтаву навиштааст. Яня дар хусуси худаш, бо чӣ корҳо машғул будани ӯ қалам мезад. Дар охир хотирнишон мекард, ки ҳар бори рафтанаш назди посбон – хола барои ӯ себ монда меомадааст. Кастус себро гирифта, духтаракони гурӯҳро «зиёфат» мекард. Онҳо ҳар бор ӯро огоҳ менамуданд: «Духтарат боз ҳам туро меҷӯяд!» –ӯ мегуфт: «Духтари ман?! Чутӯ дӯстдоштаи ман мешудаст, дев занад!» – зиқ мешуд Кастус ва тарафи шаҳр мегурехт, лаънат мехонд ба он бегоҳ, ки ӯро оғӯш гирифт, ҳо, танҳо оғӯш гирифт!..

Ҳар бор Яня дар хобгоҳ то бегоҳӣ менишаст ва ӯро надида, ба Валюхаи худ бозмегашт, худро рӯи кати калон меандохт. Баъдҳо ӯ дигар намерафт. Духтарон механдиданд – «себ тамом шуд-ку?» – мегуфтанд байни худ.

Аз байн як сол ё ду сол гузашт, аммо таъбири «Ма ме-хо-ҳум хута бибинум» ба эҷоди даҳонакии донишҷӯён бадал шуд.

Ба ин тариқ, Кастус, қатъияти Яняро ба ёдаш оварда, дар ҷойи нишонии худ навишт: «Главпочтамт, довостребования». Ин ба ҳар эҳтимол буд. Вале дафъаи дигар, моҳи май вай ба «почтамт» муроҷиат кард. Аз он ҷо ба дасташ лифофае доданд, ки аз ҳусни хаташ шинохт. Бо табассум ӯ хатро боз

кард. Яня барои табрикаш ташаккур гуфтааст. Таъна ҳам задааст, ки ин қадар вақт, қариб чаҳор сол боз нанавиштӣ. Ин дафъа ӯ ҳам хоҳиши ҷавоб навиштан надоштааст, ба забони русӣ тавре навиштааст, ки гап мезанад. Аммо вергулро, тахминан, дар миёнаҷойҳои ҷумлаи дуру дароз гузоштааст.

Кастус аз ин номаи ногаҳонӣ ҳамчунон дар изтироб афтод, ки ҳатто «шиносҳоям набинанд» гӯён, ба атрофаш назар кард.

«Ту худ медонӣ, – навиша буд Яня, – агар ту дар бистудсолагӣ дар деҳа «духтар» набошӣ ҳам, касе ба занӣ намегирад. Модарам маро аз хона ба Минск ҳай кард, ки рафта, ба шавҳар расам. Ман дар корхонаи орд заҳмат кашидам, фарши толорҳои мумфаршро мешустам, дар хобгоҳ зиндагӣ доштам. Ва ба ту бояд гӯям, ки ман шавҳар ҳам кардам. Вақте ман пулдор шудам, зиндагии мо нағз буд, ҳатто хеле хуб. Аммо ним сол ҳам зиндагӣ накарда, ҷудо шудем. Ту мефаҳмӣ, ман аз ӯ кӯдакдор шудам. Мегуфт, ки кӯдак аз вай нест. Хесту ба ЛТП бирафт... Ман бепул ва боз бо кӯдак куҷо ҳам мерафтам? Хона омадам, очаам саг барин часпид, – аз куҷо омада бошӣ, бирав! Ба ман боз сетои дигарро калон кардан лозим мегӯяд. Ба шавҳар рас гӯям, ту кӯдак бардошта омадӣ! Ман ба Минск пас гаштам. Бо кӯдак хору зор шуда, ба деҳа боз омадам. Хайрият, ки роҳ дур не, чипта чанд тин буд. Модарам боз биронд. Нишаста мегиристам. Он ҷо ҳамсояамон гуфт: «Биё, бачекам, хонаи ман, як навъ рӯзамон мегузаштагист. Ҳамин тавр, ман дар хонаи ӯ, ҳеҷ пул надорем, фақат нафақаи вай. Кӯдакам калонтар шавад, ба ферма – ба кор меравам.

Ту чӣ ҳол дорӣ, Костяҷон? Хонданат тамом шуд? Кайҳо... ту ҳам хонадор шудаӣ?.. Ту беҳуда нишонии худро нанавиштаӣ, то «талаб кардан» гуфтаӣ. Чӣ ҷои гап, ту ҷавони нозанинӣ, хушрӯ, ҳар як духтар туро орзу карданаш мумкин…»

Кастус ҳиққас гирист ва ба туфлии рангкардаи ялаққосияш нигарист.

... Ана, ин тавр ман зиндагӣ дорам, аммо ту чӣ ҳол дорӣ? Дар чӣ хусус фикр мекунӣ? Ман наметавонам туро даъват намоям, то ту назди мо биёӣ. Медонӣ, зуд гапу калоча паҳн мекунанд, ту ин тарафҳо наё. Аҷаб не, ман тарафи Минск ҳаракат карда, мебинам. Туро аз куҷо ёфтан мумкин, намедонам. Хуб мебуд, агар туро пайдо мекардам. Ягона боиси хурсандӣ – ин писарам. Ҳамин ки ба чашмонаш, ба дастаконаш нигоҳ мекунам, дилам таҳ мекашад. Сағираяки ман, ҷигаракам!.. Ана, ин ҷо – рӯйи коғаз акси дастаки вай кашидагӣ».

Кастус бо мароқ, раҳмоварона ва бо кароҳат нигоҳ карда, ба сурати дасти хурдакаки кӯдак, ки хеле беҳунарона кашида шуда буд. «Ва ин писари ман буда метавонад?» – аз дил гузаронд ӯ ва ӯро як навъ пазмонии гунгу лол фаро гирифт. Номаро миҷиқ карда, даруни охолдон андохт.

Тахмин даҳ рӯз вай бо корҳои худ машғул гардид. Сипас, идрори донишҷӯияшро гирифт ё аз хона пулаш фиристоданд, ки баногоҳ хесту рафт ва бо почта пул фиристод. Ҳамагӣ даҳ сӯмак. Ба нишонии хеле одӣ: деҳаи Валюхи, ба Валюх Яня.

## ҲАФТ ШАҲРИ БАНДАРДОР

Духтурҳо гоҳе девонаавзоҳоро аз бемористон ба хона ҷавоб медиҳанд. Ва баъзеи онҳо тарафи идораҳои матбуот, матбаа ва нашриёт шеъру ҳикоя ва ҳатто романи худро бардошта мебаранд. Дар аввал ман дар идораи рӯзнома кор карда, ҳанӯз ҳам намедонистам, ки одами пешам нишаста солим аст ё не. Ҳамаи ин гуна зотҳоро як рақам софдилона қабул мекардам. Вале ду-се бор бо одамони асабӣ сарукор пайдо намуда, онҳоро аз нигоҳи аввал фарқ кардам.

Ин дафъа низ ҳамин тавр шуд.

Ҳамин ки дар воз гардид, ба утоқам одаме даромад. Эҳсос кардам, ки ӯ мизоҷ аст, яъне «муштарӣ», ки мо аксар кормандони матбуот чунин ифода месозем.

Мардаки қишлоқӣ либос пӯшидае, ки саломалек карду тарафи ман омад. Онҳо, одамони ҷиннӣ, доим ба ман муроҷиат мекарданд. Намедонам, дар симои ман ягон хеши худро медиданд, ё ки пеш аз ҳама роҳбарон, котиба ва ҳатто рассоми маҷалла, ки ман он ҷо фаъолият доштам, чунин миҷозонро назди ман мефиристоданд, гӯё вазифаи ман аз ҳамин иборат бошад, асабиёнро гӯш мекардам.

– Маро Степан Обнорский меноманд, – гуфт мизоҷ. – Ман набераи ҳоким (княз) Кисел ҳастам. Ба ман бадбахтӣ рӯй дод.

«Бале – ҷиннии тап-тайёр!» – дамам дарун афтода, бо даст ишора кардам, ки бишинад.

– Мефаҳмед, княз аз сарҳад гузашта аст, то ки ду ароба тилои худро бигирад, – дурӯғ бофт меҳмон баробари нишастанаш ба курсӣ. – Аммо аз он сӯ муншии ҳизбӣ бадав омад. Ҷосусҳо хашм гирифтанд: «Бендон Стшэляц!» Ва онҳоро дастгир карда, ба милисаи вокзал таслим доданд.

– Ин воқеа дар куҷо рӯй дод? – пурсидам.

– Дар шаҳри Глубокое, – посух дод «мизоҷ» покати чизҳои пластикии аз кӯча ҷамъ кардаашро аз як даст ба дигар даст дода. – Маро ҳамон вақт, дар даврони Брежнев, ба қатл (парондан) ҳукм карданд. Брежнев мӯҳлат муайян намуд, то ки ман бомбаро безарар гардонам... Ва ҳамон вақт, какраз, хоҳарзодаам аз қайд мегузашт, ба ман ёрӣ доданд, то хона бисозам... Ман ҳунари ҷодугарӣ омӯхта будам. СД мехост маро ба норинҷаки атомӣ аз байн бардорад. Ҳамсояҳо гирифтанд, якто сим пайваст карданд, ки он дигар натаркид...

Рассомон «муштари»-ро таври ҷиддӣ мешунавиданд, асарҳои рассомии хешро аз як ҷо ба дигар ҷо

мегузарониданд. Кори онҳо нағз, ҳам туро гӯш мекунанд ва ҳам амалиёти худро идома медиҳанд. Онҳо тавре ҳам кор мекарданд, ки табассум чист, худ намедонистанд. Ман бодиққат ба андоми начандон ҷавони ӯ нигоҳ карда, сар меҷунбонидам: гӯё, ҳа-ҳа, ман мешунавам шуморо, пасон чӣ ҳодиса рӯй дод?

– Гирем, чунин ҳодисаро, – давом медиҳад Степан Обнорский. – Ман бо қатора мерафтам. Бе чипта. Ду тан бо корд. Мепурсанд: кистӣ? «Одам» гуфтам. Худам медидам, ки ҳитлерчиёнанд. Ва онҳо: сари лаънатиро мегирем, гуфтанд. Агар ором мегардӣ, даст намерасонем. Панҷ рубл барои ҳардуяш пардохтам. Ҳамон ҷо, какраз, иҷрочии суди вилояти Гродно ҳам ҳаст. Хуб чӣ? Ана чӣ! Чагинро фарёд бикун. Чагинро садо карданд – котиби президиумро. Не гуфт, ман ин хел масъалаҳоро ҳал кардан наметавонам. Хуб, кӣ метавонад? Громико. Бо Громико дар тамос шудам...

Чунин беақлҳоро зиёд гӯш кардан лозим меояд? Охир, хоҳӣ фаҳмид, ки Громико ба ӯ чиҳо гуфт. Степан Обнорский чун дар андоми ман хоҳиши гӯш кардан вуҷуд надоштанамро эҳсос кард, чанде хомӯш монд. Сипас, аз даруни кулоҳаки коғази ватман боқимондаи хӯрок – наҳориашро ба дасташ гирифт.

– Ин асари расомии ман, – гуфт ӯ.

– Ана инаш, акнун, ба зиммаи ман нест, – хурсанд шудам ва ба ӯ рассомонро нишон додам. – Инашро ба онҳо гап бизанед!

– Ман худ мебинам, ки онҳо рассоманд, – посух дод «муштари» ва бо чустучолокӣ «балони газ»-ро тарафи мо равона кард. Ҷавонон ҳам хашмгин буданду ҳам табассум мекарданд. Ман ба сурат нигоҳ намекардам, ба рӯи рассомон чашм медӯхтам. Аммо онҳо аз афти Обнорский чашм намеканданд. Аз андоми ҳамкасбҳои ман – ҳам озурдагӣ ва ҳам кичӣ хел беаҳамиятӣ ҳувайдост. Шаккокона писханд

мезананд, вале – дар чашмонашон ҳам шодию ҳам ҳайрат барқ мезад.

– Сурат «Ҳафт шаҳри бандардор» ном дорад, – эълом дошт Обнорский.

– Ва онҳо кадомҳоянд? – суол медоданд рассомон.

– Амстердам, Ню-Йорк, Рио-де-Жанейро, Мурманск, Петербург, Москва ва шаҳри дорои бандар Глубокое...

– Глубокое чӣ баҳре дорад? – бесаброна пурсидам, ки суратро ҳанӯз надида будам, маро бештар дӯстонам дар ҳайрат мегузоштанд: аз чӣ онҳо мутаҳаййиранд? Ман аз паси миз хеста, ба сурат нигаристам.

Ва як ҳодисае рух дод. Ба утоқи тангу тори идора бо фарёди моҳихӯракҳо як баҳри азим медарояд. Оби сабзгуни шӯр мавҷ мезанад, кафкҳои сафедаш фашшас доранд, бӯйи обсабзҳои баҳрӣ йод барин ба димоғ мерасанд ва бо бӯйи қиру филизоти зангзада омезиш ёфтаанд гӯё. Аз қаъри тумани сияҳе, ки рӯйи коғаз кашида шудааст, садои оранги вазнини киштиҳои баҳрнаворд ба гӯш мерасиданд. Аз даруни туман чароғҳои гӯё садҳо киштиҳои ба сафар омода нурафканӣ доранд. Ман онҳоро аз байни хатҳои қатор ва доғҳо баръало медидам. Сурат ҳаётӣ, зинда буд, нафас мекашид... Хаёл мекардӣ, ки то рафт офтоб болотар мебарояд, туманро аз байн мебардораду баҳр пур-пури ранг гардида, ҷило медиҳад.

Ба ҳар ҳол бандари Глубокое. Дар он шаҳраки начандон калон на танҳо баҳр, ҳатто рӯдхонаи дурусттар вуҷуд надошт. Ва ин чандон муҳим набуд, ки Глубокое сари роҳи баҳр воқеъ нест. Баҳр вуҷуд надорад, вале бандар ҳаст, бандари ҳақиқӣ ва зиндаи баҳрӣ, ки онро, ана, ҳамин амакҷони девонаавзоъ Степан Обнорский ба ин зебоӣ рӯйи коғаз овардааст.

## БИНОИ ХИШТИНИ ЗЕРИ АРЧАИ САБЗ

Бино аз хишти сурх дар ҳамсоягӣ бо дигар биноҳои чӯбӣ дар охири кӯчаи деҳкада солҳои ҳукмронии Хрушев сохта шуда буд. Онро аз ҳамон хел масолеҳ сохта буданд, ки як замон анборҳои колхоз, устохонаю дӯкончаҳоро месохтанд. Хиштҳои пухта, бо доғҳои сиёҳ, гӯшадор, бидуни пардоз, вале санг барин мустаҳкам.

Соҳиби бино Миканор Круглик дар овони ҷавонӣ чун инсони заҳматкаш ва ғаюр шинохта мешуд. Дар боз намудани заминҳои навкорам ширкат карда, зери замин – дар конҳои ангишт заҳмат кашида аст. Пул захира карда, барои зиндагӣ вай ана, ҳамин биноро сохт, дар атрофаш арча нишонд. Ҳамсояҳо низ сохтанд, кӯча обод гашт. Вақте ки дарахти коҷ баланду бузург шуда, биноро соя кард, ба Миканор борҳо гуфтанд, ки онро арра бикунад.

– Барои ту хуб аст, ки биноят хиштин. Раъду барқ шавад ҳам, туро намезанад, вале моро хароб месозад, – мегуфтанд ҳамсояҳо. – Ин коҷро бибуру дар ҷояш себ ё гелос биншон...

– Ҳеҷ кас намебурад, гурезед, – ғурунгас мезад Миканор. Гоҳ меғурунгид, гоҳе дам намезад. Чӣ кунад, хислату хӯяш ҳамин. Хуб, коҷ шинонд, дигар чӣ кор доред? Ғайр аз хонумаш Ганна дигар касе ин гапашро нашунида буд:

– Эҳ, нодонҳо, баръакс, дарахти коҷ раъду барқро мегузаронад!

То нафақа Круглик дар колхоз бо корҳои барқӣ ва ғайра машғул шуда мегашт. Ҳар ҷо ки мефармуданд, мерафт. Бо касе дӯстӣ намекард. Ва кӣ ҳам дӯст мешавад бо касе, ки доим аз одамон дурӣ меҷӯяд? Вай аз одамон дур мегашт, дигарон ҳам худро дур мегирифтанд.

Кайҳост, ки хонуми Миканор ҳам ба нафақа рафтааст, пир, одамгурез, мисли шавҳараш канорагир.

Рӯзи дароз аз қалъаи худ набаромада менишинанд. Хуб, фарзанд ҳам доранд. Кайҳо ба воя расида. Парончак шуданд. Гоҳе меоянду хеста мераванд, ҳатто набераашонро он ҷо намегузоранд. Ҳамин тавр хеле ҷиддӣ соҳибони ин бинои хиштини пасту хунук. Воқеан ҳам хонаи тангу тор, бачаҳоро чутӯ ҷо мекунӣ,худ намедонӣ. Ва болои ин боз таҳкурсияш шишта аст, ба таг фурӯ рафтааст. Ҳамчун харсанг, дар наздаш он дарахти баланду пурхори ноғунҷон ба фалак сар кашидааст, пурхатар гардидааст коҷаш.

Дар деҳа раъду барқ ҳам на як бору ду бор ғуррид, ба касе зарар ворид накард, то хонаҳои чӯбин наздик ҳам нарафт. Аммо ба дарахти коҷ таъсир-куҷо? Дарахти ҷонсахт...

Боре дар кӯчае, ки хонаи сурхи Миканор воқест, қарибиҳои пешин як марди солхӯрда пайдо шуд, ки дар тан сару тани рангаш баланд, кулоҳпӯш ва тавқ дар гардан дошт. Ҳама хонаи сурхро нишонаш медоданд, ки Миканор он ҷо мезист.

Он одам наздик шуд, истод, кулоҳашро ба даст гирифт, бо рӯймолча сарашро пок кард ва аз хонумҳо ким-чиро пурсид, ки назди дӯкон қарор доштанд. Ниҳоят ба хонаи Миканор наздик шуда, таваққуф кард. Таги дарича истода, онро бардошт, тела кард, ки тагаш алаф расида буд ва дарун даромад.

Миканор шахси ношиносро ҳанӯз аз дур дида буд. Аз тиреза хам шуда, ба афту андоми вай назар кард, ки ба таги хонааш омада буд. Ва ягон мускул тағйир наёфта дар афти ӯ. Ҳамин ки вай ба ҳавлӣ ворид шуд, Миканор гулӯ афшонд. Чашмони ӯ бозӣ мекард ва чорчӯбаи деворро, ки таги шишааш суратҳоро гузошта буданд, дида, истод.

Шахси ношинос даруни ҳавлӣ гузашта, чанде тарафи тирезаҳои хира назар кард ва ниҳоят дарро тақ-тақ бизад.

Миканор хонаро як давр гашт, сипас даст афшонд. Оё даруни ин кулба пинҳон шуда метавонӣ? Бояд зуд мебаромадам. Вай пичҷакашро аз ҷевон гирифт, туфлии идонаашро пӯшид. Пӯшидаю печида, лаҳзае истоду баъд ба айвон баромад.

Шахси ношинос соҳибхонаро дида, ба оҳанги маъмули хориҷӣ пурсид:

– Ми-ка-нор?

Ҳарду ба ҳам нигаристанд.

– Бале – ман. Ту Феликс нестӣ?

– Худи худаш.

Миканор аз айвончаи даромадгоҳи хона бо зина фуромада истоду китф ба ҳам кашид ва аз меҳмони нохонда чашм наканд, хаёлаш, ки эҳтиёт шавад, аҷаб не ӯ кашидаю кушода мезанадаш. Ҳар чӣ шуданаш мумкин, бори аввал дар умраш вай ба рӯи одам нотарсона назар кард, бидуни он ҳама нооромиҳои халқ кардаи хеш, ки тамоми умр аз пеши чашмаш дур намешуд.

Чанд дақиқа ҳарду мисли паҳлавонони ба майдон даромада, якдигарро озмуданд, арзёбӣ карданд. Ва ниҳоят Миканор тоб наоврду гуфт:

– Яъне, ки ту Феличек?

– Манам, Миканор, ман. Читӯр астӣ, ин ҷо?

Миканор чашм дигар сӯ андохта:

– Мебинӣ, ана ин – хона... Хиштин, – гуфт. Худаш ҳам намедонист, ки чӣ мегӯяд.

– Бале, хиштин, – тасдиқ кард Феликс.

– Ҳо-о, ин барои ту бино барин ҳам не. Ту, аҷаб не, чунин хонаҳоро писанду манзур ҳам намесозӣ?

– Ҳар хелашро дидаам, – тасдиқ кард Феликс.

Онҳо рост ва хомӯш монданд, аниқаш, якдигарро ҳис ва дарк менамуданд. Миканор зимнан мегуфт, ҳарчанд онҳо ҳамсоланд, Феликс камаш даҳ-понздаҳ сол ҷавонтар метобад. Чӣ хуб, ки кас ба по туфлии пурқимат мепӯшад. Умуман, Миканор ҳам хеле хуб

сару тан дорад, аммо сару либосҳои мо, алоҳида, аз ҳам фарқе надоранд.

– Хаёлам, ки ту аз хотири адир?

– Аз хотири адир, – сар ҷунбонд Фелик. – Ту ганда пир шудаӣ, Миканор.

– Маъзарат, Фелик... – рӯ-рӯи рухони нотарошидаи Миканор ғайричашмдошт ашк таровид. – Тамоми умр метарсидам, ки ту рӯзе хоҳӣ омад. Ҳамчун қаҳру ғазаби Худо меойӣ...

– Эҳа-а, мон ин гапҳоро, – даст афшонд Фелик ва дар чашмони вай ҳам ашк ҳалқа баст. Вай даст ба ҷайбаш бурд. Миканор китф дар ҳам кашида, ба ҳар як хатту ҳаракати ӯ чашм медӯхт.

Фелик аз ҷайбаш лифофаи селофанӣ баровард, аз он як дона дастпокро кашиду бинӣ афшонд. Нигоҳи ҳайратзадаашро Миканор як сӯ гузошта, ғамангез табассум намуд.

– Ме-тар-сӣ?

– Ме-тар-сам. – Мижа ба ҳам кашид Миканор. – Хаёлам, ту аз ҷайб туфангча мекашӣ.

– Ҷин занад, туфангчаро, – нафас рост кард Фелик. – Ман қабри Мариляро ёфта натавонистам.

– Қабраки ӯ ҳаст, – бо овози гирифта гуфт Миканор, ки ҳанӯз ҳам аз он лифофа чашм намеканд: чунин бинипокро дар умраш надида буд. – Ҳаст, ман медонам дар куҷост.

– Ҳама ҷо сабзу хуррам гаштааст, шинохтан мушкил. Ёд овардан мудҳиш... Шаст сол сипарӣ шудааст, гӯё дар як дақиқа...

Дари хона ғижас зад. Аз айвон Ганна чашм андохт, бо мароқ каси ношиносро муоина менамуд.

– Меҳ-мон? – бо хашм пурсид ӯ.

– Меҳ-мон, – посух дод Миканор ва тарафи Фелик рӯ овард. – Шояд, хона медаройӣ?

– Не, Миканор, намедароям, – сар ҷунбонд Фелик. – Гӯри занамро нишон медиҳӣ?

Ба Ганна сухане ҳам нагуфта, Миканор аз ҳавлӣ баромад ва Фелик аз дунболи вай равона гардид.

Шаст сол муқаддам дар деҳаи ғарбии Белорусия хабари мудҳише паҳн гашт – дар таҳхонаи Фелик Лопатка зан ва кӯдаки кушташудаашро пайдо намудаанд.

Онро худи падари хонадон ёфтааст, худаш ҳам маълум намудааст ба пӯлис. Он ҷо ҳамон вақт дар тобеияти Полша қарор дошт. Пӯлис аз Новогруд қарибй пешин расидааст. Онҳо муқаррар кардаанд, ки зани ҷавон аз зарби табар дар ҷояш ҷон додааст. Аммо кӯдакаш аз фарёд талхакаф шудааст, ё ки аз дуду ғубори чароғи карасинӣ мурдааст, пилтаи он аз ҳад зиёд баланд будааст.

Аҷоибот дар ин ки гумон барои кушта шудани онҳо ба гардани худи Фелик афтод. Нигоҳ накарда, ба ҳамаи ин ки вай аз ғам сӯхта, кабоб мегардид, пӯлис ӯро бо аробаи кироя ба Новогруд бибурд.

Вақте ки онҳо аз деҳа мебаромаданд, дар осмон ҳавопаймоҳо пайдо шуданд. Пӯлисҳо ба ҳаяҷон омада, муайян карданд, ки ҳавопаймоҳо олмонӣ, фашистианд.

– «Бранович, Брановичҳо бомбаборон мекунанд, – пичирос заданд онҳо. – Ҷанг!»

Хуб, ҷанг бо роҳи худаш, аммо дар идораи пӯлис Феликро муфаттиш бозпурс кард. Аз ҳикояти ӯ маълум шудааст, ки куштор аз ҷониби кадом извош анҷом гирифтааст, зеро Фелик Лопатка ба қарибӣ аз Неман, аз қатортеппаҳои Налиб чӯб мекашонид. Тоҷире аз Новогруд бо номи Абрам Шимка, чун пудратчӣ ба извошҳо пули кам додааст ва онҳо корпартоӣ кардаанд – он вақт ба пул зарурати зиёд ҳис карда мешудааст. Оилаи ҷавон дар таҳхонае зиндагӣ мекардааст – арӯсӯ модаршӯяш муросо намекарданд, Фелик ҳатто ба ҳамон музди ночиз ҳам розӣ будааст.

Маҳз ҳамон вақт кадоме тасмаи хамути аробаи ӯро мебурад. Дар ин бора Фелик ба шӯъба маълум

мекунад. Ҳамаи корпартоёнро ҳабс карданд-ҳафт нафар ва чанд рӯз дар канахонаи шӯъба нигоҳашон доштанд.

Маълум набуд, ки ин бо чӣ анҷом мепазируфт, агар худи Абрам Шимка тарафи онҳоро гирифта, ҳозир намешуд. Ҷои шубҳа набуд, ки байни онҳое, ки ба хароб шудани чизу чораи Лопатка боис гардиданд, писари Шимка Борух низ будааст. Ҳамин Борух, ки аз адабиёти роҳзанона бохабар буда, дидаю диниста падараш ба коргарон хеле кам пул пардохтааст, онҳоро ба корпартоӣ даъват намудааст.

Маҳбусҳоро ҷавоб дода, парвандаро бастаанд. Ва инак, куштор ҳам ба вуқӯъ пайваст. Муфаттиш аз нав барои ба ҳабс гирифтани он ҳафт нафар иҷозатнома имзо кунонда акнун ӯ барои ин ҳаннотиҳояш дигар рӯи озодиро нахоҳад дид. Писари эркаю аҳмақи худро озод карду акнун ӯ шӯхию найранг пеш меорад. Сотсиалисти фисин... Зиёда аз ин, мебинӣ – хабаркашаки болшевикон!..

Ҳамон рӯз панҷ нафарашонро ҳабс карданд, ду кас аз онҳо таги замин шуданд магар, ки наёфтанд асарашонро. Ҳангоми бозпурс ҳар панҷи онҳо гуноҳи худро иброз доштанд. Гуноҳи онҳоро шоҳидони беҳисоб собит намуданд: волидон, занон ва ҳамсояҳо...

Муфаттиш ҳис кард, ки яке аз он панҷ нафар асабонист. Сахттар гирифта буд, ки вай қоил шуд, ҳамроҳи Миканор Круглик ва Борух барои гузаронидани «ҷазодиҳии инқилобӣ» рафтаанд. Хостанд аз Фелик Лопата барои кор карданаш дар асной корпартоӣ (онро ки штрейкбрехер мегӯянд) қасос гиранд. Албатта, куштор не, Худо нигоҳ дорад, балки танҳо таги ҷоғаш фуровардан!..

– Ҳамин тавр?! – мад кашид муфаттиш хурсанд шуда. – Аммо натарсидед, ки барои худсарӣ ҷавоб хоҳед дод? Охир, шумо бидуни ин ҳам зери шубҳа қарор доред, барои буридани тасмаи хамут.

– Метарсидем, – бо оҳу надомат розӣ шуд гунаҳкор. – Вале, мо, ҷаноби муфаттиш фикр мекардем, ки ҳамин ҳоло болшевикон меоянд.

– То омадани болшевикон ту дар Картуз – Береза барои қотилият, мепӯсӣ, – гуфт муфаттиш. – Оё ту инро мефаҳмӣ, аҳмақ?

– Шумо чӣ ин тавр мегӯед? – асабӣ шуд мусоҳиб. – Оё суд, ё тафтиш гуфтанӣ гап нест? Ман накуштаам.

– Пас, ки кушт?

– Намедонам. Ва чӣ хел куштанд, надидаам. Онҳо ду ба ду буданд – Борух Шимка ва Миканор Круглик. Ин Фелик – худ гунаҳкор аст. Аз чӣ чӯб кашонд, вақте ки мо корпартоӣ доштем?

Пӯлис гунаҳгорро бибурд, муфаттиш ба фикр рафт. Ҷавонзанро сар буридан ва кӯдакро куштан танҳо барои он аст, ки ӯ штрейкбрехер аст?.. Чӣ гуна сангдил метавонад буд кас, ки ба ин кор даст занад?

Барои нуқта мондан ба парванда: бояд Миканор Круглик ва Борух Шимкаро, ки рӯ панаҳ карда буданд, дарёфт. Вале ту онҳоро чӣ гуна пайдо мекунӣ, дар сурате, ки аз Ғарб Олмон ба Лаҳистон ҳуҷум овардааст, аз Шарқ лашкари шӯравӣ омадан дорад?!.

Муфаттиш бори дигар бо Фелик Лопатка вохӯрд, то ки асли воқеаро аниқ созад. «Фелик, Миканор ба куштор даст зада бошанд ва ба ҳамааш Борухро гунаҳкор ҳисобем». гуфта, хулоса мекард муфаттиш.

– Миканор дӯсти ман аст, – мегуфт ӯ. – Ва Мариляро нағз мешинохт. Вай ӯро ҳаргиз намекушт!..

Шимкаи пирро низ оварданд. Вай ҳар қадар метавонист, писари худро ҳимоя мекард, ӯро «мишуген» гуфта, ба забон мегирифт (яъне девона)… вале Борух бо табар зану кӯдакро мекушта бошад… не – не, ҷаноби муфаттиш, ҳаргиз ин тавр шуданаш мумкин не.

Ва муфаттиш намедонист ба кӣ бовар намояд. Ӯро бештар ба фикр рондан водор менамуд, ки пас аз як ҳафта, бисёраш – пас аз ду ҳафта ба ӯ лозим меомад хуб фикр бикунад, бехатарии зану фарзандони худро андешад. Онҳоро оё ба Варшава бубарад? Вале он ҷо кайҳо дар дасти фашистон аст.

Дар парванда боз як ҳолат мавҷуд буд. Қатлшуда мисли худи Миканор православӣ буд, аммо Фелик – католик. Миканор, чунон ки аниқ карданд, на танҳо Мариляро нағз мешинохт, ҳатто чанд вақт домодшавандааш маҳсуб мешуд. Ва ногаҳон духтар Феликро маъқул карда буд. Аҷаб не, оҳанги кушторро маҳз аз ҳамин ҷо ҷустан лозим? Мумкин аст, тамоман ин тавр набошад, бидуни кадом як ҳодисаи ғайриодӣ?..

«Не, – мегуфт муфаттиш, – инро аз ҳодисаи ногаҳонӣ донистан, аҳмақист. Бо табар ногаҳонӣ намекушанд! Вале кӣ метавонист ба чунин ваҳшоният даст бизанад?»

Лозим буд, ки ба далелҳо такя карда шавад. Аммо далелҳо гувоҳӣ медоданд: шабе, ки ин ҷиноят содир шуд, се ҷавонмард, се тан аз он ҳафт нафар корпартоён бо ҳам шарт кардаанд, ки дар қабристон вомехӯранд, то баъдан хонаи Лопатка бираванд. Аз онҳо танҳо Франс Палчевскийро ба ҳабс гирифтаанд. Вай гуфт: онҳо дар қабристон барои боҷуръаттар шудан як литр шаробро нӯшиданд. Шаробро Борух аз хонаи падараш овард, пас аз нушидан ба таҳхонаи Фелик бирафтанд. Вақте ки Миканор ва Борух дарро мешикастанд, Палчевский аз тарс гурехт. Он ҷо баъд чӣ шуд, вай бехабар аст.

«Вале ман инро медонам, муфаттиш. – гуфт шоҳид. – Қотил – яке аз он ду нафар, ки он ҷо монда буданд. Кадоми онҳо – инро вақт нишон хоҳад дод».

Вале муфаттиш дигар вақти изофа надошт. Дар кӯчаҳои Новогруд «ҳа» нагуфта, артиши сурх медаромад.

Ҳамон вақт, дар ҳамон шаби мудҳиш ва фаромӯшнопазир дар қабристон се тан «қасосгирони гузаро» бо кайфи шароб хеле бо ҳарорат дар бораи озодӣ аз зулми лаҳистон, аз истисмори синфӣ ва миллӣ гуфтугӯ карданд. Онҳо самимона бовар доштанд, ки бо омад-омади болшевикон барои мардуми заҳматкаш хушбахтии ҳақиқӣ муяссар мешавад.

Аз ҳарорати нӯшокворӣ, аз ғояҳои адолати иҷтимоӣ илҳом гирифта, ҳарсе хулоса карданд, ки «танбеҳ»-и душмани халқро медиҳанд.

Ба таҳхонаи Фелик расиданд, ӯро ба кӯча даъват намуданд. Фелик аз он сабаб набаромад, ки ӯ дар хона набуд – назди оҳангар рафта буд, ба ҳузури хеши дураш барои наъл занондани асп. Онҳо аз ин бехабар буданд. Гумонашон, ки ӯ тарсид. Ба ғазаб омаданд. Табар ба дасти Миканор фуромад, ки рӯи кундае дар ҳезумхона мехобид. Ба дасташ гирифт, бо мӯҳрааш дарро зад.

Кӯдак тарсида, ба фарёд омад. Мариля дарро воз кард.

– Вай нест, чанд бор ба шумо гӯям! Бовар накунед, ина – ковед.

Таҳхонаро кафтуков карданд, вале Феликро наёфтанд.

– Ҳоло вай ҳам шуморо пайдо мекунад. Ҳо, ҷазоятонро хоҳад дод! – дуои бад кард Мариля. – «Картуз – Береза» ба ҳоли шумо ҳам мегиряд!..

– Ин ҳоло маълум нест, ки вай ба ҳоли кӣ мегиряд, – гуфт Миканор. – Он туӣ, ки ба бегонагон фурӯхта шудӣ! Сабр накардӣ, ки ман сад дона тило кор карда, оварда ба дасти падарат диҳам, ба пулондӣ расидӣ!..

Дигар ҳамааш мисли он ки дар хоб осон аст, сурат мегирад. Мариля ӯро беҳурмат намуд, вай ҳам гапро бас накард. Борух ба кадом гӯру лаҳат гум

шуд. Вале баъд чӣ шуд, Миканор дар ёд надорад. Дар ёдаш, дар гӯшаш танҳо фарёди кӯдак монду халос...

Баъд чӣ... Баъд болшевикон омаданд. Шимкаи ҷавон пайдо шуд ва ҳамчун қаҳрамон, бо тасмаи сурх ба сари дил, чун муборизи ҳуқуқи меҳнаткашон қадам мезад. Миканор дар ким-кадом гӯшаю канор панаҳ бурдаю аз суд ва қасос тарсида мегашт. Аммо Фелик тавассути шахси сеюм ба ӯ «салом» мерасонид. Аммо дере нагузашта, ҳарду ҳам ғайб заданд – Фелик ва Миканор. Феликро, чунон ки мегӯянд, «ғалтонданд», лек Миканор Круглик ба тарафҳои Россия гурехт.

Инак, шаст сол гузашт. Паси сари ҳам инашу ҳам ваяш асри бист бирафт. Яке дар зодгоҳаш зист, тарсону ларзон аз ҳаёти худ. Дигариро тақдир бо тозиёна гӯё маҷбур намуд, ки рӯи ҷаҳон сарсону саргардон гардад.

Ва инак, ҳарду вохурданд.

Яке аз хонаи худ берун омад, аз хонаи бо хишти сурхи кафида сохташудае. Дигарӣ ё аз Австралия ё аз Канада ва ё аз кадом гӯшаи Аргентина баргашт, ки ҳама ҷо кору зиндагӣ мекардааст: ва азоби гӯрро паси сар мекардааст. Аз он фикр азият мекашидааст, касе ҳам, ки хонум ва фарзандашро бикушт, мувофиқи қонун ҷазо нагирифт.

Онҳо дар ҳамон манзиле бо ҳам вохӯрданд, ки ҳам он ҷо тавлид ёфтаанд, ба воя расиданд, дӯстӣ доштанд, ишқ варзиданд ва ҳарду аз ақиби як духтар гашта, ба хидмат омода буданд. Вай яккаю ягона, онҳо – ду тан, ана бадбахтӣ дар чӣ буд? Ва ҳоло ҳарду бо говроҳаи тангу торе шитоб накарда, аз байни ҷавдори навруста сӯи қабр қадам мезаданд.

Дар осмон сӯфитӯрғайҳо беист парвоз доштанд, шамоли форами тобистон сабук сайр мекард. Шаст сол сипарӣ гардидааст аз он вақт ки роҳи инҳо аз ҳам ҷудо шуду ниҳоят ба ҳам омад дар ин пайраҳаи

саҳрой.

Аҷаб не, барои Фелик мушкил буд пурсидани он ки қабри зану кӯдакаш дар куҷост. Вақти бениҳоят зиёд гузашта буд аз он ки вай дар қабристони деҳа пой нагузошта аст. Қабристон калон шуда, қабрҳои зиёди нав: сангҳои ёдгорӣ, тандисҳо ва салибҳои оҳанию чӯбин пайдо гардидаанд. Ҳеҷ кадомашонро ӯ намешиносад. Дахмаҳои навро обод нигоҳ дошта, кӯҳнаҳояшро зери по месозанд, рӯяшон алафу хор, садбаргу ёсҳои ёвой рӯидаанд. Решаи ёс хеле чуқур меравад дар замини қабристон ва аз худ ҳар гуна шоху барги наву густохонаро рӯй мезанонад.

На, Фелик ба завҷаи дӯстдоштааш санги ёдгорӣ нагузоштааст – як салиби одӣ аз чӯби санавбар. Муддати шаст сол вай ҳам сип-сиёҳ шудааст, пӯсида байни хору хас афтодааст. Пуштаи мазораш бо замин яксон гардида – нишонае ҳам аз худ боқӣ нагузоштааст. Шинохтан душвор, пайдо намешавад, ҳар қадар ҷустуҷӯ бинмой ҳам, ҳарчанд ба зону афтода, хасу хошокашро ва хоки шуста рафтаашро даст-даст бикунӣ ҳам, оби дидаи гарматро борони найсон созӣ ҳам, ёфтан натавонӣ!

Онҳо ба мазор даромаданд. Фелик боз ҳам аз ҷайбаш лифофаи қоғазӣ баровард, бинӣ афшонд ва бо даст ишоракунон мегуфт:

– Ана, ин дарахтони тӯс набуданд, он дарахти булут ҳам набуд... Ҳамаи инҳо кай расидаанд, Миканор?. Чӣ қадар одам аз олам гузаштааст-а?

Миканор гап намезад.

– Ҳеҷ як қабр panҷара надошт...

– Шӯрои маҳалла фармуда, –ғурунгос зад Миканор. Аз рӯи одат ғурунгос зад. Барои овоз баровардан ӯ ҳеҷ гуна сабаб надошт.

– Мегӯям, Мариляи маро нишон медиҳӣ?

– Нишон медиҳам, Фелик. Ман медонам, қабрашро. Вақте ки модарам ва падарам аз олам гузаштанд, онҳоро низ ман гӯрондам. Ба ман одамон

ҳамон вақт нишон дода буданд, ки кадомаш қабри ӯст. Ҳӯ-ӯ он ҷо, дар нишебӣ, байни дарахтони тӯс. Ман гоҳ-гоҳ меомадам...

Фелик аз назди ёдгориҳои сангбаста мегузашт. Бодиққат ба чеҳраҳои ношинос, ки сурат доштанд, менигарист, номҳои шиносу ношиносро хонда, мегузашт. Ниҳоят, назди дарахти тӯс қарор кард, ки онро Миканор нишон дод.

– Не, Миканор, ин ҷо тӯс набуд. Ин ҷо дарахти булут истода буд.

– Чӣ гуна дарахти булут? Дарахтони булут кайҳо нест шудаанд. Афтодаанд, пӯсида рафтанд ва ё кимкиҳо барои ҳезум буриданд... Ин қадар вақт гузашт... – Миканор лаб фурӯ баст. – Ман фикр мекунам, Фелик, ту барои куштани ман омадаӣ. Ман, шояд барои ҳамин, хонаи хиштин сохтам, ягон вақти шаб меоию оташ мезанӣ! Ман намехостам, Фелик... Ҳамон вақт мағзи сари маро кадом чиз тира гардонид. Ана, он болшевикон, ҷин занад!.. Вай, мана, ин ҷо, Фелик, аз хотир набарор. Мебинӣ, ҳӯ-ӯ он сангро ва он ҷо гули ёс рӯйидааст. Онро решакан карда буданд...

Фелик рӯ ба офтоббаро қарор дошт. Гӯр вуҷуд надошт, аз он танҳо тамғааш боқӣ монда буд назди теппа. Аз он ҷо пайраҳае сӯи қабрҳои нав мегузашт. Он ҷо охири нишебӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ одамон аз тамоми қабристон хасу хошокро он ҷо оварда, ҷорубҳои кӯҳна, гулҳои коғазию пластикӣ, ёсҳои решаканшударо мерехтанд...

– Ба ёдат расид, Фелик? – пурсид Миканор.

– Шояд ҳамин бошад, – нобоварона посух дод Фелик. – Кошкӣ ягон нишона медошт, ки онҳо маҳз дар ҳамин ҷо мехобанд... Рост истода, бо ҳарос ба атроф нигаристу сари қабр хам шуд. Сар хам намуда, мувофиқи таомули католикҳо саҷда бикард. Овоз набароварда, зери лаб дуояшро такрор кард, фориғ нафас кашид! Тамоми ҷаҳонро тай задам,

аммо ин ҷо мурдан мехоҳам. Ва ба ту гуфтанӣ ҳастам, Миканор, дар ҳеҷ ҷой мисли замини худамон ҷой нест.

Овози Фелик ларзид, аз он дарду ҳасрат эҳсос мегардид.

– Дар мулкҳои бегона зистам ва лозим меояд, он ҷойҳо рафта, бимирам. Охир, ман ҳам пир шудаам, мисли ту, аз ҳаштод гузаштам. Зинда бошем...

Боз ҳам ӯ аз ҷайб дастпоки коғазӣ баровард.

– Гӯш кун, Фелик! Ту воқеан ҳам дар пӯлис кор мекардӣ? – пурсид Миканор. – Дар пӯлиси олмониҳо...

– Бале, Миканор, будам. Ҳамеша як чизро фикр мекардам: агар силоҳе медоданд, аввал туро тирборон мекардам. Якумин шуда – туро!

– Вале, шояд, ту аввал ҳамон Борухро ҳам-а?

– Борухро бидуни ман, – нафас рост кард Фелик. – Ҳамаи Шимкаҳоро аз хурдаш то бузургаш... Ва оё як худи онҳоро... Дар Колдичево...

Онҳо рост ва хомӯш қарор доштанд.

– Чиро мо тақсим накардем, Миканор? – ногаҳон пурсид Фелик ва ба Миканор дасташро дароз кард. – Наход, ки ту ӯро ин қадар сахт дӯст медоштӣ, ки вай ба дигаре нарасад? То ки каме зиндагӣ кунад?

– Дӯст медоштам, Фелик... Бисёр дӯсташ медоштам.

Фелик ақиб гашт, хомӯшона лаб ҷунбонд ва дар гӯшаҳои сурхи чашмони пиронаи ӯ ашкҳои беҳисиёт дурахшиданд.

*Тарҷумаи Истад Қосимзода*

# МУНДАРИҶА

Андар ин замонаи тунду тез ..........................................3

НАЗМ

**Владимир Мозго** ..................................................8
**Виктор Гардей**.......................................................9
**Михас Башлаков**..................................................10
**Вячеслав Дашкевич** ..............................................17
**Анатолий Зеков**....................................................20
**Наум Галперович** ..................................................23
**Виктор Шнип** ........................................................27
**Людмила Рублевская** ............................................31
**Дмитрий Морозов**.................................................34
**Владимир Марук** ..................................................38
**Валентин Лукша**...................................................42
**Владимир Каризна** ...............................................45
**Алес Жигунов**.......................................................55
**Павел Воробев**.......................................................59
**Анатолий Шушко** .................................................66
**Олег Салтук**...........................................................68
**Михаил Поздняков**................................................72
**Микола Метлитский**..............................................74
**Иван Каренда** ........................................................84

НАСР

**Андрей Федаренко.** Собун ...........................................91
Пинсет............................................97

**Янка Сипаков.** Мардҳо ...............................................110

**Раиса Боровикова.** Нилуфари соҳили беҷон .............125

**Владимир Федосеенко.** Лаклакҳои сари манор .........146

**Алес Кожедуб.** Парвоз ба гузашта. ............................158

**Анатолий Козлов.** Бистар. .........................................170
Вақти гули росан ..........................176

**Георгий Марчук.** Рашк.................................................184
Сурури рӯҳ .......................................189
Дар ҷустуҷӯи мазмун.......................193
Танҳоӣ..............................................196

**Алес Карлюкевич.** Номаи бошандагони Титово ........200

**Иван Каренда.** Ҷингилаксоз ё худ консерти мусиқии камеравӣ....................................................212

**Алес Бадак.** Фирор аз борон............................................228

**Леонид Леванович.** Лифофа.........................................241

**Микола Буско.** Гӯшаи ҷаннатосо ...................................252
Гурги пашмин .........................................257
Чӣ ҳамегуфт сарви санавбар?.............261

**Алес Наварич.** Нишонии одӣ..........................................265
Ҳафт шаҳри бандардор ..........................................270
Бинои хиштини зери арчаи сабз...........................274

**ГУЛХАНИ ШАБАФРӮЗ**

*Баёзи назму насри Белорус*

Муҳаррири ороиш Ромиш Лоиқзода
Муҳаррири сафҳабандӣ Меҳрӣ Саидова
Мусаҳҳеҳ Зулайхо Неъматова
Чопи компютерии Саломати Ориф,
Наргиси Имомназар,
Маҳинаи Убайдулло,
Бӯригули Қосимзод

Ба чопхона 05.01.2009 супорида шуд. Чопаш 10.01.2009 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 18. Адади нашр 1000 нусха. Супориши 128.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.
Тел.: 233 19 73, 233 83 24 (факс)

Дар Комбинати полиграфии Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.
ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.